Меҳроспанди Отбиён




راه در جهان یکیست و آن هم راستیست

# ЗАРДУШТНОМА


ЗАРДУШТНОМА
МЕҲРОСПАНДИ ОТБИЁН

# ФЕҲРИСТ

**Пешгуфтор** .................... 10

**БА ҶОЙИ САРСУХАН** .................... 21

**Бахши 1** .................... 23

Фаргарди 1. Меҳан ва табори Ашӯ Зардушт .................... 23
Кардаи 1. Кушоиш .................... 23
Кардаи 2. Андар меҳани Ашӯ Зардушт .................... 23
Кардаи 3. Ҷамшед .................... 24
Кардаи 4. Кушта шудани Ҷамшед ба дасти Ажи Даҳок .................... 25
Кардаи 5. Фаредун .................... 26
Кардаи 6. Андар модари Зардушт - Дуғдӯ ва ниёгони ӯ .................... 27
Кардаи 7. Андар шаҳри Рағa, ки зодгоҳи Дуғдӯ буда .................... 27
Кардаи 8. Зода шудани модари Зардушт - Дуғдӯ .................... 28
Кардаи 9. Пайдо гардидани фурӯғ дар пайкари Дуғдӯ .................... 28
Кардаи 10. Ошкор гардидани рози Дуғдӯ дар шаҳри Рағa .................... 29
Кардаи 11. Бурун бурдани падар Дуғдӯро аз Рағa .................... 33
Кардаи 12. Андар нуҳ пушти Ашӯ Зардушт ва дудмони Спитомон .................... 34
Кардаи 13. Ба Дуғдӯ меҳр бастани Пӯрушасп - писари Пайтирасп .................... 35
Кардаи 14. Омадани падару модари Дуғдӯ ба дидани ӯ ва ба Пӯрушасп додани духтар ба занӣ .................... 37
Фаргарди 2. Бархе аз вижагиҳои замони пеш аз Зардушт дар дину ойин .................... 38
Кардаи 1. Дар замони пеш аз падид омадани Ашӯ Зардушт. чашми ҷаҳон дар роҳи Зардушт буд .................... 38
Кардаи 2. Дину ойин пеш аз падид омадани Ашӯ Зардушт .................... 41
Кардаи 3. Андар куштани домон ба зӯ(х)ри об .................... 42
Кардаи 4. Андар божу барсам ва ширу ҳум ба зӯ(х)ри об бурдан .................... 43
Кардаи 5. Андар ойини гӯрондани мурдагон дар Эрони Бостон .................... 43

**Бахши 2** .................... 45

Фаргарди 1. Пайдоии Ашӯ Зардушт .................... 45
Кардаи 1. Хоб дидани Дуғдӯ .................... 45
Кардаи 2. Зода шудани Ашӯ Зардушт .................... 46
Кардаи 3. Ном ниҳодани «Зардушт» навзодро .................... 48
фаргарди 2. Кӯшиши Аҳриман дар куштани Зардушт .................... 49
Кардаи 1. омадани Дӯрасароб ба куштани Зардушти навзод .................... 49
Кардаи 2. Андар Гузориши ин ангора, ки Фаромрӯзи Рустамҷӣ карда .................... 51
Кардаи 3. Ду дигар кӯшиши Аҳриман, ба зери пойи говон афгандани девон Зардушти навзодро .................... 52
Кардаи 4. Гузориши Фаромрӯзи Рустамҷӣ аз ин достон .................... 54
Кардаи 5. Се дигар кӯшиши Аҳриман ба зери пойи аспон афкандани бадхоҳон Зардуштро бо фармони Аҳриман .................... 55
Кардаи 6. Андар гузориши ин афсона, ки ҳамон донишманд карда .................... 58
Кардаи 7. Чаҳорум кӯшиши Аҳриман. дар сари роҳи гургон гузоштани Зардушт .................... 60
Кардаи 8. Дар «гургон» ва «бузон», ки Фаромрӯзи Рустамҷӣ гуфта .................... 63

Кардаи 9. Панҷум кӯшиши Аҳриман. Ҳамоиши девон ва андеша дар куштани Зардушт кардани онон ... 65
Кардаи 10. Бадном кардани бадхоҳон Зардуштро ... 66
Кардаи 11. Ба оташ андохтани бадхоҳон Зардуштро ... 69
Кардаи 12. Ба гулшан гаштани оташ Зардуштро ... 71
Кардаи 13. Андар он, ки оташ нигориш аз чист ... 72
Кардаи 14. Омода кардани душман заҳр барои куштани Ашӯ Зардушт . 74
Кардаи 15. Гузориши Фаромрӯзи Рустамҷӣ аз ин ангора ... 77
**Бахши 3 ... 80**

Фаргарди 1. Зиндагии Зардушт аз ҳафт то понздаҳсолагӣ ... 80
Кардаи 1. Зардушт дар соли ҳафтуми зиндагӣ ... 80
Кардаи 2. Ба дасти омӯзгор супорида шудани Зардушт ... 80
Кардаи 3. Парвариш ва омӯзиши Бурзинкурус Зардуштро ба назди хештан ... 83
Кардаи 4. Ба падару модар бозгардонидани Бурзин Зардуштро дар понздаҳсолагӣ ... 85
Кардаи 5. Ҷашн оростани Спитомон дар пешвози Зардушт ва камарбанди варҷованд бастани ӯ ... 87
Фаргарди 2. Зиндагии Зардушт дар канори Дарҷа ... 88
Кардаи 1. Ба хубӣ овоза шудани номи Зардушт ... 88
Кардаи 2. Бахш кардани Пӯрушасп колои худро миёни фарзандон ... 89
Кардаи 3. Гузин кардан Зардуштро ба зӯтарӣ ва нохушнуд гаштани ҷодувону ситамгарон аз ин ... 92
Фаргарди 3. Ба ситеғи баланди фарҳангу фарзон баромадани Ашӯ Зардушт ... 94
Кардаи 1. Зардушт дар сари кӯҳи Ушидарн бо Худованд роз мегӯяд ... 94
Кардаи 2. Паёми Худованди Хирад ба Зардушт аз дини биҳӣ ... 96
Кардаи 3. Андар Ушидарни ростин ва дигар оришӣ ... 100
Фаргарди 4. Ҷашн барпо кардани Пӯрушасп ва шарманда кардани Зардушт ҷодувонро ... 102
Кардаи 1. Ба афсун бурдан ва куштан хостани ҷодувон Ашӯ Зардуштро ... 102
Кардаи 2. Шармсор кардани Зардушт ҷодувонро назди мардум дар ҷашнгоҳ ... 106
**Бахши 4 ... 110**

Фаргарди 1. Ҷаҳонгардӣ кардани Зардушт ва гавҳари дониш андӯхтан ... 110
Кардаи 1. Ойини пайкори охшигонро ошкор кардани Зардушт ... 110
Кардаи 2. Ба зодгоҳи хеш боз омадани Зардушт ... 112
Кардаи 3. Зан гирифтани Ашӯ Зардушт ... 113
Кардаи 4. Рафтани Зардушт аз хонаи падар ... 114
Кардаи 5. Гузаштани Зардушт аз рӯди Обаҳӣ ... 118
Кардаи 6. Омадани Зардушт ба деҳе дар канори Обаҳӣ ва дар ҷашни Наврӯз ҳамроҳӣ кардани ӯ дар меҳмонӣ ... 121
Кардаи 7. Хоб дидани Зардушт дар хонаи пири деҳ ... 122
Кардаи 8. Гузориши Зардушт хоби хешро ба ёрон ... 124
Кардаи 9. Аз деҳа роҳи худро пеш гирифтани Зардушт бо ёронаш ... 124
Фаргарди 2. Зиндагии Зардушт дар каронаи рӯди Доитӣ (Дод) ... 125

Кардаи 1. Ба каронаи рӯди Дод расидани ӯ ва он ҷойро барои зиндагӣ гузин кардан ... 125
Кардаи 2. Зиндагонии мардумон дар он ҳангом ... 128
Кардаи 3. Андарз кардани Зардушт мардумонро ... 129
Фаргарди 3. Ба Зардушт ошкор гардидани Аҳуро Маздо ва дидани ӯ рӯйи Худованди Хирадро ... 130
Кардаи 1. Рафтани Зардушт аз барои об лаби рӯди Дод ... 130
Кардаи 2. Дидани Зардушт Воҳуманро ва ба боргоҳи Аҳӯро-Маздо Бурдани ӯ Зардуштро бо дигар амшоспандони Аҳӯро ... 132
Кардаи 3. Ба пешгоҳи Худованди Хирад Аҳӯро-Маздо овардани амшоспандон Вахшурро ... 139
Кардаи 4. Гуфтугӯйи Ашӯ Зардушт бо Худованди Хирад-Аҳӯро-Маздо 140
Кардаи 5. Шиносоии Зардушт амшоспандони Аҳӯро-Маздоро ... 143
Кардаи 6. Гузаштани Зардушт аз оташ дар назди амшоспандон ... 143
Кардаи 7. Гузаштани вахшур аз санҷиши дигар-аюхшусти гудохта ... 144
Кардаи 8. Чок кардани амшоспандон синаи Зардуштро ва аз ҳама гумону нобоварӣ ва монанди он чизҳо пок кардани он ... 145
Кардаи 9. Фармони Аҳӯро Маздо ба вахшур, ки ойини биҳиро дар ҷаҳон бичошад ва мардумонро аз бад раҳоӣ бахшад ... 145
Кардаи 10. Намудани Аҳӯро-Маздо нишони худро ба Зардушт ... 146
Кардаи 11. Аз ҷаҳони менӯии саршор аз фурӯғ фуруд омадани вахшур ба замин ва намози ҳовангоҳ гузоридани ӯ дар оташгоҳ ... 147
Фаргарди 4. Расонидани Зардушт паёми Аҳӯро Маздоро ва пароканда кардани ойини биҳӣ дар миёни мардумон... 149
Кардаи 1. Ба мардумон расонидани паёми Аҳӯро Маздо ... 149
Кардаи 2. Кӯшишу пайкори Зардушт дар роҳи дини маздояснӣ ... 151
Кардаи 3. Ашӯ Зардушт ба пурсишҳои мардумон посух мегӯяд ... 151
**Бахши 5... 155**

Фаргарди 1. Ҷаҳонгардии Зардушт дар ҷустуҷӯйи ашо ва ҷойи дархӯрд ва дини биҳиро дар ҷаҳон паҳн кардани ӯ ... 155
Кардаи 1. Танг кардани девяснон ҷаҳонро ба чашми Зардушт ... 155
Кардаи 2. Пайдо накардани Зардушт ҷоеро ва мардумеро, ки ойини биҳиро густариш бидиҳад ва ҳама ҷо бо бадон рӯ ба рӯ гардидани ӯ ... 159
Кардаи 3. Нахустин касе, ки ба дини маздояснӣ бигравид, Майдюмоҳ писари Оростӣ буд... 161
Кардаи 4. Размидани Зардушт бо Аҳриман ва девон, ки ангора аз хӯйи бад, кина, гумон, навмедӣ ва монанди инҳо будаанд ... 162
Кардаи 5. Бо фурӯғе афкандан аз рӯйи хеш ҳама девонро пароканда кардани Зардушт... 164
Кардаи 6. Паймон бастан хостани Аҳриман бо Зардушт, то ӯро бифиребад... 164
Кардаи 7. Рондани Зардушт девонро бо «Аҳунвар» аз назди хеш ... 166
Кардаи 8. Андар девон, ки Зардушт бар онон пирӯз гашт ... 168
Кардаи 9. Парокандани Зардушт ва пайравони ӯ ойини биҳиро дар ҷаҳон ... 171
**Бахши 6... 173**

Фаргарди 1. Омадани Ашӯ Зардушт бо фармони Аҳӯро Маздо ба Балх ..................... 173
Кардаи 1. Кай Вистоспро чашм ба роҳи Зардушт буд .............................. 173
Кардаи 2. Дар хоб дидани Виштосп Зардуштро бар тахти заррин ......... 173
Кардаи 3. Омадани Зардушт ба Балхи Бомӣ ва огоҳӣ ёфтани Кай Виштосп аз ӯ............................................................................................ 176
Кардаи 4. Рафтани вежагони Кай Виштосп назди Зардушт ба овардани ӯ ............................................................................................ 177
Кардаи 5. Ба дарбори Кай Виштосп омадани Ашӯ зардушт..................... 178
Кардаи 6. Хондани Зардушт «Готҳо»-и варҷовандро ба назди Виштосп ................................................................................................. 180
Кардаи 7. Хондани Зардушт дунболаи «Готон»-и варҷовандро ба назди Виштосп ..................................................................................................... 182
Кардаи 8. Кушоиш хостани Ашӯ Зардушт бар шоҳ Виштосп аз боргоҳи Аҳӯро-Маздо ........................................................................ 184
Кардаи 9. Санҷидани Кай Виштосп Ашӯ Зардуштро дар ростӣ ва ба озмун хондани ӯ доноёнро бо Зардушт ......................................... 185
Кардаи 10. Ҷойи худро ба Зардушт додани доноён аз рӯйи ойини куҳан ва рашк кардани онон ба вахшур ........................................... 188
Кардаи 11. Санҷидани шоҳ Виштосп худ Зардуштро дар ростӣ ва донишу ҳуш ва хонаву боғ бад- ӯ бахшидан.................................................. 189
Кардаи 12. Оташ афрӯхтани Зардушт андар хонаи нав ва ниёиши ӯ ба даргоҳи Аҳӯро Маздо аз он ки шоҳи Балх бо ӯ меҳрубонӣ кард ............. 192
Кардаи 13. Рӯзи севуми Зардушт дар даргоҳи Кай Виштосп ................... 193
Кардаи 14. Дастури шоҳ барои сар фуруд овардани бузургон ба Ашӯ Зардушт....................................................................................................... 195
Кардаи 15. Гуфтугӯйи Кай Виштосп бо Ашӯ Зардушт танҳо ба танҳо ... 197
Кардаи 16. Пӯзиш хостани Кай Виштосп аз Ашӯ Зардушт барои дар гумон афтодани худ ва ба дини маздояснӣ гаравидани ӯ.......................... 200
Фаргарди 2. Ба дини маздояснӣ даромадани шоҳ ва дарбориён.................................. 202
Кардаи 1. Ба дарбор гирд овардани Кай Виштосп донишмандонро рӯзи дигар ва бо Ашӯ Зардушт хавеса оғоз кардани эшон ....................... 202
Кардаи 2. Бундаҳишн........................................................................................ 203
Кардаи 3. Гумезишн (омезиш) ........................................................................ 204
Кардаи 4. Гузориш (ҷудошавии нек аз бад) ................................................ 206
Кардаи 5. Паймон бастани шоҳ Виштосп бо вахшур дар дӯстӣ ва ҳамкорӣ ..................................................................................................... 208
Кардаи 6. Ба дини хеш даровардани Зардушт Кай Виштоспро ва куштӣ бастану бо боҷу барсам оташро ниёиш кардани ӯ......................... 210
Кардаи 7. Дармон бахшидани Ашӯ Зардушт ба бародари Кай Виштосп-Зариварро, ки дами марг буд ................................................... 217
Кардаи 8. Ба кеши маздопарастӣ даромадани дарбориён....................... 220
Фаргарди 3. Омӯхтани Ашӯ Зардушт мардумонро дини биҳӣ....................................... 221
Кардаи 1. Оташро фурӯзон доштан ............................................................ 221
Кардаи 2. Ҳовангоҳ ва пайкор баҳри ободии деҳ..................................... 223
Кардаи 3. Рабиҳвингоҳ гузоридан ва кӯшиш баҳри ободии шаҳрҳо....... 224
Кардаи 4. Узерингоҳ ва пайкор дар роҳи ободии кишвар ....................... 225
Кардаи 5. Эбисрусримгоҳ - гоҳи пайкор баҳри хуррамии хонавода ....... 226

Кардаи 6. Ӯшаҳингоҳ - намози бомдод ва пайкор аз барои обод кардани хонаҳо ва хушиву хуррамӣ дар онҳо ........ 226
Кардаи 7. Йато аҳӯ - гузин кардани сарвари хирадманд ва ростин ........ 227
Кардаи 8. Ашам-вуҳӯ, ҷустани ашо, ростӣ. биҳӣ кардан ва рост будан .. 228
Кардаи 9. Доду хирад ва дониш омӯхтан ва гавҳари фарзону фарҳанг ва ганҷи чисто андӯхтан ........ 229
Кардаи 10. Обод кардани Эрон ба дасти вaристони Зардушт ........ 313
Фаргарди 4. Ниҳодани Кай Виштосп Озар-Бурзин-Меҳрро дар Балх ва нишондани ӯ Сарви Кишмарро ва дини маздояснирo густариш додани ӯ ........ 230
Кардаи 1. Озар-бурзин-меҳр ........ 230
Кардаи 2. Нишондани Виштосп Сарви Кишмарро бо Зардушт назди Озар-бурзин-меҳр ........ 231
Кардаи 3. Бунёд кардани Кай Виштосп кохе пиромуни Сарви Кишмар ва мардумонро ба парастиши Аҳӯро ва дини маздояснӣ хондани ӯ ........ 232
Кардаи 5. Шаш ҷашни гоҳонбор ва Наврӯз ........ 237
Кардаи 6. Фиристодани Ашӯ Зардушт шогирдони худро ба ҳар сӯи ҷаҳон ва ба панҷ бахш кардани шаборӯз ........ 240
Фаргарди 5. Ба зиндон андохтани Виштосп Зардуштро ........ 242
Кардаи 1. Бадном кардани бадхоҳон Зардуштро назди Виштосп ........ 242
Кардаи 2. Аз оташ гузаштани Вахшур ва аюхшусти гудохта рехтан ба синаи ӯ ........ 251
Кардаи 3. Ба зиндон афгандани Кай Виштосп Зардуштро ........ 253
Кардаи 4. Дармон кардани Ашӯ Зардушт аспи сиёҳи Кай Виштоспро.. 255
Кардаи 5. Паймон бастани Зардушт бо Виштосп андар темордории аспи сиёҳ дар чаҳор чиз ........ 263
Кардаи 6. Ҷашну сур оростани Кай Виштосп дар биҳ шудани аспи сиёҳ ........ 265
Кардаи 7. Хоҳиши дувуми Ашӯ Зардушт аз Кай Виштосп ........ 267
Кардаи 8. Ба Ашӯ Зардушт супоридани Кай Виштосп писари хеш Испандидодро ........ 268
Кардаи 9. Седигар хоҳиши Ашӯ Зардушт аз Кай Виштосп: шоҳбонуи Эрон - Ҳутӯсаро ба сарварии занони кишвар гумоштан ........ 270
Кардаи 10. Гумоштани Ашӯ Зардушт шоҳбонуи Эрон - Ҳутӯсро ба раҳбарии занон ........ 272
Кардаи 11. Хоҳиши чаҳоруми Ашӯ Зардушт аз Кай Виштосп ........ 275
Фаргарди 5. Чаҳор орзуи Кай Виштосп ва дастури Зардушт барои расидан ба он .... 279
Кардаи 1. Дастур хостани шоҳ аз вахшур барои расидан ба коми дил ... 279
Кардаи 2. Фаро расидани рӯзе, ки Кай Виштосп ба орзуҳои худ расид ва Ашӯ Зардушт миёни чаҳор кас фармонравоии кишварро бахш намуд ........ 286
Кардаи 3. Донишу чисто омӯхтани Кай Виштосп аз Ашӯ Зардушт ........ 289
Кардаи 4. Гуфтори Ашӯ Зардушт бо Кай Виштосп андар ростӣ ва ашо ........ 290
Кардаи 5. Гуфтори Ашӯ Зардушт бо кай Виштосп андар амшоспандони Аҳӯро Маздо ........ 291

Кардаи 6. Пурсиши Кай Виштосп аз Ашӯ Зардушт онро, ки чаро ба он чаҳор кас он чаҳор чизи шигифтангезро - ҳуму ширу анору гулро дода ва аз он чӣ мехост гуфтан ба хушнум........................................................ 293
Кардаи 7. Гузориши Ашӯ Зардушт аз шир, ки Пашӯтанро дод............. 294
Кардаи 8. Посухи пайғамбар аз он ки чаро гули хушбӯй ба Ҷомопсп дод............................................................................................................ 295
Кардаи 9. Посухи вахшур аз он ки чаро кай аз ӯ тавону нерӯ ва пирӯзии ҳамешагӣ хост ва ӯ он анорро ба Испандидод бахшид............. 296
Фаргарди 6. Дидани Кай Виштосп амшоспандони Аҳӯро Маздоро.............................. 298
Кардаи 1. Дидани шоҳ пайкарҳои равшанро ва гуфтугӯй бо амшоспандон.............................................................................................. 298
Кардаи 2. Ба ҳуш омадани Кай Виштосп ва савганд хӯрдани ӯ дар густариши дин........................................................................................ 302
**Бахши 7 ........................................................................................................ 304**

Фаргарди 1. Густариш додани Кай Виштосп ойини биҳиро дар Эрон ва набарди ӯ бо душманони ростӣ................................................................................... 304
Кардаи 1. Оташгоҳҳо сохтан ва намоз бар пой доштани шоҳ дар кишвар............................................................................................................ 304
Кардаи 2. Ба ҷанг оғолиш кардани Аҳриман душманони дини Зардуштро.................................................................................................... 306
Кардаи 3. Гирд кардани Заривар сипоҳонро бо фармони Кай Виштосп ва набард бо бедодгарон.................................................................................. 308
Кардаи 4. Сохтани дижҳо ва оташкадаҳо ва кандани ҷӯйҳо ва нишондани дарахтони борвар ва сарвҳо. Нишондани Зардушт сарви абаркӯҳро дар Язд ва дигар сарви Фарюмадро дар Байҳаг....................... 310
Фаргарди 2. Ҷанги Эрон бо шоҳи ҳаюнон Арҷосп............................................................ 316
Кардаи 1. Густариш ёфтани дини маздояснӣ ва ба тарсу бим афтодани Арҷосп............................................................................................................ 316
Кардаи 2. Фиристодани Арҷосп нома ба шоҳи Эрон................................ 318
Кардаи 3. Овардани Кай Виштосп доноён ва вежагонро ва рой задан ... 319
Кардаи 4. Бурдани номаи Виштосп ба Арҷосп ва ба ҷанг омода гаштани ҳаюнон............................................................................................ 321
Кардаи 5. Савганди Виштосп ва пешгӯйии Ҷомосп аз ҷанг бо ҳаюнон.. 322
Кардаи 6. Сипоҳ гирд овардани Заривар ба дашти Мӯр.......................... 328
Кардаи 7. Андар сохтани Виштосп диж бар болои кӯҳ аз барои хешон 329
Кардаи 8. Оғози ҷанг бо ҳаюнон ва рехтани хун аз ду сӯй........................ 331
Кардаи 9. Ба ҳар задан сари чанд тан ҳаюнро даравидани Заривар ва кушта шудани ӯ аз дасти Видрафши ҷоду .................................................. 332
Кардаи 10. Размы Баставар бо Видрафши ҷоду ва кушта шудани Видрафш аз тири ӯ..................................................................................... 333
Кардаи 11. Пешгӯии Зардушт ояндаи Эронро........................................... 365
**Бахши 8. ....................................................................................................... 344**

Фаргарди 1. Хонадони Ашӯ Зардушт................................................................................ 344
Кардаи 1. Зани нахустини пайғамбар ва ду писари ӯ................................ 344
Кардаи 2. Зани дувуми Ашӯ Зардушт Ҳувӯй -духтари Фаршӯстар ......... 345
Кардаи 3. Ба Зардушт расонидани Ҷомосп кори духтарро...................... 347

Кардаи 4. Сур оростан ва паюгии Ҳувӯй бо Ашӯ Зардушт ........................349
Кардаи 5. Бахшидани Кай Виштосп Вораи ҷамкардаро ба Зардушт ......350
Кардаи 6. Зодани чор фарзанд аз Ҳувӯй ва Зардушт ...................................351
Фаргарди 2. Ба вораи Ҷамкард рафтани Ашӯ Зардушт ..................................................352
Кардаи 1. Хурчеҳрро ба сипоҳигарӣ ва Урватнарро ба барзигарӣ гумоштан ..........................................................................................352
Кардаи 2. Хостгорӣ кардани Ҷомосп Пӯручисторо аз Зардушт ..............354
Кардаи 3. Ҷашни паюгӣ оростани Ҷомосп ва гирифтани ӯ Пӯручисторо..........................................................................................356
Фаргарди 5. Куштани Рухш Тӯр Ашӯ Зардуштро..........................................................359
Кардаи 1. Куштани Рухш Тӯр Ашӯ Зардуштро..........................................359
Кардаи 2. Дар Вораи Ҷамкард ба хок супоридани Виштосп Ашӯ Зардуштро..........................................................................................362
Кардаи 3. Аз дарёи Кансӯ падид омадани Сӯшиёнс аз тухми Зардушт ба гетӣ..........................................................................................363
**ВОЖАНОМА ВА НОМНОМА...........................................................................................391**

Фузудаҳои равшангар ..........................................................................................369
*Ависто
Кардаи 1. Пайдоиш ва чами «Ависто»..........................................................369
Кардаи 2. Навишта кардани Ависто.............................................................370
Кардаи 3. Ависторо сӯхтани Искандари гуҷастак ........................................371
Кардаи 4. Аз нав рӯйи ҳам овардани Ависто ба ҳангоми Ашкониён.......372
Кардаи 5. Навишта шудани Ависто дар замони Сосониён бо диндабира ..........................................................................................373
Кардаи 6. Сӯхтани тозиён фарҳанги Эронро ................................................376
Кардаи 7. Ављстои кунунӣ ..........................................................................................377
** Аз оташ бурун омадани фарҳанги Эрон ……………………350
*** Кардаи 2. Достони сарви Кишмарро буридани Ҷаъфари гуҷастак....380
****** Буридани Яноллтегини турк сарви Фарюмадро ....401**

## ПЕШГУФТОР

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад.
(*Фирдавсӣ*)

На камтар аз 3700 сол пеш аз ин дар Эрони Бостон бузургмарде падид омад, ки дар дониш ва андешаи фалсафӣ ва динӣ ва химӣ (ахлоқӣ) ва куниш ва рафтори ҷаҳониён нишоне чашмгир гузошт, ки натанҳо дар замони худ гардиши бузурге падид овард, ба болои он пайи зудуданашавандаи он то ҷовидона дар андешаҳои донишӣ ва химӣ ва динии ҷаҳониён поянда ва мондагор хоҳад буд, Ва он абармарди бузурги таърих, нахуст филусуфи ҷаҳон, ки пас аз зиндагии хеш андешаҳои ӯ дар густараҳои гуногуни дониш ва фалсафа ва фарзонагӣ ва химшиносӣ ва динҳои ҷаҳонӣ андаромад ва кор кард ва то кунун нишонаҳои андешаҳои жарф ва пешгоми ӯ дар ҳама гуна шохаҳо ва равияҳои донишу фарҳанги ҷаҳон ба чашм мерасанд, Зардушти Спитом буд, ки ҳамчун нахустин гундо (ҳаким) ва филусуфи неруманди таърих, дар паёмади пажӯҳишҳо ва омӯзишҳо ва нигоҳи жарфи хеш, ба он расид, ки ҷаҳонро ҳанҷорест. Ба дигар сухан, сохтори дурусти гардиш ва равиши ҷаҳони астуманд (моддӣ) ягона аст ва андар он ду неруи ба ҳам ҳамистор (Сипантоман ва Аҳриман) пайваста дар пайкоранд ва хираде берун ва андаруни ин гетии астуманд ҳаст, ки офаридагори он аст ва ӯро ном Аҳӯро Маздост.

Ашӯ Зардушт поягузори нахустин донишҳо ва андешаҳои фалсафӣ ва нахустин ойини яктопарастӣ ва бозсозгари сохтори дин ва шаҳриёрӣ дар Эрони Бостон буд, ки «ашо» (ростӣ, ҳанҷори ҳастӣ)-ро андозагири ягонаи дониш ва рафтор ва куниши ҷаҳониён шуморид ва хирадро мояи ҳастӣ ва дастури зиндагӣ гуморид ва тӯдагонро ба роҳи некӣ, доду дониш ва рӯшноӣ роҳнамоӣ кард. Ӯ натанҳо дар дин ва хим ва куниш ва фалсафа, дар баробари он дар сохтори шаҳрдорӣ ва додгустарӣ ва пешбурди зиндагонии тӯдаҳои мардум ва донишҳои рӯзгори куҳан низ гардиши бузург ба миён овард.

Бо гузашти рӯзгор, дар пайи тохтутозҳо(и тороҷгарони бедодкор) ва густариши боварҳои диниву фалсафии бегонагон дар Эронзамин, бо рафторҳои душманонаи он кишваркушоёни вайронгар, ки ба пирӯзӣ даст ёфта буданд, он донишҳо ва андешаҳои пешгомона ва хирадмандонаи кунишӣ ва фалсафии он пири хирад ба оташ кашида, гӯё, ки аз миёни бардошта шуданд, лек бузургии фарҳанги Эрони Бостон ва омӯзаҳои Ашӯ Зардушт дар он буд, ки он ҳама андешаҳои пешрафта ва фарҳанги волоро аз миён бурдан натавонистанд ва бо он ҳама тундтозиҳо аз миён нарафтанд ва дар гӯшаю канор ва андаруни Эронзамин нигаҳдорӣ шуданд ва бимонданд ва бо андешаҳои ҷаҳондорӣ ва донишҳои фалсафию динӣ ва химии он кишваркушоёни вайронгар омезиш ёфтанд ва аз сӯи донишмандон ба забонҳои онҳо гардонда шуданд ва дар ҳама гуна майдонҳои дониш ва фарҳанги он бегонагони тороҷгар андаромаданд ва бо номҳои нав ва дар пӯшиши нав аз худ карда шуда, дигарбора бидурахшиданд.

Онон натанҳо ганҷҳои моддии Ориёбумро тороҷ карда бурданд, ҳамчунон ганҷҳои фарҳангӣ ва менуиро низ рӯфта бурданд. Кохи дониши Юнони Бостон аз хиштҳои заррини фарҳанги Эрон бунёд ёфта ва сохтмони фарҳанги ислом аз сутунҳои заррини дониши Эрони Бостон устувор гардида, ганҷинаи дониш ва фарҳанги ҳам юнонӣ ва ҳам мусулмонӣ аз гавҳар ва зари ноби порсӣ оганда гаштааст. Бояд ёдовар гашт, ки пеш аз ислом ойини меҳрпарастӣ низ дар Аврупо рафта ва густариш ёфта буд ва ин низ нишондиҳандаи он аст, ки фарҳанги Эрон то кадом зинаҳои баланд ба фарҳанги Рум ва Юнон андар шуда будааст. Дар навиштаҳои Плотун (Афлотун) ва Арасту, Монӣ ва динҳои яҳудӣ ва масеҳӣ, дар ҳама шохаҳои донишҳои замони пас аз исломӣ (пизишкӣ, кимиё, рафтор ва дигарҳо), охшигҳои (аносири) фарҳанги эронӣ, ки дар мағзи онҳо омӯзаҳои Ашу Зардушт ҷой доранд, равшан ба чашм мерасанд: «намудҳо» (мусул, идаҳо)-и Плотун, растохези тани пасин, дӯзах ва биҳишт дар динҳои ҷаҳонгир, бархе омӯзаҳои Монӣ ва думболаи он ба номи «тасаввуф» дар ислом, пизишкӣ дар Юнони Бостон ва бисёр дигар нишонаҳо дар ҳамаи шохаҳо ва риштаҳои дониш ва зиндагии ҷаҳониён нишондиҳандаи онанд, ки фарҳанги Эрони Бостон, ба вижа омӯзаҳои Зардушт, ба гунае чашмгир ба андешаҳои динӣ, донишҳои фалсафӣ ва рафторӣ ва химии онон андар шуда ва як баҳри ҷудоинопазири арзишҳои фарогири ҷаҳонӣ гашта ва дасти филусуф ва паёмбари ориёӣ Зардушти Спитом дар ин равандҳо ошкорост.

Зардушт, пештар аз Конфутсии чинӣ ва чун Волтар, Гегел ва Маркс ва бисёрони дигар, поягузори донишҳои фалсафӣ, кишвардорӣ ва бозсозгари сохтори шаҳриёрӣ ва додгустарӣ буд ва ҷуз ин, чун паёмбар мардумро ба ростӣ, некӣ ва доду дониш роҳ менамуд.

Азбаски аз рӯзгори Зардушт то ин дам замони дуру дарозе гузаштааст, достони зиндагонии ӯ бо гузашти замон дигаргунӣ пазируфта ва рехти афсона гирифтааст, чи дар гузаштаҳои дур паёмбарони сомиро ба Зардушт монанд карда, сомиён бахшҳои зиндагии ӯро ба паёмбарони худ додаанд. Пас аз чирагии тозиён ва ҷой гирифтани афсонаҳои сомӣ дар бораи паёмбарон дар мағз ва андешаи эрониён, чеҳраи Зардушт ва корномаи ӯ низ ба паёмбарони сомӣ монанд гашта, афсонаҳо ва гуфтаҳо дар бораи Зардушт низ ранги дигар хӯрдааст ва дар бораи ӯ чизҳои наве ҳам бофтаанд ва бо касони ҳамном ва рӯшиносони (машоҳири) замони пешин омехта кардаанд; вагарна Зардушт пагӯйи хирадманд ва гундои филусуф, поягузори равияи динӣ ва рафторӣ ва химии замони худ буд ва ҳамчун бозсозгари гунаи шаҳрдорӣ ва сохтори кишвардорӣ ва нововар баромад карда, бо дурӯғ, ин офаридаи Аҳриман, дилерона дар пайкор будааст.

Пас аз фурӯпошии дастгоҳи кишвардории пурзӯри Шӯравӣ ва аз миён рафтани андешаи коммунистӣ ва фароҳам омадани заминаҳои арзишманди гуногунандешӣ дар Тоҷикистон, дар сари нависандаи ин вожаҳо андешае падид омад, ки он чи дар бораи ин марди бузурги таърих дониста ва огоҳӣ дорам, рӯйи коғаз биоварам ва хонандаи тоҷикро бо Зардушт ва омӯзаҳои ӯ ошно созам ва дасти болои Зардуштро дар андешаҳои фалсафӣ ва динӣ ва химии ҷаҳониён нишон бидиҳам. Вале чун аз чизҳои хонда ва ёдгирифтаи худ навиштае накарда будам ва дарёфти донишномаҳо ва сарчашмаҳо дар деҳаи дурдасте, ки банда дар он зиндагӣ мекардам, аз тавони ман берун буд, ба худ гуфтам, ки танҳо бо гузориши он чи перомуни зиндагонии Зардушт дар намуди устураҳо то ба мо омада расидааст, басанда кунам, агарчи ин ҳам басо душвориҳо дар пеш дошт. Аз ин рӯ андеша кардам, ки дар бораи зиндагии Ашӯ Зардушт дар заминаи набиштаҳо ва номаҳои дастраси худ ва он чи дар ёд доштам, гуфторҳои то ба имрӯз мондаро бинавиасм, то ба хонанда дар бораи зиндагӣ ва омӯзаҳои ӯ огоҳӣ дода бошам. Вале гардониш ва бозгӯйии он гуфторҳо ва устураҳо ва навиштаҳои донишмандон дар бораи Зардушт ва омӯзаҳои ӯро дархури хостаи худ надидам ва ба ин андеша омадам, ки «Зардуштнома»-е дар намуди чакома бо ба кор

гирифтани ҳама сарчашмаҳо ва гуфтаҳои донишмандони гузашта ва имрӯзи ҷаҳон, ки дар дастраси худ доштам, навишта ва сохта кунам. Вале чун нависанда ё сароянда ва чакомасоз набудам, ва дар гузашта ҳам чунин корҳое накарда будам, дар навиштани ончунон номае дирангидам ва ба худ гуфтам, ки бигзор ин корро касе, ки ба он тавоно ва огоҳ аст, анҷом диҳад.

Дар даҳаи поёни садаи гузашта худогоҳии тоҷикон бештар бедор гашт. Он рӯзҳо ниёзи мардум ба донистани таърих ва фарҳанги худӣ ва гузаштаи худ бештар гардид ва ниёз ба навиштани зиндагиномаи Ашӯ Зардушт ва омӯзаҳои ӯ бештар дида ва шунида мешуд. Дар замони бозсозии Горбачов, ки ошкорогӯӣ ва озодии сухан дар расонаҳо шуданӣ шуд, гоҳе сухан аз фарҳанги Эрони Бостон, зиндагиномаи Ашӯ Зардушт ва ба ин монанд чизҳо мерафт. Лек бо фурӯпошии Шӯравӣ ва озодӣ ва новобастагӣ ё худбасарӣ ба даст овардани ҷумҳуриҳои зердасти он дар оғози солҳои навадуми садаи гузашта, дар ин ҷумҳуриҳо ва ба вижа Тоҷикистон, ҷаҳонбинии фарогири замони Шӯравӣ (пешин) аз миён рафт ва тиҳигоҳе дар заминаи ҷаҳонбинӣ (зеҳнӣ) падидор шуд. Анирон аз ин замони бесару сомонӣ бисёр ба осонӣ суд бурда, аз ҳар гӯшаву канори ҷаҳон ба Тоҷикистон, чун дар дигар ҷумҳуриҳо, фиристодагон ва расонандагони худро фурӯ рехтанд ва бозорҳои набигфурӯшии кишвар пур аз номаҳо (омӯзаҳо) ва навиштаҳои расонандаи душдинӣ шуданд, ки барои мардуми тоҷик басо зиёновар ва бимнок буданд. Дар бисёр бахшҳои Тоҷикстон ҷойҳои омӯзонидани душдинӣ бо ёрӣ ва сарпарастӣ аз беруни кишвар пайдо гардида, чолокона ва кӯшо шаҳрвандонро, ба вижа ҷавононро, мағзшӯйӣ мекарданд ва андешаҳои бад ва хостаҳои нопоки худро роҳ мебурданд ва басо мардум аз ноогоҳӣ ба онон гароиш пайдо карданд ва он равияҳо ва динҳо ва боварҳои бимноки ошӯбангезро пазируфтанд ва пайравӣ карданд. Дар ҷаҳони расонаҳо, дар радио ва телевизион, барномаҳои инчунинӣ шунавонида ва намоиш дода мешуданд, каналҳои радио ва телевизиони дингустаронӣ бо шитоби ҳарчӣ бештар ба расониш ва густарониши душдинӣ мекӯшиданд ва мардум ҳам ба онон рӯйовариҳо пайдо карданд, ноогоҳ аз он ки ин ҳама бо хостаҳои нишонгиронаи ҷаҳондорӣ ва судҷӯйии пайгиронаи бегонагон барномарезӣ ва пайкарабандӣ мешуд ва ононро ба гумроҳӣ мекашонд. Ин раванд ба он оварда расонд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон забона зад ва мардум дониста ва надониста ба ҳар гурӯҳе ҳамроҳ шуданд ва ноогоҳона бо ҳам душманӣ варзиданд ва бародар бо

бародари худ ҷангид ва хуни ҳамдигар рехтанд... Ин ҳама аз ноогоҳӣ аз таъриху фарҳанг ва донишҳою омӯзаҳои худӣ, надоштани донишҳо ва андешаҳои пешгоми гузаштагон, надоштани роҳкорҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинии дуруст, набуди ҳамгироии миллӣ ва боваридан ба парешонгӯйиҳо (хурофот ва дидгоҳҳои бофта ва фиребо) ва гаравидан ба душдинӣ буд, ки фиристодагон ва расонандагони берунмарзӣ басо чирадастона ва кӯшо фусункорӣ намуда, дар мағзи онҳо ҷой мекарданд. Бегонапарастӣ ба ҷойгоҳе расид, ки бештарини ҳаммеҳанон худситезиро мояи сарафрозӣ медонистанд ва зери афсуну ҷодуи анирон бо арзишҳои миллии хеш гиребонгиру даргир буданд. Ин раванди бунёдсӯз ҳанӯз ҳам дар ҷараён аст. Гӯиё, ки морони Ажи Даҳок аз нав зинда гаштаанд ва мағзи ҷавонони моро мехуранд.

Набигҳое (кутубе), ки ба фарҳанг ва дониши ростини гузаштагони мо пардохта шуда бошад, дар набигфурӯшиҳои Тоҷикистон кам ба чашм мерасид. Чаро мо аз омӯзаҳои Закариёи Розӣ, Форобӣ, Берунӣ, Пури Сино, Хайём, Хоразмӣ, Насируддини Тӯсӣ ва бисёрони дигар бебаҳра бошем, ҳам ба-д-он гаҳ ки дастовардҳо ва гушудаҳои онон дар шохаҳои гуногуни дониш садҳо сол пештар аз донишмандони Аврупо рух додааст ва ҳанӯз судманданд ва дорои арзиш.

Дар он ранг ва замони ногувори фарҳангу дониш ва забону адабиёт дар солҳои навади садаи гузашта ва низ оғози садаи бисту якум ниёз омад, ки ба корҳои донишу фарҳанг ва забону адабиёт рӯй оварда шавад; чи аз як сӯ, фарҳанги бегона бо шитоби баланд дар мағзи тӯдаҳои мардум гузор мекард ва фарҳанги миллӣ рӯ ба фаромӯшӣ мерафт ва аз дигар сӯ, забон вайрон мегардид ва олудатар мешуд. Ба забони мо шумораи фаровони вожаҳои бегона, огоҳонаву ноогоҳона ва боиставу набоиста, медаромад, ки бештари онҳо нодуруст корбурд мешуданд. Дар замони тохтутози тозиён мардумони кишварҳои бисёре дар Африқо ва Осиё забонҳои худро гум карданд ва ором-ором вижагиҳои миллии худро аз даст доданду араб шуданд. Кишварҳо ва мардумони эронитаборро низ ҳамин газанд дар пеш буд. Агар мардоне чун Яъқуби Лайсу Исмоили Сомонӣ ва монанди инҳо набуданд, ин мардумон низ зуд забонҳои худро фаромӯш мекарданд ва чун қибтиёну калдониён ва ошӯриён нобуд мешуданд. Тоҷикистон низ дар фарҷоми садаи гузашта, ки ба вартаи гирудорҳои бунёдсӯз афтода буд, ба чунин мардони бузург ниёз дошт. Хушбахтона, чунин бузургмарде аз табори Саффориён ва Сомониён дар миёни тоҷикон буд. Он марди фарзона Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёдгузори оштӣ ва ягонагӣ, пешвои миллати тоҷик, арҷманд Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар ин роҳ кӯшише бисёр кард ва корҳое фаровонро анҷом дод. Бо сарварӣ ва кӯшиши ӯ соли 2006-и тарсоиро «Соли Бузургдошти Фарҳанги Ориёӣ» ном доданд ва дар густараи замонии ин солу солҳои пасин корҳои арзишманди зиёде дар ростои шиносоӣ ва шиносонидани фарҳанги ориёӣ анҷом дода шуданд. Имрӯз мо дар партави хуршеди озодӣ ва зери дирафши худбасарӣ (истиқлол) метавонем озодона дар бораи он чи садаҳо аз гуфтани он метарсидем, бебим сухан кунем.

Дар бораи фарҳангҳои дигар мардумони ҷаҳон навиштаҳои пуршуморе ба забонҳои гуногун дар дастраси хонандагон аст, филмҳо низ бардошта ва ба намоиш гузошта шудаанд. Вале дар бораи фарҳанги ориёӣ ва ба вижа дар бораи Зардушт, ки саромади фалсафа ва ойини яктопарастӣ дар ҷаҳон аст ва омӯзаҳои ӯ бо андешаҳои пазируфташудаи имрӯзӣ ва дидгоҳҳои донишмандони замон созгоранд, дар Тоҷикистон кам менависанд ва кам медонанд. Навиштаҳои бурунмарзиён низ ва дар ин бора хеле кам баргардону чоп ва дастраси хонандаи тоҷик шудаанд. Бегумон, ки омӯзаҳои Ашӯ Зардушт дар замони имрӯза судоварии бештаре дар худ доранд. Олудагии зистбум, вайронӣ ва нобудии ҷаҳони зиндагон, ҷангу куштор, вайроншавии рафтори тӯдагон ва бисёр душвориҳои дигар набуд, агар мо аз омӯзаҳои Ашӯ Зардушт меомӯхтем ва ба он кор мекардем. Пояи омӯзаҳои Зардушт - хирадгароӣ, ростӣ, андешаи нек (ҳумат), гуфтори нек (ҳухт) ва кирдори нек (ҳуваришт) аст. Дар фалсафа Зардушт қонунҳои диалектикии пайкори ҳамисторҳо (некӣ ва бадӣ) ва дигаргуншавии пайвастаро пеш аз ҳамагон андарёфтааст. Фармудаҳои ӯ некӣ, зебоӣ ва зебоипарастӣ, хушию хуррамӣ ва ободкориро ба мардумон меомӯзад.

Дар ин миён, чашм бар он доштам, ки дар бораи Зардушт ва омӯзаҳои ӯ аз сӯи донишмандон ва нависандагони гиромии мо навиштае ба ҷаҳони ҳастӣ падид ояд ва ба дасти хонандаи тоҷик расад, вале солҳо гузаштанд ва ба чашм наомад. Аз ин рӯй, худ соли 2000 оғоз кардам ба дар ришта кашидани донаҳои гавҳар, гавҳарҳое, ки чун мурдареге аз гузаштагон ба мо мондаанд ва гуфторҳову устураҳое, ки дар бораи Зардушт то ба рӯзҳои мо расидаанд, то хонандаи тоҷик аз Зардушт ва омӯзаҳои ӯ огоҳӣ дошта бошад, зеро он солҳо хоҳишмандӣ ва ниёзи мардум ба таъриху фарҳанг ва донишҳои Эрони Бостон (сарзаминҳое, ки ориёиён дар он зиндагӣ мекарданд) бештар аз ҳар замоне ба чашм мерасид. Худ бахше аз онро рӯйи коғаз

овардам ва боз аз навиштани он даст боздоштам ва дирангидам ва пас аз чанде, соли 2002, онро боз аз сар гирифтам.

Дар оғози кор нахуст дар бораи андозаи (вазни) достоне, ки бояд бинависам, андеша мекардам. Он чи дар ёди ман аз номаҳои бостонӣ монда буд, аз «Суруди оташкадаи Каркуй», «Ёдгори Зарирон», «Ангад рӯшнон» ва ..., андозаҳои онҳоро дар андешаи худ санҷидам ва онҳоро аз нигоҳи худ гузаронидам. Саранҷом, ба ёдам «Дарахти осуриг ва буз» омад ва андозаи он ба ман хуш ва созгор намуд. Дидам, ки беҳтар аст бо ҳамин андоза нависам ё дар андозаҳои сурудаҳои нимоӣ, вале андозаи «Дарахти осуриг»-ро баргузидам ва оғоз кардам ба навиштан.

Дудигар, барои офаридани чеҳраи Ашӯ Зардушт забонеро мебоист гузин кардан, ки вижагиҳои нижодӣ, замонӣ ва зистгоҳии ӯро бад-ин роҳ дар риштаи ангориш кашидан тавонпазир гардонад ва ҳамзамон барои хонандаи имрӯзаи порсизабон дарёфтанӣ бошад. Хушбахтона, забони порсӣ забонест тавоно ва тавонгар ва ваҳ чӣ хуш, ки мо порсизабонон чунин сармояе дорем, ки паҳнои ҷойгоҳии он аз Чин то ба Шом ва он сӯ аз Ҳинд то Қафқоз густурдааст ва дарозои замонии он аз замони забони эронии бостон (Авесто ва порсии бостон) то ба имрӯз кашидааст. Бо корбурди ин абзор бегумон метавон пайкара ва чеҳраи паёмбар ва гундои хирадманд Зардушти Спитомро ба ҳамон гунае, ки хостанист, бозофарид. Пас, дувум аз дирангиданиҳо, ки дар навиштани ин нома пеш меомад, забони достон буд.

Пеш аз ҳар чиз бояд гуфтан, ҳамаи вожаҳои диниро, ки дар дини биҳӣ корбурд доранд, бо вожагони имрӯза гуфтан ё баргардониданашон корест нодуруст; чунон чӣ «ашӯ», «боҷ», «барсам», «зӯт», «куштӣ» ва дигарҳо, ки хонандаи имрӯза онҳоро дарнамеёбад. Аз ин нигоҳ, ин гуна вожаҳо, чун вожагони динҳои дигар, бе гардониш, ба намуди худ ё наздик ба он оварда шуданд. Аз дигар сӯ, хостам, ки вожаҳоро, ба вижа номҳоро, дар намуди авестоияшон ё ба намуди наздик ба он биоварам ва бад-ин роҳ хонандаро ҳамроҳи худ дар ҷаҳони забони Авесто андарун созам, ба монанди Виштосп (ба ҷойи Гуштосп), Заривар (ба ҷойи Зарир), Испандидод (ба ҷойи Исфандиёр), вора (ба ҷойи бора/бору) ва дигарҳо.

Боре, вожаҳои «Зардуштнома» аз сарчашмаҳое чанд омадаанд: нахуст аз сарчашмаҳои авестоӣ, он вожаҳое, ки дар порсии имрӯз ҳам ба намуде нигоҳ дошта шудаанд ва дарёфтаниянд; дувум аз порсиг

(паҳлавӣ); севум аз сурудаҳои порсӣ, аз Рӯдакӣ ва ҳамзамонон ӯ сар карда то замони тохтутози муғул, ба вижа аз «Шоҳнома»; чаҳорум аз фарҳангҳои порсӣ; панҷум аз гӯишҳои кунунии порсии Тоҷикистон, чунончи вожаи «арғушт» (пойкӯбӣ, рақс), ки аз гӯйиши тоҷикӣ вом ситондаам; шашум аз забонҳои эронӣ, агар барои ҳамаи порсизабонон дарёфтанӣ бошад, чунончи «бижӣ» дар забонҳои курдӣ, ки дисҳое аз «бизӣ»-и порсӣ аст, ё «пус» (писар)-ро, ки дар забонҳои Бадахшон мондааст. Ин забонҳо думболаи забони эронии бостон ва миёнаанд ва дар онҳо вожагони зебо ва пуррангуборе зинда мондаанд, ки ба ҷойи онҳо вожаҳои тозӣ ва муғулию туркӣ ва русиро ба кор бурдан дуруст нест. Инчунин пеш аз корбурд ҳар як вожаро, пеш аз он ки ба кор барам, дар фарҳангҳо ёфта, чами (маънои) онҳоро бо он чи худ андармеёфтам, месанҷидам, то ки дуруст аз онҳо баҳра бурда шавад. Чунин, ин шаш даста аз вожаҳоро, ки ба осонӣ дарёфта мешаванд, бо водошти андозаи чома ба кор бурдаам.

Ҳарчанд ин ду чиз (андоза ва забон) мояи он шуд, ки андарёфтани достон душвор шавад, ба вижа барои ононе, ки таърихи забонро наёмӯхтаанд ё аз ойину омӯзаҳои Зардушт кам огоҳӣ доранд, вале кӯшидам, ки забони ин навишта сода ва ба дарёфти хонандаи имрӯз наздик бошад.

Аз андоза ва забон, ки бигузарем, барои навиштани достон ба сарчашмаҳое ниёзам буд ва он чи дар даст доштам, басанда наменамуд, вале ба ҳар рӯй тавоноиам медод, ки ин корро то андозае пеш барам. Дар ин росто бештар ва пештар аз ҳама ба гардонишҳои гуногуни «Авасто» рӯй овардам. «Шоҳнома»-и ҷовидони Фирдавсӣ ва сурудаҳои Дақиқии ҷавонмарг дар «Шоҳнома» ҳам дар корбурди вожаҳо ва ҳам дар гирифтани баҳра нерӯбахшам буд.

Гуфтанӣ аст, ки дар хона «Милал ва ниҳал»-и Шаҳристонӣ ва чанд набиги дигар аз ин даст доштем, ки аз падарбузургамон монда буд. Ҳамчунин набиге дар бораи ойин ва зиндагии Зардушт аз пажӯҳандаи рус А. А. Дорошенко (Москав, 1982) ва низ пажӯҳишгари англисӣ Мэри Бойс (Москав, 1988) ёфтам ва аз онҳо огоҳиҳое чанд ба даст овардам. Гардонишҳои донишмандони рус аз Авесто, ҳамчун гардониши Стеблин - Каминский аз яштҳои Авесто (Душанбе, 1990) ва низ пажӯҳишҳои таърихӣ ва адабии донишмандон тоҷик ва русро ҳам, ки пештар хонда будам ва чизҳое дар ёди худ медоштам.

Хушбахтона, солҳои навадуми садаи гузашта ба деҳаи мо гурӯҳе аз порсиён аз Мумбай, аз Гуҷароти Ҳиндустон омада буданд. Онон «Хурда Авесто»-е ба дабираи порсӣ маро доданд ва чун бори

дувум омаданд, «Зиндагии Ашӯ Зардушт»[1] аз Фрамрӯз Рустамҷӣ ва «Яштҳо»[2] ва «Омӯзаҳои Зардушт»[3] ва «Хурда Авесто»[4] аз Т. Р. Сетнаро, ки ҳама ба забони англисӣ буданд, оварданд. Аз «Зардуштнома»-и Зародушти Баҳроми Паждуй, ки танҳо фишурдаи он набиг дар дастрасам буд, низ баҳра бурдам. Ҳамчунин набиге дигар, ки дар бораи Зардушт ва зиндагии ӯ буд, аз нависандаи рус Шапошников (Москав, 1991) пайдо кардам ва аз он низ баҳра гирифтам. Аз миёни гардонишҳои «Гоҳон» ба порсӣ, кори Алиакбари Ҷаъфарӣ ва Обтини Сосонфарро низ ёфтам. Дигар ин ки як фарҳанги бисёр арзишманд «Фарҳанги вожаҳои Авасто»-ро аз Эҳсон Баҳромӣ, ки ба ёрии Фаридуни Ҷунайдӣ дар Эрон чоп ва пахш шуда буд, эзад ба ман расонд; дар хона нишаста будам, ки ногоҳ дӯсте аз дар даромад ва ин фарҳангро бо худ овард ва ба ман бахшид. Ӯ намедонист, ки ман чунин набиге менависам ва ба ин фарҳанг бисёр ниёз дорам, чи барои навиштани ин «Зардуштнома» бисёре аз вожаҳои ноби порсиро, дар канори фарҳангҳои забони порсӣ ва фарҳангҳои дузабона, аз ин фарҳанг вом ситондаам.

Дигар он ки додаҳое чанд аз расонаҳо (рӯзномаҳо, радиоҳо, телевизионҳо, барномаҳои фарҳангии телевизионҳои моҳвораии порсизабон ва дигарҳо) мегирифтам, ки ҳамаи онҳо маро ёрӣ карданд ва бисёр судманд буданд, чи аз онҳо бисёр чизҳо омӯхтам ва ёд гирифтам. Ба ҳар рӯй, сиёҳнависи ин достонро то соли 2006 навишта, ба анҷом расонидам ва мехостам ба вироиши он бипардозам ва онро аз нав кор кунам ва ба вижа бахшҳои вопасини онро, ки бо ҳам пайваст наменамуданд, дар чорчӯби достон ва дар раванди рӯйдодҳои он вобаста кунам, ки аз оғоз то анҷом сохтори достон яке бошад ва он чи гуфта мешавад, аз забони қаҳрамонони достон гуфта шавад, на аз забони нависанда. Вале боз замоне дар болои ин достон коре накардам ва он ба дер уфтод, чун андеша мекардам, ки оё хонандагон онро мěписанданд ё на, ба он арзише мегузоранд ё на, ва боз дигар андешаҳо. Ба ҳар рӯй, он навиштаҳоро, ки чанде дар тоқча хок мехӯрданд, боз гирифтам ва бо хушнудӣ (чун «Соли Фарҳанги Ориёӣ» буд) ба вироиши онҳо пардохтам, вале чун замони ман кӯтоҳ буд, ин

---

[1] Framroz Rustamjee, the Life of Holy Zarathushtra, the Propet of the Parsees with a complete expositions of the inner meaning of the miracles and incidents therein, 1961.

[2] T. R. Sethna, Yashts in Roman Script with Translation, 1976.

[3] T. R. Sethna, The Teachinqs of Zarathushtra, the Propet of Iran, on how to Think and Sacced in life, 1975.

[4] T. R. Sethna, Khordeh Avesta, Zoroastrian Prayer Book in Roman Script and translation in Enqlish, 1984.

корро он чунон ки мехостам, ба анҷом расонидан натавонистам ва бо шитобзадагӣ онро ба дасти бародарам, ки он замон дар рӯзномаи «Варзиш» кор мекард, додам. Чун ӯ рӯзноманигор буд, метавонист дар ягон рӯзнома ё моҳвора чопашон кунад. Вале комёб нашудем. Умед доштам, ки ин навишта барои дӯстдорони фарҳанги Эрони Бостон ва пажӯҳандагони таърихи дину фалсафа ва дилбастагони ойини зардуштӣ ва фарзонагии волои нахустфилусуфи ҷаҳон ва паёмбари ориёӣ, ки хирадгароиро ба ҷаҳониён омӯхт ва доду ростӣ ва некию некӯкориро омӯзиш дод, судманд хоҳад буд ва чун сарсухане дар шинохти дини Зардушт ва дарёфти Авесто ёрманд. Мехостам бинамоям, ки мағзи фарҳанги ориёӣ хирад, ростӣ, некандешӣ, доду диҳиш, созандагӣ ва обод кардани ин ҷаҳон ва набард бо бадӣ аст. Вале чун ман як омӯзгори сода дар деҳае дурдаст будам, намедонистам, ки аз паси ин кор баромадаам ё на. Вале медонистам, ки ин номаро ҳанӯз чунон чӣ мехостам, вироиш ва анҷом надодаам ва ба намуде, ки дархур аст, андар наёвардаам.

Бояд бигӯям, ки хостаи ман аз ин кор расонидани фарҳанги хирадгароӣ ва арҷгузорӣ ба забону фарҳанги пурарзиш ва волои меҳанӣ, дар зеҳни хонанда падид овардани ангезаи меҳанпарастӣ, болиши миллӣ, худшиносӣ, бедорӣ ва озодандешӣ, шинос кардани хонанда бо омӯзаҳои арзишманду ҷовидонаи ниёгонамон ва бозбиниву бозшиносии фарҳанг ва таърихи бостониамон буд.

Бархе аз нависандагони бегона дар навиштаҳои худ ойини Зардуштро барои «дубунангорӣ» (санавият) ва «хешовандпайвандӣ» (издивоҷ бо маҳорим) накӯҳиш мекунанд ва онро дар чашми хонанда бад нишон медиҳанд. Вале чун касе номаҳои беҳдиниро мехонад, мебинад, ки ойини Зардушт нахустин ойини яктопарастӣ аст ва худованди якка ва ягона Аҳуромаздо (ҳастибахш, бузургдоно) аст ва ӯ офаринандаи ҷаҳон ҳастӣ аст. Ӯ дар ниҳоди ин ҷаҳони астуманд ду нерӯи бо ҳам ҳамисторро гузоштааст, ки омезиши онҳо (дар замони гумизш ё омехтагии нек ва бад) ин ҷаҳонро ба пешравӣ ё пасравӣ мебарад, ба ободӣ ё вайронӣ мекашонад. Он чи ба мардум ва зистбум ва зиндагӣ судманд аст, сипантоминуйӣ ва аҳуроӣ аст ва он чи зиёновар бошад ва ба пастравӣ ва вайронӣ кашонад, дурӯғин ва аҳриманӣ аст. Низ, Зардушт дар ҳеҷ гуфтаи худ «хешовандпайвандӣ»-ро нафармудааст. Ин дурӯғи бадхоҳонаи душманони дини биҳӣ ва ойини накӯӣ аст. Дини Зардушт ойини пӯё ва пешрав аст ва ҳар коре, ки нек ва аз рӯйи донишу хирад ва дод бошад, анҷом додани онро раво медонад ва ҳар он коре, ки зиёновару зишт ва бар пояи дурӯғу

нодонӣ ва бехирадиву бедод бошад, нораво мехонад. Дар замони пас аз тохтутози тозиён ойини биҳӣ бе сипоҳ ва шаҳрёрӣ ва бе сару сомон монд ва ҳар чӣ душманон ва бадсиголон мехостанд, дар бораи он менавиштанд ва мегуфтанд. Яке аз хостаҳои ман ин аст, ки инро хонандаи мо бидонад, ки он ҳама гуфтаҳо бофтаи андешаҳои бадхоҳон ва душманони фарҳанги волои мардуми мо ва нотавонбинони кӯрчашми густох ва бешарм асту бас.

Дар поён аз ҳамаи ононе, ки дар кори чоп ва пахши ин нома ёрӣ карданд, сипосгузорӣ мекунам; ба вижа аз сарвар Парвизи Шоҳчароғӣ, ки бисёр ранҷ кашиданд ва кӯшиданд, то ин нома вироиш ёбад ва ба чоп расад, аз сарвар Назрӣ Асадзода, ки ба кӯшиши эшон ин нома ба дасти дӯстони гиромии эронии мо, донишмандони арҷманд, расид, ва низ бандаро дар кори дуруст кардани каму костиҳо ёрӣ ва роҳнамоӣ карданд ва ҳамроҳи сарвар Салими Зарафшонфар дар кори вироиш ва чопи кирилии он кӯшиданд.

## БА ҶОЙИ САРСУХАН

Ба номи Додгор

Чунин пурсид аз Зардушт Кайшоҳ,
Ки сӯйи растагорӣ чун барам роҳ?
Ба посух гуфт Зардушти Спитом
К:- «Аз ин се ниҳ ба роҳи ростӣ гом:
Нахуст андешаи нек, эй ҷаҳондор,
Дигар гуфтори неку нек кирдор.
Бувад андар ҷаҳон танҳо яке роҳ
Ва он раҳ ростист, эй додгар шоҳ.
Накӯӣ варзу доду ростӣ ҷӯй,
Ба дониш роҳ сӯйи ростӣ пӯй.
Дилу ҷонро фурӯғ аз ростӣ дон,
Дурӯғ аз тирагиву костӣ дон.
Хирад дар роҳи ҷону дил фурӯғ аст,
Каживу тирабахтӣ аз дурӯғ аст.
Хирад аз ростӣ созад-т хушбахт,
Барад деви дурӯғ аз роҳи дӯзах-т.
Зи бад дурӣ гузину бад маяндеш,
Ки аз бад бегумон бад оядат пеш.
Зи гуфтори дурӯғи аз хирад дур
Бигардад мардумиро чашми дил кӯр.
Биҳишт ин ростиву растагорист,
Дурӯғ он дӯзахи бадрӯзгорист».
Бигуфт: «Аз сояи боли ҳумо ном,
Бигӯ, то чун расад з-он мард бар ком»?
Паямбар гуфт, к-«Он Кеши Аҳурост,
Ниҳода бундад андар пояи рост.
Ҳумои бахтат ойини накӯист,
Беҳиву ростӣ дини ашӯист.
Пари парвози он кирдори нек аст,
Дилу андешаву гуфтори нек аст.
Ҳамон Симурғ, к-аш ҷӯӣ, бувад ин,
Нишеман - Бурзкӯҳи донишу дин.
Беҳӣ шаҳболи мурғи бахтёрист,
Кушода пар ба роҳи растагорист.

Беҳӣ бишнос он мурғи ҳумоюн
Ба кӯҳи ростии сар ба гардун.
Сари он мурғ ҳаст андешаи нек,
Ду болаш гуфту кору пешаи нек.
Бувад аз ростӣ чун пояи ӯ,
Ба коми дил расӣ дар сояи ӯ.
Равони поки некони ашӯро
Чунон донӣ, ки дар кеши Аҳӯро
Биангоранд чун мурғе ба парвоз,
Чунон, к-аз ростӣ ҷӯяд ҳаме роз,
Ки бошад фарваҳар он мурғро ном,
Ба ушто роҳ ёбад дар саранҷом.
Хирад аз ростиву росткорӣ
Расад бар фарраҳиву растагорӣ.
Хирадманд аз сари андешаи нек,
Забону хӯю кору пешаи нек,
Ҷаҳонро аз биҳӣ обод созад,
Дар он то зиндагӣ озод созад.
Чароғи ҷонат аз андешаи биҳ
Фурӯзу гом дар роҳи хирад ниҳ.
Биҳӣ кун в-аз накӯӣ болу пар соз,
Ба менӯ то кунад ҷони ту парвоз.
Ба доду ростӣ кун шаҳриёрӣ,
Расӣ то зери боли бахтиёрӣ.
Ба коми дил расӣ хуррамдилу шод,
Зиҳӣ андар биҳишт, эй шоҳи бодод.
Зи фарҳангу ҳунар афсар ба сар ниҳ,
Ба парвоз аз накӯӣ болу пар ниҳ.
Бад-он бол аз дами дарё гузар кун,
Раҳи ҳафт осмонро пушти сар кун.
Расӣ то дар фурӯғи ҷовидонӣ
Ба ромиш дар ҷаҳони менувонӣ».

## БАХШИ 1

## ФАРГАРДИ 1. МЕҲАН ВА ТАБОРИ АШӮ ЗАРДУШТ

### КАРДАИ 1. КУШОИШ

Ба хушнудии Додори Тавоно,
Ҳамаогоҳу Роюманду Доно,
Худованди Хирад, Бахшандаи Ҷон,
Падидорандаву Додори кайҳон.
Барафрӯзанда Меҳру Маҳ ба гардун,
Ҷаҳонравшангари Бечанду Бечун.
Ки дар андеша ӯро нест ҳанҷор,
На дар пиндор гунҷад, не ба гуфтор.
Ба номи Ӯ кунам ин нома оғоз,
Даре бикшоям аз ганҷинаи роз.
Маро, гар даст гирад пок Гаргар,
Бихонам достоне аз паямбар.
Кашам дар ришта гуфтори парешон,
Ниҳода гавҳар андар хок пинҳон.
Бибандам зевар авранги суханро,
Кунам нав достони бас куҳанро.
Ниҳонӣ ганҷи аз шаҳвор гавҳар
Кунам омуда андар риштаи зар.
Ҳар он к-ин нома хонду ориш омӯхт,
Чароғи чашми дил равшан барафрӯхт.
Зи ман бишнав кунун он достонро,
Бимонда ёдгор аз бостонро.

### КАРДАИ 2. АНДАР МЕҲАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Чунин овард гундои хирадманд
Сухан аз Бундаҳишну Занду Позанд.
Ханирас чун нигин дар ҳафт кишвар
Ниҳода дар миён буд ҳамчу гавҳар.
Хушу хуррам чу боғу бӯстон буд,
Биҳишти ростин андар ҷаҳон буд.
Аҳӯро Ориёвиҷ андар он дод,

Гузинаш карда яксар дошт обод.
Кашидаш кӯҳҳоро сар ба гардун,
Фурӯ з-он обҳо тозид афзун,
Чарогоҳони паҳнаш пургиё сохт,
Фаровон рӯдҳо дар вай фаро тохт.
Ҳама дашту даман аз чорпо пур,
Зи аспу гӯспанду гову уштур.
Ба дашту кӯҳ азбас мурғу нахчир,
Зи обу дону аз баргу гиё сер.
Ба-д-он сон буд Эронвиҷа обод,
Ки марду зан ҳамора зист дилшод.
Бидод он буми ободу барӯманд
Ба бахшиш бар Каюмарсаш Худованд.
Нахуст ӯ буд, ки роҳи подшоҳӣ
Падид оварду дину додхоҳӣ.
Шикору домдорӣ, киштани дон
Ба мардум ӯ  намуду дод фармон.
Ба-д-он гаҳ марзи ободе чу Эрон
Набуд андар ҷаҳон он сон шукуфон.
Зи марзи Ҳинд боло то ба Дарбанд,
Зи хоки Чин ба-д-он сӯ то ба Арванд,
Дарахту обу марғу меваю дон
Худованд офарида бас фаровон.

## КАРДАИ 3. ҶАМШЕД

Аз он гаҳ то замони шоҳ Ҷамшед
Ба гирди чарх чандон гашт Хуршед.
Ба тахти подшоҳӣ Ҷам чу биншаст,
Камар дар кори дину дод барбаст.
Накӯӣ карду чандон дод варзид,
Ки Эрон сарбасар обод гардид.
Сипоҳӣ бо кишоварзу ҳунарвар,
Ҳам он отурбони додпарвар
Ҳама осудадил буданду хуррам
Ба Эрон дар паноҳи додгар Ҷам.
Сипаҳро вижа карду дод густард,
Ҳунарро дод доду нек парвард.
Ба ёрӣ барзгарро даст ёзид,

Муғони бохирадро сар фарозид.
Пасон Ҷамшед бо фармони Додор
Басе наввӣ даровард андар он чор.
Ҷами фарзона азбас пурҳунар буд,
Пизишку пурхирад ахтаршумар буд.
Чунин буд, к-андар он гаҳ шоҳ Ҷамшед
Ҳамекардӣ парастиш Моҳу Хуршед.
Падид овард дини тандурустӣ,
Зи Яздон чунки бемаргӣ биҷустӣ.
Чу дини хештанро густариш дод,
Ба покӣ ҷону танро парвариш дод,
Ба роҳи Меҳру Ноҳид-Ардви-Сур,
Ба зӯ(ҳ)ри Тиру Баҳрому Маҳу Хур -
Ҳазорон аспу гову меш зад сар,
Ба мардум дод шоҳи додгустар.
Басо доду диҳиш дар роҳи Яздон
Бикарду низ кардан дод фармон.
Худованд он ҳама бархӣ пазируфт,
Бикард ӯро ба фарри эзадӣ ҷуфт.
Ба подоши бихӣ Маздо-Аҳуро
Ба гетӣ дерзевӣ дод ӯро.
Ба мардум баст дар Эрон дари марг,
Фузун гардонд ганҷу колаву барг...

## КАРДАИ 4. КУШТА ШУДАНИ ҶАМШЕД БА ДАСТИ АЖИ ДАҲОК

Чу Даҳҳок он шукӯҳу фарраҳӣ дид,
Зи рашк он бадгуҳар дар худ бипечид.
Дилашро орзуи тахти шоҳон
Буду ҳам ҷоми Ҷам бо фарри Яздон.
Ба чандон роҳу рангу рев Даҳҳок
Биомад хирасар бо режи нопок...
Ба арра пайкари Ҷамро дуто кард,
Ба Эрон, донӣ, аз он пас  чиҳо кард...
Ба Меҳру Моҳу Ноҳиду ба Баҳром
Ба бархӣ кард чандин беварон дом.
К-аз ин раҳ аз Худояш буд уммед,
Ба фарри эзадиву ҷоми Ҷамшед.

Худовандаш на ин бахшиду не он,
Гирифт ӯ гарчи ганҷу тахти шоҳон...

## КАРДАИ 5. ФАРЕДУН

Чу бедоду ситам з-андоза берун
Бирафту рехт дар Эрон басе хун,
Ҷаҳон шуд тангу тор аз дасти Даҳҳок,
Даме то Кова гетӣ кард з-ӯ пок.
Зи пушти Отибин, аз тухми Ҷамшед
Фаронак дошт фарзанде чу Хуршед.
Фаредун буд номи фаррухи ӯй,
Фурӯзон фарри Яздон аз рухи ӯй.
Чу Кова аз Фаредун гашт огоҳ,
Биовард он гаҳу биншонд бар гоҳ.
Ҷаҳонбон росткору пурхирад буд,
Ба некон ёру разманда ба бад буд.
Дурафши коваёнро сар барафрохт,
Ситамро беху бун яксар барандохт.
Биҳону ростонро дошт дилшод,
Сари бедодгарро дод бар бод.
Ба душман ҳар куҷо гаштӣ чу пирӯз,
Буд он ҷо ҷашнгиру оташафрӯз.
Парастишгоҳ бинҳод оташи пок,
Ба зӯ(ҳ)р аз ҳуму ширу карниши пок.
Ки андар худ вай  аз Додори кайҳон
Фурӯғе ҳамчу оташ ёфт тобон.
Ба оташ пок Яздонро парастид,
Нишони пок Яздон чун дар он дид.
Ҳам ин ҷашни Сада бинҳод ойин,
Гиромӣ мурдарег ин з-ӯст дар дин.
Фаредун парварида се писар дошт,
Ҳама фарҳехта чандин ҳунар дошт.
Чу шуд ӯ пир, бар се бахш кишвар
Бикарду дод бар он се бародар.
Худ он гаҳ рӯй сӯйи кӯҳ бинҳод,
Гиромӣ ҷон-ш бар Ҷонофарин дод...

## КАРДАИ 6. АНДАР МОДАРИ ЗАРДУШТ - ДУҒДӮ ВА НИЁГОНИ Ӯ

Чу аз ойини Ҷамшеду Фаредун
Бигуфтам, бишнав аз Зардушт акнун.
Нахуст аз модари Зардушт гуфтор
Биорам, он чи омад з-ӯ ба ангор.
Гиромӣ номи ӯ Дуғдӯ ҳаме буд,
Зи тухми хусравон буд тору ҳам пуд.
Падар ӯро Фароҳимурва буд ном,
Парастанда Маҳу Ноҳиду Баҳром.
Зи нофи Зовишӣ буд он гиромӣ,
Фарозанда сар андар некномӣ.
Ҳам он модар варо з-он дудмон буд,
Або шавҳар-ш шоду комрон буд.
Зане буд порсову покдомон,
Ба шарму нозу фарру ростпаймон.
Дувон аз гавҳари шоҳони пешин,
Миҳони росткору роду бодин.
Нажод аз шоҳ Ҷамшеди некӯчеҳр,
Навода з-Офаредуну Манучеҳр.
Яке шох аз дарахти бас баланде,
Дарахте бас бузургу борманде.

## КАРДАИ 7. АНДАР ШАҲРИ РАҒА, КИ ЗОДГОҲИ ДУҒДӮ БУДА

Зи гоҳи дер чандин номдорон
Ба сар бурданд дар Рай рӯзгорон.
Рағa буд номи он шаҳри дилафрӯз,
Ки буд ободу хуррам андар он рӯз.
Чунин гуфтанд доноёни Эрон,
Зи гоҳи бостон номанигорон,
Ки Рай дар бостон бунёд бинҳод
Ҳушанги пешдодӣ - шоҳи бодод.
Пас он шаҳр аз гузашти рӯзгорон
Ба дасти ҷангҷӯён гашт вайрон.
Манучеҳр аз нав онро кард обод,
Равони рафтагон шуд то аз ӯ шод.

## КАРДАИ 8. ЗОДА ШУДАНИ МОДАРИ ЗАРДУШТ - ДУҒДӮ

Дар он шаҳри биҳиштосои хушбод
Фароҳимурва бо зан зист дилшод.
Чу обистан шуд аз ҷуфти накӯном,
Биомад назди модар он дилором.
Ба модар ин сухан гуфто, ки: «Эй мом,
Навода хостӣ, инак туро ком!»
Бигуфташ: «Ҷони модар, шод бодӣ,
Ки Эзад бахти некат доду шодӣ».
Чу моҳу рӯзи ӯ пур гашт, он гоҳ
Бизод ӯ духтаре рахшанда чун моҳ.
Бигустурданд хону сур карданд,
Ба май андӯҳ аз дил дур карданд.
Ҳама он хонадон хушдил нишастанд,
Зи дарду ранҷ, то як дам бирастанд.
Ба-д-он духтар накӯ номе бидоданд,
Мар ӯро ном Дуғдӯво ниҳоданд.
Ба нозаш солҳо парвард модар,
Ба хубӣ бурд то бар осмон сар.
Даромад понздаҳ солаш аз он рӯз,
Ки аз модар шуд он моҳи дилафрӯз.
Баҳоре гашт сарсабзу шукуфон,
Бирусташ лолаву гул дар гулистон.
Камонкаш гашт абрӯяш чу Ораш,
Камону тири ӯ шевову дилкаш.
Ба Эрон кас набуд монанди Дуғдӯ
Ба нозу шарму рӯю мӯйи некӯ.
Забонаш чарбу гӯйиш нарму ширин,
Равонаш поку дил пардахта аз кин...

## КАРДАИ 9. ПАЙДО ГАРДИДАНИ ФУРӮҒ ДАР ПАЙКАРИ ДУҒДӮ

Надонад кас, чӣ хоҳад кард Яздон
Ба ӯ дар зери чархи гирдгардон.
Кунун бишнав, ки бо Дуғдӯ чӣ рух дод,
Ки шуд аз доди Яздон дил-ш ношод.

Чу тан мешуст Дуғдӯ, дид ногоҳ,
Ки аз пайкар фурӯғе тофт чун моҳ.
Шигифт омад-ш аз кори Худованд,
К-аз ӯ ин рӯшноӣ чун пароканд?
Бирафту гуфт бо модар, ки: «Эй мом,
Диламро з-он шигифтӣ нест ором.
Падид ояд фурӯғе аз тани ман,
Ман ин роз аз ту натвонам нуҳуфтан.
Надонам чист, з-он андар шигифтам,
Чӣ кардам, то чунин кайфар гирифтам?»
Чу модар бингарид андар тани ӯй,
Бидид андоми чун маҳ равшани ӯй,
Фурӯ монд аз фурӯғи пайкару тоб,
Чу андар об тобон гавҳари ноб.
Падарро хонду бо ӯ гуфт он роз,
Ки дид андар ниҳоди он гули ноз.
Ба ҳам бас гуфтугӯ карданд он ду
Зи рози бас шигифтангези Дуғдӯ.
Фароҳимурваи огоҳу боҳуш
Ба лаб ангушт бурду гуфт: «Хомӯш,
Магӯедаш ба кас, зинҳор, к-ин роз
Бувад кори сутургеро сароғоз.
Ниҳон доремаш аз бегонаву хеш,
Ки бинемаш, чӣ фардо оядаш пеш».
Аз ин пас духтаракро шавҳару зан
Бурун нагзоштанд аз хона рафтан.
Ниҳон аз чашми кас медоштандаш,
Зи хона по бурун нагзоштандаш.

## КАРДАИ 10. ОШКОР ГАРДИДАНИ РОЗИ ДУҒДӮ ДАР ШАҲРИ РАҒА

Шабе дар хона шуд меҳмони эшон
Ду-се духтар зи пайвандону хешон,
Ки бо Дуғдӯ ҳама анбоз буданд,
Ҳамеша ҳамдаму ҳамроз буданд.
Чу хон оростанду хуш нишастанд,
Хуриш омода гашту нон шикастанд,

Яке гуфто, ки ӯ пазмони Дуғдӯст,
Ниёз омад-ш дидори рухи дӯст:
«Магар дар хона набвад он накӯчеҳр,
Ки бар рухсори моҳаш бастаам меҳр?
Куҷо рафт он ниҳоли навгул аз боғ,
Ки аз дурӣ аз ӯ дорам ба дил доғ?
Даме хоҳам ба паҳлӯаш нишинам,
Ки рӯйи моҳи ӯро сер бинам.
Ба ӯ дарди дили худ бозгӯям,
В-аз ӯ дармони дарди хеш ҷӯям».
Чу модар ин сухан бишнид ночор,
Бигуфто: «Чанд рӯзе ҳаст бемор».
Бигуфташ: «Дидани бемор бар мост,
Ба вижа он, ки хешу ёр бар мост».
Ман ин ҷо ташнаи дидори ӯям,
На ӯ бемор, ман бемори ӯям.
Маро дидори ӯ дармону доруст,
Пизишки ҷони манро ном Дуғдӯст».
Зи меҳмон ин сухан бишнид модар,
Бишуд ночору омад назди духтар.
Ба-д-ӯ гуфто, ки: «Шав дар бистари хеш,
Фурӯ ҳил ҷома аз по то сари хеш.
Чу оянд андарун хешон ба дидан-т,
Набинанд он фурӯғе, к-ояд аз тан-т».
Чу пайвандон ба перомуни Дуғдӯ
Бигаштанд анҷуман бар дидани ӯ,
Бипурсиданд ёрон з-ӯ, ки: «Чунӣ?»
Бигуфт: «Ин нест ҷуз банду фусуне».
Ба-д-он зебоиву некӯсириштӣ
Бихонданд офарин бар он биҳиштӣ.
Яке бикшодаш аз рух ҷомаи хоб,
Бидид он тобиши чун гавҳари ноб.
Газид ангушту андар вай фурӯ монд,
Шигифту мот гашт, аз гуфтугӯ монд.
Дигар з-он моҳрӯён ҳар яке дид
Фурӯғи пайкари тобон чу Ноҳид.
Бигуфтанд: «Ин чӣ ранг афсуну ҷодуст,
Ки дар андоми ҳамчун моҳи Дуғдӯст?»

Чу он роз ошкоро шуд ба хешон,
Ба шаҳр овоза гардиду парешон.
Бузургу хурд чун ин роз бишнуд,
Ҳама огоҳ шуд з-он достон зуд.
Чу гашт овоза дар Рай рози пинҳон,
Шуданд огоҳ з-он ахтаршуморон.
Бигуфтанд: «Он нишон аст аз яке кор,
Ба зудӣ дар ҷаҳон ояд падидор.
Зи рафти ахтарону гардиши Хур
Чунин ояд, ки набвад он замон дур,
Ки гетӣ дар набарди зишт бо хуб
Шавад майдони разми кину ошӯб.
Чунон пешомаде дар пеш ожир
Ҷаҳонро пеш ояд зуд ё дер.
Надонад кас, ки ин гарданда гардун
Чӣ орад пешу худ фардо шавад чун.
Гумоне андар он набвад, ки Дуғдӯ
Бувад оғози рӯзе пуртакопӯ.
Ҳамоно боядаш бурдан раҳе дур,
Вагарна, куштан, афгандан-ш дар гӯр.
Абиж, ар мушти хокаш бас бувад баҳр,
Чу шуд болуда, хокистар кунад шаҳр...»
Ба ҳар гоҳе, ки берун рафт Дуғдӯ
Зи хона ҳамраҳи ёрон ба ҳар сӯ,
Зану марду ҷавону пир дар Рай
Бурун гаштӣ барои дидани вай.
Ҳаме диданд, к-он маҳрӯйи дилбанд
Фурӯғ аз пайкари зебо биафканд,
Ҳама аз дидани он аз шигифтӣ
Сари ангушт бар дандон гирифтӣ,
Ки то акнун чунон розе надиданд,
На чизе инчунин аз кас шуниданд.
Муғони бихраду ахтаршиносон
Аз он пурбим буданду ҳаросон.
Фароҳимурва назди хеш хонданд,
Ба гардан куштани духтар бимонданд.
«Бибар, - гуфтанд, - духтарро аз ин ҷой
Ба дурӣ, з-ӯ ҷаҳонро пок бинмой.

Гумон набвад, ки аз Дуғдӯ ба фардо
Шавад патёрае дар шаҳр пайдо,
Ки ҳар патёраеро чора бояд,
Бикардан пеш аз он, то бар сар ояд.
Бибар ӯро, ба ҷое дураш андоз,
Бикуш, ё зинда андар гӯраш андоз».
Парид аз рӯйи гулгун он гаҳаш ранг,
Шуд аз фарҷоми кори хеш дилтанг.
Чу борон рехт аз дида басе хун,
Ба оташ сӯхт аз бедоди гардун.
Ба хона омад он гаҳ бо дили реш,
Бигуфт ин достон бо ҳамсари хеш.
Чу бишнид он сухан, бигрист модар
Зи бахти шӯри хешу з-они духтар.
Чу боду тундар андар Фарвадин меғ,
Ба-д-он гаҳ, к-одрахшаш зад ба дил теғ.
Бибориданд борон он се то рӯз
Зи дида бо хурӯшу нолаву сӯз.
Чунон канданд з-андуҳ рӯйи гулгун,
Ки ашку хок шуд омеғ бо хун.
Табори Зовишӣ гаштанд анбӯҳ
Ҳама з-он ногаҳонӣ дарду андӯҳ.
Бирафтанд аз барои додхоҳӣ
Ба сӯи боргоҳи подшоҳӣ.
Бигуфтанд: «Инчунин дастуру фармон
Набуд то нӯз дар Эрону Нерон,
Ки аз дасти падар шуд кушта фарзанд,
Гунаҳ нокарда, дилпоку ҳунарманд».
Радони рӯшиносу номдорон,
Бидида гарму сарди рӯзгорон,
Чунин гуфтанд дар посух, ки: «Духтар
Фурӯғе ҳамчу маҳ дорад ба пайкар.
Фурӯғе, к-афканад ӯ аз тани хеш,
Биорад, бегумон, патёрае пеш.
Ба-д-он дармону дору кора набвад,
Ба ҷуз куштан-ш дигар чора набвад».

## КАРДАИ 11. БУРУН БУРДАНИ ПАДАР ДУҒДӮРО АЗ РАҒА

Фароҳимурваи бодонишу ҳуш
Ба фармони Худо бинҳода буд гӯш.
Зи бедоди замон бо оҳу шеван
Гирифту бурд Дуғдӯро ба куштан.
Яке буд дӯст ӯро ростпеша,
Ба ӯ ҳамрозу ҳамдастон ҳамеша.
Бигуфташ: «Эй гиромӣ дӯст, по шав,
Зи ёрони куҳан пандест, бишнав.
Зи фармони ҷаҳондори ситамгар,
Ки бими марг бошад, чун кашӣ сар?
Чу аз чашмаш раҳо гаштӣ, бизан хок
Ба чашмаш, то ҷаҳон созӣ аз ӯ пок.
Бисозам чора акнун, гӯш медор,
Забон барбаста, лаб хомӯш медор.
Макуш Дуғдӯву рав, гӯшон, ки куштӣ,
Ба пурсиш гӯй посух бо дуруштӣ.
Ба ҷое бар, к-аз ин ҷо бас бувад дур,
Чу гавҳар ниҳ ба дасти нағз ганҷур.
Ба ман диҳ, ё барам, он ҷо супорам
Ба назди хешу пайвандат гузорам».
Фароҳимурва аз вай гашт хушнуд,
Бикард он гуна, к-аш он ёр фармуд.
Ба-д-ӯ биспурд духтар в-он гаҳаш гуфт,
Ки: «Эй ҷону равонат бо хирад ҷуфт,
Бибар ӯро ба Дарҷа пеши хешон,
Ниҳон биспораш андар дасти эшон.
Канори рӯди Дарҷа чун расидӣ,
Ба-д-он ҷо як диҳе обод дидӣ.
Дар он диҳ ҳаст диҳгоне накӯном,
Ки номи ӯст Питраспи Спитом.
Биёбӣ хонаи ӯ, чун биҷӯӣ,
Ба-д-ӯ ин розҳо як-як бигӯӣ.
Дуруд аз мо расон бар он накӯ мард,
Ба-д-ӯ духтар супору зуд баргард».

Зи гиря чашми Дуғдӯ гашт пурхун,
Ки дур аз бобу момаш ӯ кунад чун.
...Бар аспе духтаракро барнишонданд,
Ба баргу бо наво з-он ҷо биронданд.
Бибурд он мард Дуғдӯро ба-д-он марҷ,
Супоридаш ба он диҳгони боарҷ.
Ки буд аз дудаи поки Спитом,
Ҳумоюн Петраспаш карда буд ном.

## КАРДАИ 12. АНДАР НУҲ ПУШТИ АШӮ ЗАРДУШТ ВА ДУДМОНИ СПИТОМОН

Гиромӣ Петраспи номварро
Пусе донанда буд чандин ҳунарро,
Ки номаш Пӯрушаспи пурхирад буд,
Дилу ҷон покаш аз ҳар гуна бад буд.
Ҷавоне буд гурду пилпайкар,
Хирадманду сухандону ҳунарвар.
Ки Зардушти паямбарро падар буд,
Ки то сардуда ӯ ҳаштум писар буд.
Бувад оғози дуда аз Спитом,
Ба Зардушт аст бо даҳ пушт анҷом.
Спитомони боарҷу гиромӣ
Ба Эрон дудмоне буд номӣ.
Расид он дударо сар то Манучеҳр,
Ҳама буд баста бар он хонадон меҳр.
Дарахти бас баланде сар ба Хуршед,
Ки бехаш Офаредун буду Ҷамшед.
Спитамро писар буд ном-ш Ҳардар,
Гаве буд паҳлавону пилпайкар.
Зи Ҳардар зода шуд пуре хушандом,
Ки мом Арҷат-Рашан бигзошташ ном,
Ки доно Арҷат-Аршан ном-ш бинвишт,
Мар он душвор гӯйишро фурӯҳишт.
В-аз он, к-ӯ буд зи фарзандон-ш бартар,
Падар бигмошташ з-он рӯй зӯтар,
Бизод аз Арҷат-Аршан як писар гурд,
Ки кардӣ кӯҳи хоро мушти ӯ хурд.

Гиромӣ Потраспи ял будаш ном,
Далеру ҳушманду роду ором.
В-аз он пас буд фарзона Чахишнуш,
Ки рӯю мӯю хӯяш буд ҳама хуш.
Зи пушти Потраспи ял яке пур
Зи фарзандон ҳамон буд роду пурзӯр.
Гиромӣ Ҳайчатаспи пури Чахнуш
Ба дину доду фарру донишу ҳуш,
Чаҳорум пушти Зардушти Спитом
Буд он донои бододи накӯном.
Севум пушт Урватаспи Ҳайчатаспон,
Савори бодпо, пурзӯр аспон,
Ки акнун номи ӯ Луҳросп хонанд,
Сеюм бобои вахшураш бидонанд.
В-аз ӯ омад яке фарзона фарзанд,
Ба фарру  зебу бododу хирадманд,
Ки фаррух Пайтраспаш карда буд ном
Падар, чун ӯ ба гетӣ зод аз мом.
Зи ҷуфти Пайтраспи оташафрӯз,
Ҳамон фархунда пири донишомӯз -
Писар буд Пӯрушаспи номбардор,
Ажиру росткору ростгуфтор.
Ҳамин нуҳ пушти Зардушти Спитом
Бувад, к-аз ҳар кадоме гуфта шуд ном...
Ба боло аз Спитоми накӯчеҳр
Ба панҷум пушт ояд то Манучеҳр.
Ба ҳафтум Эраҷу ҳаштум - Фаредун
Расад пушти Спитоми ҳумоюн...
Диҳе буд дар канори Дарҷа обод,
Ба-д-он ҷо зистанд эшон ҳаме шод.
Ки бунлодаш ниҳода буд Манучеҳр,
Навода з-Эраҷи тобанда чун Меҳр.

## КАРДАИ 13. БА ДУҒДӮ МЕҲР БАСТАНИ ПӮРУШАСП - ПИСАРИ ПАЙТИРАСП

Ба назди Пайтраспи бихраду род
Фароҳимурва чун духтар фиристод,

Гиромӣ Пайтрасп ӯро бипазруфт
В-аз ин дар бо зану бо духтарон гуфт.
Ҷудо аз бобу моми хеш Дуғдӯ
Ба-д-ин сон монд андар хонаи ӯ.
Лабаш нашкуфт з-андӯҳи ҷудоӣ,
Ба кас накшуд чашми ошноӣ.
Дил аз он сарнавишташ буд пурдард,
Ба дурӣ аз таборон шуд рухаш зард.
Яке з-он Пайтраспи номбардор
Писар буд покдину ростгуфтор.
Ки будаш Пӯрушаспи пурхирад ном,
Аз он, к-ӯ дошт бисёр аспи хушгом.
Миёни хоҳарон медид ҳар гоҳ
Яке бегона духтар, чеҳра чун моҳ.
Гаҳе дар чашм ашку гоҳ хандон,
Ба хона чанд гоҳе буд меҳмон.
Ба модар: «Кист,- гуфт,- ону куҷоист,
Ки равшан рӯяш аз фарри худоист.
Набуд ин гуна духтар андар ин диҳ,
Ба нозу шарму орун аз ҳама биҳ».
Бигуфт: «Ар гӯямат аз гавҳари ӯй,
В-аз он ч-овардаш ахтар бар сари ӯй,
Масозӣ ошкоро бар кас он роз,
Бад ояд бар сари он гулбуни ноз".
Ба модар баст паймон сахт фарзанд,
Ба Хуршеду ба Маҳ то хӯрд савганд.
Дили модар чу з-ӯ пур гашт, он гоҳ
Зи пинҳон рози Дуғдӯ кардаш огоҳ.
Саросар сарнавишти он ба ин гуфт,
Ҷавонро з-он шигифтӣ дил барошуфт.
Ниҳонӣ меҳри ӯ дар дил бипарвард,
Сари озодаш андар банди ӯ кард.
Зи ёрон рози дил бинҳуфта медошт,
Сухан з-он моҳрӯ ногуфта медошт.

## КАРДАИ 14. ОМАДАНИ ПАДАРУ МОДАРИ ДУҒДӮ БА ДИДАНИ Ӯ ВА БА ПӮРУШАСП ДОДАНИ ДУХТАР БА ЗАНӢ

Ба-д-ин сон рӯзу моҳу сол бигзашт,
Басо Хуршед гирди ин ҷаҳон гашт.
Фароҳимурва худ бо ҳамсари хеш
Зи бас гаштанд пазмон духтари хеш.
Ниҳонӣ омаданд аз Рай ба дидан,
Набошад то аз он огоҳ душман.
Гиромӣ Пайтирасп он дӯстонро
Пазиро гашту хуш бинвохт шонро.
Чу Дуғдӯ бобу моми хешро дид,
Зи дида ашк чун борон биборид.
Худ ӯ бар гардани он ҳарду овехт,
Ба хоки пойи онон гавҳар омехт.
Сипас дар гирди хони меҳмонӣ
Нишастанд он ҳама бо меҳрубонӣ.
Зи дарду ранҷи дурӣ ҳарчи диданд,
Басе бо ҳам бигуфтанду шуниданд.
Сипосу арҷи бемар баҳри Яздон
Ҳамегуфтанду мебуданд шодон,
Ки бо фармону аз меҳри Худованд
Хуҷиста рӯйи ҳамдигар бидиданд,
Ба он ҷо Пайтираспи роду дилсӯз
Бипурсид аз Фароҳимурва он рӯз,
Ки: «Дорам як сухан, эй марди боҳуш,
Магар хуш оядат, гар бидҳиям гӯш.
Ҳамон Дуғдӯ, ки бар маҳ монадаш рӯй,
Ба деру зуд додан боядаш шӯй.
Писар морост, номаш Пӯрушасп аст,
Ба зӯрӣ пилу дар чустӣ чу асп аст.
Яке фарҳехта-сту пурҳунар мард,
Бидида кори базму разму овард.
Ба назди ту нишастаст он диловар,
Ту худ бин, ар маро н-ояд-т бовар.
Ба ӯ бидҳем Дуғдӯро, агар ту
Шавӣ ҳамдостону модари ӯ.

Чу натвонӣ ту духтар пас бибурдан,
Набошад судат аз андӯҳ хӯрдан.
Ба дарду ранҷи Дуғдӯ аз ҷудоӣ
Ҷуз ин набвад дигар роҳи раҳоӣ.
Кунемаш ҷуфт, то шояд бувад шод,
Вагарна бидҳадаш андӯҳ барбод».
Фароҳимурва ин бишниду ором
Ба-д-ӯ гуфто: «Чунин бод, эй накӯном!»
Сипас оростанд он шаб яке сур,
Ба домоду паюги чун Маҳу Хур.
Дувонро назди оташ барнишонданд,
Ба ойини куҳан афсун бихонданд.
Биомад пеш он гаҳ зӯтари пир,
Ба ҳам доман бибасту гуфт: «Зӣ дер!»
На шаб буд он, ки равшан буд аз рӯз,
Ки хуршеде буду моҳе дилафрӯз.
Ба-д-ин сон он биҳиштӣ навниҳолон,
Ба гулбоғи расоӣ беҳамолон,
Ба ҳам гаштанд ҷуфту хурраму шод,
Накарданд андуҳу ранҷи замон ёд.
В-аз он пас Пӯрушаспи покгавҳар
Ба Дуғдӯ - навпаюги моҳпайкар, -
Ба Дарҷа зиндагишон буд бо ҳам,
Гаҳе пурханда лаб, гаҳ чашм пурнам.
Ашӯ Зардушт дар ин диҳ ба он ду
Ба гетӣ аставанд омад зи менӯ.

## ФАРГАРДИ 2. БАРХЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ ЗАМОНИ ПЕШ АЗ ЗАРДУШТ ДАР ДИНУ ОЙИН

### КАРДАИ 1. ДАР ЗАМОНИ ПЕШ АЗ ПАДИД ОМАДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ. ЧАШМИ ҶАҲОН ДАР РОҲИ ЗАРДУШТ БУД

Дар он ҳангом марзи Ориёно
Пур аз мардони бихрад буду доно.
Зи фарзандони фаррух Офаредун,
Зи тухми шоҳ Ҷамшеди ҳумоюн,

Каёну хусравони додгустар,
Нижода мӯбадони додпарвар,
Муғони порсову оташафрӯз,
Ҳама буданд доду донишомӯз.
Ба соли ҳафт чун мерафт фарзанд,
Ба дасти нек устодаш супурданд.
Ҳунар омӯхтшону донишу дод,
Диҳу шаҳру ҷаҳонро кардан обод.
Ба варзиш ҷону таншон парвариш кард,
Ҳунарҳо ёд доду нек парвард.
Сипаҳдориву шоҳӣ, шаҳриёрӣ,
Ҳунармандиву кишту домдорӣ.
Бикандан кону оюхшутгудозӣ,
Камону тиру ҷангафзорсозӣ...
Чунон фарҳангу дониш рафта буд пеш,
Ки гашт обод Эрон беш аз беш.
Буд он гаҳвораи фарҳангу фарзон,
Нишеми бихрадону родмардон,
Басо фарзонагони донишогоҳ,
Ба роҳи ростӣ паймудагон роҳ,
К-аз эшон гашт Эронвиҷ обод,
Киҳу миҳ андар он озоду дилшод,
Шукуфон сарзамине бас барӯманд,
Миёни ҳафт кишвар беҳамонанд.
Дар ин сон обу хоку боғу гулзор
Дарахте руст сабзу шангу пурбор.
Дарахте сершоху гашнреша,
Баланду сабзу боровар ҳамеша,
Ки онро ном буд Зардушт – вахшур,
Ки ойини хирадро кард дастур.
Гуҷастак Аҳриман дар хеш печид,
Ба ҷоду роҳи рашку кин басечид.
Ба ҳар суйи ҷаҳон зиштӣ пароканд,
Ба мағзу ҷону дил душтӣ биоганд,
Ба гетӣ яксара тухми бадӣ кошт,
Биҳиву меҳр аз дил хост бардошт,
Ки дар гирду канору марзи Эрон,
Бикорад донаи офанду паркон.

Зи шоҳу миҳтар он гаҳ то ба дарвеш,
Ҳама бадкор гаштанду бадандеш.
Ҷаҳон пур аз ситамгар гашту раҳзан,
Набудшон кор ҷуз тороҷу куштан.
Дар он ҳангоми бедоду пур аз ҷанг
Ҷаҳон чун гӯр шуд бар мардумон танг.
Чунон буд бими маргу тарс аз ҷон,
Ки аз ҷое ба ҷое рафт натвон.
Задандӣ хонаҳоро ҳар дам оташ,
Ба ҳар сӯ ҷангу куштору кашокаш.
Рама, ҳар ҷо, ки буд, з-Эрону Нерон,
Ба тороҷаш ҳамебурданд дуздон.
Тавоно нотавонро нон ҳаме бурд,
Ситамгар бекасонро хун ҳамехӯрд.
Зи дасти раҳзану дузду ситамгар
Сияҳрӯзу парешон буд кишвар.
Раҳоибахш бойистӣ ҷаҳонро,
Пизишке чорагар дарди замонро.
Раде бойист корогоҳу бихрад,
Ба мардум раҳнамо бар роҳи Чинвад.
Ниёз омад ҷаҳонро бар яке род,
Ки раҳ бинмояд ӯ бо донишу дод.
Раҳоибахш Зардушти Ашӯ буд,
Ки гетӣ чашм андар роҳи ӯ буд.
Ба роҳаш буд чашми Гӯш-Урвон,
Ки кай бифристад ӯро пок Яздон.
Ки он хуршед афрӯзад рухонро,
Кунад равшан ҳама рӯйи ҷаҳонро.
Саранҷом ончунон кас модараш зод,
Даруду офарин бар модараш бод!
Зи оғози бувиш ӯро фурӯҳар
Нахустин офарида буд Гаргар.
Чу омад ҳамчу Хури гоҳи Ҳован,
Ҷаҳони бостон з-ӯ гашт равшан.
Фурӯғе чун зи Хури гетиафрӯз,
Шаби торикро афрӯхт чун рӯз.

## КАРДАИ 2. ДИНУ ОЙИН ПЕШ АЗ ПАДИД ОМАДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Пажӯҳишгар, пагӯйи роду доно,
Дамону жарф дар дониш чу дарё,
Чунин бингошт, к-андар гоҳи пешин
Ба Эрон дод буду дину ойин.
Ки то Зардушт ойини биҳиро
Падид оварду кеши ростиро.
Дупоёнро ба Эрон то ба-д-он гоҳ
Парастиш буд яздонро ба ҳар роҳ.
Бимонда аз ниёгон динашон буд,
Ба ҳар ҷо гунае ойинашон буд,
Буд Эрон саргаҳи фарҳангу фарзон,
Нишеми бихрадону родмардон.
Зи гоҳи бос дар он буми обод
Гиромӣ буд дину донишу дод.
Заву Ҳӯшангро то шоҳ Ҷамшед
Парастиш буд Меҳру Моҳу Ноҳид.
Вананту Тиру Хуршеду Вараҳрон
Шумурданд аз нишони пок Яздон.
Замину осмону оташу хок,
Ҳамедун боду оби равшану пок,-
Ҳама ин назди онон андар он роҳ
Гиромӣ буду варҷованд он гоҳ.
Ба ҳар як зӯ(ҳ)ру карнишҳо бибурданд,
Сазовори сутудан чун шумурданд.
Ҳамон обе, ки буд бахшандаи ҷон,
Гиромӣ доштанд он некмардон.
Ба обон-зӯ(ҳ)р будшон пешкаш низ,
Ба ойини куҳан он гоҳ се чиз.
К-аз он бошад Худои об хушнуд,
Фаровон созад оби чашмаву рӯд:
Яке з-он афшура аз ду гиёҳе,
Дувум шири ҳар он доме, ки хоҳӣ.
Дигар аз ду гиёҳи сабзу хушбӯй
Ду барге тозаву хушрангу некӯй.
Буд ин се зӯ(ҳ)ри оби равшану пок,
Ки ҳаст он моя ҷонбахшанда бар хок.

Дигар буд поку варҷованд оташ,
Ки пайваста гиромӣ доштандаш.
Чу донистанд, к-оташ ҳамчу ҷон аст,
Раванда дар ҷаҳон з-оташ равон аст.
Ҳама ҷунбанда з-оташ ҳаст бар пой,
Гар оташ нест, кай ҷунбад вай аз ҷой?
В-аз он, к-он мояи ҷони ҷаҳон аст,
Ба гетӣ гармию гардиш аз он аст.
Ҳама дар гардиш аз он аст кайҳон
Зи гарди хок то Хуршеди тобон.
Зи баҳри оташи поки фурӯзон
Се чизе буд оташ-зӯ(ҳ)ри эшон:
Нахустин пешкаш буд ҳезуми хушк,
Дигар бӯянда чун испанду чун мушк.
Севум буд равғани покизаву ноб,
Ки оташ бештар ёбад аз он тоб.
Ҳамин се пешкаш бурданд се гоҳ-
Ба оташ, то бувад хушнуд з-ин роҳ:
Ба гоҳи бомдоду нимаи рӯз,
Ба ҳангоми фуруди гетиафрӯз.

## КАРДАИ 3. АНДАР КУШТАНИ ДОМОН БА ЗӮ(Ҳ)РИ ОБ

Канори рӯду дарё некномон
Ҳамебурданд зӯ(ҳ)ри об домон.
Ба зӯ(ҳ)ри Меҳру Ноҳид-Ардвӣ-Сур,
Ба эшон то диҳад пирӯзию зӯр,
Ҳамекуштанд мешу буз фаровон,
Ба бархӣ беварон аспону говон.
Намояд то ки Яздон меҳрубонӣ,
Диҳад рӯзию зӯру комронӣ.
Зи хунрезӣ чу тарсиданд, к-он худ
Ситондан зиндаеро ҷон ситам буд.
Аз ин рӯ, зӯтарон ҳангоми куштан
Ҳамебастанд кор ойини яштан.
Гумон бурданд, пас аз марг ҷонҳо
Ҳамегарданд пиромуни онҳо.

Ба бархӣ, гӯиё, аз мурдагон ҷон
Бипайвандад ҳаме бо Гӯш-Урвон.
Чу гардад Гӯш-Урвон зӯр з-онҳо
Ба домони нав орад боз ҷонҳо.
Фузун гарданд домону гиёҳон,
Зи баҳри мардумон аз Гӯш-Урвон.

## КАРДАИ 4. АНДАР БОЖУ БАРСАМ ВА ШИРУ ҲУМ БА ЗӮ(Ҳ)РИ ОБ БУРДАН

Ҳаме бойист гоҳи яшт зӯтар
Ба дасти чап бидорад шохаи тар,
Ки то барсам ба дасти хеш дорад,
Зи пайванди се чизаш ёд орад.
Нишон ҳамбастагиро буд барсам:
Гиёҳу дому мардум бастаи ҳам.
Чунон будӣ, ки зӯтар аз ҳамин роҳ
Пас аз пардахтани бархӣ ба ҳар гоҳ
Ба он як даста шохи сабзи урвар
Зи ширу ҳум зӯ(х)р орад ба Гаргар.
Ҳам онон ҳуму шири пок хӯрданд,
Ба-д-он дар тандурустӣ суд бурданд,
Ки ҳум афзуд нерӯву далерӣ,
Дурустӣ доду ҳангу зӯри шерӣ.
Ҳазорон дардро он гаҳ пизишкон
Ба ширу ҳум мекарданд дармон.

## КАРДАИ 5. АНДАР ОЙИНИ ГӮРОНДАНИ МУРДАГОН ДАР ЭРОНИ БОСТОН

Зи гоҳи бостон дар Ориёвеҷ
Насо дар гӯр карданду дигар ҳеҷ.
Насои мурдагонро дар замин гӯр
Ҳаме карданд андар он гаҳи дур.
В-аз они пешвоёну тани шоҳ
Гузориданд зери санг дар чоҳ.
Ба рӯйи гӯр девори баланде
Ҳаме бардоштанд аз санг чанде.

Чу садҳо сол бо ин гуна бигзашт,
Нигоҳу бовару диншон дигар гашт,
Бигуфтанд: «Он ки мирад, ҷон-ш дар сӯз
Ба пиромуни тан гардад ба се рӯз.
Аз он пас меравад зери замин ӯй,
Сари ҳар сол меорад ба мо рӯй.
Ҳамебинад, ки мо чуну чӣ рангем,
Хушу осуда, ё ранҷуру тангем.
Чу бинад некамон, дилшод бошад,
Ки хона серу шаҳр обод бошад.
Агар мо бо намозу ҷашнҳо ёд
Кунемаш, ҷони ӯ бошад зи мо шод…»
Ба-д-ин сон рафтагонро ёд карданд,
Равоншон бо накӯӣ шод карданд.
Ҷудо шуд як гурӯҳе пас зи Эрон,
Ки мехонданд онро девяснон.
Ба оташ дарфигандандӣ насоро,
Ки ҷонаш зуд пайвандад Худоро.
Ба пиндоре, ки чун тан сӯхт, ҷон зуд
Кунад сӯи Худо парвоз чун дуд…
Гурӯҳе, к-обу оташ доштӣ пок,
Наёлудӣ тани мурдор бо хок.
Насои мурдагонро то ба чанде
Гузориданд дар ҷойи баланде,
Чу каргас тоза кард аз гӯшт онро,
Насокаш гирд кардӣ устухонро,
Пас андар устадонаш нек бигзошт,
Чаҳор ахшиг з-ин раҳ пок медошт.
Ба Эрон боз то Зардушт чандин
Бимонда зинда буд ҳар гуна ойин.
Зи ҳангоми Заву Ҳушангу Таҳмосп,
Зи Ҷамшеду Фаредун то ба Виштосп.
Замона ҳар чӣ навву пешрав шуд,
Ҳамоно доду ойин низ нав шуд.
Ба дину дод ҳар к-ӯ пешво буд,
Зи худ чизи наве дар вай биафзуд…

## БАХШИ 2

## ФАРГАРДИ 1. ПАЙДОИИ АШӮ ЗАРДУШТ

### КАРДАИ 1. ХОБ ДИДАНИ ДУҒДӮ

Зи Дуғдӯ гирам акнун пеш гуфтор,
Ки чун шуд кори он хуршедрухсор.
Ба гоҳи бом рӯзе дар бари ӯ
Ба ширу ҳум омад шавҳари ӯ.
Чу нӯшиданд ҳуми поку дилкаш,
Зану шавҳар аз он гаштанд сарх(в)аш.
Ба ҳам омехтанд он гоҳ ҳарду,
Ба бистар, Пӯрушаспи гурду Дуғдӯ.
Набуд аз кори хеш огоҳ он моҳ,
Ки обистан шуд аз шавҳар-ш он гоҳ…
Шабе дар хона он хуршедпайкар
Ба хоби хуш даме бинҳода буд сар.
Ба дил андеша мекард ӯ зи ёрон,
Зи дарду ранҷи дурӣ аз таборон.
Яке абри сиёҳе дид нохост,
Ки болои сари ӯ тунд бархост.
Ҳамеомад ба сӯяш абр чун тир,
Ба сони шери ғуррон рӯйи нахчир.
Ба рӯйи осмон дигар чунин абр
Падид омад басе чун хашмгин бабр.
Баромад ногаҳон з-он абри торик
Яке даррандаву омад-ш наздик.
Ба панҷа ӯ тани Дуғдӯ дуто кард,
Дариду кӯдакаш аз тан ҷудо кард.
Бизад фарёду рафт аз ҳуш Дуғдӯ,
Ба ёрӣ кас наомад бар сари ӯ.
Ба худ чун омаду бикшод чашмон,
Надидаш ёрманде, гашт гирён.
Ҷавонеро баногаҳ дид зебо,
Ба назди ӯ ба ёрӣ гашт пайдо.

Ба дасташ чӯбдасте чун шубонон,
Ба дигар номае чун ирмагонон.
Парешон гашт он гаҳ абри тира,
Ҳам он дарранда з-ӯ бигрехт хира.
Ҷавон бигзошт кӯдакро ба ҷояш,
Ҳамон дам шуд равон Дуғдӯ ба пояш.
Ҷаҳон аз хоб сар бардошт Дуғдӯ,
Зи тарси он ҳама дар ларза буд ӯ,
Бирафт он гаҳ давон то назди шавҳар,
Ба гиря хоби худ гуфташ саросар.
Бигуфт: «Он буд пайғоми Худованд,
Ки аз душман нигаҳ дорӣ ту фарзанд,
Ба душчашмону бадхоҳон мабиншин,
Биҷӯ дурӣ зи бадкешони душдин.
Матарс аз кори бачча, з-он ки Яздон
Бувад аз ҳар баде ӯро нигаҳбон.
Хирад буд хоста з-он «нома» он ҷо,
Нишон буд «чӯб» некӯ сарвариро.
Падид ояд ба гетӣ аз ту фарзанд,
Бигардад раҳбари роду хирадманд,
Шавад ӯ пешво мар мардумонро,
Зи торикӣ раҳонад ин ҷаҳонро.
Матарс аз хоби хеш, эй моҳрухсор,
Ки Яздон муждае додат ба ин бор.
Ки он чӯбе, ки дар дасти ҷавон буд,
Нишон аз раҳбарӣ бар мардумон буд.
Дигар он нома, к-аш дар даст дидӣ,
Зи доду ростӣ додат навиде.
Кунад ӯ бо хирад фармонравоӣ,
Намояд роҳ сӯи рӯшноӣ…»
Ба-д-ин сон Пӯрушасп он хоби Дуғдӯ
Гузорид ончунону шод гашт ӯ.

## КАРДАИ 2. ЗОДА ШУДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Аз он гаҳ чанд моҳу рӯз бигзашт,
Раҳи Хуршед бар Парвин чу баргашт,
Расид он гоҳ Фарвардини фаррух,
Чаман зад обуранги тоза бар рух.

Замин шуд чун паюгон парниёнпӯш,
Паранди гул баҳор андохт бар дӯш.
Ба бӯйи гул ба гулшан маст мурғон,
Ба гӯши гул ҳазорон достонхон.
Биомад мӯсафеди абр дар сур,
Ба базми шоҳдухти гул чу ганҷур,
Басо гавҳар фурӯ чошид бар сар,
Фаровон рехт аз доман ба сар зар.
Камони ҳафтранги Тиштари пир
Ба зеҳ кард Ораши Хуршед бе тир.
Хурӯшон ронд тундар тунд аспон,
Ки ҷаст аз сумми асп озаргушаспон.
Биомад боз озаргун ба арғушт,
Ба дарҳо пайки наврӯзӣ бизад мушт:
Ки: «Ҳон, бархез аз хоби зимистон,
Нигар бишкуфтани гул дар гулистон.
Ба растохез монад рӯзи Наврӯз,
Бимурдан, зинда гаштан з-он биомӯз.
Гиёҳон сар бурун карданд аз хок
Ба дидан коргоҳи Гаргари пок».
Дар он фархунда ҳангоми баҳорон
Бурун буд рафта Дуғдӯ бо нигорон.
Миёни духтарон Дуғдӯ чунон буд,
Ки хуршеде миёни ахтарон буд.
Ба монанди тазарвон дар гулистон
Ҳамебуданд мастона хиромон.
Яке дарде ба худ дарёфт он моҳ
В-аз он ёрони худро кард огоҳ.
Биоварданд ҳамроҳон шабона,
Ба хуштоман супурдандаш ба хона.
Зи Фарвардини фаррух рафта буд панҷ,
Ки ӯ дарёфт дар худ ончунон ранҷ.
Хашоманро бигуфт: «Эй модари ҷон, ,
Биё, бипсеч, меояд-т меҳмон».
Хашоман шод гашту гуфт: «Хуш бош,
Ки дар пойи чунон меҳмон мурам, кош!»
Нишастанд он накӯвон то дами рӯз
Ба роҳи он чароғи гетиафрӯз.

Пагоҳон чашми он маҳ гашт равшан,
Зи  Фарвардин шашум, дар гоҳи Ҳован.
Чу дидандаш писар буд он гули тар,
Лабон чун ахгару рух ҳамчу озар,
Зи андоза бурун гаштанд дилшод
Аз он чун гавҳари шаҳвор навзод.

## КАРДАИ 3. НОМ НИҲОДАНИ «ЗАРДУШТ» НАВЗОДРО

Чу бишкуфт он гули фарвардгонӣ,
Баҳори доду динро муждагонӣ,
Ҳамон дам меҳрубон модар бурун рафт
Ба назди Пӯрушаспи пурҳунар тафт.
Бигуфто: «Чун яке тобанда хуре
Бидод Эзад туро фархунда пуре.
Ба мо аз гавҳари поки Фаредун
Бизод имрӯз фарзанде ҳумоюн…»
Расид он мужда бар хешон ҳамон рӯз,
Ки хуре зод з-он моҳи дилафрӯз,
Ба гирдаш анҷуман гаштанд хешон,
Анӯшободгӯю офаринхон.
Ба Фарвардини фаррух, рӯзи Хурдод
Бикарданд он чи буд ойини навзод.
Ҳаме з-он баччаи покизарухсор
Биомад бас шигифтиҳо падидор.
Лабаш чун ғунча буд пайваста хандон,
Зи модар шод зоду монтрохон.
Бихонд ӯ бо забони худ «Аҳунвар»,
Магар кас дид навзоде суханвар?
Фурӯ монданд, к-он як баччае хурд
Ба-д-он сон вожаҳоро бар забон бурд.
Нигаҳ карданд дар вай жарф хешон,
Дар ӯ диданд бас розест пинҳон.
Рух озаргуну мӯяш буд заргун,
Чу рӯю мӯйи Ҷамшеду Фаредун.
Гушода ҳар ду чашмаш буд ҳушёр,
Хирад буд аз нигоҳонаш падидор.

Бигуфтанд, ин писар гардад яке рӯз
Ба дуда раҳнамову донишомӯз.
Хирадманде шавад бо донишу дод,
Бигардад дудмонро раҳбаре род.
Аз он рӯ пешбинони Спитом
«Зарат-уштра» ниҳоданд он гаҳаш ном,
Ки аз «зар» буд биҳу пур-арҷ ориш,
Ба «уштур» аз хирад будшон гузориш.
Гиромӣ номи ӯ шуд з-он «Шутурзард»,
Ки ориш буд аз он «Волохирад мард».
Ба-д-ин сон ном Зардушташ ниҳоданд,
Дар он ҳангом пирони хирадманд.

## ФАРГАРДИ 2. КӮШИШИ АҲРИМАН ДАР КУШТАНИ ЗАРДУШТ

### КАРДАИ 1. ОМАДАНИ ДӮРАСАРОБ БА КУШТАНИ ЗАРДУШТИ НАВЗОД

Ба-д-он гаҳ буд дар Эрон яке мард,
Ки дар ҷоду набудаш кас ҳамовард.
Миҳист ахтаршиноси он замон буд,
Сару саркардаи ҷодугарон буд.
Буд ӯ афсунгари номӣ ба-д-он гоҳ,
Бузурги ҷодувон дар даргаҳи шоҳ.
Буд он бадкеши бадкору пуравранд
Миёни мардумон бас обрӯманд.
Тавонгар буду дасте дошт боло,
Ба найранг ӯ зи мардум бурд коло.
Ба мардум ӯ ситам мекарду бедод,
Зи хун хӯрдан сараш буд гашта пурбод.
Касе гар сар кашид ӯро зи фармон,
Ситондӣ он ситамгар зуд з-ӯ ҷон.
Касе к-аш хуш наёмад низ дар чашм,
Ҷудо кардӣ сар аз тан аз сари хашм.
Чу морон буд буруни ӯ нигорин,
Дарун оганда заҳраш буд аз кин.
Ба берун чун чароғи анҷуман буд,

Дарунаш коргоҳи Аҳриман буд.
Шаманҳо зери фармон дошт ӯ бас,
Зи шогирдон-ш ҷоду буд бас кас.
Ба перомуни ӯ ҳамчун параста
Миён дар кори ӯ буданд баста.
Дурӯғин буд ҳама гуфтору кирдор,
Ҳамеша ростиро буд ҳамистор.
Сиришташ аз дурӯғу рашку кин буд,
Биришта аз бадӣ буд тор то пуд.
Будаш Дӯрасароби ҷодуӣ ном,
Ки бо афсун фикандӣ дев дар дом.
Яке рӯзе фароҳам хонд ёрон,
Ба гирди хеш, то бастанд паймон.
Ба онон гуфт: «Навзоде аз ин рӯй
Ба Эрон тоза омад, тарсам аз ӯй.
Чу гардад ӯ бузургу гурду доно,
Бирезад назди мардум оби моро.
Бидидам ман фурӯзон ахтари ӯй,
Ба боми осмон, ояд ба ин сӯй.
Ҳаметарсам, ки фардо чун кашад сар,
Шавад зеру забар з-ӯ ҳафт кишвар.
Равад аз даст моро афсару тахт,
Бувем он рӯз бадрӯзу нагунбахт.
Маро андеша дар дил куштани ӯст,
Ба хоку хун дарун оғуштани ӯст.
Ҳамакнун боядам куштан, ки фардо
Бигардад деру натвонам, мабодо».
Чунин гуфту зи ҷойи хеш барҷаст,
Миёнро сахт он бадкеш барбаст.
Ниҳон теғе ба зери остин кард,
Зи кина рӯйи пурожанг чин кард.
Ба ҷойи хоби он навзод пинҳон
Шабонгаҳ рафт бар кирдори гургон.
Ба хоби ноз буд он гоҳ Зардушт,
Гирифт аз пой ӯро сахт дар мушт.
Пас аз гаҳвора берун-дар кашидаш,
Ба назди хеш, то беҳтар бидидаш.
Гирифт он теғу дасташ бурд боло,
Ба сина хост кӯбад теғи бурро.

Ба фармони Худо шуд дасти ӯ сахт,
Ҳамоно, даст беҷон дид бадбахт.
Басе тарсиду з-он ҷо тафт бигрехт,
Карахту гунг об аз дидагон рехт.
Ба дарду ранҷ бо беҷон яке даст
Ба хона то дами мурдан-ш биншаст.
Спитомон аз он огаҳ набуданд,
Ки андар шаб чӣ пеш омад ба фарзанд.
Ба хоби шаб ҳама нофи Спитом
Зи ранҷи рӯз мебигирифт ором...

## КАРДАИ 2. АНДАР ГУЗОРИШИ ИН АНГОРА, КИ ФАРОМРӮЗИ РУСТАМҶӢ КАРДА

Ҳамин афсонае буд дар гузашта,
Зи гоҳи бостон омад набишта,
Ки гоҳи кӯдакӣ, гӯянд, рух дод
Нахустин бор бо Зардушти навзод.
Кунун бишнав, к-аз ин гуфтори ширин
Чи буда ориш андар гоҳи дерин.
Хирадмандони боҳуш андар он гоҳ
Сухан гуфтанд бо шогирд з-ин роҳ,
Заданд ин достон, то гардад осон
Ба донишҷӯй аз бар кардани он.
Дар ин ангора, чун дидӣ, се чиз аст,
Якум деву дувум теғу севум даст.
Якум Дӯрасароб он деви ҷоду,
Ки кину рашкро тандес шуд ӯ,
Чу сӯзи оташи рашк аст бедуд,
Бисӯзад кинатӯз аз ранҷ бе суд.
Ашӯвон рашку кин дар дил натӯзанд,
Ки рашку кин ду деви хонасӯзанд.
Ба дил Зардуштро аз гоҳи хурдӣ
Ҳар ойин рашку кина раҳ набурдӣ.
Нигоҳаш дошт з-он девон Худованд,
Зи кину рашк кард ӯро падофанд.
Дилаш буд пок модарзод з-он ду,
Набудаш роҳ бар девони ҷоду.
Дувум он теғи дасти деви кин аст,

Забон асту дурӯғу лоф з-ин аст.
Худованд аз дурӯғ ӯро нигаҳ дошт,
Ба ҷони покаш олудан набигзошт.
Дурӯғу худситоӣ, лофу аҷранд,
Фиребу ҷодуӣ, афсуну тарфанд,
Ҳама хӯе, ки буд вижа ба девон,
Нигоҳаш дошт аз он пок Яздон.
Дурӯғу худписандиро сари мӯй
Набудӣ роҳ ҳаргиз бар дили ӯй.
Севум «даст»-е, ки бар куштан-ш бардошт,
Ба-д-он гӯянда нерӯро биангошт.
Ки чун бардошт дасти худ ба куштан,
Ҳамон дам хушк шуд он дасти душман.
Аз он буд хоста, к-андар тани ӯ
Набошад коргар ҳар гуна нерӯ.
Зи модар поку беоҳу бизод ӯ,
Ба худ нерӯи бадро раҳ надод ӯ.

## КАРДАИ 3. ДУ ДИГАР КӮШИШИ АҲРИМАН, БА ЗЕРИ ПОЙИ ГОВОН АФГАНДАНИ ДЕВОН ЗАРДУШТИ НАВЗОДРО

Чу гашт он деви кину рашк ноком
Ба ҷанги хеш бо пури Спитом,
Гуҷастак Аҳриман роҳе дигар ҷуст,
Ба найранги наве баст ӯ камар чуст.
Бигуфто: «Ар намурд аз теғ Зардушт,
Дигар аз роҳи ҷоду боядаш кушт.
В-агар кора накардаш зӯри бозу,
Тавонам чорае кардан ба ҷоду».
Сипас ҷодугаронро гирд бинмуд,
Ба-д-онон нав яке найранг фармуд.
Ба шаб як марди ҷодуро фиристод,
Фусунхон то биомад назди навзод.
Чу андар хоб дидаш рафта модар,
Бибурд аз хона он кӯдакро фусунгар.
Ба дасту теғ чун куштан наёрист,
Биомад пеши девон, то чӣ боист?

Бигуфтандаш ба зери пойи говон
Гузоремаш, шавад бо хок ҳамсон.
Пагоҳон бар сари роҳаш ниҳоданд
Зи чашми раҳгузар пинҳону дар банд.
Гузори пода з-он раҳ буд ҳар рӯз
Ба ҳангоми дамиш аз гетиафрӯз.
Ба худ гуфтанд: «Чун он пода бигзашт,
Ба хоки роҳ хоҳад рӯйи ҳам гашт».
Чу омад пода то ин ҷо, яке гав
Биомад сӯи он навзод бо дав.
Ба рӯйи бачча омад он гову бо зӯр,
Зи ҳар сӯ дошт говонро аз ӯ дур.
Миёни чор пой ӯро нигаҳ дошт,
Ба говон омадан он сӯй нагзошт.
Сутун кард он чаҳорашро зи ҳар сӯй,
Ки говон з-ӯ тиҳӣ карданд паҳлӯй.
Ба-д-ин сон гашт он говаш нигаҳбон
Ба фармони нигаҳдоранда Яздон.
Шабонгаҳ чун бишуд бедор Дуғдӯ,
Ниюшо гашт бар гаҳвораи ӯ,
Ба гӯшаш н-омад овозе аз он ҷой,
Ҷаҳон бархост аз бистар-ш бар пой.
Нигаҳ карду надид он кӯдаки хеш,
Фиғоне карду рафт аз ҳуш, дилреш.
Таборон з-он ҳама бедор гаштанд,
Мар он навзодро ҷустор гаштанд,
Басо ҷустанду пайдо менагашт ӯ,
Ҳама он дуда андарвож ҳар сӯ.
Зи дида хун ҳамеборид модар-ш,
Спитомон ҳамедун дар баробар-ш.
Пагоҳон як шубоне дид ногоҳ,
Ки гове рост истода сари роҳ.
Ба зери худ гирифта он писарро,
Бикардӣ дур говони дигарро.
Гирифташ бегазанд аз роҳу пас бурд,
Ба дасти бобу момаш боз биспурд.
Ба гови пиру бар фархунда чӯпон
Сипосу арҷ бурданд он накӯвон.
Ки бачча бе зиён вораст аз бад,

Ба фармону ба коми пок Эзад.

## КАРДАИ 4. ГУЗОРИШИ ФАРОМРӮЗИ РУСТАМҶӢ АЗ ИН ДОСТОН

Ба гоҳи бос пирони хирадманд
Суханро аз раҳи афсона гуфтанд.
Рухи андеша буд дар пардаи роз
Ниҳон чун навпаюги сарбасар ноз.
Чунин бинвишт пири донишалфанҷ,
Ки буд ганҷи суханро ӯ гуҳарсанҷ.
Чу ойин буд пирони куҳанро,
Ниҳон дар парда гуфтандӣ суханро.
Ки ориш мағзу гуфтор аст чун пӯст,
Биё, мағзи сухан дарёб, эй дӯст.
Бигӯям «пода» чисту «подабон» кист,
Раҳоибахш гови меҳрубон чист.
Ҳама пешомади кори ҷаҳонро,
Ҳамедун рӯйдоди ҳар замонро,
Бикарданд ирмагонон «пода» ангор,
Ки дар шогирд гунҷад он ба пиндор.
Ба роҳи зиндагӣ ҳар рӯйдоде,
Ки ояд бар сар аз андӯҳу шодӣ,
Ашӯ Зардуштро то вопасин дам,
Ҳаме омад ба сар аз беш ё кам,
Набитвонад бибастан роҳи ӯро
Ба сӯи ростиву кеши Маздо.
Чунон чун пода натвонист-ш пахшуд,
Насозад ҳеҷ пешомад-ш нобуд.
Ба дини ростӣ то ҷовидон монд,
Ҳама шуд пиру танҳо ӯ ҷавон монд.
Ҳар он-ч омад ба сар-ш аз рӯзгорон
Зи рашку кину ҷанги зишткорон,
Набитвонист онро аз ҷаҳон бурд,
Биҳиву ростиро ном бистурд.
Ки ӯ доду хирадро роҳпӯ буд,
Ба Додори Хирад ӯ роҳҷӯ буд.
Чароғи доду донишро барафрӯхт,
Ҷаҳонро ростиву некӣ омӯхт.

Ҳам он гове, ки аз пода нигаҳ дошт,
Ба зери пой гаштан пахш нагзошт.
Шудаш андахс аз пешомади бад,
Ки осебе ба ҷону тан наомад.
Дар ин ангора назди он бузургон
Бувад тандес гов аз Гӯш-Урвон.
Чаро, к-андар забони Занду Позанд
Замину осмонро «гов» гуфтанд.
Биномиданд доно маздаяснон
Равони ин ҷаҳонро «Гӯш-Урвон».
«Равони Гов» бошад «Гӯш-Урвон»,
Замину осмонро он бувад ҷон.
Равони Гов ҷони ин ҷаҳон аст,
Нигаҳдори ҳама ҷони биҳон аст.
Дигар ин ҷо ту бинӣ «подабонон»
Бипурсӣ: «Чист ориш аз шубонон?»
Фиришта-ст он, ки неконро шубон аст,
Зи Аҳриман ҷаҳонро посбон аст.
Ба дасти ӯ чу темори ҷаҳон буд,
Аз ин рӯ ном ӯро «подабон» шуд.
Дигар - «роҳ»-е, ки домонро гузор аст,
Нигориш аз гузашти рӯзгор аст.
Замон аст он гузаргоҳи даду дом,
Ки доно «роҳ» бинҳодаш ҳаме ном.
Дар он пурпеч роҳи он замона
Нигоҳаш дошт он гови ягона.
Худованд аз газанди рӯзгорон
Ҳамеша дошт пирӯзу таносон.

## КАРДАИ 5. СЕ ДИГАР КӮШИШИ АҲРИМАН БА ЗЕРИ ПОЙИ АСПОН АФКАНДАНИ БАДХОҲОН ЗАРДУШТРО БО ФАРМОНИ АҲРИМАН

Чу гашт олуғда Аҳреман ба-д-он рӯз,
Ки бар вай гашт он навзод пирӯз,
Дижам гардиду девонро фаро хонд,
Ба аспи Хашму Киншон тафт биншонд.
Ба онон гуфт: «Ӯро зуд оред,

Ба зери пойи аспонаш гузоред.
Бигардонед аспон бар сари ӯй,
Шавад то реза-реза пайкари ӯй.
Ба сумми асп кӯбед устухонаш,
Намонад дар ҷаҳон ному нишонаш!»
Ба шабҳангом дуздони бадандеш
Бисечиданд аспу найзаи хеш.
Ба сӯи хонаи Дуғдӯ биронданд,
Ба тунбул хешро миҳмон бихонданд.
Чу посе рафт аз шаб, бидсиголон
Ба гоҳи хоб рафтанд аз сари хон.
Чу Дуғдӯ хоб буду шавҳари ӯй,
Сари дуздон даромад аз дари ӯй.
Фусунхонон ба хона андарун шуд,
Гирифт он баччарову з-он бурун шуд.
Бидод овоз дуздони дигарро,
Ки ӯ овард бо худ он писарро.
Ба тезӣ пас савори асп гаштанд,
Дурӯза раҳ ба як шаб дарнаваштанд...
Зи хоби ноз Дуғдӯ шуд чу бедор,
Бари гаҳвора омад, шуд шунидор.
Аз он овози он навзод нашнид,
Чу пармосид, гаҳвора тиҳӣ дид.
Хурӯшон гашту рӯю мӯй барканд,
Ки дев аз хона дуздидаш ҷигарбанд.
Дарида ҷома, мезад мушт бар сар-ш,
Ба ашку хун ҳама тар гашт пайкар-ш.
Биоварданд дуздони сияҳрӯй
Кашон Зардуштро аз гардану мӯй.
Миёни аспрез-андар фиганданд
Тани танҳои вахшури Худованд.
Саворон гирд гаштанд андар он ҷой,
Даву зӯрозмоӣ гашт барпой.
Замин з-анбӯҳи аспон андар он дашт
Ба зери чангу гарду хок гум гашт.
Ҳаме ронданд тезу тунд девон,
Ба сӯи бачча аспонро ғиревон.
Ки дар зери лагад кӯбанд аспон-ш,
Ба хоки тира то созанд ҳамсон-ш.

Баногаҳ кард аз он сӯй парвоз
Яке аспи сапеди гарданафроз.
Баромад тезчашму оташинсум,
Ҳама симин - тану ёлу сару дум.
Чу тири Ораш он аспи хушандом
Парид, омад бари пури Спитом.
Ба болои сари ӯ рост истод,
Ки аспе то дар он сӯ пой нанҳод.
Ба зери хеш пинҳон дошт пайкар-ш,
Бизад аспону дур андохт аз бар-ш,
Зи ҳар сӯ чор пояшро сутун сохт,
Чу аспе пеш омад, дураш андохт.
Миёни аспрес афрохт гардан,
Кашон ошеҳа бипроканд душман.
Чу аспон он шигифти нев диданд,
Аз он зӯру тану тӯшаш рамиданд.
Саворонро ба дил афтод бас бим
Аз он аспи сапеди пок чун сим.
Ба ҷуз он аспи оташхӯи зебо,
Ҳама тарсон бурун рафтанд з-он ҷо.
Гурӯҳе аз саворон ин чу диданд,
Пажӯҳанда ба наздикаш расиданд.
Бididанд он яке аспе шигарф аст,
Саропо дар сапедӣ ҳамчу барф аст.
Гирифта кӯдаке навзод дар зер,
Ажиру зӯрвар чун баччаи Шер.
Фурӯ монданд андар кори Додор,
Ки аспе чун зи кӯдак дошт темор?
Ба шаҳр овоза карданд он чи диданд,
Спитомон аз ин дар то шуниданд...
Бигуфтанд ин суханҳо гар бувад рост,
Ҳамоно, бегумон фарзанд аз мост...
Бирафтанду биоварданд хона,
Ба суру бахшишу бо шодиёна.
Зи дида гавҳар аз шодӣ ба домон
Ҳамеборид Дуғдӯ ҳамчу борон.

## КАРДАИ 6. АНДАР ГУЗОРИШИ ИН АФСОНА, КИ ҲАМОН ДОНИШМАНД КАРДА

Чунон, к-ангошт он пири сухангӯй,
Ки аз дарёи фарзон буд гуҳарҷӯй.
Кунун, эй раҳнаварди роҳи пурроз,
Ман он гуфтори рангин гӯямат боз.
Биё, бар тавсани андеша биншин,
Ба парвоз ою рози осмон бин.
Суханро дар тарозуи хирад санҷ,
Ки дар ҳар вок дорад сад дари ганҷ.
Ба гоҳи бостон пирони огоҳ,
Ба дониш роҳ меҷустанд з-ин роҳ,
Хирадро аз раҳи ангора ҷустанд,
Ба ҳар пармуда номеро бибастанд.
Ҳамон нерӯи донишро ба кайҳон
Ба асп андоза карданд он бузургон.
Ба ҳушёрии аспу тезии гӯш,
Задандӣ достон аз тезии ҳуш.
Дар ин устура, эй марди сухангӯ,
Савора марду аспи ӯст нерӯ.
Савори аспи тактези тадавгун
Ба як мижгон задан бинвашт гардун.
Бар аспи тезрафтори заминпӯй,
Ҳама бигзаштаву оянда дид ӯй.
Бувад аспи сафед андешаи нек,
Шавад з-он рост кору пешаи нек.
Агар дорӣ ба дил андешаи рост,
Кунӣ пайваста кору пешаи рост.
Фаришта Воҳуман бошад туро ёр,
Ҳамеша созадат пирӯз Додор.
Чи покандеша буду рост Зардушт,
Набитвонист нерӯи бадаш кушт.
Бикӯшиданд бас деву дурӯҷон
Зудудан номи он гундо зи гейҳон,
Басо донишваронро пеш хонданд,
Ба куштан-ш аспи кӯшиш пеш ронданд,
Баранд аз ин миён то дини ӯро,
Гузину ростин ойини ӯро.

Зудоянд аз ҷаҳон ному нишонаш,
Або фарзону панди ҷовидонаш,
На дини ӯ тавонистанд бурдан,
На ном аз номаҳо ӯро сутурдан.
Сипантои хирад то ҷовидон монд,
Биҳию ростӣ андар ҷаҳон монд.
Ҳамон аспи сапеди оташинсум,
Ки шуд андахси ӯ аз девмардум,
Буд он андешаи неку сипанто,
Ки мар Зардуштро бахшид Маздо.
Кунун бишнав, ки чист он чор пояш,
Ки асп он гаҳ сипар кард аз барояш.
Нигоҳаш дошт аз аспони дигар,
Ки девоншон ҳамеронданд бар сар.
Чунин бингошт он пири хирадманд,
Ки он ҳар чор чор амшоспанданд.
Нахустин Воҳуман, он Баҳмани пок,
К-аз он «Андешаи нек» аст пачвок.
Биҳин андешаи Маздо-Аҳӯрост,
Миҳисту поку варҷованду волост.
Нигаҳбон донишу фарҳангу фарзон,
Бувад наздиктар неруи Яздон.
Дувум ангориш аз Ардибиҳишт аст,
Нигаҳбон ростиро он фаришта-ст
Ки доду ростиро он нигаҳдор
Бувад, неруи варҷованди Додор.
Севум Шаҳревар он неруи пок аст,
Ки воло шаҳриёрирост он даст.
Фаришта, тандурустирост миҳтар,
Ҳама оҳангаронро ӯст сарвар.
Чаҳорум пой Испандормад дон,
Фариштаи ромишу осудагӣ хон.
Сипантои хирадро посбон аст,
Фурӯғи рӯйи Поки Ҷовидон аст,
Буданд ин чор неруи Аҳӯро
Нигаҳдоранда Зардушти ашӯро.

## КАРДАИ 7. ЧАҲОРУМ КӮШИШИ АҲРИМАН. ДАР САРИ РОҲИ ГУРГОН ГУЗОШТАНИ ЗАРДУШТ

Аз он некӯсиришти покгавҳар
Чунин гуфтанд пирони суханвар,
Ки бад дар ҷону тан ҳаргиз набудаш,
Зи некӣ буд саришта тору пудаш.
Бипарвардаш ба меҳру ноз модар,
Ки рӯз аз рӯз мегаштӣ накӯтар.
Хирад буд аз ду чашмонаш намоён,
Зи рӯяш фарраи Эзад фурӯзон.
Ҳама ахтаршиносон андар он гоҳ,
Шуданд аз ахтари фаррух-ш огоҳ.
Сияҳкорон аз он фархунда навзод
Ҳаме андӯҳгин буданду ношод.
Зи ҳар раҳ хостанд ӯро бикуштан,
Ба хоки тира мағзу хун сириштан.
Гуҷастак Аҳриман, к-аз рашк месӯхт,
Ба девон боз тарфанди нав омӯхт.
Ба-д-онон гуфт: «Бо найрангу афсун
Биоредаш ниҳон аз хона берун.
Ба ҷангал ҳаст гургонро гузаргоҳ,
Миёни хушку тар пурбим як роҳ.
Биорему ба-д-он ҷо афганемаш,
Хӯроки тӯдаи гургон кунемаш.
Намонад то аз ӯ ному нишоне,
Вагарна з-ӯ расадмон бас зиёне...»
... Ба ҷангал андарун рафтанд дуздон,
Ба зери шоху баргу чӯб пинҳон.
Шабонгаҳ модагургони пурафсун
Бирафтанд аз куноми хеш берун.
Ба-д-он ҷое шуданд аз баҳри ишкор,
Ки он ҷо буд гову меш бисёр.
Чу з-он ҷо модагургон дур гаштанд,
Ҳама нахчирҷӯён баҳри фарзанд.
Зи зери чӯбу шоху барг девон
Бурун ҷастанд шодона шитобон.
Ба ҳар ҷо буд сӯроху мағоке,
Ҷаҳу гавдолу ғоре бимноке,

Ба он ҷо ҳар кадоме зуд рафтанд,
Ба дастон баччаи гургон гирифтанд.
Биовардандашон пас дар сари роҳ,
Ки он ҷо буд гургонро гузаргоҳ.
Ҳама он гургаконро андар он ҷой,
Шикастанд аз миёну гардану пой,
Забону чашму гӯшу сар биканданд,
Парешон лоша дар ҳар сӯ фиганданд.
Аз он сӯ чанд бадкори бадандеш
Ҳамон шаб асп ронданд аз пасу пеш.
Ба сӯйи хонаи Дуғдӯ бирафтанд,
Сари пурбоду дилҳои пуравранд.
Спитомон аз он огаҳ набуданд,
Ҳама дар хонаҳо хуш хуфта буданд.
Ниҳонӣ бадсиголон дар шаби тор
Ба хона андарун гаштанд чун мор.
Буд он ҷо гавҳари чашми Спитом
Ба хоби ноз он гаҳ хуфта ором.
Ба хоби Пӯрушасп аз пеши Дуғдӯ
Бидуздидандаш он девони ҷоду.
Ба ҷангал тафт оварданд з-он ҷой,
Кашон аз гӯшу мӯю гардану пой.
Ба пеши баччаи гургон ниҳоданд,
Ба дастон чӯби хунолуд доданд.
Ки гургон чун гузар созанд з-он роҳ,
Шаванд аз гургакони кушта огоҳ.
Чу бинандаш, ки дорад чӯб дар даст,
Гумон созанд, к-ӯ он кор кардаст.
Ба дасту панҷаи олуда бо хун,
Зи хуни гургакон доман-ш гулгун,
Бубинанду дижам гарданду аз хашм
Бипахчанду зи ҳам пошанд чун пашм.
Ба-д-ин андеша девони сияҳрӯй,
Ниҳон рафтанд аз он ҷо ба ҳар сӯй.
Ба ҳангоме ки гургон бозгаштанд,
Ба ҷангал боз аз он раҳ гузаштанд,
Дар он раҳ баччагоншон кушта диданд,
Ба хуну хокашон оғушта диданд.

Ҳам он ҷо баччаи мардум яке буд,
Ки дасту панҷагон бо хун биёлуд,
Ба дасташ чӯбаке тар гашта аз хун,
Зи хуни гургаконаш ҷома гулгун.
Барошуфтанду барҷастанд аз хашм,
Дижам гаштанду хун бигрифташон чашм,
Даҳон з-олуғдагишон гашт чун ғор,
Бишуд мӯ ростшон чун ёли кафтор.
Ба сӯи бачча он гаҳ кинахоҳон
Ба тундӣ тохтан карданд гургон.
Пур аз ожанг рӯю пӯж хашмин,
Чу деви марг бадрангу пажогин.
Ба чашмони дурахшони тулангӣ,
Ба чанголи чу чанги чарғи ҷангӣ.
Чу наздик омаданд он модагургон
Ба он як баччаи бебоку хандон,
Баногаҳ пойҳошон бар замин рафт,
Агарчанде ки буд он гаҳ замин жафт.
Фурӯ рафтанд гургон пой дар гил,
Ҳама бардоштанд аз ҷони худ дил.
На пас рафтан тавонистанду не пеш,
Зи кори хештан навмеду дилреш.
Чу шоҳи осмон парчам барафрохт,
Сияҳ чодар ҷаҳон аз сар барандохт,
Сар омад гоҳи шоҳӣ шоҳи шабро,
Зи сар андохт шаб хиргоҳи шабро.
Замин он гоҳ бо фармони Яздон
Халобе гашт он ҷо баҳри гургон.
Ба зери хок кайкону карафшон
Шуданд аз партави Хуршед пинҳон.
Чу Зардушт аз ғунудан чашм молид,
Ду бузро ӯ ба назди хештан дид.
Ба пистон-дар фаровон ширашон буд,
На бок аз гургу не аз шерашон буд.
Ба фармони Ҳамабахшо Худованд
Бузонаш андар он ҷо шир доданд.
Ба пеши чашми гургони хуношом,
Бузонро мемакид ӯ рӯз то шом.

Ҳар он се шодмон буданду хандон,
Набудшон тарсу бим аз модагургон...
Ба-д-он гоҳе, ки Зардушти накӯрӯй
Шабонгаҳ ногаҳон гум гашт аз кӯй,
Шуданд огоҳ бобу мому хешон,
В-аз он гаштанд дилрешу парешон.
Фиғону нолаю фарёд карданд,
Ба гиря хок бар сар бод карданд,
Бичустандаш ба ҳар кӯю дару бом,
Нашуд пайдо нишоне з-он накӯном.
Надонистанд, к-аз гардун чӣ омад-ш,
Касе огаҳ набуд аз неку аз бад-ш.
Пас аз се рӯз аз бархе шуниданд,
Ки дар ҷангал пайи аспон бидиданд.
Ба-д-он пайҳои пойи асп якчанд.
Бичӯён аз пасу аз пеш рафтанд.
Саранҷом аз миёни ҷангал ӯро
Дурусту безиён карданд пайдо.
Чу кори гургу буз бо бачча диданд,
Сари ангушт бо дандон газиданд.
Шигифтиҳои чархи гирдгардон
Бидиданду фурӯ монданд дар он.
Савори аспаш аз он ҷо бибурданд,
Ба диҳ бар меҳрубон модар супурданд.
Пас аз Бахшандаву Додори кайҳон
Сипосу арҷ бинҳоданд хешон,
Ба базму сур пас карданд оғоз,
Яке хоне бигустурданд пурноз.
Аз он пас Пӯрушаспи неккирдор
Ба дарвешон диҳиш бахшид бисёр.
Зи ширу ҳуми поку равғани ноб
Бибурд ӯ зӯ(ҳ)р баҳри оташу об... *?*

## КАРДАИ 8. ДАР «ГУРГОН» ВА «БУЗОН», КИ ФАРОМРӮЗИ РУСТАМЧӢ ГУФТА

Кунун бишнав, ту, эй пӯяндаи роҳ,
Ба сӯи Эзади Ҳарвисп-огоҳ.

Бигӯям «гург»-у «буз» ин ҷо чӣ ҳастанд,
Нигориш андар ин ҷо аз кӣ ҳастанд.
Чунин бинмуд он доно гузориш,
Ба хшнум з-он ду ӯ овард ориш.
Дувон хӯйи баданду хӯйи неканд,
Ашӯӣ ону в-он дигар-ш дурванд.
Ҳамисторанд бо ҳам ин ду нерӯ,
Яке зишту баду дигар-ш некӯ.
Баду неканд ин ҷо зери парда,
Ки Маздо дар ҷаҳон ангеза карда.
Ҷаҳон майдони разми ин ду нерӯст,
Гаҳе пирӯз зишту гоҳ некӯст.
Тану ҷони ту дар кирдори беша-ст,
Баду нек андар он чун гургу меш аст.
Бувад аз «гург» хӯйи бад гузориш,
Зи «буз» хӯйи накӯ бошад нигориш.
Ба «ҷангал» арҷу ҷоҳу кори гургон,
Бувад он хӯйи бад назди бузургон...
Ту дарёбӣ, агар дорӣ ба сар хуш,
Чӣ бошанд он «бузон»-и рому хомӯш.
Ду бузро гуфт доно ду фаришта,
Яке Баҳман, дигар Рашни хуҷиста.
Ба тан ин ду фаришта посбонанд,
Нигаҳдорандаи ҷону равонанд.
Нигаҳ доранд аз ҳар бад равонро,
Ба некӣ парвариш бидҳанд ҷонро.
Яке нерӯст бар некӣ гароиш,
Аҳӯрой, сазовори ситоиш.
Ба ҷон бахшад хуришни менувонӣ,
Чу некандешию чун меҳрубонӣ.
Ки Баҳман номи он нерӯст хушнон,
Ки шири некхӯйӣ з-он макад ҷон.
Бувад Рашни фаришта номи дигар,
Ки доду ростиро ӯст миҳтар.
Ба доду ростӣ дорад тану ҷон,
Биҳонро аз кажӣ бошад нигаҳбон.
Ҳамеша додварзу ростомӯз,
Равони некӯвонро ёру дилсӯз.
Ба буз монанд кардандаш бузургон,

Хурад з-он шири доду ростӣ ҷон.
Ду буз Зардуштро аз ҷанги гургон
Ҳамебуданд андахсу нигаҳбон.
Яке Баҳман, дигар Рашни ҳувишта,
Биҳию ростиро ду фаришта.
Ба «шир»-и пок парварданд ҷонаш,
Зи хӯйи «гург» вежа буд равонаш.
Зи некӣ буд огин ҷони Зардушт,
В-аз оҳу пок буд урвони Зардушт,
Ба ҷонаш хӯйи гургӣ раҳ намеёфт,
Фурӯғи фарри Яздон з-ӯ ҳаметофт.
Ҳамеша рост бар некӣ гароид,
Биҳию ростиро месароид.

## КАРДАИ 9. ПАНҶУМ КӮШИШИ АҲРИМАН. ҲАМОИШИ ДЕВОН ВА АНДЕША ДАР КУШТАНИ ЗАРДУШТ КАРДАНИ ОНОН

Чу Зардушт аз газанди дев вораст,
Забону дасти девонро зи бад баст.
Ба хубӣ ёфт рӯз аз рӯз болиш,
Ба некӣ кард ҷону тан гуволиш.
Сухангӯйиву раҳгардӣ биомӯхт,
Чароғи биниш андар дил  барафрӯхт.
Аз ӯ пайваста меомад падидор
Шигифтиҳои розомез бисёр.
Нишони пешвои роду бедор
Зи чашму рӯйи ӯ будӣ намудор.
Ба назди дудмону хешу пайванд
Гиромитар ҳамегашту барӯманд.
Будӣ ҳамвора аз рӯю ду чашмон
Шукӯҳу фарру доноӣ намоён.
Равони покаш аз оташ сиришта,
Танаш аз гавҳари некӣ биришта.
Биошуфтанд з-он деву дурӯҷон,
Заданд аз хашму кин дандон ба дандон.
Яке ахтаршиносе буд пурафсун,
Ки мебишнохт рафти чархи гардун.

Ба гирдаш дошт шогирдон фаровон,
Ҳама ҷодугарону чашмбандон.
Ба ёрон гуфт: «Эй девони ҷоду,
Ба хоб имрӯз дидам ахтари ӯ,
Зи хоби хеш донистам яке роз,
Ки гардун гардиши нав созад оғоз.
Ҳам аз исторагону гардиши Хур
Бидонистам, ҳам аз наздику аз дур,
Ки ояд додварзе додгустар,
Шавад ӯ раҳнамо бар ҳафт кишвар.
Биорад доду дини нав ба Эрон,
Сар ояд рӯзгори девяснон.
Барафрозад дурафши коваёнро,
Ба ойини навин дорад ҷаҳонро,
Биларзад з-он замини ҳафт кишвар,
Фитад гар з-осмон он гуна ахтар.
Аз ин рӯ, чорае ҷустан бибояд,
Вагарна рӯзгори мо сар ояд...
...Яке пайғора бо тунбул занемаш,
Биорему дар оташ афганемаш.
Бисӯзад поку хокистар бигардад,
Вагарна бахт аз мо бар бигардад».

## КАРДАИ 10. БАДНОМ КАРДАНИ БАДХОҲОН ЗАРДУШТРО

Пас он найрангсозони бадандеш
Миён бастанд баҳри гуфтаи хеш.
Парастишгоҳи онон буд яке ҷой,
«Павӣ» буд номи он ҷойи дилорой.
Куниште буд беҳамтову зебо,
Буд оташгоҳу ҳуму ҳован он ҷо.
Зи гоҳи шоҳ Ҷамшеду Фаредун
Куниште монда будшон то ба акнун.
Чу варҷованд ҷое буду номӣ,
Ба Эрон доштандаш бас гиромӣ.
Буд отурвон ба-д-он ҷо боби Зардушт,
Нигаҳбони павӣ буд пушт бар пушт.
Падар Зардуштро бо худ ҳамебурд,

Ба-д-он ҷо, гар чи ӯ буд баччае хурд.
Маҳи Фарвардигон буду сари сол,
Ҷавон буд гашта аз нав гетии зол.
Ба ҷашну сури Фарвардини фаррух
Ҷаҳонро сабзаву гул руст бар рух.
Ба гулбонги дилошӯби чаковак
Сароиданд бӯбурдон чакомак.
Ба базми сабзаву гул дар баҳорон
Гуҳар бар сар фурӯ пошид борон.
Рухи чун озар озаргун барафрӯхт,
Дил озаркешро аз меҳри он сӯхт.
Фурӯҳарҳои некони гузашта
Фуруд омад ба-д-он гаҳ бо фаришта.
Шуд аз он партави поки худоӣ
Ҷаҳон пур аз фурӯғу рӯшноӣ.
Аҳӯроӣ фурӯғ аз осмон рехт,
Ба ҳастону будон бар сар биишпехт.
Ба хоки мурда ҷон бахшиду нав кард,
Ҷаҳон шуд зинда чун рӯзи Фрашкард.
Ба гӯши ғунча пӯпак хонд афсун,
Ки: «Ҳон, аз парда сар барзан ба берун,
Гиёҳон сар бурун карданд аз хок
Ба дидан коргоҳи Гаргари пок».
Ба рӯзи ҷашни Навсарди ҳумоюн,
Чу дар ойини Ҷамшеду Фаредун,-
Ҳама хурду бузург анбӯҳ-анбӯҳ
Бирафт аз хона сӯи домани кӯҳ.
Аз он сӯ лола чун муғ озар афрӯхт,
Ба-д-ин сӯ муғ чу лола одурон сӯхт.
Ҳам он гаҳ Пӯрушаспи покгавҳар
Ҳаме дар ҷашнгоҳ афрӯхт озар.
Ба диҳ буд дар павӣ Зардушт он рӯз,
Набурда модараш дар ҷашн буд нӯз.
Бурун шуд аз павӣ он гаҳ накӯхӯй,
Ба сӯи моми худ бинҳод то рӯй.
Чу дидандаш сияҳкорони душдин,
Зи фарру зеби ӯ гаштанд хашмин.
Яке з-онон бирафт андар павӣ зуд,
Ба мурдор, он чӣ он ҷо буд, биолуд.

Ҳама кочору дегу ҳовану хум
Шикасту шуд бурун пинҳон зи мардум.
Ба диҳ овоза карданд он палидон,
Ки аз бас бад гуноҳе сар зад он сон.
Ҳамон Зардушт ин дам дар павӣ буд,
Ба мурдорӣ ҳама коло биолуд.
Ҳам оташгоҳ барканду бипошид,
Ҳама абзор бишкасту бичошид.
Ба-д-он сон бадтарин як кор кард ӯй,
Ҳамедун дину ойин хор кард ӯй.
Гунаҳкор асту куштанро сазовор,
Ба хорӣ боядаш овехт бар дор.
Сазанда дод потипрос-ш бояд,
Дубора, то зи кас ин кор н-ояд.
Бузургу хурд аз дарвеш то шоҳ
Шуданд аз «кардаи Зардушт» огоҳ.
Зи некон кас ба-д-он бовар наовард,
Ки Зардушти Спитом он гунаҳ кард.
Дили Дуғдӯ аз он садпора гардид,
Чу огаҳ з-ончунон пайғора гардид.
Навон борид  ашк аз чашми пурхун,
Фиғон сар дод аз бедоди гардун.
Ки: «Эй парвардигори Моҳу Хуршед,
Падидорандаи Баҳрому Ноҳид!
Маро набвад ба ҷуз ту, эй Худо, кас,
Нигаҳдорам зи бад танҳо туӣ бас.
Ту худ донӣ, ки ӯ пок аз гуноҳ аст,
Ба-д-он сон кори бад ӯро на роҳ аст.
Ба ӯ пайғора бастанд аз раҳи кин,
Ту худ огоҳӣ, чун ҳастӣ Ҷаҳонбин.
Ту худ бар бекасон пушту паноҳӣ,
Кунӣ бо бандагонат он чӣ хоҳӣ.
Зи бад Зардуштро, эй пок Додор,
Нигаҳ дору ба дасти душт магзор!»
Зи гиря он маҳи хуршедпайкар
Ба доман рехт шаб то рӯз гавҳар.
Ҳаменӯвиду ёрӣ мебипурсид
Зи Меҳру Моҳу аз Баҳрому Ноҳид.

## КАРДАИ 11. БА ОТАШ АНДОХТАНИ БАДХОҲОН ЗАРДУШТРО

Ба фардо рӯз гоҳи бомдодӣ
Заданд он бадсиголон кӯси шодӣ,
Ба бонги карраною даффу гавдум
Шуданд аз хоби хуш бедор мардум.
Канори рӯду деҳа буд яке дашт,
Киҳу миҳ андар он дашт анҷуман гашт.
Баромад гарду чангу дуд чандон,
К-аз он шуд осмон аз чашм пинҳон.
Ғиреву ғав ба гардун ларза андохт,
Зи чангу хок кас касро набишнохт.
Яке аз миҳтарон овоз дардод,
Ки: «Ҳон, эй мардумони шаҳри ободі!
Гуноҳе кард фарзанди Спитом,
Ки ҳаст он дини моро сахт душном.
Сазанда кайфар ӯро дод бояд,
Кушемаш, ё бисӯзонем шояд.
Чунин бояд сазои душмани дин,
Зи гоҳи бостон ин аст ойин.
Ки бадро кайфари бад ояд аз пас,
Баробар бошад ин ойин ба ҳар кас».
Чу бишниданд мардум ин суханро,
Фаро бигрифт ғавғо анҷуманро.
Гурӯҳе некхоҳу хешу пайванд
Ба гӯшу чашми худ бовар накарданд.
Ба шаҳ гуфтанд: «Ин пайғора бошад,
Пажӯҳиш кун, на куштан чора бошад.
Агар ӯро кушӣ ин дам шитобон,
Мабодо, то шавӣ фардо пушаймон».
Биомад Пайтираспу хост пӯзиш,
Зи шоҳи шаҳр бо сад оҳу сӯзиш.
Бигуфт: «Эй шоҳ, ин кирдори ӯ нест,
Гувоҳӣ медиҳам, к-ин кори ӯ нест.
Нахусташ кард мебояд пажӯҳиш,
Бидодаш гӯшмолеву накӯҳиш.
Ки шояд боздонӣ кори кист он,
Чӣ гуна рангу реву баҳри чист он.

Манаш донам, ки ӯ показаҳӯ аст,
Накӯкирдору пурмағзу ашӯ аст.
Ба ном-Эзад, ки он худ бегуноҳ аст,
Бикуштан бегуноҳеро чӣ роҳ аст?»
Пас он ахтаршиноси пир бархост,
Суханро бо ҳазорон ранг орост.
Бигуфт: «Эй бихрадону покдинон,
Зи доду ростию дин нигаҳбон,
Аз ин бадтар гуноҳе нест дар дин,
Ки кард ин баччаи бадкори бадкин.
Чу аз вай инчунин кирдор сар зад,
Ба кайфар боядаш бо теғ сар зад.
Шаҳаншоҳ аст шоҳи додгустар,
Ба доду ростӣ ӯ ҳаст довар.
Чу созад бозпурс ин баччаро ӯ,
Бигардад бар гуноҳи хеш хасту.
Чу равшан шуд, ки ӯ бошад гунаҳкор,
Кашад худ Пӯрушаспи зӯт бар дор».
Пас ӯ Зардуштро наздики худ хонд,
Кашид аз гӯшу мӯю сахт афшонд.
Ба реву ранг ӯро бозпурсид,
Чӣ кард ӯ андар оташгаҳ, чиҳо дид...
Ба-д-ӯ медод бачча посухи рост,
На он мегуфт, к-онро дев мехост.
Набуд аз гӯшмолу аз задан бим,
Агарч-аш мезаду метофт дужхим.
Пас ӯ чун баччаи шерон бадар рафт,
Зи пеши шоҳ наздики падар рафт.
Ба дил гуфтанд он девони хунхор:
«Ба коми мо шуд акнун он ҳама кор».
Зи ҳар сӯ душманон доданд овоз,
Ки: «Оташро кунем аз баҳри ӯ соз.
Ба оташ баркашемаш то гуноҳон,
Ба ойини куҳан санҷем-ш товон.
Агар ӯ бегуноҳ асту накӯкор,
Наёрад оташ андар вай кунад кор.
Гунаҳкор ар ба-д-он оташ гузар сохт,
Гар аз пӯлоду ар санг аст, бигдохт.
В-агар пок аз гунаҳ бошад, ки шояд,

Дуруст аз оташи сӯзон барояд».
Ба худ гуфтанд: «Сӯзад пок чун хас,
К-аз оташ кай дуруст омад бурун кас?»
Пас он шоҳи ситамамгар дод фармон,
Ки созанд оташе он ҷо фурӯзон.
Чу бишниданд фармон дев-мардум,
Биоварданд бафхам хушк ҳезум.
Ба рӯйи ҳам бикардандаш, ки чун кӯҳ
Шуд аз хору зи чӯбу чахси анбӯҳ.
Гузориданд бадкоронаш аз зер
Дар он пармудаҳои тездаргир.
Чу савканду чу хору равғану хас
Ниҳоданд андаруни он басо пас.
Сипас Зардуштро бигрифта он сӯй
Кашон бурданд аз гӯшону аз мӯй.
Худон гуфтанд бо Зардушт падруд,
Надонистанд хоҳад омад ӯ зуд.
Чу бурдандаш кашон з-оғӯши модар,
Парасторони душдини ситамгар,
Ба фармони ҳамон деви фусункор
Фикандандаш миёни хорҳо хор.
Ба фарёду ғиреву бо ҳаёҳуй
Чу дардоданд оташро зи шаш сӯй,
Бизад оташ забон дар деги гардун,
К-аз он ҷӯшид деги сабзи вожун.
В-аз оташ сангу хоки дашт бигдохт,
Гудозон рӯю оҳан з-он фаро тохт.
Гумон карданд, к-он кӯдак дар он ҷой,
Ҳама шуд дуду хокистар саропой.

## КАРДАИ 12. БА ГУЛШАН ГАШТАНИ ОТАШ ЗАРДУШТРО

Чу аз сӯзиш бимонд он оташи тез,
Намондаш ҷуз зи хокистар дигар чиз,
Гумон карданд, к-он ҷо сӯхт Зардушт,
В-аз ӯ хокистар он ҷо монд як мушт.
Гуҷастаг Аҳриман з-он буд дилшод,
Ки режи Воҳуманро дод барбод.

Нигаҳ кард ӯ ба он хокистару дид
Яке гулзору тан-ш аз тарс ларзид.
Ҳама пиру ҷавон чун он бидиданд,
Сари ангушт бо дандон газиданд.
Ба гулшан буд тахте аз гулу вард,
Фурӯ монданд з-ин он ҷо зану мард.
Зи гул буд бистару болишт - парнӯ,
Ниҳода рӯйи он Зардушт паҳлӯ.
Забони оташ он ҷо гашта лола,
Сиришки оҳан он ҷо гашта жола.
Ба ҷойи ахгар он ҷо гул фурӯзон,
Ба ҷойи оташ озаргун бисӯзон.
Ба рӯйи тахти гул биншаста Зардушт,
Ба зери шохи гул, гулдаста дар мушт,
Чу диданд он бадандешони бадкор
Ба чашми хеш, к-оташ гашт гулзор,
Аз он ҷо рахт барбастанд навмед,
Ба ранги кӯрмуш аз теғи Хуршед.
Аз ин сӯ дӯстон буданд хурсанд,
К-аз оташ раст он фарзанди дилбанд.
Таборон дасту по кӯбон ба шодӣ
«Зиҳӣ» гуфтанду «деру нӯш бодӣ».
Ба оташфом аспаш барнишонданд
В-аз он ҷо рост сӯи хона ронданд.
Бигустурданд хони шодмонӣ
Ба базму суру ҷашну комронӣ.
Буд он рози шигифтангези ишгарф,
К-аз он боист кард андешаи жарф.

## КАРДАИ 13. АНДАР ОН, КИ ОТАШ НИГОРИШ АЗ ЧИСТ

Кунун бишнав, зи оташ чист ориш,
Ки пирон аз чӣ кардандаш нигориш.
Бидонӣ чист оташ, эй хирадманд,
Набарду разму ошӯб асту офанд.
Хирад ҳаст оташу фарзону фарҳанг,
Ҳар он, к-афрӯхт-ш, биншонад ба авранг.

Фурӯғи рӯйи поки Гаргар аст он,
Ки ҳастону будонро он бувад ҷон.
Дуто ин ҷост аз оташ нигориш,
Ки доно кардаш аз хшнум гузориш.
Яке сӯзанда оташ - оташи ҷанг,
Дигар созанда - фарзон асту фарҳанг.
Яке он оташе, к-аш дев афрӯхт,
Ки дар вай зиндагиро хост, то сӯхт.
Ҷаҳонро сӯзаду марг оварад он,
Ҳама бар нестӣ хоҳад барад он.
Дигар он оташи бахшандаи ҷон,
Равону зиндагӣ бахшад ба кайҳон.
Ба гетӣ хуррамӣ з-он аст барпой,
Ҷаҳонро зиндагӣ бо ӯст бар ҷой.
Фурӯғи чашмаи Хуршед з-он аст
В-аз он гарданда чархи осмон аст.
Зи гоҳи кӯдакӣ Зардуштро ҷон
Аз ин оташ бикард Эзад фурӯзон.
Ба дил афрӯхт Маздо оташи дин,
К-аз он равшан будаш дар дил ҷаҳонбин.
Ба дониш буд чу оташ поку равшан,
Хирад бар ҷонаш аз ҳар душт ҷавшан.
Набитвонист ҳаргиз оташи дев
Бисӯзад пайкари он бихради нев.
Ҳамон оташ, ки равшан кард Зардушт,
Ба тунбул кай тавонист Аҳриман кушт?
Ба-д-ин сон решаи фарзону фарҳанг
Насӯзад ҳеҷ гоҳ аз оташи ҷанг.
Ҳамеша то буду то ҳаст кайҳон,
Бимонад ҷовидон фарҳангу фарзон.
Чу андахсаш бувад Маздо-Аҳӯро,
Нахоҳад сӯхт оташ ҳаргиз ӯро.
Фурӯзад гар ҳазорон оташи ҷанг,
Насӯзад урвари фарзону фарҳанг.
Ҳама сӯзад дар оташ тафт ҳар ҷой,
Хирад монад ба гетӣ боз барпой.
Гули чистою озаргуни фарҳанг
Хазон кай гардад аз хокистари ҷанг.

Сикандар-он ҷаҳонҷӯйи ситамгар
Дар оташ сӯхт Эронро саросар,
Ҳама ӯ сӯхт андар оташи ҷанг,
Магар он биҳгузину рост фарҳанг.
Бимонд он ҷовидонӣ зинда чисто,
Сипантоӣ хирад - ганҷи Ависто*.
Зи Эрон он ситамгар то ба Юнон
Бибурд он гавҳари волои фарзон.
Миёни оташи тези Сикандар
Гули фарҳангу фарзон боз зад сар.
Ба Юнон бору барг овард аз нав,
Ба паҳнои ҷаҳон афганд партав.
Чунин буд гаштани оташ ба гулшан,
Гули тар дар тафи оташ бирустан.**

## КАРДАИ 14. ОМОДА КАРДАНИ ДУШМАН ЗАҲР БАРОИ КУШТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Ба пеши чашми он ахтаршиносон
Баромад ӯ чу аз оташ таносон,
Ба ӯ шуд оташи тобанда гулшан,
Ба оташ андарун гул гашт хирман.
Бируст ин ҷо гули фарҳангу фарзон,
Хирад буд гашта чун оташ фурӯзон.
Зи фарзон оташе Зардушт равшан
Ҳамеафрӯхт пеши чашми арсан.
Зи фарҳанг оташе дар он шаби тор
Чароғи биниш андар кору пайкор.
Чу гулзоре буд он фархунда оташ,
Шукуфта чун баҳоре хурраму хуш.
Ба роҳи ростӣ чун буд фурӯзон
Ки равшан кард раҳ дар он шабистон
Чу дониш оташ асту шаб чу паркон,
Ба биниш раҳ ба шаб афрӯзадат он.
Ашӯ Зардушт чун буд бо хирад ёр,
Бигашташ оташи душман чу гулзор.
Ашӯву росткору ростгуфтор,
Накардаш банду реви Аҳриман кор.

Ба-д-ин бигзашт бас рӯзу маҳу сол,
Баровард ӯ ба гардун гардану ёл.
Ба чустӣ гашт ӯ чун баччаи шер,
Зи бас вирову чолоку сухангир.
Яке шуд баччае бофарру авранд,
Ба гетӣ кас набуд ҳечаш ҳамонанд.
Ниҳолаш чун ба боло сар барафрохт,
Ба орун сар ба сӯи осмон ёхт,
Нишони пешвои роду доно
Зи чашму рӯйи ӯ мебуд пайдо.
Зи беморӣ чу дураш дошт Эзад,
Танашро дарду ранҷе ҳеҷ н-омад.
Ҳаме ёзид ёлу бурзу боло,
Ҷавоне шуд хирадманду тавоно.
Зи кину рашк девони бадандеш
Аз ӯ буданд пур андӯҳу дилреш.
Нишастанду бигуфтанду шуниданд,
Басечи куштани Зардушт диданд.
Саранҷом он камеҷони бадандеш
Биоварданд беху решаи биш.
Зи заҳрогин гиёҳони дигар низ
Биафзуданду дардоданд омез.
Биҷӯшонданд дар оташ ба ҳован,
Биафганданд дар вай мушку лодан.
Ки рӯзе ончунон «дармону дору»
Ба кор ояд зи баҳри куштани ӯ.
Агар рӯзе шавад бемор Зардушт,
Ба-д-ин сон «нӯшдору» метавон кушт.
...Чунон шуд кор бо фармони Додор,
Ки шуд Зардушт рӯзе сахт “бемор”.
Биуфтоданд хешон дар такопӯй,
Басе карданд чора, биҳ нагашт ӯй.
Пизишконро чу бар болин-ш хонданд.
Ба дармон он бузургон дар бимонданд.
Биоварданд бас доно зи ҳар сӯй,
Ниёзу розҳо гуфтанд бо ӯй,
Надонистанд дардашро чӣ ном аст,
Чӣ дармон асташу дору кадом аст.

Набудаш аз пизишкӣ ҳеҷ суде,
На парҳезу гувориш, не зи дуде.
Пизишки пурфусун - ҷодугари пир
Фусуне чанд бар вай хонд аз вир.
Сипанде дуд карду гашт гирдаш,
Басе зад чарху он суде накардаш.
Ба онон гуфт: «Ин дардест бас бад,
Ки маргаш ному ҳеҷаш чора набвад».
Чу ин Дуғдӯ шунид, оҳу фиғон кард,
Зи дида ҷӯйи хун дар бар равон кард.
Падар з-андӯҳу дардаш гашт чун дуд,
Ба хунин ашк доман бас биолуд.
Ба ҷоду лобаҳо карданд, к-«Эй род,
Бижӣ деру дурува бодиву шод!
Бикӯшу то тавонӣ, чорае соз,
Ки ҷону дил бибахшемат ба ороз.
Бузурги ҷодувон, пири фусункор,
Дурӯғин буду моху девкирдор.
Ба-д-онон гуфт: «Доруе ба ованд
Маро дар хона ҳаст, онро биёранд.
Аз он созам яке некӯ гувориш,
Бинӯшад, то биёбад дард-ш коҳиш».
Ба гирдаш дошт ӯ чандин парастор,
Ҳамеша ёру ёвар дар ҳама кор.
Бигуфт: «Оред он шоҳона нӯшоб,
Ки ҷонбахш асту бас хуш чун майи ноб.
Ки он аз адман асту аз сипарғам,
Тану ҷонро кунад пурзӯру бардам.
Гувориш созам аз он оби шаҳвор,
Шавад биҳ шояд аз вай зуд бемор».
Бизад чашмак ба ёрон он саги пир,
Ниҳонӣ, то кунанд он заҳр ожир.
Ба худ гуфтанд: «Эдар хуб гоҳест,
Зи баҳри куштан андархӯрд роҳест!
Бинӯшад заҳру ҷон бидҳад ба хорӣ,
Шавем озод з-ин ҳангома, боре».
Давон рафтанд он ойишнагон зуд,
Биоварданд он ч-он пир фармуд.

Бидодандаш ба дасти пири ҷоду,
Ки созад то аз он дармону дору.
Гирифт он заҳру дар ҳован фурӯ рехт,
Ба обу ангубин онро биомехт.
Гулобеву сипарғам дар вай афшонд,
Ба ҷоме карду афсуне бар он хонд.
Ба Зардушташ бидоду гуфт: «Ошом,
Ки ёбад ҷону тан-т аз дард ором!».
Ба ҳам гуфтанд девон: «Коми мо шуд,
Ки он шери Худо дар доми мо шуд».
Ашӯ Зардушт чун бо нӯшханда,
Гирифт он ҷоми пурзаҳри кушанда,
Ба гӯши ҷонаш он гаҳ омад овоз,
Ки: «Он ҷоми пажогинро биандоз!»
Буд он адвой овози Сурӯшаш,
Ки омад з-осмони дил ба гӯшаш.
Ашӯ Зардушт дар абрӯй чин зад,
Ба тундӣ сахт ҷом андар замин зад.
Шикаст он ҷому дору бар замин рехт,
Пизишки мох расво гашту бигрехт.
Зи бистар тандуруст он гоҳ Зардушт
Биҷасту гуфт: «Мехоҳӣ маро кушт?!»
Биронд аз шаҳр деви роҳзанро,
Ҳама ойишнагони Аҳриманро.
Бигашт овоза ин гуфтор дар шаҳр,
Ҳама найранги деву ҷоми пурзаҳр.
Пизишкони сияҳкори бадандеш
Аз он шармандагӣ гаштанд дилреш...

## КАРДАИ 15. ГУЗОРИШИ ФАРОМРӮЗИ РУСТАМҶӢ АЗ ИН АНГОРА

Бидонӣ чист з-ин афсона ориш,
Чӣ омеғест з-ин зебо нигориш?
Чунин бинивишт он пири сухансанҷ,
Ҳамон донанда марди донишалфанҷ,
Ки боре «гашт бемор» он дурӯманд,
Буд он огоҳӣ аз сӯи Худованд.

Ки беҳуда-ст ранҷи он касе, к-он
Бикӯшад, то ситонад з-он ашӯ ҷон.
Тану ҷонаш зи дарду ранҷ буд пок,
Набуд аз заҳру ҷоду ҳаргизаш бок.
Чу пайкар буд дурусту тан-ш пурзӯр,
Зи ҳар бад дошташ Маздо ҳаме дур.
Агарчанде ки шуд «бемор» Зардушт,
Набитвонист осонаш касе кушт.
Ба ангориш пизишки зуфти ҷоду
Бадандеш аст бо бад дар пайи ӯ.
Ки меҷӯяд ҳамеша гоҳи дархӯр,
Ситонад то тавонад ҷони вахшур.
Ҳамон овоз, к-ӯ бишнид равшан,
Ки: «Ҷоми вишро андозу бишкан!»
Буд овози Сурӯши зӯрбозу,
Нигаҳдорандаи ҷону тани ӯ.
Ки чун душман-ш заҳр ожир созад,
Ба куштан даст сӯи ӯ биёзад,
Бикӯшад, то кушад он некхӯро,
Зудояд з-ин ҷаҳон то номи ӯро.
Сурӯши зӯрбозуи барӯманд
Нигоҳаш дорад аз ҳар гуна офанд.
Зи ҳар пешомади неку бад огоҳ
Кунад ӯрову бинмояд ба-д-ӯ роҳ.
Миён бастанд девон то кушандаш,
Ба реву рангу бо афсуну бандаш,
Зи беморӣ чу ӯ биҳ гашту бидруд,
Сипас бархост аз бистар-ш хушнуд.
Ҷаҳон торик шуд дар чашми душман,
Чу гашт он чашмаи Хуршед равшан.
Аз ин сӯ бастагонаш шод гаштанд,
Ба оташ-зӯ(ҳ)р Яздонро бияштанд
Пас оварданд баргу бораву соз,
Яке хоне бигустурданд пурноз.
Ба базму сур оромиш равонро
Бидоданду зududанд андуҳонро.
Сипоси Меҳри бинову ниюшо,
Басе карданду андар зӯ(ҳ)р кӯшо

Аз он рӯ бадсиголони табаҳкор
Зи кин рафтанд дар дӯзах нагунсор.

# БАХШИ 3

## ФАРГАРДИ 1. ЗИНДАГИИ ЗАРДУШТ АЗ ҲАФТ ТО ПОНЗДАҲСОЛАГӢ

### КАРДАИ 1. ЗАРДУШТ ДАР СОЛИ ҲАФТУМИ ЗИНДАГӢ

Зи соли зодан аз модар-ш шаш рафт,
Хуҷаста гомро бинҳод бар ҳафт.
Ҷавоне гашт бо бурзу тану тӯш,
Ба фарру зебу ҳангу донишу ҳуш.
Ба гардун сар чу сарв он гаҳ барафрохт,
Ҷаҳонро аз раҳи дил нек бишнохт.
Чу наргис дидаи биниш чу во кард,
Палид аз поку нек аз бад ҷудо кард.
Падар-ш омӯхт ойини ниёкон,
Ҳаройин донишу андарзи покон.
Бигуфт афсонаҳои бостонро,
Куҳан гардида ҳар раҳ достонро.
Зи мораспанди вахшурони пешин,
Чу Озарҳӯшу Зав, чун Ҷамми биҳдин.
Ҳамеандӯхт дар дил он чӣ ӯ гуфт,
Ҳар он ч-аз панду аз андарз бишнуфт.
Ба гуфтори пагӯён гӯш бинҳод,
Ба дил-дар сӯи вониш роҳ бикшод.
Забоне дошт бурро, ҳӯши бас тез,
Хирадалфанҷу гиранда ҳама чиз.
Буд ӯро гӯш тезу чашм бедор,
Накӯхӯю ажиру некгуфтор.

### КАРДАИ 2. БА ДАСТИ ОМӮЗГОР СУПОРИДА ШУДАНИ ЗАРДУШТ

Ба Дуғдӯ Пӯрушаспи род як рӯз
Бигуфто: «Бишнав, эй моҳи дилафрӯз,
Маро дар дил яке ҳаст орзӯе,
Ки биспорам писарро бар пагӯе.

Замини дил ба киштан гашташ ожир,
Гаҳе шуд тухми дониш пошадаш пир.
Кунунаш ирмагоне нек боист
Ки омӯзад ба-д-ӯ боисту шоист.
Биалфанҷад аз ӯ дониш зи ҳар дар,
Писандида ҳунарҳо созад аз бар.
Шавад то бихраде бо донишу дод,
Савори ҷангиву донишвари род.
Хирад омӯзаду фарҳангу фарзон,
Ба дил з-он оташе созад фурӯзон.
Ҳунарҳо ёд гирад, то тавонад,
Чу банде пешаш ояд, дар намонад.
Ба шаҳр-андар яке устод ҷӯям,
Аз ин дар он чӣ бояд гуфт, гӯям.»
Ба шавҳар гуфт Дуғдӯ: «Оре, ман ҳам
Ба дил худ ончунон андеша дорам».
Ба мо озодагон аз гоҳи дерин,
Ба Эрон буд то имрӯз ойин,
Ки соли бачча чун дар ҳафт ояд,
Ба дасти ирмагонаш дод бояд.
Чун ин фарзанд бо ҳанг асту пурмағз,
Ба гӯшу ҳуши вирову хирад нағз,
Яке ҷӯем нек омӯзгоре,
Пур аз фарзону дида рӯзгоре.
Бикӯшу ёбаш устоде сазовор,
Ҳунарвар ирмагоне, бо хирад ёр.
Ки ӯ корогаҳу донову бофар
Раде бошад бузургу покгавҳар».
Чунинаш гуфт шавҳар, к-«Эй дилором,
Маро ҳаст ошно б-овозаву ном.
Хирадманду ажиру донишалфанҷ,
Ба дил оганда аз дониш басе ганҷ.
Чароғи арсани донишпажӯҳон,
Гиромӣ назди равшандил гурӯҳон.
Дари ганҷи хирадро ӯст ганҷур,
Ба мардони ҳунар ӯ ҳаст дастур.
Нижод аз гавҳари отурбон аст,
Каёну миҳтаронро ирмагон аст.
Варо Бурзин Куруси род хонанд,

Бузургу хурд бишносанду донанд.
Агар гӯям ба ӯ коми дили хеш,
Пазирад-шу баҳона н-оварад пеш.
Ба шогирдӣ бигирад ин писарро,
Биомӯзад-ш ҳар гуна ҳунарро.
Ба-д-ӯ дарҳои донишро кушояд,
Ба фарҳангу ба фарзон раҳ намояд,
Ба варзиш парварад ӯро тану ҷон,
Ки гардад сахт чун пӯлод чандон,
Чу оҳан бигзарад аз оташу об,
Ки андар обу оташ оварад тоб.
Чу ояд бо палангу шер дар ҷанг,
Бидаррад чарму орад зинда дар чанг».
Ба шавҳар гуфт Дуғдӯ, к-«Эй сарафроз,
Ба фардо кард бояд кори ӯ соз.
Биожирем ганҷу чиз чандин,
Баремаш пешкаш наздики Бурзин.
Ба ӯ дар парвариш бидҳем фарзанд,
Ки соле чанд фарҳанҷад хирадманд.
Чу Бурзин дид хӯйи неку орун-ш,
Ҳама ин мағзу ҳуши аз бас афзун-ш.
Ҳар ойин, пас нагардонад, пазирад-ш,
Гузинад-шу ба шогирдӣ бигирад-ш.
Сипосу арҷ бар Бурзин гузорем,
Писар пешаш ба фархахтан супорем».
Чу гоҳи бом, фардои ҳамон рӯз,
Ба боми нилгун шуд гетиафрӯз,
Ба аспон бору бун чандин бибастанд,
Ба баргу тӯша бар аспе нишастанд.
Писарро бар яке дигар нишонданд,
Аз он ҷо тафт шодондил биронданд.
Ба марзе буд Бурзинро нишеман,
Биҳиштосову обу бод равшан.
Замине борманду буми дилхоҳ,
Зи Дарҷа дуру чандинрӯза буд роҳ.
Чу Бурзин дид эшонро, пазируфт,
Дуруду нӯша боду офарин гуфт.
Чу биншастанд ёрон дар сари хон,
Зи кори ҳамдигар гаштанд пурсон.

Ба Бурзин хоҳиши дил бозгуфтанд,
Пазирад то ба шогирдӣ-ш фарзанд.
Бидид он бачча аз бас ёдгир аст,
Ажиру ҳушманду тезвир аст.
Ҳама он панҷи ӯ чун панҷ аспанд,
Ҷаҳанда тезу чун озаргушаспанд.
Зи мағзу ҳушу оруни худодод
Фурӯ монд он хирадалфанҷ устод.
Газид ангушт бо дандону гуфто:
«Чӣ роз аст ин, ки мебинам, шигифто!
Ба-д-ин сон кас шигифтиро надида,
Худо то ин дам эдун н-офарида,
Ба шогирдӣ бигирам ин писарро,
Биомӯзам-ш ҳар гуна ҳунарро.
Аз он к-ӯро ба гетӣ нест анбоз,
Зи омӯзиш надорам даст аз ӯ боз.
Ба-д-ӯ бидҳам зи дониш ҳар чӣ донам,
Ба гетӣ ёдгор аз худ бимонам.
Магар андар забонҳо монадам ном,
Нишоне монад аз ман то саранҷом».
Чу аз Бурзинкурӯси номбардор
Шуниданд ин ҳама пурмоя гуфтор.
Ниҳодандаш сипосу арҷи бисёр,
Зи рӯйи меҳр он ду неккирдор.
Пагӯи пир Бурзини хирадманд
Гусӣ кард он дувонро бо тане чанд.
Чу бо ҳам дӯстон гуфтанд падруд,
Бурун рафтанд з-он даргоҳ хушнуд.

## КАРДАИ 3. ПАРВАРИШ ВА ОМӮЗИШИ БУРЗИНКУРУС ЗАРДУШТРО БА НАЗДИ ХЕШТАН

Аз он рӯзе, ки фарзанди Спитом
Биомад пеши он пири накӯном
Ба кори парвариш пардохт устод,
Тану ҷонаш ба варзиш парвариш дод.
Аз он фарзона донишвар шабу рӯз
Ҳамебуд баҳраманду донишомӯз.
Басе ранҷ андар он бурд ирмагон мард,

Паёпай ҳафт солаш парвариш кард.
Зи кору кирфа Бурзин ҳар чӣ донист,
Ҳама омӯхт ӯро то тавонист.
Ба варзиш сахт кардаш ёлу гардан,
Ки бозу гашт рӯю тан чу оҳан.
Ба дониш рӯзу шаб ӯро бифарҳехт,
Гилашро донаи фарҳанг ишпехт.
Дари ганҷи хирад фарзона устод
Ба рӯйи он хирадалфанҷ бикшод.
Шубонию чарову домдорӣ,
Замину кишту кору барзкорӣ,
Бикандан аз дили кӯҳ оҳану зар,
Ба дарё жарф ҷустан ноб гавҳар,
Гиёҳу баргу беху хӯшаву дон,
Гулу бору хазону сабзиши он.
Зи заҳру подзаҳру дарду дармон,
Газанду суду сарду гармии он.
Зи беморию дарду бешадонӣ
Танӣ буд хоҳу ё буд он равонӣ.
Зи ойини пизишкӣ андар он гоҳ,
Зи ранҷу бахшиши дармон ба ҳар роҳ.
Чу Ораш аз камон андохтан тир,
Саворию набарду разм бо шер.
Раванди ахтарону Моҳу Хуршед,
Ба гардун гардиши Баҳрому Ноҳид.
Дабира кардан андар дафтару санг,
Ниҳодан ганҷ аз фарзону фарҳанг.
Ба вай омӯхт он донишвари пир,
Ҳама алфағду яксар кард аз вир.
Забону кору дил гашташ ҳама рост,
Ба орун ҷону танро нек орост.
Тавоно гашту аз устод бигзашт,
Худ ӯ устод бар устоди худ гашт.
Ба назди ошно аз шоҳу дарвеш
Ба ҳар ҷо рафт Бурзин, бурд бо хеш.
Ба чашми хеш то рӯйи ҷаҳон дид,
Ба гӯши хеш панди беш бишнид.
Ба-д-ин сон ҳашт сол он пурхирад мард
Хирад омӯхту фарҳанг парвард.

Ба боғи дониш он фарзона устод
Чунон бо меҳр ӯро парвариш дод,
Ки чун афрохт сар пури Спитом,
Ба шаҳру диҳ ҳама бишнохташ ном.
Ба-д-он сон зебу фар сарве надидӣ,
Ки андар боғи фарзон сар кашидӣ.
Баҳори понздаҳ омад зи солаш,
Ба баргу бору гул омад ниҳолаш.
Ба гулшан боғбони пираш орост,
Сиҳӣ сарваш ба зебой биперост,
Шуд андар он замон Пури Спитом
Яле овозадору роду боном.
Чунон варзида будаш пири доно,
Ба ҳар кору ҳунар гашт ӯ тавоно.
Гилозаргар бикард озар гилашро,
Фурӯзон сохт чун оташ дилашро.
Зи фарзон кардаш ӯ равшан равонаш,
Зи фарҳангу хирад афрӯхт ҷонаш.
Ба доду ростию дониш он гоҳ
Чароғи анҷуман гашт он дилогоҳ.
Намудоре буд ӯ аз некхӯйӣ,
Аз ӯ ҳаргиз наёмад ҷуз накӯйӣ.
Забонаш нарм буду рост мегуфт,
Сухан чун гавҳари шаҳвор месуфт,
Ҳунарҳо, он чӣ аз устод бигрифт,
Аз он бигзашту кард устод ишгифт.
Сухан кӯтоҳ, чун Хуршеди ховар
Зад андар осмони бихрадӣ сар.
Ба ӯ гарданда чарх оғӯш бикшуд,
Ҷаҳони тор чашм андар раҳаш буд.

## КАРДАИ 4. БА ПАДАРУ МОДАР БОЗГАРДОНИДАНИ БУРЗИН ЗАРДУШТРО ДАР ПОНЗДАҲСОЛАГӢ

Чу аз омӯзиши пури Спитом
Бипардахт он пагӯи некфарҷом.
Ба соли понздаҳ бинҳод гомаш,
Ба хубӣ ҳар куҷо буд рафта номаш.

Ба ӯ устод гуфто: «Эй накӯном,
Дар ин дам ёфт шогирдӣ-т анҷом.
Ҳунарҳо ҳар чӣ донистам, бидодам-т,
Ба сар афсар зи доноӣ ниҳодам-т.
Басо аз гавҳари фарҳанг чидӣ,
Ба дил ганҷе зи дониш оганидӣ.
Кунун равшан шудат дар дил ҷаҳонбин,
Хирад чашме кушодастат ниҳонбин.
Шудӣ акнун бузургу роду доно,
Ба ҳар кору ҳунар гаштӣ тавоно.
Ҳам акнун бениёз аз ирмагонӣ,
Ту худ омӯзиш аз мо нек донӣ.
Чу оҳан дар тафи оташ супурдам-т,
Гудозон пас фурӯ дар об бурдам-т,
Зи кӯби чаккушу сандон гузаштӣ,
Тану ҷон сахт чун пӯлод гаштӣ.
Ба ҷангу разм гаштӣ чун дижам шер,
Ба бурриш тезтар аз теғи шамшер.
Миёнро сахт акнун боядат баст,
Чу дар ҳар кору кирфа бошадат даст.
Чу соли понздаҳ рафтат зи зодан,
Кунун бояд ба бобу мом-т додан.
Зи гоҳи бостон ойин чунин аст,
Ки он аз баччагӣ соли пасин аст.
Чу кас аз понздаҳ пас гом бинҳод,
Ҷавон гашту ба мардӣ ном бинҳод.
В-аз он пас ӯ ба мардон ёр гардад,
Пайи суд оваранда кор гардад.
Чу гаштӣ марди барнову ба орун,
Миёнро банду кор оғоз акнун.
Зи роҳи доду дин чун баҳрамандӣ,
Сазад нун бар сари худ кор бандӣ.
Замони кор кардан-т омад акнун,
Ба бобу мом-т биспорам ман айдун.
Спитомон туро чашманд дар роҳ,
Бибояд рафт з-ин ҷо хоҳ-нохоҳ».
…Пагоҳон он ду бар аспон нишастанд,
Раҳоварде ба хешон чанд бастанд.
Ба сӯи дудмони Пӯуруш-асп,

Биронданд он ду з-он ҷо рост бо асп.

## КАРДАИ 5. ҶАШН ОРОСТАНИ СПИТОМОН ДАР ПЕШВОЗИ ЗАРДУШТ ВА КАМАРБАНДИ ВАРҶОВАНД БАСТАНИ Ӯ

Чу бо Зардушт омад пири доно,
Баромад пешвозаш пиру барно.
Ба бӯқу кӯсу карною табира
Спитомон бигаштандаш пазира.
Ҳама  хешону пайвандон зи ҳар сӯй,
Зару гавҳар фишонданд аз сари ӯй.
Ба по карданд базму суру з-он пас
Ба гирди хон нишастанд он ҳама кас.
Ба перомуни оташ бо маю рӯд,
Ба ҳуму шир дил карданд хушнуд.
Ба ойини куҳан пас мӯсапедон
Ба назди оташи поки фурӯзон
Биоварданд Зардушти ашӯро,
Бигардонданд гирди оташ ӯро.
Ба тан пероҳанаш пӯшонд Бурзин,
Камарбанде бар он барбаст заррин.
Бигуфто: «Нӯша бодӣ, эй накӯном,
Бизӣ пирӯзманду шоду пидром!
Ки акнун мард гаштӣ бар сари хеш,
Чу мардон роҳи пайкор аст дар пеш.
Миёнро банд акнун, эй хирадманд,
Ба некӣ кӯш дар роҳи Худованд.
Маҳу Хуршеду Ноҳиду Варахрон
Бибошандат нигаҳдори тану ҷон.
Кушоиш хоҳам аз Парвардигорат,
Кунад роҳат сапеду бахт ёрат!
Аз имрӯзӣ яке з-озодмардон,
Даройӣ дар шумори родмардон.
Ба дини шоҳ Ҷамшеду Фаредун
Шудӣ з-ин гоҳ дар рӯзи ҳумоюн».
Набуд огоҳ з-он Бурзин, ки Гаргар
Ба Эрон баргузидасташ паямбар.
Намедонист, к-ӯ фардо ба Эрон

Расонад муждаи нав - Рост фармон.
Ҷаҳондоре шавад бо донишу дод,
Зи банди дев созад гетӣ озод.
Ба Эрон дину ойини нав орад,
Хирадро доварон-довар гуморад.
Ба доду ростӣ дорад ҷаҳонро,
Ба некӣ раҳ намояд мардумонро.
Биорад роҳи нав дар зиндагонӣ,
Зияд кас то ба нӯшу комронӣ…

## ФАРГАРДИ 2. ЗИНДАГИИ ЗАРДУШТ ДАР КАНОРИ ДАРҶА

### КАРДАИ 1. БА ХУБӢ ОВОЗА ШУДАНИ НОМИ ЗАРДУШТ

Чунин бингошт дар бинвиштаи хеш
Пагӯи пири огоҳ аз гаҳи пеш.
Ки чун Зардуштро овард Бурзин,
Ба бобу мом биспурдаш ба ойин.
Ба соли понздаҳ бинҳода буд гом,
Ба-д-он ҳангом Зардушти Спитом.
Чу дар хубӣ ба гетӣ ӯ яке буд,
Бузургу хурд з-ӯ буданд хушнуд.
Фурӯғи фарри яздонӣ зи рухсор
Биафгандӣ чу Моҳ андар шаби тор.
Ҳама гуфтору кирдораш писанда,
Ба фарру зеб-ш Моҳу Меҳр банда.
Ба рӯйи неку хӯйи неку боло
Зи ҳар раҳ ӯ накӯтар буду воло.
Ҳам инаш буду онаш низ чандон,
Ба ҳанҷори забонаш гуфт натвон.
Чунон дар некхӯйӣ сар барафрохт,
Ки ҳар к-ӯ дид ӯро, дил ба-д-ӯ бохт.
Яке фарзонаву фарҳанг-алфанҷ,
Хирадманду дилогоҳу сухансанҷ.
Ба ҳангоми сухан, гӯйӣ, шакар рехт,
Шакар чи-бвад, ки аз лаб ӯ гуҳар рехт.
В-азеро меҳр бастандаш накӯвон,

Гиромӣ доштанд ӯро ашӯвон.
Гирифт аз нотавонон даст яксар,
В-аз онон дошт дастони ситамгар.
Биҳию ростию дод варзид,
Ба некӣ номи ӯ овоза гардид.

## КАРДАИ 2. БАХШ КАРДАНИ ПӮРУШАСП КОЛОИ ХУДРО МИЁНИ ФАРЗАНДОН

Падар як рӯз фарзандон фаро хонд,
Ба назди хешу аз ҳар дар сухан ронд.
Ҳар он-ч ӯ дошт аз колову кочор,
Зи боғу варзу кишту ганҷи бисёр,
Баробар бахш кард ӯ он чӣ шоист,
Ба ҳар як дод бахше, к-аш бибоист.
Ҳама бигрифт бахше, к-он расидаш,
Зи ҳар ч-аз рӯйи ойин месазидаш.
Магар Зардушт коре кард ишгифт,
Ба ҷуз куштӣ дигар чизе набигрифт.
Дигар ҳар чиз баргардонд ӯ пас,
Бигуфто: «Ҳаст ин куштӣ маро бас.
Ман он айвангро хоҳам, дигар ҳеҷ,
Ба ҷуз он менагирам аз падар ҳеҷ.
Зи ганҷу симу гавҳар бениёзам,
В-аз он пашмина куштӣ бас бинозам.
Ман он пашминаро дорам басе дӯст,
Диламро бастагӣ, боре, ба ҷуз ӯст».
Падар бо меҳрубонӣ гуфт: «Эй ҷон,
Ба-д-ин сон зиндагӣ машмор осон.
Ба кор ояд-т рӯзе ин ҳама ганҷ,
Зи беганҷӣ ҳама рӯзат расад ранҷ.
Бигир ин ганҷу коло, то бувӣ мард,
Ки бе зар мардро рӯе бувад зард.
Ба-д-он ояд дар оянда ниёзат,
Забону даст бошад з-он дарозат.
Зи ганҷу чиз гар номард сер аст,
Агар рӯбаҳ бувад, дар чашм шер аст.
Тавону зӯри шоҳон аст аз ганҷ,
Низору хор дарвеш аст дар ранҷ.

Чу ёбад гар ҷуволе зар гадое,
Кунад оҳанги тахти подшоӣ.
Чу ганҷи шоҳ рафт, ӯ дон, гадо шуд,
Гадо, гар ганҷ ёбад, подшо шуд.
Ман аз худ ганҷу колое ниҳодам-т,
Накӯ андешу баргир он чӣ додам-т.
Мадорӣ даст ҳеҷ аз ганҷу коло,
Ки бошад дасти мард аз ганҷ боло.
Вагарна сад пушаймонӣ намойӣ,
Хурӣ афсӯсу пушти даст хойӣ».
Ба посух гуфт Зардушти Спитом,
Ки: «Ин гуфтор назди мо бувад хом,
Чунин донам, ки мардони хирадманд,
Ба симу ганҷ мардиро насанҷанд.
Ба назди марди донои гуҳарсанҷ
Куниш ойинаи мардист, не ганҷ.
Хари бечора, к-аз бунёд буд хар,
Нагардад асп, агар бораш ниҳӣ зар.
Гадое, к-ӯ накӯ бошад ба кирдор,
Биҳ аз шоҳи хуношоми ситамгор.
Пашизе гар надорад марди дарвеш,
Тавонгартар бувад аз шоҳи бадкеш.
Нишони мард бошад покии хӯй,
Бидонӣ мушки Чинро аз раҳи бӯй.
Зару сим аз барои гиру диҳ дон,
Ҳунарро бартару болову биҳ дон.
Хирад бо доду некӣ гар бипайваст,
Зи банди бардагӣ он кас бурун ҷаст.
Хирад андӯзу доду ростӣ варз,
Ки фарҳанг асту дониш мояи арз.
Ту арҷи мард дар кешу ҳунар дон,
На дар колову ганҷу симу зар дон.
Биҳӣ кун, к-он нишони родмардист,
Ки доду ростӣ озодмардист.
Ҳунар омӯзу дар ганҷинаи хеш
Биниҳ ганҷи хирадро, эй накӯкеш.
Бигардам аз пайи дониш ба ҳар кӯй,
Ба ганҷу чиз ҳаргиз н-оварам рӯй.
Ба фарҳанг асту фарзон арзиши мард,

Ба дониш доду некӣ боядам кард.
Ҳама бигзору он куштӣ маро диҳ,
Маро он банди пашм аз ганҷу зар биҳ.
Ба хурдӣ буд он гаҳворабандам,
Нигаҳ медошт аз дарду газандам.
Будам гаҳвора тахти подшоҳӣ,
Биҳиштам буд пурнозу фароҳӣ.
Маро модар бад-он ҷо парвариш дод,
Зи шири поки худ он ҷо хӯриш дод.
Чу бинам ҳар даме, он банди пашмин,
Шавад равшан маро бар сар ҷаҳонбин.
Ки з-он гаҳвора шуд кори ман оғоз,
В-аз он ҷо чашми биниш шуд маро боз.
Нахустин гом худ з-он ҷо ниҳодам,
В-аз он ҷо дида бар гетӣ кушодам.
Суруди модар аз он ҷо шунуфтам,
Нахустин вожа он ҷо ман бигуфтам.
Зи ҳар ч-ам он камарбанд аст хуштар,
Ба ҷуз он ман нагирам чизи дигар.
Ба-д-он бандам ман аз ин пас камарро,
Парастам Кирдигори Додгарро».
Чу хешон ин сухан аз вай шуниданд,
Ҳама ангушт бо дандон газиданд.
Шигифт омад табораш ро аз он кор,
Ки аз Зардушт меомад падидор.
Ки Зардушт аз чӣ раҳ коре чунин кард,
Ҳама пас доду он куштӣ гузин кард?
Бигуфтанд он зи чизе беш набвад,
Ба ҷуз як мушт пашми меш набвад.
Набуд огоҳ з-онон ҳеҷ кас низ,
Ки он пашмина буд бартар зи ҳар чиз.
Ба арзиш он зи ганҷу сим буд беш,
Ба ориш аз ҳама кори ҷаҳон пеш.
Табораш кай буд аз он чиз огоҳ,
К-аз он гаҳвора хезад додгар шоҳ.
К-аз он гаҳвора хуршеде барояд,
Ҷаҳони тираро равшан намояд.
Ки дар вай парвариш ёбад паямбар,
Куҳан гетӣ зи нав созад саросар.

К-аз он хезад яке вахшури биҳдин,
Биҳию ростиро дорад ойин.
Биорад дар ҷаҳон дини накӯӣ,
Ба дилҳо корад ӯ тухми ашӯӣ.
Ба дини биҳ дарорад анҷуманро,
Ба роҳи рост орад марду занро.
Кунад замзам суруди ростиро,
Барад з-ойин кажию костиро.
Шикаст орад сипоҳи Аҳриманро,
Раҳоӣ бахшад аз бад анҷуманро.
Надонистанд, з-он марде бирӯяд,
Ки роҳи ростию дод пӯяд.
Бичошад дар ҷаҳон дини биҳиро,
Худову хешу гетиогаҳиро.
Хирадро довари гетӣ бидонад,
Ба мардум донишу фарҳанг хонад.
Ба менӯ раҳ зи Чинвадпул намояд,
Зи фарзон раҳ ба хушбахтӣ кушояд.
Ҳамон гаҳворае буд осмонӣ,
Навиди пайки дини ҷовидонӣ.
Буд он тахти шоҳаншоҳи накӯӣ,
Нишемангоҳи хуршеди ашӯӣ.
К-аз он Кеши аҳӯроӣ шуд оғоз,
Дари ойини Маздо з-он бишуд боз.

## КАРДАИ 3. ГУЗИН КАРДАН ЗАРДУШТРО БА ЗӮТАРӢ ВА НОХУШНУД ГАШТАНИ ҶОДУВОНУ СИТАМГАРОН АЗ ИН

Чу он фарҳехта пури Спитом
Баровард аз биҳию ростӣ ном,
Ҷавону пир з-он рӯ дӯсташ дошт,
Ки дар некӣ ба гардун сар барафрошт.
Ба фарру зебу поку порсо буд,
Ажиру мағзванду бас расо буд.
Ба-д-ин сон чанд соле пушти сар гашт,
Замона боз чандин раҳ дигар гашт.
Чу ӯро порсову пок диданд,
Дилу ҷонаш ҳама беок диданд,

Ба ӯ гуфтанд: «Зебӣ миҳтариро,
Гузинемат ба Дарҷа зӯтариро.
Туӣ арзандатар танҳо дар ин гоҳ,
Ки ҳастӣ роду донову дилогоҳ.
Сазад, к-имрӯзамон бошӣ ту зӯтар,
К-аз эдар аз ту ҳаргиз нест биҳтар».
Ба-д-онон гуфт Зардушти Спитом,
Ки: «Эй ёрони дилсӯзу накӯном,
Ҳанӯзам хурду натвонам чунон кор,
Дигар ҷӯед пиреро сазовор.
Ки корогоҳ пирони хирадманд
Тавонотар зи ман бисёр ҳастанд.
Ҳама огоҳ аз ҳар гуна коранд,
Бидида гарму сарди рӯзгоранд…»
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Ҷуз ту менахоҳем,
Ки андарвою бас гумкарда роҳем.
Миҳонмон ҷодувонанду ситамгар,
Киҳонмон ҳамчу кайканду харастар,
Ҳам отурвону зӯтар моху зиштанд,
Ки ҷуз тухми бадӣ ҳаргиз накиштанд.
Расад ҳар дам ба мардум бад зи эшон,
Ҳама бадрӯзгорему парешон.
Чу мардумро зи эшон мерасад бад,
Худо аз зӯ(х)ру бархӣ шод набвад.
Яке бododу дониш зӯт бояд,
Ки Яздонро ҳаме кораш хуш ояд.
Маҳу Хуршеду Ноҳиду Вараҳрон
Ҳама рӯ тофтанд ин дам зи Эрон.
Чу ту фарҳахтаву фарзона фарзанд
Бибояд донишогоҳу хирадманд,
Ки Эзад бархии ӯро пазирад,
Ба Эрон хашм то з-ин пас нагирад.
Диҳад осоишу оромӣ дар он,
Зиён н-ояд ба Эрон то зи девон».
Миҳонро хуш наомад инчунон кор,
Дижам гаштанду бадхоҳу ҳамистор.
Битарсиданд, к-ононро расад ранҷ,
Равад аз даст берун он аз ҳама ганҷ.
Чу уфтад пардаи авранд аз рӯй,

Мар ононро намонад об дар ҷӯй.
Ба расвоӣ бароянд номи эшон,
Намонад гоҳу тахту коми эшон.
Чу мисшон ошкоро гардад аз зар,
Дурӯҷонро намонад тахту афсар.
Ба-д-он гаҳ ҳар куҷо будӣ бузурге,
Гурусначашму бадкирдор гурге,
Ситам пайваста кардандӣ ба мардум,
Газанда, нешзан чун мору каждум,
Битарсиданд з-анҷоми бади хеш,
Ба андеша сар афгананд дар пеш.
Ашӯ Зардуштро ангези куштан
Бикарданд он ҳама бадкеш душман.
Куҷо буд миҳтаре, исголише кард,
Ба шаҳр-андар яке оғолише кард.
Ба сад найрангу афсуну баҳона
Бибурдан хостандаш аз миёна.
Зи бас, к-ӯ некному бегунаҳ буд,
Бадонро баҳри куштораш на раҳ буд.
Чунон чун кӯрмуш аз партави Шед,
Ба зери хок биншастанд навмед.
…Чу шуд зӯт андар он шаҳри шукуфон,
Нишасту хост ҳамроҳи бузургон.
Чу поку порсо зӯтар ҳаме буд,
Бузургу хурд з-ӯ буданд хушнуд.
Ба оби Дарҷа бар Меҳру Аноҳид
Бибурдӣ зӯ(ҳ)р ҳуму шири испед.
Биҳӣ мекарду некӣ мебиомӯхт,
Чароғи доду дониш мебарафрӯхт.
Ба оташ-зӯ(ҳ)ру бархӣ рӯз то шом
Ҳамебуд дар парастиш он накӯном.

## ФАРГАРДИ 3. БА СИТЕҒИ БАЛАНДИ ФАРҲАНГУ ФАРЗОН БАРОМАДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

## КАРДАИ 1. ЗАРДУШТ ДАР САРИ КӮҲИ УШИДАРН БО ХУДОВАНД РОЗ МЕГӮЯД

Ба гардун сар кашида буд кӯҳе,

Пур аз обу гиёҳу бошукӯҳе.
Ба хоку боду оби поку равшан,
Пур аз шебу фарозу паҳн доман.
Кашида сар ба сӯйи осмон буд,
Ушидарни хуҷаста номи он буд.
Ашӯ Зардушти огоҳу хирадманд
Бигуфтӣ роз он ҷо бо Худованд.
Бирафтӣ ҳар гаҳ он Маздогузида
Сари он кӯҳи зебову ханида.
Ҳаме пайваста он ҷо озар афрӯхт,
Ба оташ-зӯ(ҳ)р ҷону дил барафрӯхт.
Ба назди оташи поки фурӯзон
Сари андеша бурдӣ дар гиребон,
Дилу ҷонро зи ранҷу оз шустӣ,
Зи буду ҳасти гетӣ роз ҷустӣ.
Даме бо хеш Зардушти Спитом
Зи андӯҳи ҷаҳон меёфт ором,
Ҳамора з-он сари кӯҳи барозанд,
Ба гетӣ чашм афганд он хирадманд.
Аз он ҷо дид паҳнои ҷаҳонро,
Фароху паҳн буми Ориёнро.
Ҳамора оташе афрӯхт тобон,
Парастид Эзаду амшоспандон.
Ба покӣ кард Яздонро ситоиш,
В-аз ӯ пурсид ёрӣ бо ниёиш.
Зи торикӣ ба сӯи рӯшноӣ
Биҷустӣ роҳи аз паркон раҳоӣ.
Ушидарни хуҷаста буд кӯҳе
Баланду дилпазиру пуршукӯҳе,
Зи дигар кӯҳҳо буд баргузида,
Чаҳорум кӯҳи Маздо офарида.
Аҳӯро зебу фарри вижа дода,
Миёни Ориёнвиҷаш ниҳода.
Ки бемар буд дар вай чашмасорон,
Фаротозанда чун сим обшорон.
Басо дору дарахту урварон дошт,
Булӯрин обҳо зераш равон дошт.
Фаровон руста дар он буд гиёҳон,
Чаранда дому дад он ҷо фаровон.

Биҳиште дому дадро буд хуррам,
Хӯриш буд андар он бисёру бафҳам.
Сари он кӯҳ буд хуррам яке ҷой,
Хамӯшу нағзу орому дилорой.
Гиромӣ дар шумар буду ҳумоюн,
Бидида пойи Ҷамшеду Фаредун.
Парастишгоҳи шоҳони куҳан буд,
Ки варҷованд назди анҷуман буд.
Сари он кӯҳ аз баҳри ниёш,
Бирафту кард Гаргарро ситоиш.
Ниёишҳои ӯ Маздо бипазруфт,
Бикард ӯро ба фарри эзадӣ ҷуфт.
Сар аз андеша он ҷо дар гиребон
Фурӯ мебурду мепӯшид чашмон.
Ба дил меҷуст роҳи растагорӣ,
Раҳоӣ аз баду бадрӯзгорӣ.
Кушудан чашм андар донишу дод,
Зи банду бардагӣ гардидан озод.
Зи бад озод кардан анҷуманро,
Шикастан дасту пойи Аҳриманро.
Ҷаҳон нав сохтан, обод кардан,
Сазанда зиндагӣ дилшод кардан.
Кушудан рози маргу зиндагонӣ,
Биҷустан роҳи бахту шодмонӣ.
Намудан  розҳои ахтару моҳ,
Ба сӯи Меҳри равшан ёфтан роҳ,
Зи банди деву дарду ранҷ растан,
Зи по занҷири Оҳарман гусастан.
Бикардан мардумонро раҳнамоӣ
Зи торикӣ ба сӯи рӯшноӣ.

## КАРДАИ 2. ПАЁМИ ХУДОВАНДИ ХИРАД БА ЗАРДУШТ АЗ ДИНИ БИҲӢ

Сари кӯҳи Ушидарн ӯ яке рӯз
Баромад боз чун Хури дилафрӯз.
Бируста ҳум бисёр андар он кӯҳ,
Ба перомуни он анбӯҳ-анбӯҳ.
Чу ҳаррӯза биомад дар гаҳи бом

Сари он кӯҳи бас хомӯшу ором.
Бикард ӯ оташе он ҷо фурӯзон,
Намозе то гузорад баҳри Яздон.
Зи шохи ҳум барсам кард дар даст,
Ба назди оташи тобанда биншаст.
Ба оташ-зӯ(ҳ)р ҳуму шир овард,
Ниёишҳо мар оташро фузун кард.
Чу ширу ҳум дар оташ биҷӯшид,
Зи ҳован кард дар ҷому бинӯшид.
Ду дастони ниёз он гоҳ боло
Бикарду хост ёрӣ аз Аҳӯро.
Бигуфт: «Эй оташи Маздо бидода,
Туӣ аз гавҳари покӣ бизода.
Ки бе ту ҳастиёнро ҷунбише нест,
Ба гардун ахтаронро гардише нест.
Ҳама ҳасту будонро ҷунбиш аз туст,
Замину осмонро гардиш аз туст.
Ту дар рагҳои ҷони мо равонӣ,
Дилу ҷону хирадро ҷони ҷонӣ.
Маҳу Хуршедро гардидан аз туст,
Забони ҷонам аз ҳастӣ-т хастуст.
Миёни бандагону пок Додор
Туӣ пайвандсозу раҳнамудор.
Нишони ҳастии Маздо ту ҳастӣ,
Паёми Эзади Якто ту ҳастӣ.
Ту ҳастӣ ҷони ҷондорони Додор,
Ки покию парастишро сазовор.
Зи чор ахшиг болотар ту ҳастӣ,
Равӣ болову нагройӣ ба пастӣ.
Ба боло бод бе ту чун бихозад,
Ба поён об бе ту кай битозад?
Равон бахшанда андар хоку обӣ,
Фурӯғи тоби чашми Офтобӣ.
Ба гардун гардиши Хуршед аз туст,
Дурахши Тиштару Ноҳид аз туст.
Аҳӯропур озарроситоем,
Фурӯғи рӯй Гаргарро ситоем.
Чу бар ҳастии Маздо хасту ҳастем,
Аҳӯродода оташро парастем.

Биё, эй оташи поки Аҳӯро,
Ба ман бинмой рӯйи поки Ӯро.
Раҳам бинмой сӯи рӯшноӣ,
Маро кун сӯи Яздон раҳнамоӣ.
Нишоне з-ӯ ҳамебинам, ки дар туст,
Фурӯғу тоби ту з-он рӯйи некӯст.
Ҷаҳон бе тоби рӯят тира бошад,
Маҳу Хуршед хоке хира бошад.
Ту, эй оташ, Аҳӯроро нишонӣ,
Аҳурочеҳрию Ӯро бимонӣ.
Набошад раҳнамое бартар аз ту,
Ки дарёбам башини Гаргар аз ту.
Гиреҳ аз бастагӣ бикшой бар ман,
Раҳе сӯи Худо бинмой бар ман.
Ба ком андар ҳазоронат забон аст,
Ки ҳар якро ҳазорон достон аст.
Сипантоию беолоишу пок
Забонатрост вижа вожаву вок.
Расад бар гӯши он, к-ӯ ҳуш дорад,
Ба дил чашмеву дар ҷон гӯш дорад.
Ту ҳастӣ дар дили ҳастӣ чу чарғанд,
Нишоне з-Эзади Бечуну Бечанд.
Ту аз Бахшандаи Якто навидӣ,
Дари андешаро ҳамчун калидӣ.
Хирадро гӯшу ҳушу дидан аз туст,
Раҳи яздоншиносӣ равшан аз туст.
Туро з-он парварем, эй пок оташ,
Ки ҳастӣ бас шигарфу жарфу саркаш.
Ниҳода кору ҷунбишро ба комат,
Гилозаргар ба мардум кард ромат.
Дигар домон зи ту дастанд кӯтоҳ,
Наянд аз рози пинҳони ту огоҳ.
Падидорандаву бахшандаи ҷон,
Фурӯзонандаи Хуршеди тобон, -
Ҷаҳонро кард бо рӯйи ту равшан,
Зи гил хезонд аз бӯйи ту гулшан.
Чунонат кард Гилнамгар ба нерӯй,
Ки созӣ обу бод аз оҳану рӯй.
Аз эро рӯй меорам ба сӯят,

Ки бинам тоби рӯйи Ӯ зи рӯят»[1].
Чу пардахт он ашӯ з-Оташ-ниёиш,
Зи равған зӯ(х)р бурдаш бо ситоиш.
Ду дида басту пас ором биншаст,
Дилу ҷон бо Худои хеш пайваст.
Бигуфт: «Эй Гаргари Ҳарвиспогоҳ,
Маро бинмой сӯи ростӣ роҳ.
Ту Гил-озаргари Яктову покӣ,
Падидорандаи оташ зи хокӣ.
Зи боду хоку об оташ кунӣ соз,
Ба-д-ин се бозгардонӣ варо боз.
Ҳаме з-ин се бурун орӣ ту онро,
Ба-д-ин се бозгардонӣ ту ҷонро.
Гузоремат сипосу арҷи бемар,
Ки додимон варҷованд озар.
Бигӯ бар ман, ки раҳ сӯят кадом аст,
Башини поки хешатро чӣ ном аст?
Зи неку бад сиришта ин ҷаҳон чист,
Ҳамисторон ниҳода ин дувон кист?
Зи неку бад ҳилида парда кӣ-бвад?
Паси ин парда пинҳон карда чӣ-бвад?
Басечи маргу режи зиндагӣ чист?
Худоӣ баҳри чисту бандагӣ чист?
Маро бинмой роҳи зистан шод,
Зи банди Аҳриман гардидан озод.
Диламро аз хирад чашме бикун боз,
Маро аз банди нодонӣ раҳо соз.
Гиреҳ аз кори бадбахтон ту бикшой,
Раҳе сӯи «Ашо» аз меҳр бинмой».
Фуруд омад Сурӯш аз осмонаш,
Расонд ӯ муждае бар гӯши ҷонаш.
Ки Маздо он ниёишҳо пазируфт,
Ба зӯтар бас дуруду офарин гуфт.
Ба-д-ӯ аз дини некӣ дод пайғом,
Якояк гуфт Маздоро ҳама ном.
Ки ҳар к-ӯ номҳои неки ӯро
Бигирад, ёд созад аз Аҳӯро,
Шавад номи Худо пушту паноҳаш,

[1] Дар пояи "Оташ-ниёиш" суруда шудааст.

Бидорад аз ҳама зиштӣ нигоҳаш.
Ҳар он к-ӯ бар забон овард номаш,
Хушию некбахтӣ гашт комаш.
Бишуд пирӯз бар деву дурӯҷон,
Сипоҳи Аҳриман шуд з-ӯ парешон...

## КАРДАИ 3. АНДАР УШИДАРНИ РОСТИН ВА ДИГАР ОРИШӢ

Чунин гӯянд Ушидарнест омеғ,
К-аз Эрон буд кӯҳеро яке теғ.
Ки Зардушти паямбар бар сари он
Бигуфтӣ роз бо Додори кайҳон.
Гузину пок дини маздаясно
Нахуст ин ҷо ба-д-ӯ шуд ошкоро.
Чунин буд хӯй карда он хирадманд,
Ки рафтӣ бар сари он кӯҳи бурзанд.
Ба ҳуму ширу барсам андар он боз
Бигуфтӣ бо Худованди Хирад роз.
Чу баргаштӣ ба Дарҷа ҳар гаҳ аз роҳ,
Баромад бар Ушидарн он дилогоҳ.
Аз он ҷо дид паҳнои ҷаҳонро,
Раванди Хуру Моҳу ахтаронро,
Аз он ҷо дид як-як шаҳру диҳро,
Нигаҳ кард андар онон зишту биҳро,
Ба Эронвиҷ з-он ҷо чашм андохт,
Ҷаҳонро з-он баландӣ диду бишнохт.
Сари он кӯҳ Маздоро ҳамеяшт,
Ба Дарҷа боз з-он ҷо бар ҳамегашт.
Худо он ҷо ба-д-ӯ хшнум биомӯхт,
Чароғи доду дин дар ҷонаш афрӯхт.
Сурӯшаш ардамон оварду бархонд,
Ба ӯ «Готон»-и варҷованд дононд.
Аз ӯ пайғамбаре Маздо ҳамехост
Бисозад, то намояд бар раҳи рост.
Сурӯшаш сосно он ҷо биёвард,
Нахустин бору ҷонашро бипарвард.
Аз он ҷо дини Маздо ёфт оғоз,
Дари ойини биҳ з-он ҷо бишуд боз.

Дигар ин ҷо Ушидарнест пинҳон,
Ситеғи кӯҳи фарҳанг асту фарзон.
Бувад он гоҳи гундои бафарҳанг,
Ханида тахту варҷованд авранг.
Яке кӯҳе баланду паҳндомон
Фарозанда сар аз чистову фарзон.
Бувад он пояи болову барфар,
К-аз он набвад ба гетӣ моя бартар.
Расид он ҷо агар марди худоҷӯй,
Тавонад дид з-он ҷо аз Худо рӯй.
Чу Зардушт аз сари он кӯҳи фарзон
Бишуд наздики Волоҷоҳ Яздон,
Бидид ӯ з-он баландӣ ин ҷаҳонро,
Баробар ошкорову ниҳонро.
Баромад бар сари ону чу Хуршед
Замину осмонро кард испед.
Чу хуршеди хирад аз кӯҳи фарзон
Бизад сар, то ҷаҳон з-ӯ шуд фурӯзон.
Худованди Хирад - Маздо-Аҳӯро
Чароғи раҳнамо бугзид ӯро,
Фурӯғи рӯйи Хуршеди Хирад буд,
Ки гоҳи бом рӯйи хеш бинмуд.
Ҳамедун пояи довиш, ки чун кӯҳ
Баландаш кард дар дил марди бишкӯҳ.
Ба-д-ин сон поя, к-аз гардун баланд аст,
Расад он, к-ӯ зи чисто баҳраманд аст.
Дигар, он поя тахти подшоҳест,
Ки сӯяш ҳар гадоеро на роҳест.
Ба-д-он авранг биншинад шаҳе, к-он
Ба доду ростисту фарри Яздон.
Ба-д-ин бигзашт солу моҳ чандон,
Ки Зардушти ашӯ андӯхт фарзон.
Ба чашму гӯш бар бад баста буд роҳ,
Ду даст аз бад ҳамеша карда кӯтоҳ.
Бикард ӯ хешро ожир дар кор
Ба суди бандагони пок Додор.
Шумурд ӯ ростиро биҳтарин роҳ
Парастиш кардани Ҳарвиспогоҳ.
Намоз ин, -гуфт, -покӣ дар ҳама кор -

Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор.
Ашӯӣ, некӣ, покӣ, порсоӣ,
Раҳанд аз дӯзахи паркон раҳоӣ.
Расид аз ростӣ бар он баландӣ,
Ки раст аз чоҳи деви озмандӣ.
Гирифт уфтодагонро даст он род,
Ба дарвешон басе доду диҳиш дод.
Биҳонро ӯ ҳамеша меҳрубон буд,
Ба ҳар дармондае ёрирасон буд.
Зи некӣ сохт бар дарё яке пурд,
Ки раҳ з-он бар канори растагӣ бурд...
Бикард аз ростӣ ӯ нардбон рост,
В-аз он рафтан ба сӯи осмон хост.
Ҳаме ӯ кард некӣ бо ҳама кас,
Биҳию ростӣ мекардию бас.
Фурӯ буд баста аз бад дидаву гӯш,
Ба некӣ дӯхт яксар дидаи ҳуш.
Касе андар ниҳону ошкоро
Аз ӯ нашнид ҳаргиз носазоро.
Ба аспи раҳрави оташфаши хеш
Гузашт аз ҳар пагӯе дар ҷаҳон пеш.
Гаҳе андар Ушидарн он сарафроз
Бигуфтӣ бо Худованди Хирад роз.
Гаҳе аз шаҳр бар шаҳри дигар рафт,
Пайи дониш ба ҳар ҷо дар ба дар рафт.
Бирафташ ном дар некӣ ба ҳар сӯй,
Ба родӣ гашт овоза ба ҳар кӯй.
Ба дониш вай чароғи анҷуман гашт,
Ки номаш аз даҳанҳо бар даҳан гашт.

## ФАРГАРДИ 4. ҶАШН БАРПО КАРДАНИ ПӮРУШАСП ВА ШАРМАНДА КАРДАНИ ЗАРДУШТ ҶОДУВОНРО

### КАРДАИ 1. БА АФСУН БУРДАН ВА КУШТАН ХОСТАНИ ҶОДУВОН АШӮ ЗАРДУШТРО

Дабири пири огоҳ аз гаҳи пеш
Чунин ангошт андар номаи хеш,

Чу рафт овозаи Зардушт ҳар сӯй,
Забон андар забону кӯй дар кӯй.
Пур аз андӯҳ шуд дил ҷодувонро,
Зи кину рашк коҳиданд ҷонро.
Бигуфтанд: «Ар ба-д-ин гуна-ст Зардушт,
Ба тарфанду фусуне боядаш кушт.
Яке имрӯз бояд чора кардан,
Бикуштан, пайкарашро пора кардан.
Вагарна ганҷу симу тахту афсар
Равад аз дасти мо барбод яксар».
Ба-д-ин сон ҷодувони девкирдор
Ба-д-он диҳ омаданд аз баҳри куштор.
Чу Зардушти ашӯро дар сари роҳ
Бididанд он сияҳкорони бадхоҳ,
Гирифтан хостанд ӯро ба афсун,
Бибурдан, куштан аз он ҷой берун.
Або Зардушт дар он роҳ он гоҳ
Ҷавоне чанд тан буданд ҳамроҳ.
Аз ин рӯ ҷодувон андеша карданд,
Фусункориву ҷоду пеша карданд.
Ҳамерафтанд чун дузд аз пасу пеш,
Ки  гуфтӣ, гург660 пояд аз пайи меш,
Ки ӯро з-он миён гиранд ногоҳ,
Ба афсун, то кушандаш дар сари роҳ.
Ба ҷоду наврасонро хоб бурданд,
Ба найрангу фиребу дуди испанд.
Ҳама он ҳамраҳон рафтанд дар хоб,
Зи найрангу дурахши ҷоми пуртоб.
Магар Зардуштро нагрифт ҷоду,
Даму афсун накардӣ кор дар ӯ.
Бикӯшиданд бо найранг ҳарчанд,
Ашӯ Зардуштро оранд дар банд,
Ҳамоно ӯ намеуфтод дар дом,
Дижам гаштанду з-ӯ рафтанд ноком.
Пас оварданд он бебаҳрагон рӯй,
Ба сӯи Пӯрушаспу дудаи ӯй.
Ки он ҷо боз афсуне бихонанд,
Ба рангу реви дигар то тавонанд,
Ба он фарзона ҷодуе бисозанд,

Барандаш бо фусуну тарбу авранд.
Набуд чун Пӯрушасп огоҳ, к-он сон
Гаронон аз чӣ раҳ гаштан-ш миҳмон.
Пазира гашту ҷашне кард барпой,
Куҳан ойини нек овард бар ҷой.
Бузургони диҳу хешон ба-д-он рӯз
Бихонд ӯ ҳам ба он ҷашни дилафрӯз.
Ҷавону пир аз наздику аз дур
Фароҳам омаданд он рӯз дар сур.
Ба боғе дилкушо ойин бубастанд,
Бузургу хурд дар хӯрдан нишастанд.
Ниҳода хонҳо он ҷо пур аз ноз,
Ҳама ожир баҳри базму бигмоз.
Ба як сӯ бенавоёну гадоён
Нишаста тан бараҳна бар сари нон.
Гурӯҳе ҷанда карда бар тани хеш,
Гурӯҳе пӯст баста аз пасу пеш,
Пажогин дасту рӯй олуда бо пишк,
Шабуш дар тан фузуну сар пур аз ришк.
Рада binшаста дигар сӯ бузургон,
Ниҳон дар пӯстини барра гургон.
Ба боло карда гардан, сар пур аз бод,
Зи хӯрдан хуни мардум масту дилшод.
Миёни он миҳон ҷодугаре буд,
Муғонро бартар ӯ донишваре буд.
Братрук-Реш буд он мардро ном,
Фигандӣ деврo бо рев дар дом.
Чунон ҷодугаре буд обрӯманд,
Ки мисро зар ҳамекардӣ ба тарфанд.
Ба рангу реву найранг аз ҳама беш,
Бузургу хурд пешаш даст бар пеш.
Чу шуд аз бода дар он базм сарх(в)аш,
Рухонаш даргирифт аз кин чу оташ.
Бигуфташ Пӯрушасп он гоҳ, к-«Акнун,
Ҳунар бинмуд бояд-т, эй ҳумоюн.
Ба мардум, ҳар ҳунар, к-ат ҳаст, бинмой,
Ба ҷоду чашмҳоро банду бикшой,
Ки то як дам ба шодӣ бигзаронем,
Сипосу арҷу афринат бихонем.

Ки бошем аз ту як дам шоду хушнуд,
Бихонем «офарин»-ту «бош бидруд!»
Ашӯ Зардушт буд биншаста як сӯ,
Ба ҳамроҳи падар паҳлӯ ба паҳлӯ,
Чу ҳар гаҳ бар пажумон чашм медӯхт,
Ба-д-он бечорагонаш дил ҳамесӯхт.
Нигаҳ мекард гоҳе чун миҳонро,
Ситамгорони сар бар осмонро,
Барошуфташ дил аз он девкешон,
Ба дил нафрин ҳамехондӣ ба эшон.
Падар чун бар Братрук-Реш он гуфт,
Ашӯ Зардуштро з-он дил барошуфт,
Падарро раҳ гирифту дошт он гоҳ,
«Марав»,- гуфт,- аз пайи он пири гумроҳ,
Ки дину кеши ӯ яксар дурӯғ аст,
Чароғи дидаи ӯ бефурӯғ аст.
Аз он хунхора ҷодуи ситамгар
Ба мардум дарду ранҷ ояд саросар.
Ба ҷоду ӯ фиребад чашми нодон,
Ба тунбул з-он рабояд аз даҳан нон.
В-аз он мардумфиреби хонумонсӯз,
Зиёну ранҷу бад ояд ҳама рӯз.
Чу морон ӯ ба дидан пурнигор аст,
Дарун, чун бингарӣ, пур заҳри мор аст».
Падар гуфташ, ки: «Пиронро маёзор,
Ки дар ҳангоми пирӣ худ шавӣ хор».
Писар гуфто, ки: «Он гурги нажанд аст,
Ки пинҳон зери пашми гӯсфанд аст».
Бигуфташ: «Дину ойинро макун хор,
Ки дар пай дарду ранҷ орад-т бисёр.
Макун он сон дуруштӣ бо бузургон,
Занандат варна девони ҷаҳонбон».
Бигуфт: «Ойини ӯ яксар намуд аст,
Ҳама рев асту рангу баҳри суд аст...»
Братрук-Реш он гаҳ хест аз ҷой,
Миёни анҷуман истод бар пой,
Фусуне чанд зери лаб зи бар хонд,
Дамиду дастҳои худ барафшонд.
Ба ҷоду баст чашми марду занро,

Фурӯ бигзошт хира анҷуманро.
Ҳар он, ч-аз ҷодуӣ ӯ мебидонист,
Ҳама бинмудашон, то метавонист.
Бигаштанд он ҳама патх аз фусунаш,
Бихонданд офарин аз бас фузунаш...

## КАРДАИ 2. ШАРМСОР КАРДАНИ ЗАРДУШТ ҶОДУВОНРО НАЗДИ МАРДУМ ДАР ҶАШНГОҲ

Ашӯ Зардушт гуфт он гоҳ, к- «Эй пир,
Ки дасти туст дар ҷоду ҳаме чир,
Фиребу моху тарфандӣ саросар,
Ҳама корат дурӯғ аст, эй фусунгар.
Бисозам ошкорат он ҳама роз,
Кунам шармандаву расво туро боз.
Ту он ҷодугари найрангсозӣ,
Ба ҷону хуни мардум даст ёзӣ.
Ман акнун боз созам реву рангат,
Ба мардум, то ба сар кӯбанд сангат.
Бирезам он дурӯғин обрӯят,
Намонад ҳеҷ обе то ба ҷӯят.
Намонад ҳеҷ касро бар ту бовар,
Шавӣ нокому баргардад-т ахтар.
Чу мардум тунбалу тарбат бидонанд,
Махавсон аз дари шаҳрат биронанд».
Братрук-Реши ҷоду чун зи Зардушт
Ба хашм омад, фитодаш чӯб аз мушт.
Зи роҳи чоплусӣ дод посух,
Ки: «Эй Зардушти донишёри фаррух,
Ҳанӯз арчанд навруста ҷавонӣ,
Зи пирони куҳан бисёр донӣ.
Зи мардони бузурги ҳафт кишвар
Туӣ бинотару донову бартар.
Маро бишмор бо худ чун яке дӯст,
Ду мағз, ангор, гашта дар яке пӯст.
Ту донӣ, к-ин ҳама тарбу фиреб аст,
Ки мардумро ба-д-он аз мо ниҳеб аст.
Аз онон рози ман пинҳон ҳамедор,
Макуншон тезу сӯи ман маёғор.

Зиҳӣ, эй бихради бахшандаи род,
Хаҳӣ, фарзонаи бо донишу дод!»
Пас он Дӯрасароби пири ҷоду,
Бузурги ҷодувон омад ба-д-он сӯ.
Дижам гардидаву дар оташи хашм,
Сиёҳӣ бар руху сурхиш дар чашм,
Чу мори заҳрзан печида дар хеш
Бизад фарёд з-он сӯ он бадандеш.
Биомад бо фиғон он девкирдор,
Ба ғурриш чун гурусна пиркафтор.
Ба ҳамроҳону шогирдону ёрон
Чунин дод он бадахтар пир фармон,
Ки: «Бояд кушт акнун ин ҷавонро,
Ба Яздон носипосу бадгумонро,
Ки пиру пешворо бидҳад озор,
Биҳин дини ниёгонро кунад хор.
Бибош огоҳ, эй пури Спитом,
Ки инак мурд хоҳӣ хору ноком.
Миёни ҷодувон кас нест дигар
Ба гетӣ ҳамчу ман пири фусунгар.
Ба ҷоду бар ту марг орам ман имрӯз,
Ба афсун ҷон ситонам-т аз тан имрӯз.
Чу бо ман нестӣ ин гоҳ дар ҷанг,
Аз он афсӯс, куштан бишмарам нанг.
Братрук-Реш ҷодуи забардаст,
Ки бо ту ин гаҳ ин ҷо дар набард аст,
Ба захми чашм аз тан бистадат ҷон,
Шавад ному нишонат гум зи Эрон.
Туро дар хонаи ту ӯ кушад зор,
Кашӣ то кайфари хеш, эй базаҳкор».
Ашӯ Зардушт гуфт: «Эй марди ҷоду,
Натарсам ҳаргиз аз чашми бади ту.
Чу бошад чоҳканро чоҳ дар пеш,
Худ ӯ бошад ба чоҳи кандаи хеш.
Ситамгори душу бадкеши хунрез
Бисӯзад андарун дар оташи тез.
Ба дил аз рашку кин оташ фурӯзад,
Дар ин оташ худ ӯ бедуд сӯзад».
Чу ин бишнид з-ӯ он пири бадбахт,

Даҳан ҷӯшиду тан чун санг шуд сахт.
Ба-д-ин гуна ҳамебуд то даме чанд,
Ки то даҳ модиёнро шир дӯшанд.
Ба худ чун омаду букшод ӯ чашм,
Ба-д-он сон дид хешу гашт дар хашм.
Жагоре зад чу як даррандае, к-он
Задандаш дар раги дил тез пайкон.
Ба худ печид пас пири пурафсун,
Дил аз андӯҳу кину рашк пурхун.
Гирифт аз даст тарсон Пӯрушаспаш,
Ба ҷоме дод он гаҳ шири аспаш.
Задаш Зардушту ҷом уфтодаш аз даст,
Ба рӯйи хоку зад бар сангу бишкаст.
Ба Зардушти ашӯ он пири душчашм
Нигоҳи ҷодувӣ андохт бо хашм.
Ашӯ Зардушт низ он гоҳ бебок
Нигоҳ афканд бар душчашми нопок.
Чу ӯ тири нигаҳ бар ин фурӯ рехт,
Ҳам ин теғи нигаҳ бар вай биоҳехт.
Миёни зӯтару деви фусунсоз
Ба-д-ин сон чашмҷанге ёфт оғоз.
Бар он ҷодугари душчашми бадрӯз
Ба ҷанги чашм шуд Зардушт пирӯз.
Аз он теғи нигоҳи чашми хуршед
Чу муши кӯр он ҷоду битарсид.
Чу шуд навмед пири аҳриманкеш,
Ба аспи хештан биншаст дилреш,
Ниҳод ӯ пушт бар кӯйи Спитом,
Бурун шуд тафт з-он даргоҳ ноком.
Ба хашму кина он ҷодугари пир
Савори тезтак меронд чун тир.
Аз он ҷо дуртар чун рафт, дар роҳ,
Сияҳ зад чашму дил-ш аз бим, ногоҳ-
Тану ҷонаш фаро бигрифт дарде,
Давид андар рагу пай дарди сарде.
Зи тарсу бим дасту пой ларзид,
Зи ҷони хеш ҷоду гашт навмед.
Забонаш сахт гашту пайкараш суст,
Чунон, к-аз зиндагонӣ дасту дил шуст.

Ба кӯшиш аспи худро доштан хост,
Ду дасташ суст гашту зӯру ҷон кост.
Фитод андар замину муҳра бишкаст-ш,
Ҷудо шуд тан зи пою гардану даст-ш.
Ҳамоно  мағзу риму хуни нопок
Баромад з-андарунаш, рехт бар хок.
Бимурд он баддили бедодгар хор,
Зи ҳам пошид он нопок мурдор.
Чу бар Дӯрасароби ҷоду пирӯз
Ашӯ Зардушт омад андар он рӯз,
Бирафт овоза дар Эрон, ки Зардушт
Чунон ҷодугари душчашмро кушт.

## БАХШИ 4

## ФАРГАРДИ 1. ҶАҲОНГАРДӢ КАРДАНИ ЗАРДУШТ ВА ГАВҲАРИ ДОНИШ АНДӮХТАН

### КАРДАИ 1. ОЙИНИ ПАЙКОРИ ОХШИГОНРО ОШКОР КАРДАНИ ЗАРДУШТ

Чу Зардушти ашӯ бо донишу дин
Ба бадкешону девон хонд нафрин,
Ба некон ёру дар пайкор бо бад
Буд он бинодили огоҳу бихрад.
Дурӯҷу ҷодувони зишту бадкин
Аз он гаштанд нохушнуду хашмин.
Ба ӯ бас душманӣ ҷустанду офанд,
Чу ҷангу шӯришу оғолишу банд.
Аз ин рӯ, бар бадон бинмуд ӯ пушт,
Бирафт аз зодбуми хеш Зардушт,
Ҳам андар ҷустуҷӯйи донишу дод
Бигашту рӯй бар ҳар сӯй бинҳод,
Зи ҳар дар донишу фарҳанг ҷӯён
Бигашт ӯ солҳо бас роҳ пӯён.
Куҷо гар буд яке done марде,
Ба-д-ӯ пайвасту шогирдӣ-ш кардӣ.
Зи кӯҳу бешаву дарё гузар кард,
Раҳи дашту биёбон пушти сар кард.
Зи марзе рафт дар марзе паёпай,
Зи ҳар донанда ҷустӣ ҳар куҷо пай,
Бипурсиду шуниду диду омӯхт,
Ба дил бас гавҳари фарҳанг андӯхт.
Зи дониш ганҷҳо дар сина анбошт,
Зи фарзон бас гуҳар дар дил бибардошт.
Ҳаме гирди ҷаҳон гаштӣ шаборӯз,
Зи ҳар донишпижӯҳе донишомӯз.
Бигашт ӯ солҳо гирди ҷаҳонро,
Ки то дарёфт бас рози ниҳонро.
Хирадро кард дастур он ҷаҳонгард,
Нигоҳи жарф дар кори ҷаҳон кард.

Ҷаҳон ойинае гашташ, ки дар он
Бидид ӯ дасти кори пок Яздон.
Ҷаҳонро корзори неку бад дид,
Ҳама пайкори паркону хирад дид.
Зи марг андеша карду зиндагонӣ,
Зи ранҷу озу бахту шодмонӣ.
Накӯро хору бадро комрон ёфт,
Дурӯҷонро баланд аз ростон ёфт.
Басо бадкешу гумраҳ дид дар ҷоҳ,
На кам озода дид уфтода дар чоҳ.
Ба ҳар ҷо рафт дузду роҳзан дид,
Сухан аз куштану тороҷ бишнид.
Зи бедоду ситам в-аз оташи ҷанг
Ҷаҳон пурдуду талху тору бас танг.
Ба як сӯ мурда чандин кас зи бедод,
Ба як сӯ суру як сӯ сӯгу фарёд.
Гурусна нотавон яксӯй мемурд,
Тавонгар хуни ӯро сер мехӯрд.
Яке сархуш зи хӯрду хобу ором,
Дигар саргаштаву бебаҳра ноком.
Ба-д-ин сон дар ҷаҳон мегашт он род,
Накӯву зишт диду доду бедод.
Дурӯғу рост диду шоҳу дарвеш,
Шубону гургу ҷанг андар сари меш.
Ба Эрону ба Нерон дар ба дар рафт,
Пайи ҷустори фарҳангу ҳунар рафт.
Ба ҳар ҷо буд пизишке ё пагӯе,
Ҳунарманде, раде, фарҳангҷӯе,
Ба он ҷо рафту ӯро ҷустуҷӯ кард,
Зи доду дину дониш гуфтугӯ кард.
Зи чандин ирмагон пурсиду омӯхт,
Ба дил бас гавҳари фарзон биандӯхт.
Дурӯғу ростию равшану тор
Ҳамеша дид андар разму пайкор.
Чу дид ин корзори неку бадро,
Ба ҳам пайкори паркону хирадро,
Набарди гарму сарду талху ширин,
Ситези  хубу зишту меҳр бо кин,
Ҳамовардии маргу зиндагонӣ,

Куҳан бо навву пириву ҷавонӣ.
Басе андеша карду ҷуст бас роз,
Бикард аз роҳи дониш чашми дил боз.
Ба-д-ин сон то гаҳи сисолагӣ ӯ,
Ҳаме рафт аз пайи дониш ба ҳар сӯ.
Ҷаҳон мегашту дониш мебиомӯхт,
Чароғи бихрадӣ дар дил барафрӯхт.
Гаҳе медид доду гоҳ бедод,
Гаҳе вайрона диду гоҳ обод.
Набарди миҳру кину дарду дармон,
Зи разми зиндагиву маргу ҷуз он.
Чу гетӣ корзори неку бад буд,
Дар он пайкори паркону хирад буд,
Аз он дарёфт рози чархи гардун,
Ки бинӣ ҳар даме онро дигаргун.
К-аз ин ангеза гардун ҳаст гардон,
Ба гардиш з-ин бувад ҳамвора кайҳон,

## КАРДАИ 2. БА ЗОДГОҲИ ХЕШ БОЗ ОМАДАНИ ЗАРДУШТ

Ҷаҳонро гашт Зардушти Спитом,
Ба Эрон-виҷ баргашт ӯ саранҷом.
Чу бозомад ба сӯйи кишвари хеш,
Бадиро дид дар вай беш аз пеш.
Миён барбаст дар пайкор бо бад,
Ба ҳар ҷо рафту дар ҳар шаҳр омад.
Ба мардум хонд андарзи накӯйӣ,
Биҳию ростию ростгӯйӣ.
Ба бад ҳамвора мебуд ӯ ба пайкор,
Ба некон меҳрубон, бо душ ҳамистор.
Ба мардум панд ӯ медоду андарз,
Чу рафтӣ ҳар куҷо, андар ҳама марз...
Зи гоҳи зоданаш сӣ сол бигзашт,
Ки ӯ бар зодбуми хеш баргашт.
Зи неку бад ҳар он ч-ӯ диду бишнуфт,
Аз он бар хешу бегона ҳаме гуфт.
Ба мардум дод андарзи ниёкон,
Хирад омӯхтшону  панди покон.

Сухан аз донишу фарҳангашон ронд,
Ба некӣ кардану доду диҳиш хонд.
Бадон бар душманӣ карданд оҳанг,
Бипайвастанд бо ӯ ҳар даме ҷанг.
Ба найрангу фусуну банду ҷоду
Ҳаме буданд дар пайкор бо ӯ.
Чу ҷону кору дил будаш ҳама пок,
Набуд аз дев-мардум ҳаргизаш бок.
Ба роҳи ростӣ аз хеш бигзашт,
Зи доду ростӣ то муждавар гашт.

## КАРДАИ 3. ЗАН ГИРИФТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Ашӯ Зардуштро рӯзе падар гуфт:
«Гузин кун хешро дархӯр яке ҷуфт.
Ману модар-т, чанде шуд, бар инем,
Ки ҳамсар аз бароят баргузинем.
Ки бо зан хуш гузорӣ зиндагонӣ,
Барӣ то сар ба кому шодмонӣ.
Бимиранда-ст марду зан зиянда-ст,
Зан аз нав зиндагонӣ офаранда-ст.
Гузире нест аз мурдан ба ҳар кас,
Кас аз фарзанд монад зинда з-он пас.
Чунин кӯтоҳ машмар зиндагонӣ,
Ки мирӣ, зинда дар фарзанд монӣ...»
Рухи Зардушт озаргун шуд аз шарм,
Бишуд  тар ҳамчу гул аз шабнами нарм.
Бигуфто: «Оре, гар панди шумо кор
Бибандам, бахти некӯ бошадам ёр.
Чаро бояд шуморо кард ноком,
Агар ин аст хоҳиш аз туву мом?
Ман аз гуфти шумо сар барнатобам,
Ба сар ҳастед равшан офтобам.
Шуморо орзу дар дил гар ин аст,
Нахоҳам дил зи бобу мом бишкаст.
Ба-д-ин кор ар дувон хушнуд бошед,
Чунин бод, эй падар, бидруд бошед.»
Падар шодон шуд аз ин посухи ӯ,
Зи хушнудӣ бибӯсид аз рухи ӯ.

Бигуфташ:  «Шодмону комрон бош,
Ҳамеша хушдилу равшанравон бош.
Падар ҳаргиз нахоҳад бад ба фарзанд,
Бувад хоҳ он ашӯву хоҳ дурванд.
Бигӯ, аз ҳамтаборон кист биҳтар,
Биҳин аз ҷудтаборон кист духтар?
Ки то ту ҳар якеро худ бубинӣ,
В-аз эшон гулрухеро баргузинӣ».     .
Намудаш Пӯрушаспи неккирдор
Якояк духтарони моҳрухсор.
Басе хуршедваш дӯшизагонро,
Гуландомони рухпокизагонро.
Чу бо симинбарони нозпарвард
Падар он некхӯро рӯ ба рӯ кард,
Нигаҳ кард ӯ ба чашми ҳар кадоме,
Ки буд аз шарм бигрифта паноме.
Чу дар чашми яке чашмаш биафтод,
Ба ҷонаш, гӯиё, оташ биафтод.
Писанд омад ба Зардушт он накӯчеҳр,
Ба-д-ӯ афрӯхт дар дил оташи меҳр.
Падарро гуфт: «З-ин пас ҳамсари ман
Шавад ӯ, к-он бувад андархӯри ман».
Падар хушнуд гашту офарин гуфт,
Бикард он моҳрухро бо писар ҷуфт.
Паюгиро яке ҷашне биорост,
Дувонро бахту шодӣ аз Худо хост.
Ба назди оташи поки фурӯзон
Ба  ҳам он ҳар дуро бастанд домон.
Аз ин пас он дувон то вопасин дам
Ба шодӣ зиндагӣ карданд бо ҳам.

## КАРДАИ 4. РАФТАНИ ЗАРДУШТ АЗ ХОНАИ ПАДАР

Дар он ҳангом чун пури Спитом
Баровард аз раҳи доду диҳиш ном.
Ҳама бишнохт ӯро андар он гоҳ,
Бузургу хурд аз дарвеш то шоҳ.
Зи бас буд неккирдору хирадманд,
Ба ҳар ҷо ном-ш дар хубӣ бибурданд.

Дилу ҷону забону кору гуфтор
Ҳама буд рост дар марди хирадёр.
Ба дину дод яктои ҷаҳон буд,
Ба орун андар Эрон достон буд.
Ҳаме ҷустанд аз вай чораи хеш,
Чу дармонданду банде омад ар пеш.
Гирифтӣ даст мар уфтодагонро,
Бибудӣ чорагар бечорагонро.
Пажуму гушнагонро дод бас нон,
Ба беморон ҳамебахшид дармон.
Диле буд поку рӯю чашм равшан,
На дар ҷон дошт оҳуе на дар тан.
Зи пандаш хуфтагон бедор гаштанд,
Гаронгӯшон аз он ҳушёр гаштанд.
Ҳамарӯза фузун гаштанд ёрон-ш,
Касону пайравону дӯстдорон-ш.
Сари кӯҳи Ушидарни ҳумоюн,
Ба сӯи Меҳр сар бурда ба гардун,
Бирафту оташе афрӯхт ҳар гоҳ,
Бигуфт ӯ роз бо Ҳарвиспогоҳ.
Ҳамора аз бувиш андеша мекард,
Ки худ кисту ки-аш баҳри чӣ овард?
Баду неки ҷаҳонро чист фарҷом,
Бувад онро магар оғозу анҷом?
Ниҳон рози ҷаҳон донист битвон?
Паси ин парда чи-бвад карда пинҳон?
Бувиш худ чисту он сӯи бувиш кист,
Хирадро сӯи он роҳи равиш чист?
Паси гарданда гардун кист дар кор,
Ки гаҳ равшан кунад онрову гаҳ тор?
Чаро боист мурдан зиндагонро,
Ба дасти кист додан боз ҷонро.
Баёриш чист бедоди ҷаҳонро,
Бурун з-ин варта бурдан мардумонро?..
Ба-д-ин сон дошт Зардушти накӯкеш
Ҳазор андеша дигар дар дили хеш.
Ба-д-ин сон ҷуст з-ин гетӣ ҳаме роз,
Гиреҳ аз бастагиҳо то кунад боз.

Ба гетӣ ҷуст ҳамвора «ашӣ»-ро,
Раҳи менӯву уштову хуширо.
Бажанге ҷуст, то ёбад, ки шояд,
Гириҳ аз бастагиҳоро кушояд.
Биёбад то зи бад роҳи раҳоӣ,
Ба сӯи ростию рӯшноӣ.
Ба-д-ин сон рӯзгореро ба сар бурд,
Ба чашмаш дониши гундо бишуд хурд.
Ба фарзон гарчи яктои замон буд,
На кас донандатар з-ӯ дар ҷаҳон буд,
Ҳаме ӯ хост донистан фузунтар,
Ҷаҳонро жарф дидан андарунтар.
Ба шаҳри хеш будан хуш набудаш,
Ки буда дониш он ҷо кам намудаш.
Ба дастони ниёз ӯ пеши Додор
Бирафтӣ гаҳ сари кӯҳи Ушидор.
Сурӯш андар сари он кӯҳ ӯро
Паём овард аз Маздо-Аҳӯро.
Ҳар он ч-аз Восной Висп-огоҳ
Ҳаме пурсид, равшан гашташ он гоҳ.
Худованди Хирад - Додори кайҳон
Кушодаш розҳои монда пинҳон.
Ба-д-ӯ кеши аҳӯроӣ фиристод,
Хирад бахшиду дину донишу дод.
Бигуфт: «Аз ростӣ-бвад растагорӣ,
Биҳӣ-бвад роҳ сӯи бахтиёрӣ.
Зи гетӣ то ба менӯ раҳ чу дарёст,
Пуле ҳаст аз накӯкорӣ бар он рост.
Дар он дарёи ҷӯшон з-оҳану рӯй
Ба ғурриш оташу дуду тафу бӯй.
Ба растохез бар дурванту бадкеш
Биояд раҳ зи мӯ борик дар пеш.
Биуфтад андар он дӯзах нагунсор,
Ба подафроҳи бад зуфти гунаҳкор.
Ҳар он, к-ӯ неку бадро рост бишнохт,
Зи некӣ рӯйи он дарё пуле сохт,
Ба пеш ояд ба-д-он марди накӯкор
Бар он дарё раҳе осону ҳамвор.

Ашӯву росткору биҳкуниш мард
Зи Чинвад бигзарад рӯзи Фрашкард.
Ба гетӣ аз биҳӣ Чинвадпуле соз,
Дари Менӯ кунад Рашн-ат ба рӯ боз.
Зи бад дурӣ гузину бош безор,
Бикун бо Аҳриман пайваста пайкор.
Бирав, дини биҳӣ бар мардум омӯз,
Чароғи ростӣ дар раҳ барафрӯз...»
Паямбар ҳар гаҳе боз омад аз кӯҳ,
Ба гирдаш мардумон гаштанд анбӯҳ.
Ба-д-онон гуфт пайғоми Худованд,
Бихонд аз ростию некувӣ панд.
Зи дини ростӣ шуд чун суханвар,
Накардаш тӯдаи гумроҳ бовар.
Ҳумат фармуду ҳухт омӯхт вахшур,
Ҳуварзишну ҳунаршон дод дастур.
Ба гуфти ӯ бадон хасту нагаштанд,
Бипайвастанд бо ӯ ҷангу офанд.
Зи шогирдону хешонаш ду-се тан
Ки дилшон буд зи дониш гашта равшан,
Барӯшону нахустин пайравонаш,
Бигашта дастгиру меҳрубонаш,
Чу Мадюмоҳу дигар аз ҷавонон,
Пазируфтанд  дини маздаяснон.
Гуҷастаг Аҳриман ангехташ ҷанг,
Ҷаҳонро кард аз ҳар сӯ ба-д-ӯ танг.
Душон пайваста рӯёрӯйи вахшур
Бадӣ карданду з-эшон буд ранҷур.
Сурӯш овард пайғомаш зи Гаргар,
К-«Аз ин ҷо бор барбанд, эй паямбар.
Бирав з-ин хонаи зиштони риман,
Гузин кун ҷойи дилхоҳе нишеман.
Замине бар ту кард ожир Додор,
Ки бидҳад донаи дин андар он бор.
Ба роҳи туст чашм он буми обод,
Бирав он ҷову бо некон бизӣ шод».
Ба ёрон гуфт он гоҳ он хирадманд,
Ки: «Ин ҷо аз чӣ биншинему то чанд?
Бибояд рафтан аз ин шаҳр берун,

Ки набвад суд з-ин ҷо будан акнун.
Ҳазорон кӯҳ боядмон гузаштан,
Басо дашту биёбон дарнаваштан.
Гузар кардан ҳазорон рӯд бояд,
Басе дарё, ки андар пеш ояд.
Ки бинему шиносем андар он чист,
Фарозу шеби зери осмон чист.
Тани худ чун диҳад оҳан ба оташ,
Ба сандон сар ниҳад дар зери чаккуш.
Ба оби сард з-оташ пас барад сар,
Вагарна чун шавад бурранда ханҷар?
Бибояд сар ба ҳар кӯю дар андохт,
Ҷаҳонро диду гарму сард бишнохт.
Бавишро мӯ ба мӯ санҷид бояд,
Баду неки ҷаҳонро дид бояд.
Ба гирди ин ҷаҳон гардам аз ин пас,
Ба сӯи ростӣ раҳ пӯяму бас.
Ба сина оташ аз чисто бисӯзам,
Ба хушнум ҷону дилро барфурӯзам.
Ба ҷуз рӯйи Худо ҳаргиз наҷӯям,
Ба ҷуз роҳи Ашо ҳаргиз напӯям».
Чу модар гуфтаи Зардушт бишнуд,
Бигашт аз оташи андӯҳ чун дуд.
Падар огоҳ з-он гуфтор чун гашт,
Ҷигар сад пораву дил пур зи хун гашт.
Ба бобу мом зӯтар гуфт падруд,
«Шикебо бед» гуфту «шоду хушнуд».
Гирифт ӯ чанд ёри ростинро,
Ба шаҳри хеш афшонд остинро.
Зи шаҳру дудаву хешон ҷудо шуд,
Раҳӣ дар роҳи ҷустори Худо шуд.
Зи зиндони худӣ худро раҳо сохт,
Дил андар роҳи меҳри Ошно бохт.

## КАРДАИ 5. ГУЗАШТАНИ ЗАРДУШТ АЗ РӮДИ ОБАҲӢ

Чу рафт аз зодбуми хеш Зардушт,
Бурун, бар душманон бинҳод то пушт.

Гузар кард аз басе шаҳру диҳу дашт,
Бас оби рӯду роҳи беша бигзашт.
Яке рӯде ба-д-он гаҳ омадаш пеш,
Ки дар бигзаштан аз он бим буд беш.
Буд он рӯде хушобу Обаҳӣ ном,
Пуробу жарфу паҳну тезу пидром.
Чу омад дар канори Обаҳирӯд,
На хик он ҷо бидиду не пуле буд.
Фурӯ монданд ёрон андар он кор,
К-аз он бигзаштан аз бас буд душвор.
Ашӯ Зардушт он гаҳ монтраспанд
Бихонду хост ёрӣ аз Худованд.
Ба ёрӣ хонд Яздонро, к-аз онон
Бигирад дасту созад кор осон:
«Худоё, дасти ёрӣ сӯи мо ёз,
Гиреҳ аз бастагиҳо кун маро боз.
Надорам ҷуз ту кас, эй Гаргари пок,
Зи дастам гиру бардорам сар аз хок».
В-аз он пас аз намози хеш бархост,
Гузашт ӯ раҳравон аз Обаҳӣ рост.
Ки гуфтӣ рост рӯйи пул бизад гом,
Саропо хушк Зардушти Спитом.
Бирафт ӯ пеш-пешу гомзан зуд,
Бурун шуд хушк з-оби Обаҳирӯд.
Пас аз дунболи ӯ ёрон шиновар
Гузаштанд обу гаштанд он ҳама тар.
Ба-д-ин сон з-Обаҳӣ бе пурду киштӣ
Гузаштанд он ашӯвони биҳиштӣ.
Чу ёрон дар карон он сӯ расиданд,
Паямбарро саропо хушк диданд.
Чу бе пул з-Обаҳӣ он сӯ гузашт ӯ,
Шигифтӣ бин, ки дар вай тар нагашт ӯ.
Ба по абзору дар тан ҷомаҳо хушк,
Буданд ӯрову тан бо дасту по хушк.
Аз ин рози шигифтангези Зардушт
Ба дандон ҳар яке бигрифт ангушт.
Зи пайғамбар бипурсиданд он гоҳ,
Ки созадшон вай аз он роз огоҳ.
Ба ёрон гуфт Зардушти Спитом,

Ки: «Ин морост аз Додор пайғом.
Чу мо берун шудем аз хонаи хеш,
Аҳӯро Обаҳӣ овард дар пеш.
Ба мо ӯ хост гуфтан, к- Обаҳирӯд
Ба раҳ бандест, к-аш бояд бипаймуд.
Раҳи яздоншиносӣ бас шигарф аст,
Чу рӯди Обаҳӣ тунд асту жарф аст.
Ҳар он марди Худо, к-аз хеш бигзашт,
Чунин пурбим раҳ бояд-ш бинвашт.
«Миҳан» ин ҷо нишон аз хешбинист,
Дар он марди хирадро хушдилӣ нест.
Ҳар он к-ӯ хонаи «худ» пушти сар кард,
Зи банди худпарастӣ ӯ гузар кард.
«Миҳан» тан дону ҷонро «марди раҳ» гӯй,
Бурун аз «хеш» раҳ сӯи Худо пӯй.
Зи худ рав, бо Худо пайванд ҷонро,
«Меҳан» бигзору рав гирди ҷаҳонро.
Бигӯ «мо»-ву фаромӯш соз «ман»-ро,
Ҷаҳонро гарду бигзор ин «миҳан»-ро.
Ба «мо» омезу пас бигзор «ман»-ро,
Ки бишносӣ Худои хештанро.
Миёни мову ӯ раҳ нест ҳамвор,
Чу рӯди Обаҳӣ банд аст бисёр.
Худованд Обаҳӣ гуфт, он ҷаҳон аст,
Ки чун раҳ мову ӯро дар миён аст.
Ба мо ӯ достон зад з-Обаҳирӯд
Суви эзадшиносӣ роҳ бинмуд.
Нахуст ӯ рӯдро ориш ҷаҳон кард,
Дувум аз рӯд дилро ӯ нишон кард.
Дили мо Обаҳирӯдест пур об,
Дамиш Аҳреман асту дев - гирдоб.
Севум з-он кард Чинвадпул ба мо ёд,
Ки нек аз вай гузашту бад биуфтод.
Чаҳорум рӯди фарҳанг асту фарзон,
Ки оби поки он тез аст тозон.
Ба рӯди Обаҳӣ монанд ин чор,
Ба мо бинмуд з-инҳо ёд Додор.
Ки доно з-он гузашту монд нодон,
Хирад раҳ ёфт з-ону монд паркон.

Ба ойини биҳӣ ҳар к-ӯ камар баст,
Гузаштан бандҳо осон диҳад даст.
Ба чашми ҳуш гардад ҳар чӣ пайдо,
Паёме ҳаст он аз пок Маздо.
Ба ҳар пешомаду корест бас панд,
Ки бинад чашми гундои хирадманд.

## КАРДАИ 6. ОМАДАНИ ЗАРДУШТ БА ДЕҲЕ ДАР КАНОРИ ОБАҲӢ ВА ДАР ҶАШНИ НАВРӮЗ ҲАМРОҲӢ КАРДАНИ Ӯ ДАР МЕҲМОНӢ

Чу бигзаштанд рӯди Обаҳиро,
Бидиданд андар он сӯ як диҳеро.
Биҳиштосо яке хуррам диҳе буд,
Ниҳода дар канори Обаҳирӯд.
Дар он диҳ мардумон бо шодмонӣ
Ҳамебурданд бар сар зиндагонӣ.
Дар он ҳангом мардум андар он ҷой
Бикардӣ ҷашн дар Навсард барпой.
Чу огаҳ гашт пири он диҳистон,
Ки омад андар он диҳ чанд миҳмон.
Пазиро гашту сӯи ҷашнгаҳ хонд,
Бибурду назди хони хеш биншонд.
Бипурсид аз нишону хонаву хухр,
Ҳам аз ному нижоду тираву гуҳр.
Надид ӯ андар эшон ҷуз накӯӣ,
Биҳию ростию некхӯйӣ.
Ҳама буданд поку покзода,
Зи пушти номдорони нижода.
Ба фарру бихраду бодонишу мағз,
Нишасту хезу гиру диҳ ҳама нағз.
Гиромӣ дошту бинвохтшон бас,
Миҳонро гирдашон овард з-он пас.
Ки то донанд ин шаб кист миҳмон,
Гиромӣ ирмонро чист армон.
Ба базми шаб даме бо ҳам нишастанд,
Ба ҳам дар дӯстӣ паймон бибастанд.
Ба арсан чун сухан гуфт он накӯном,
Шудӣ он анҷуманро дил ба-д-ӯ ром.

Ҳама бар он, ки бншинанд то рӯз,
Ки бинюшанд з-ӯ панди дилафрӯз.
Ашӯ Зардушту ёронаш ба-д-он гоҳ,
Ҳаме буданд сусту хаста аз роҳ.
Паямбар хост, з-он рӯ, пӯзиш аз пир,
Ки чун шаб бигзарад, хуфтан шавад дер.
Ҳамин ҷо бас бувад то шаб гузоранд,
Даме андар ғунудан то бароранд.

## КАРДАИ 7. ХОБ ДИДАНИ ЗАРДУШТ ДАР ХОНАИ ПИРИ ДЕҲ

Шаб андар хонаи он пири диҳгон
Бихуфтанд ирмонон то пагоҳон.
Чунин гӯянд, к-он шаб бар паямбар
Сурӯш овард пайғоме зи Гаргар.
Ба хобаш дид пайғамбар сипоҳе,
Сипоҳе гашну сар то сар сиёҳе.
Дурафшаш буд сиёҳу созу абзор-ш,
Сияҳпӯш аз сипоҳӣ то сипаҳдор-ш.
Зи сӯи Бохтар бо хашм метохт,
Ба куштан даст бар Зардушт меёхт.
Саворон гирд кардандаш зи ҳар сӯй,
Бибастандӣ зи ҳар ҷо роҳ бар ӯй.
Буд он наздик, к-аз ҳар сӯ кашандаш,
Ба хорӣ пора созанду кушандаш.
Чу натвонист пайғамбар зи ҷо хост,
Ба мораспанд ёрӣ аз Худо хост.
Ки: «Дастам гир, поко, Кирдигоро,
Ки андахсам туӣ, Парвардигоро!
Ба гетӣ ҷуз туам фарёдрас нест,
Раҳоибахш бартар аз ту кас нест.
Ба сӯи туст дастони ниёзам,
Ҳумат бахшову Ушто ёр созам.
Фурӯғи меҳри худ бар ман фурӯ тоз,
Маро з-он рӯшноӣ баҳравар соз.
Зи ҳар бад дор ҷонамро падофанд,
Раҳо кун аз фусуну банду авранд.
Тавон бифристу тобу зӯру нерӯ,

Маро дар разм бо девони ҷоду».
Падид омад ба ногоҳ аз Рабиҳвин
Тане чанд аспабори оҳанинзин.
Савор аспони испеди таковар,
Ҷаҳиш чун озарахшу дам чу тундар.
Дурафш испеду ҷангафзор испед,
Дурахшон найзаҳо чун теғи Хуршед.
Ҳама гурдони зиновандӯ ҷангӣ,
Даманда шеру ҷастаншон палангӣ.
Ба чустӣ ҳар яке чун наррашере,
Ба зӯрӣ пилу дар парвоз тире.
Аз он сӯ он саворони диловар
Бар он аспони испеди таковар.
Битозиданд якбора ба душман,
Хурӯшон бо дирафшу теғи равшан.
Сипоҳи дев шуд он гаҳ ҳаросон,
Зи тарсу бим бар ҳар сӯ парешон.
Набарде сахт шуд он гаҳ дар он дашт,
Ки аз ҳар сӯй ҷӯйи хун равон гашт.
Яке садҳо тан аз душман ҳамекушт,
Дигар чандин тан андар хун биоғушт,
Шикастанд аз ҳазоре гардану сар,
Буриданд аз басо кас синаву бар.
Зи бас шуд куштаву аз бас ки хун рехт,
Саранҷом он сипоҳи душт бигрехт.
Ба-д-он гаҳ шуд зи хоби хеш бедор,
Шигифт омад паямбарро аз он кор.
Биандешиду з-он дарёфт вахшур,
Ки аз Маздост он пайғому дастур.
Ки дар оянда ӯро душманон пеш
Биоянд аз ҳазорон беварон беш.
Фиристад Аҳриман бар вай сипоҳе,
Дурушту размҷӯю кинахоҳе.
Ки бошад бо вай андар дин ҳамистор,
Ба биҳдинон шавад дар ҷангу пайкор.
Раҳаш банданд бадхоҳон зи ҳар сӯй,
Ки натвонад бирафтан пеш як мӯй.
Набигзоранд, то Зардушт з-ин ҷо
Бичошад дар ҷаҳон дини биҳиро.

Худо бифристад ӯро пас ба ёрӣ,
Саворони далеру корзорӣ.
Ба душман чун ба якбора битозанд,
Сипоҳаш он дилерон рахна созанд.
Шавад аз тарс бадхоҳаш аз ӯ дур,
Чу певоз аз фурӯғу тобиши Хур.

## КАРДАИ 8. ГУЗОРИШИ ЗАРДУШТ ХОБИ ХЕШРО БА ЁРОН

Ба гоҳи бом фардо рӯзи дигар
Зи хоби худ ба ёрон гуфт зӯтар.
Чу хоби хештан кард ӯ гузориш,
Ҳама дарёфт, к-онро чи-бвад ориш.
Бидонистанд ёрон, к-андар Эрон
Шавад пирӯз дини маздаяснон.
Ҳар он душман, ки бо он кард пайкор,
Сар аз пайкар ҷудо шуд-ш аз пайи кор.
Ҳар он к-ӯ ростиро кард пеша
Шавад пирӯз бар душман ҳамеша.
Сипоҳе ҳамчу шерони шикорӣ,
Ҳамон, к-аз Нимрӯз омад ба ёрӣ,
Биҳию ростӣ, доду хирад буд,
Нигаҳдори кас аз ҳар гуна бад буд.
Рабиҳвин чун зи дасти рост омад,
Раҳоибахш з-он ҷо хост омад.
Ҳамоно, Бохтар, к-аз дасти чап буд,
Нишон аз тирагию ними шаб буд,
Падид ояд ҳар он ч-аз Ахтари Дур,
Бувад патёра, офанд ораду шӯр.

## КАРДАИ 9. АЗ ДЕҲА РОҲИ ХУДРО ПЕШ ГИРИФТАНИ ЗАРДУШТ БО ЁРОНАШ

Чу хоби худ гузориш кард зӯтар,
Ба ёрон гуфт он пайғоми Гаргар,
Зи хоби монтрон дилшод гаштанд,
Ба ҳуму шир Маздоро бияштанд.
Пагоҳ аз диҳхудо чун хост дастур

Ба рафтан рӯзи фардо боз вахшур,
Ҳама бо пири диҳ падруд гуфтанд,
В-аз он ҷо пас ба роҳи хеш рафтанд.
Ашӯ Зардушту барсонони биҳдин
Бипаймуданд раҳ сӯи Рабиҳвин.
Зи дашту кӯҳ бас раҳро наваштанд,
Зи оби рӯду бас ҷангал гузаштанд.
Паямбар ҳар чӣ дар кӯҳу биёбон
Бидид аз обу хоку аз гиёҳон,
Зи домону дадону мурғу моҳӣ,
Зи мору мӯру гургу мешу оҳӣ,
Ҳама санҷиду диду нек бишнохт,
Ба дониш хонаи дилро бипардохт.
Басо диҳ гашту шаҳру рустороро,
Дар он биншаст бо мардони доно.
В-аз эшон донишу фарҳанг омӯхт,
Зи фарзон гавҳари шаҳвор андӯхт.
Ба гетӣ ростию дод кам дид,
Ҳама ҷо ҷангу тороҷу ситам дид.
Ҷаҳон пур ашку хуну оташу дуд
Зи дузду раҳзану бедодгар буд.
Зи бедоду ситам Эрону Нерон
Бигашта дид рӯз аз рӯз вайрон.
Ҷаҳон мегашту меҳру дод меҷуст,
Зи бедоду ситам мехост ӯ руст,
Яке меҷуст ҷое дархури хеш,
Ки он ҷо чошад ӯ тухми биҳин кеш.

## ФАРГАРДИ 2. ЗИНДАГИИ ЗАРДУШТ ДАР КАРОНАИ РӮДИ ДОИТӢ (ДОД)

### КАРДАИ 1. БА КАРОНАИ РӮДИ ДОД РАСИДАНИ Ӯ ВА ОН ҶОЙРО БАРОИ ЗИНДАГӢ ГУЗИН КАРДАН

Ба ҳар ҷо рафт Зардушти Спитом
Баромад-ш аз биҳию ростӣ ном.
Ба мардум ростӣ омӯхт кардан,
Биҳӣ варзидану биҳном мурдан.

Ба бедоду ситам будан ба пайкор,
Ҷаҳонро вежа кардан аз ситамгор.
Хирад омӯхтан, дониш фузудан,
Ҳунарҳои накӯ аз бар намудан.
Ҷудо кардан ба гетӣ неку бадро,
Пазируфтан раҳи доду хирадро.
Дурӯғ аз ҷону дил яксар зудудан,
Ҳамеша росткориро сутудан.
Забону ҷону дилро доштан рост,
Кашидан дасту дилро аз каму кост.
Ба-д-ин сон рафт сӣ соли паямбар,
Накардаш ҳеҷ кас бар гуфта бовар.
Гумон карданд, к-ӯ девона гаштаст,
Ки аз ойину дин бегона гаштаст.
Ҳама пиндошт, к-ӯ буд гашта берун
Зи дини шоҳ Ҷамшеду Фаредун.
Бигӯяд он ҳама динҳо дурӯғанд,
Ҳама афсонаҳои бефурӯғанд.
Ҳама ҷодуст пур афсуну найранг,
Надорад мағзу бе бӯй асту беранг.
Чунин гуфтанд, к-ӯ мардест бедин,
Шуморад дини моро ӯ дурӯғин.
На девонро парастад, не бутонро,
На Хуршеду на Моҳу Осмонро.
Задаст ӯ пушти по ойини моро,
Парастад ҷуз Худои мо худоро.
Чу ӯ рӯ тофт аз дини ниёгон,
Бибояд кушт-ш, ё кардаш ба зиндон.
Чӣ гӯяд ӯ зи дину донишу дод,
Ки дини хештанро дода бар бод?
Ба шаҳри хеш натвонист будан,
Ки бо дини падар шуд сахт душман.
Буд ӯ овора дар ҳар дар ба Эрон,
Бигашт ӯ солҳо дар марзи Нерон.
Яке дини наве овард хоҳад,
Ҷаҳонро ӯ дигаргун кард хоҳад...»
Аз он рӯ ёру шогирдони Зардушт
Ниҳоданд он гаҳ андар дин ба-д-ӯ пушт.
Ҷуз он, к-ӯ буд номаш Майдюмоҳ,

Буд ӯро то ба рӯзи марг ҳамроҳ.
Ба сӣ мегашт он гаҳ сол-ш наздик,
Ҷаҳон дар чашм гашташ тангу торик,
Аз он ӯ гашт рӯз аз рӯз дилреш,
Ки ёрон кам шуданду душманон беш.
Зи шаҳре рафт шаҳре, то саранҷом,
Ба назди рӯди Дод омад накӯном.
Канори рӯди Доди хуштар аз ҷон
Диҳе буд сабзу ободу шукуфон.
Фуруд омад ба-д-он диҳ он ҷаҳонгард,
Зи баҳри зист он диҳро гузин кард.
Хуш омад мардумонро андар он диҳ,
Чу дидандаш маниш неку униш биҳ.
Канори он диҳи ором зӯтар,
Бибурд осуда гоҳе чанд бар сар.
Яке покиза ҷое хурраму хуш
Гузин кард ӯ зи баҳри пок оташ.
В-аз он пас хонае зебо ба-д-он ҷой
Ба ном оташгаҳ аз гил кард барпой.
Дар он оташгаҳи зебову дилкаш
Фурӯзон кард варҷованд оташ.
Ҳаме пайваста бархӣ андар он кард,
Парастиш мар Худои Меҳрубон кард.
Ҳамеша буд он марди худохоҳ
Ба ёди Харҳумеди Виспогоҳ.
Гирифтӣ назди оташ боҷу барсам,
Бикардӣ пок мораспанд замзам.
Ба ҳуму шир нерӯ дар тану ҷон
Фузуду пас парастиш кард Яздон.
Ҳамора ҷуст дар дил рози гардун,
Ки кораш чисту кирдораш бувад чун.
Ҳама рӯзаш ба карниш кор мебуд,
Ба яштан шаб ҳама бедор мебуд.
Ба кӯшиш хост дарёбад ниҳонро,
Сароғозу саранҷоми ҷаҳонро.
Замон, мегуфт, чисту аз каю чун,
Ба дасти кист гардон чархи гардун?
Сари фармони ин ҳасту бавиш кист,
Зи кайҳон гардишу роҳу равиш чист?

Зи маргу зиндагонӣ чист армон,
Ба дарди марг оё чист дармон?
Ба жарф андеша ӯ ҷуст аз ҷаҳон роз,
Калиде хост то дарҳо кунад боз.
Ба-д-ин сон рӯзу шаб сӯи Худо рӯй
Ҳамеовард он марди худоҷӯй.
Зи Яздон хост дар кораш кушоиш,
Мар ӯро кард ҳамвора ситоиш.
Канори Дод доду ростӣ ҷуст,
Дилу даст аз кажию костӣ шуст.
Хирадро кард дар ҳар кор дастур,
Зи бад то дошт ҷону тан ҳаме дур.
Зи шаб то рӯз дар ёди Худо буд,
Даме аз яштани Додор нағнуд.

## КАРДАИ 2. ЗИНДАГОНИИ МАРДУМОН ДАР ОН ҲАНГОМ

Пур аз дуздию разму кину куштор
Замона буд ба-д-он гаҳ тираву тор.
Ба кори бад киҳу миҳ гашта саргарм,
На дар дил меҳру не дар чашм озарм.
Зи ҷангу ҷӯшу тарбу тунбулу рев
Сияҳ буд рӯзгорон чун дили дев.
Ба нола нотавон аз дасти бадкеш,
Фитода хор рӯйи хок дарвеш.
Ҳунарвар гашта дар чашми ҷаҳон хор,
Ба ҷоду беҳунар шуд номбардор.
Ситамгар арҷманду дузд бар гоҳ,
Бадойин-пешво, бедодгар - шоҳ.
Чу гургон раҳзану дуздони бадкеш,
Бибурданд аз шубонон ҳар гаҳе меш.
Сухан шуд дар даҳони мардуми лӯш,
Наомад кор мағзу донишу ҳуш.
Ба кишвар чун худоӣ кард коно,
Зи  дар бар дар гадоӣ кард доно.

## КАРДАИ 3. АНДАРЗ КАРДАНИ ЗАРДУШТ МАРДУМОНРО

Ашӯ Зардушт мардумро ба-д-он гоҳ,
Зи неку бад ҳаме бинмуд огоҳ.
Бигуфт аз Дӯзаху Гушто пас аз марг,
Ба растохез кардан тӯшаву барг.
Зи Чанвадпул гузаштан дар Фрашгард,
Кашидан дар тарозу он чӣ кас кард.
Зи рӯзи бозхоҳу кайфари бад,
Зи потипроси назди пок Эзад.
Ба мардум сӯи роҳи рост бинмуд,
Дилу кору забони рост фармуд.
Зи роҳи кажжу муштӣ бозашон дошт,
Ба дилшон, боре, тухми ростӣ кошт.
Хирад бистуду парконро никӯҳид,
Паёпай донишу фарзон пижӯҳид.
Ба мардум нек то бад боздононд,
Биҳӣ «Ҳурмузд»-у  бадро «Аҳриман» хонд.
Ба мардум кирфаеро, к-оварад суд,
Ҳамеомӯхту дастур фармуд.,
Заминро киштану диҳ кардан обод,
Зи деви озмандӣ гаштан озод.
Нишондан тухму парвардан дарахтон,
Ниҳодан бундад аз боғу гулистон.
Ҳамеша аз биҳӣ андеша кардан,
Ҳама кори накӯӣ пеша кардан.
Шикору домдорӣ, киштани дон,
Бикардан кишвару диҳро шукуфон.
На дуздӣ кардану тороҷу куштор,
Расондан бар касон пайваста озор.
Хирад омӯхтан, дониш фузудан,
Ҳунарҳои некӯ аз бар намудан.
Зи гетӣ ростию дод ҷустан,
Дилу ҷон аз дурӯғу бад бишустан.
Накӯандешу некӯкор будан,
Ба бад пайваста дар пайкор будан.
Парастидан биҳию ростиро,
Шукӯҳу фарру бахту фарраҳиро...

## ФАРГАРДИ 3. БА ЗАРДУШТ ОШКОР ГАРДИДАНИ АҲУРО МАЗДО ВА ДИДАНИ Ӯ РӮЙИ ХУДОВАНДИ ХИРАДРО

## КАРДАИ 1. РАФТАНИ ЗАРДУШТ АЗ БАРОИ ОБ ЛАБИ РӮДИ ДОД

Канори Додрӯди поку сероб,
Ки нӯшин об будаш равшану ноб.
Чу сими хом зери теғи Хуршед,
Дурахшанда чу рӯйи поки Ноҳид.
Бибурдӣ зӯ(ҳ)р пайваста паямбар,
Ниёиш кард бар даргоҳи Гаргар.
Чу соли ӯ ба сӣ наздик омад,
Бишуд марде сутургу роду бихрад.
Ки аз доду хирад номаш ба ҳар сӯй
Бирафту дар диҳиш шуд достон ӯй.
Ба фарзону хирад дарёи жарфе,
Ба доду ростӣ кӯҳе шигарфе.
Аз ӯ гаштанд мардум донишомӯз,
Фузудӣ обрӯ то рӯзаш аз рӯз.
Ба чашми мардумон гашт ӯ гиромӣ,
Ба доду ростию некномӣ.
Чу ӯ дарёфт ҳанҷори ҷаҳонро,
Гузашти рӯзу чархи осмонро,
Кунун рӯзе биомад, то ки Додор
Намояд бар Ашӯ Зардушт дидор.
Ба-д-он гаҳ боди наврӯзӣ ҳамехост,
Ҷаҳонро чун паюгон рух биорост.
Биомад моҳи фаррух Фарвадин боз,
Баҳори сӣ зи солаш ёфт оғоз.
Буд он Хурдодрӯзи Фарвадинмоҳ,
Ки буд он зодрӯзи он дилогоҳ.
Дар он фархунда рӯзи навбаҳорон,
Ки буд он рӯз биҳтар аз ҳазорон,
Ба гоҳи бом Зардушти Спитом
Ба сӯи Доди Маздодода зад гом.
Ки гирад об з-он рӯди ҳумоюн,

Кунад, то Ҳованиро ҳуми заргун.
Ба ширу ҳуми ҷонбахшу дилафрӯз
Шавад ожер то дар ҷашни Наврӯз.
Чунин буд хӯйи вахшури дилогоҳ,
Ки оби рӯд гирад аз миёнгоҳ.
Ба-д-ин гаҳ низ ондун хост кардан
Зи баҳри оби ноби поку равшан.
Даруntар хост рафтан андар он рӯд,
Ба ованд об гирад то аз он зуд.
Бишуд он некхӯйи покгавҳар
Ба мағзи об з-он рӯ андаруntар,
Фурӯ чун рафт дар он то ба гардан,
Аз ин раҳ подёбаш шуд ҳама тан.
Ба ҳован об бигрифт аз дили рӯд,
Бурун гашт аз миёни руд хушнуд.
Зи покӣ тофт ӯро ончунон тан,
Ки гуфтӣ буд моҳе партавафкан.
Ба-д-он сон тан шудан покиза з-он об,
Гудозон зар дар оташ гирад он тоб.
Нишаст осуда он гаҳ бар лаби Дод,
Ба жарф андеша, танҳо, бо дили шод.
Ба дил гуфт ин ҷаҳон овардаи кист,
Маҳу Хуру Гаразмон кардаи кист?
Паси ин дастгоҳ оё бувад даст,
Ки гоҳ орад-ш болову гаҳе паст?
Агар оғозу анҷомест бар вай,
Каяш оғозу анҷомаш бувад кай?
Чарову чун ҷаҳон аз нест шуд ҳаст?
Куҷову кай замон аз ҷой барҷаст?
Ҷаҳонро ҳаст гардидан ба ханҷор,
Бувад дасти Хирад дар вай падидор.
Дурахшон ахтарон бемар ба гардун,
Наояд ҳеҷ як аз роҳ берун.
Ду нерӯро ба ҳам ноошноист,
Яке торику дигар рӯшноист...
Худоё, пардаҳои роз бикшой,
Маро, боре, ту рӯйи хеш бинмой.
Пизишки ҷониву дармони урвон,
Биё, дарди диламро соз дармон.

Чӣ бошад зиндагиро марг анҷом,
Бувад Хуршеду Маҳро низ фарҷом?
Гиёҳон зинда мегарданд навсард,
Зи тухму навдаву аз решаву гард.
Бувад оё баҳоре мурдагонро,
Ки дар тан боз то бахшӣ ту ҷонро?
Ба кӯшиш кӯҳу дарё дарнавалтам,
Ба пурсиш ин ҷаҳонро гирд гаштам.
Чу аз фарзонагон дониш биҷустам,
Наомад ҳеҷ як посух дурустам.
Дареғо, ҳар чӣ бишнидам, дурӯғ аст,
Ҳама торику яксар бефурӯғ аст.
Чу бод аст ону хоб асту фусун аст,
Зи мағзу ҳуши гиранда бурун аст.
Пазиро нест мағзам костиро,
Ба ман бинмой, боре, ростиро.
Газоф аст он ҳама, гуфтори дев аст,
Ба мағзу ҳуш кай гунҷад, ки рев аст.
Худоё, ҷуз Ашо чизе нахоҳам,
Ба сӯи ростӣ бинмой роҳам.
Диламро аз Ашо равшан бикун роҳ,
Бикун аз ростии хешам огоҳ...»
Фурӯ бинҳода сар андар гиребон
Ба-д-ин сон гуфт рози дил ба Яздон.
Гирифта сахт сарро бо даҳ ангушт,
Биорад то бажанги роз дар мушт, -
Ба жарф андеша биншаста лаби Дод,
Ба оби Дод гӯшу ҳуш бинҳод.

## КАРДАИ 2. ДИДАНИ ЗАРДУШТ ВОҲУМАНРО ВА БА БОРГОҲИ АҲӮРО-МАЗДО БУРДАНИ Ӯ ЗАРДУШТРО БО ДИГАР АМШОСПАНДОНИ АҲӮРО

Дар он Наврӯз, к-он ҷӯяндаи роз
Чу наргис кард аз дил дидагон боз,
Гирифт обе зи мағзи рӯду хушнуд
Баромад з-обу биншаст аз бари рӯд,
Бисозад то ба Ҳовангоҳ ожир
Ба оби пок ҳуми пок бо шир.

Чу то гардан ба оби Дод тар гашт,
Тани покаш аз ин раҳ поктар гашт.
Чу з-ин раҳ подёбӣ гашт пайкар,
Ба покӣ ёд кард аз пок Довар.
В-аз Ӯ пурсанда гашт аз кори кайҳон,
Зи рози зиндагию маргу ҷуз он.
Зи дил чашми хирад бикшод равшан,
Шуд андар хонаи дил боз-ш равзан,
Ба-д-он сӯ пайкареро дид ногоҳ,
Сапеду равшану тобанда чун Моҳ.
Даманда чун сапеда дар гаҳи бом,
Чу пайке, к-орад аз Хуршед пайғом.
Фурӯғе ҳамчу озар поку сӯзон,
Чу шохи ахтарон тоҷаш фурӯзон.
Шигифте, к-он намеомад ба гуфтор,
Шигарфе, к-он намегунҷад ба пиндор.
Ҳамон тобанда пайкар рӯ ба рӯяш
Ба нармӣ хуш ҳамеомад ба сӯяш.
Дурудаш гуфту пурсидаш, ки: «Чунӣ?
Дурува бош, к-астам раҳнамуне».
Биё, эй пок вахшури сарафроз,
Ба ман ниҳ гӯш,то бикшоямат роз.
Чӣ ҷӯйӣ аз ҷаҳон бо ин ҷағидан,
Ба бар дил аз чӣ дорӣ дар тапидан?
Умедат чисту армонат кадом аст?
Ба ман гӯ боз, то гирам аз-ат даст.
Шикорат чисту нахчират чӣ ном аст,
Дили оташпарастатро чӣ ком аст?
Бихез аз ҷою ҳамроҳам равон шав,
Ба-д-ин раҳ назди Додори ҷаҳон шав.
Ба чашми хеш худ даргоҳи ӯ бин,
Бузургию шукӯҳу ҷоҳи ӯ бин».
Сараш бардошт Зардушту бигуфташ,
Ки: «Эй дарёнишони оташинфаш,
Бигӯ, номи ту чисту аз куҷоӣ,
Шигарфу жарф чун дарё чароӣ?
Шигифте чун ту то ин дам надидам,
На аз кас инчунин чизе шунидам...»
Бигуфташ: «Бишнав, эй пури Спитом,

Хуҷаста Воҳуман бошад маро ном.
Ман он андешаи поки Худоям,
Сипантои̅ Хирадро ҳамнавоям.
Хирад Хуршеду ман чун рӯшнои̅,
Бувад кай ин дуро аз ҳам ҷудои̅?
Худованди Хирад Маздо-Аҳӯрост,
Сипантои̅ Хирад, дон, вижа ӯрост.
Аҳӯро гавҳару ман тобиши Ӯй,
Зи роҳи ранг аз гавҳар бари̅ бӯй.
Биҳин андешаи волову жарфам,
В-аз он рӯ ҳамчу дарёе шигарфам.
Фузун дар ком дорам гавҳари ноб,
Шиновар шав ба ман-дар, коми худ ёб.
Ман он андешаи оташнижодам,
Ки дар сӯз асту дар созиш ниҳодам.
Агар хори̅ в-агар хас, пок сӯзам-т,
В-агар зарриву гавҳар, барфурӯзам-т».
Ашӯ Зардушт гуфт он гаҳ ба Баҳман,
Ки: «Чашми дил шуд аз рӯйи ту равшан.
Кунун, эй партави поки худои̅,
Маро сӯи Хирад кун раҳнамои̅.
Ки бо Ӯ ҳамдаму ҳамошёни̅,
Або Ӯ зиндаию ҷовидони̅».
Ба-д-ӯ гуфто, ки: «Оре, эй накӯхӯй,
Падидоянда з-Ӯям, сар занам з-Ӯй.
Фурӯғи чашмаи Хуршеди Ӯям,
В-аз он рӯ равшану хуршедрӯям.
Зи роҳи ман раву бо Ӯ бипайванд,
Агар пайваст хоҳи̅ бо Худованд».
Ашӯ Зардушт гуфташ, к-»Эй дилафрӯз,
Ту роҳи растагори̅ бар ман омӯз».
Бигуфт: «Эй порсои неккирдор,
Забону ҷону тан аз бад нигаҳ дор.
Ҳамеша нек бошу нек андеш,
Накӯи̅ созу неки̅ гир дар пеш.
Агар бо Воҳуман андеша якранг
Бисози̅, то ба Ӯ гарди̅ ҳамоҳанг,
Дилу андешаву гуфтору кирдор
Бидори̅ рост бо фармони Додор,

Ба-д-он гаҳ растагору хущдилу шод,
Шавӣ дур аз баду бошӣ ту озод».
Бигуфто: «Хоҳам Ӯро ман бидидан,
Ба дидори хушу покаш расидан».
Бигуфташ Воҳуман, к-«Эй неккирдор,
Манат раҳ менамоям сӯи Додор.
Ба ман гӯ, эй пагӯи донишалфанҷ,
Чӣ хоҳӣ дар ҷаҳон бо ин ҳама ранҷ?
Чӣ дорӣ орзу андар дили хеш,
Ки дилро кардаӣ аз баҳри он реш?
Ба оташ сар фурӯ бурдан зи чистат,
Ба дарё сарнагун рафтан зи кистат?»
Бигуфто: «Мурғи бахт аст орзуям,
Нишон аз хонаи Симурғ ҷӯям.
Ҳумои бахт, к-онро ном Уштост,
Магар он сояи шаҳболи Сеност?»
Бигуфт: «Он сояи равшан ман астам,
Фурӯғи рӯйи Маздо - Баҳман астам.
Зи роҳи ман раву дарёб Уштo,
Бубин парвози дури Мурғи Сено».
Бигуфт: «Он аст дар дил орзуям,
Ки рӯзе бахт бархандад ба рӯям.
Ҷаҳон - ҷунбанда, ҷунбонандае ҳаст?
Замон - гарданда, гардонандае ҳаст?
Ашоро ҷустуҷӯ дорам дар ин ду,
Ашои ростинро, гӯ, ба ман, ку?
Зи тири Орашам омоҷ он аст,
Нишон он асту аз чашмам ниҳон аст.
Бихоҳам ростиро боз ёбам,
Ки саргардон зи ҷодуи саробам.
Бихоҳам кушт деви костиро,
Зи коми шер ҷӯям ростиро.
Ҷаҳоне рост битвон кард бунёд,
Ки дар вай мардумон бошанд дилшод?
Ҷаҳон пур гашта аз деву дарӯҷон,
Дурӯғу ҷодувӣ дар вай ба фармон.
Ба ҳам чун гург дандон карда тезанд,
Ба хуни ҳамдигар андар ситезанд.
Ҷаҳонро пок оё метавон кард

Зи деву маргу кину андуҳу дард?
Басе розест ҷуз ин дар дили ман,
Чу кишта тухми гул андар гили ман.
Ниҳон дар дил басо ҳаст орзуям,
Нигунҷад дар забон, ар бо ту гӯям...»
Бигуфто: «Боядат андешаи нек,
Забону кори неку пешаи нек,
Ба коми дил расӣ, эй дӯст, он гоҳ,
Бимонӣ ҷовидону зинда з-ин роҳ».
Ба Баҳман гуфт Зардушти биҳандеш:
«Кунунам бар ба сӯи саргаҳи хеш.
Аз Ӯ пурсам, ки аз баҳри чиам сохт,
Дарахти ҳастиамро сар чӣ афрохт.
Нишона з-офариниш чисту худ кист,
Ҳам ин афсонаи буду набуд чист?
Чаро эдун ҷаҳоне сохт бойист,
Ки дар он зистан дилхуш нашойист?
Ба дастони ниёз оям ба сӯяш,
Намояд Ӯ ба ман то пок рӯяш.
Миёнро бандаму пешаш бисечам,
Зи фармонаш сари мӯ сар напечам.
Дил аз олудагиҳо пок шӯям,
Ҳамеша ростию дод ҷӯям.
Ба ҷуз тухми биҳӣ доне накорам,
Ба коми Ӯ барорам рӯзгорам.
Дилу ҷонро ба дониш дорам обод,
Зиям то ҷовидон хушнуду дилшод.
Кунун аспи сапеди хеш пеш ор,
Маро бар пеши он Ҳарвисп-додор.
Ба ман бинмой он пок остонро,
Нишеми Ростии ростонро».
Ба-д-ӯ гуфто, ки: «Ҳон, бархез чолок,
Барам-т инак ба назди Гаргари пок.
Биё бо ман ба чашму гӯши бедор,
Бубин з-он Ҷовидон Бедор дидор.
Савори аспи оташранги испед,
Чу Озаргашп шав дар назди Хуршед.
Нигаҳ кун пешгоҳи бас баландаш,
Хунида боргоҳи арҷмандаш».

Паямбар гуфтаи Баҳман пазируфт,
Сипосу офарину афтадо гуфт.
Чунон чун гуфт Баҳман, ончунон кард,
Ҳар он чизе, ки ӯ фармуд, он кард.
Хуҷаста Воҳуман пас дод фармон,
Ки: «Боре дидагони хеш пӯшон!»
Чу чашми сар ба мижгон Ведман дӯхт,
Ба дидан дидаи дилро барафрӯхт,
Бар аспи озарахш он гоҳ биншаст,
Чу тири Ораш асп аз ҷой барҷаст.
Ҳамон дам з-ахтарон бигзашт аспаш,
Таковар аспи чун озаргушаспаш.
Ниҳода зери пояш Каҳкашонро
Бипаймуд он замон ҳафт осмонро.
Паямбар дид худро дар ҷаҳоне,
Фурӯғ оганда бар сар шорсоне.
Ҷаҳони рӯшнони бекарона,
Фурӯғи офтоби ҷовидона.
Чунон буд рӯшноӣ аз пасу пеш,
Ки он ҷо ӯ надидӣ сояи хеш.
Равони ростонро дид он ҷой,
Ҳама истода перомун-ш бар пой.
Фурӯҳарҳои поки менувонӣ
Бигуфтандаш дуруд аз меҳрубонӣ.
Равони поки некону ашӯвон,
Фурӯҳарҳои покону накӯвон.
Миҳист амшоспандон дар баробар-ш,
Зи ҳамтоёни Баҳман панҷи дигар-ш,
Ҳамон Ардибиҳишти Зинда-Ҷовид
Падид омад ба чашмаш поку испед.
Яке з-амшоспандони Худованд,
Ки бо Баҳман бувад наздику пайванд.
Ашои Биҳтарини пок Яздон,
Нигаҳдорандаи ҳанҷори кайҳон.
Чу ӯ меҷуст аз Кайҳон Ашоро,
Намудаш Баҳман он дам он Ашоро.
Мар ӯро Ростии Биҳтарин хонд,
Ҳамаш бистуду бемар офарин хонд.
Ҳам он ҷо дид Испандормадро,

Фурӯғи рӯйи Хуршеди Хирадро.
Сипантоию орому фурӯтан,
Ашӯву порсову покдоман.
Фариштай донишу фарзону фарҳанг,
Ашоро хешу пайванду ҳамоҳанг.
Сипанто – Ормайтӣ-аш бувад ном,
Ки ободии гетӣ бошадаш  ком.
Дигар Шаҳревар - он нерӯи воло,
Ки дасти ӯст аз ҳар даст боло.
К-аз ӯ истода ин гетист барпо,
Ҳамон ҳам поку некӯву сипанто.
Ба-д-ин нерӯ ҷаҳонро пок Яздон
Ба доду ростӣ дорад ба фармон.
Гузида шаҳриёрӣ вижаи ӯст,
Мар ӯро ном Шаҳревар аз он рӯст.
Биҳин нерӯи варҷованди Гаргар,
Тавоно дасти Виспогоҳ Довар.
Аюхшуст ӯ бидод оҳангаронро,
Ба гардун ӯ бичошид ахтаронро.
Дар оғоз ахтаронро ӯ пароканд,
Маҳу Хуршед з-ӯ партав гирифтанд.
Ҳам ӯ оҳангаронро ирмагон аст,
Аюхшутро нигаҳбон ӯ ба кон аст.
Сипоҳи дод з-ӯ пирӯзманд аст,
Дурафши коваёнӣ з-ӯ баланд аст.
Ба Испандормад ҳамкору ҳамроз,
Ашоро ёру ҳамрангу ҳамовоз.
Дуто дигар зи шаш амшоспандон
Бидид он ҷо Ашӯ Зардушт пас з-он...
Яке Хурдоди волоҷоҳу исфанд,
Шукӯҳу фарри даргоҳи Худованд.
Ҳар он ч-ӯ дид андар вай, расо буд,
Ба гетӣ пурратар аз вай куҷо буд.
Расоӣ з-ӯ гузашта аз басоӣ-ш,
Басоӣ з-ӯ гузашта аз расоӣ-ш.
Ҳар он ч-ӯ дид ӯро, бас накӯ дид,
Расоӣ, пуррагӣ яксар дар ӯ дид.
Фаро бигрифта дар худ осмонро,
Замину Моҳу Хуру ахтаронро.

Мар онро ном з-он рӯ кард Хурдод,
Ки Маздоро расой з-он нишон дод.
Дигар з-он ҳафт Поки Зинда Ҷовид
Буд он Мурдод, к-он ҷо монтрон дид.
Ки бо Хурдод буд ҷуфти ажире,
Ду анбози ҷудоинопазире.
Аз он рӯ «Доди Бемаргӣ»-ш номид,
Ки буд тандеси бемаргии ҷовид.

## КАРДАИ 3. БА ПЕШГОҲИ ХУДОВАНДИ ХИРАД АҲӮРО - МАЗДО ОВАРДАНИ АМШОСПАНДОН ВАХШУРРО

Чу Баҳман раҳнамун буд бар паямбар
Ба сӯи боргоҳи пок Гаргар.
Бидид ӯ он ҷаҳони рӯшноӣ,
Фурӯғи рӯйи хуршеди худоӣ.
Фурӯғи бекарону ҷовидоне,
Саросар равшану бартар ҷаҳоне.
Дигар амшоспандони Аҳӯро
Дуруду офарин гуфтанд ӯро.
Ҳама шаш пайкари поку фурӯзон
Пазиро даст пеши бар зи миҳмон.
Ҳама шаш як тану шаш рӯй буданд,
Равон чун об дар як ҷӯй буданд.
Ба сӯи шаҳри бесӯ чанд сӯе
Чу орад бод з-оҳу чанд бӯе,
Ҳама равшан чу тоби теғи Хуршед,
Фурӯ чун парда ҳишта пеши рӯ дид.
К-аз он шаш пайкари тобон чу Хуршед
Ҷаҳони менувонӣ буд испед.
Чу худро дид, дар он ҷо паямбар,
Миёни он фурӯғи бекарон-дар,-
Чунон зад рӯшноӣ аз сараш шор,
Куҷо то соя гаштан нопадидор.
Чу он шаш Ҷовидонро нек бишнохт,
Дилу ҷонро ба-д-он пурмоягон бохт.
Ба-д-ӯ гуфтанд он гаҳ шаш Амеша,
К- «Анӯша зеву бодӣ хуш ҳамеша.

Чӣ мӯлӣ, хезу боло зуд биштоб,
Ҳар он ч-аш мебиҷӯйи, бош, дарёб!»
Ба дастурии миҳтар Баҳмани пок
Шуд ӯ ҳамроҳ бо он шаш Тани пок.
Пас он шаш раҳнамо бурданд ӯро
Аз он ҷо назди Маздои Аҳӯро.
Ба беоғозу беанҷом гоҳе
Нишаста дид беандом шоҳе.
Баланду паҳн гоҳе ончунон буд,
Ки гардун ҳамчу гарди гарди он буд.
Ба-д-ин сон рафт наздики Худованд,
Бидид омеғи бундоди барозанд.
Сару бун нопадиду зеру боло,
Зи чарху он чӣ дар вай ҳаст, воло.
Замину осмону он чӣ дар он
Ҳама дар кунҷи гарди ӯст пинҳон.
Ашӯ Зардушт он гоҳ ошкоро
Ба чашмаш дид дидори Худоро.
Чунон тобанда рӯе дид равшан,
Ки дар ҷони ҷаҳон буд оташафкан.
Ба гардун Шед з-он оташ фурӯзон,
Ҷаҳон з-он оташи рухсор сӯзон.
Зиянда з-оташи Он Рӯй зинда,
Ба гулшан сабзаву гул з-Он ба ханда.
Ҳамедун Восноро дид дидор
Нахустин бор он гундои бедор.

## КАРДАИ 4. ГУФТУГӮЙИ АШӮ ЗАРДУШТ БО ХУДОВАНДИ ХИРАД-АҲӮРО-МАЗДО

Чу дид ӯ Восноро рӯ ба рӯяш,
Гирифт Ӯ дасту пеш овард сӯяш.
Намозаш бурд Зардушту бигуфто:
«Сипосу офарину афтидисто!»
В-аз ӯ пурсид: «Поко, Кирдигоро,
Аз ин пас боядам кардан чи коро?
Бигӯ, то марди роҳатро чӣ бояд,
Расад то ӯ ба гоҳе, к-ат бишояд.
Чи гуна бошад он марди ашӯро

Бувад хушнуд з-ӯ Маздо-Аҳӯро?
Ки бошад дар ҷаҳони росткорӣ
Намои ростию растагорӣ?
Равам ман аз паси ӯ низ дилшод,
Бувам хушбахту аз ҳар банд озод.
Ку он Хуршеди боми некхӯйӣ
Ки омӯзам чу Маҳ з-ӯ некрӯйӣ?»
Зи Маздо посух омад пас аз он сӯ-ш,
Шунид ӯ аз раҳи дил, на-з раҳи гӯш.
Чунин гуфташ Аҳӯро-Мазд: «Донӣ?
Ҳамонеро, ки меҷӯйӣ, худ онӣ.
Туӣ он сон бузургиро намуна,
Ба кирдору ба оруну ба гуна.
Ба гетӣ ростини ростонӣ,
Ҳамеша ростонро достонӣ.
Ту ҳастӣ пешвои родмардон,
Зи думболат раванд озодмардон.
Ба мардум чун ту дасти меҳр ёзӣ,
Ба бахту шодкомӣ ёр созӣ.
Ту худ он довари бодод ҳастӣ,
Ҳамеша дод варзӣ бо дурустӣ,
Зи обу оташу хокӣ нигаҳбон,
Парастори аҳӯродода домон,
Чаҳор ахшиг олудан намонӣ,
Бузургу поку арзишманд донӣ.
Ки бахшишҳои пурарҷу гаронанд,
Гиромӣ додаҳо бар бандагонанд.
Набошад зиндагонӣ ҳеҷ барпой,
Гар обу боду оташ нест барҷой.
Зи мардони накӯву покгавҳар
Чу будӣ ростину додгустар,
Аҳӯро з-он ҳама биҳтар бидидат,
Зи баҳри раҳнамоӣ баргузидат.
Аз ин пас ҳар касе, к-ӯ рафт аз ин роҳ,
Равад ӯ аз паси Хуршед чун Моҳ.
Худовандаш гузини хеш хонад,
Намирад, зиндаву ҷовид монад».
Чу ин бишнид Зардушт аз Худованд,
Бигуфт: «Эй Гаргари Бечуну Бечанд,

Яке оворае-ам, бе касу хор,
Набошам бар чунон коре сазовор.
Ба чоҳе тор уфтода чу кӯрам,
Ба пойи пил уфтода чу мӯрам.
Надорам ҷуз ту, эй Гаргар, дигар кас,
Зи дастам гиру раҳ бинмой з-ин пас.
Худоё, додрас парвардигоро,
Ки донӣ ҳар ниҳону ошкоро,
Ба ман гӯ чист роҳи растагорӣ,
Раҳой з-инчунин бедоду хорӣ?
Ба шаҳри ростон, гӯ, раҳ кадом аст,
Ки марди рост он ҷо шодком аст?
Маро фармой коре, то аз он кор,
Ашӯӣ номро бошам сазовор».
Худованди Хирад Маздо-Аҳӯро
Чунин фармуд Зардушти ашӯро;
Ки: «Роҳи растагорӣ дар накӯист,
Ба доду ростӣ в-андар ашӯист.
Биё, инак, ту, эй ҷӯяндаи роз,
Дари доду хирадро созамат боз.
Бажанги бахт дар дасти ту бидҳам,
Ҳама ганҷи хирад пеши ту бинҳам.
Дари бахт аз ҳумат бикшода гардад,
Биҳӣ кун, то гузар созӣ зи Чинвад.
Калиди бахтиёриро ҳумат дон,
Ҳумат дон абру некӯӣ чу борон.
Ту, эй вахшури некандеш, з-ин пас
Ба мардум бояд омӯзӣ ҳумат бас.
Ҳумат мағз асту кори нек чун пӯст,
Чу мушк аст ону ин оянда з-он бӯст.
Дарахте дон ҳумат пурбаргу пурбор,
Биҳиро меваи он бишмар, эй ёр.
Ҳар он, к-андеша некаш ҳаст дар дил,
Гули некию покӣ рӯяд аз гил.
Туро аз бандагон то баргузидам,
Зи баҳри раҳнамой-т офаридам.
Тавонӣ бурд ҳар фармон, ки додам-т,
Барӣ ҳар бор, бар дӯш ар ниҳодам-т.
Сар аз дониш баланд афрохтастам-т,

Дилу ҷонро ба фарзон бохтастам-т.
Ба родӣ гашта яктои замона,
Хирадалфанҷу гундои ягона.
Яке фарзона фарзандӣ ба фарзон,
Ки набвад чун ту дар Эрону Нерон.
Туӣ номи ашӯиро сазовор,
Ки аз ту ҷуз биҳӣ н-ояд падидор».
Бигуфт: «Он ростиро, гӯ, кадом аст,
Ашои биҳтаринро, гӯ, чӣ ном аст?
Ҳамеша то кунам ман росткорӣ,
Бигирам пеш роҳи растагорӣ».
Ба Зардушти Спитом он гаҳ овоз
Биомад аз Аҳӯро, к-»Эй сарафроз,
Биҳӣ он ростии биҳтарин аст,
Биҳишти ростони бофарин аст.
Накӯӣ роҳ сӯи растагорист,
Фурӯғи бомгоҳи бахтиёрист».

**КАРДАИ 5. ШИНОСОИИ ЗАРДУШТ АМШОСПАНДОНИ АҲӮРО-МАЗДОРО**

Чу Зардушт аз Худо фармон ниюшид,
Дилаш чун оташи сӯзон биҷӯшид.
Ба Маздо гуфт: «Баргӯ, эй Худованд,
Ки он амшоспандонат киёнанд?»
Аҳӯромазд он шашро фаро хонд,
Ба зӯтар ҳар кадомеро шиносонд.
Ба-д-он шаш як ба як чун рӯ ба рӯ шуд,
Накӯ дарёфт, к-он шаш рӯйи Ӯ буд.
Яке буд додкори пок Маздо,
В-аз он як гашта ин шаш буд пайдо.
Яке Хуршеду он шаш чун фурӯғаш,
Чу рангу тобиши рӯяш буд он шаш.
Ҳама шаш аз рухи он ҳафтумин тофт,
Нахустин ӯ буду дар ҳафтумин ёфт.

**КАРДАИ 6. ГУЗАШТАНИ ЗАРДУШТ АЗ ОТАШ ДАР НАЗДИ АМШОСПАНДОН**

Пижуҳанда зи гуфтори гаҳи пеш
Чунин овард дар бинвиштаи хеш,
Ки чун Зардушт дид аз Восно рӯй,
Аз он, к-аш чашм шуд шаш чеҳраи Ӯй.
Аҳӯромазд гуфташ: «Эй биҳандеш,
Туро роҳест бас душвор дар пеш.
Аз он пурбим роҳ ар мебипурсӣ,
Агар бинмоямат, боре, битарсӣ.
Зи кӯҳи оташу дарёву бас дашт
Биояд пешу з-он бояд-т бигзашт.
Дилу андешаву пиндор-т пок аст,
Туро бигзаштан аз он раҳ чӣ бок аст».
Биандешид чун вахшур з-он роҳ,
Ба пешаш кӯҳи оташ дид ногоҳ.
Нишоне з-он раҳаш медод Маздо,
К-аз он боист бигзаштан-ш фардо.
Аҳӯро дод фармонаш, ки: «Бархез,
Ту аз ин кӯҳи пуроташ мапарҳез!»
Ашӯ Зардушт пас ҳамроҳи он шаш
Бирафт он гоҳ дар пуртоб оташ.
В-аз он пурбим кӯҳи оташафшон
Гузашт ӯ бегазанд он гаҳ таносон.

## КАРДАИ 7. ГУЗАШТАНИ ВАХШУР АЗ САНҶИШИ ДИГАР - АЮХШУСТИ ГУДОХТА

Миёни оташ он ҷо буд гудозон
Аюхшут ҳамчу оби ҷӯй тозон.
Дамон з-он кӯҳи оташ он фурӯ рехт,
Гудозон бар тани Зардушт ишпехт.
Накард он кора бар тан ведманро,
Надид ӯ ҳеҷ дарду сӯхтанро.
Ба санҷиш бар тани вахшур он шаш
Аюхшусти гудозон рехтандаш,
Газанде низ н-омад як сари мӯй,
З-аюхшусти гудозон бар тани ӯй.
Ту гӯйӣ рехт оҳан бар хунук хок,
Ҳама тан буд дурусту пайкараш пок,

## КАРДАИ 8. ЧОК КАРДАНИ АМШОСПАНДОН СИНАИ ЗАРДУШТРО ВА АЗ ҲАМА ГУМОНУ НОБОВАРӢ ВА МОНАНДИ ОН ЧИЗҲО ПОК КАРДАНИ ОН

Зи санҷишҳо чу бигзашт он ҳувишта,
Гирифтанд он гаҳаш он шаш фиришта,
Ҳамон дам синаи ӯ чок карданд,
Гумону тирагӣ з-он пок карданд.
Аз он пас андарунашро ҳама кас
Ба ҷойи хеш бинҳоданд вопас.
На дарде буду реше дар тани ӯй,
На захми корд буд он ҷо сари мӯй.
Ҳама биҳ буду пай буд нопадидор
Аз он, к-урвонпизишкаш буд Додор.
Ба перомуни ӯ амшоспандон
Ҳамебуданд ӯро офаринхон.
Аҳӯро додаш он сон зӯрмандӣ,
На дард ӯро расидӣ, не газанде.

## КАРДАИ 9. ФАРМОНИ АҲӮРО МАЗДО БА ВАХШУР, КИ ОЙИНИ БИҲИРО ДАР ҶАҲОН БИЧОШАД ВА МАРДУМОНРО АЗ БАД РАҲОӢ БАХШАД

Чу гуфтанд «Офарин»-у «Бодӣ хушнон»
Ба Зардушти Ашӯ амшоспандон,
Ки шуд пок аз гумон ӯро дилу ҷон,
Ҳамедун дид рӯйи поки Яздон.
Худованди Хирад - Маздо Аҳӯро
Чунин фармуд Зардушти Ашӯро,
Ки: «Рав, бар мардумон омӯз динро,
Аҳӯродода ойини биҳинро.
Ҳар он ч-аш дар канори Дод дидӣ,
Ҳама он чиз, к-аз Маздо шунидӣ,
Дупоёнро бигӯю соз огоҳ,
Ба доду ростӣ бинмояшон роҳ.
Биҳӣ омӯзу некӣ мардумонро,
Зи некӣ то биоройӣ ҷаҳонро.
Зи роҳи бад касонро боз медор,

Ба роҳӣ ростишон пой бигзор.
Ту з-ин рӯ мардумонро чун шубонӣ,
Рама-станд он ҳама, ту посбонӣ.
Ба-д-онон ростию дод омӯз,
Чароғи донишу фарҳанг афрӯз.
К-аз ин раҳ кас расад бар некбахтӣ,
Раҳоӣ ёбад аз андӯҳу сахтӣ.
Биҳӣ роҳест сӯи растагорӣ,
Накӯӣ пеша созу росткорӣ.
Зи некӣ кас биҳишти ҷовидонӣ
Биёбад, в-андар он хуш зиндагонӣ.
Бирав, тухми хирадро дар ҷаҳон чош,
Ҳамин дини биҳиро дар ҷаҳон пош.
Зи паркон бахш гетиро раҳоӣ,
Бурун каш сӯи рӯзу рӯшноӣ.
Ба доду ростӣ дор ин ҷаҳонро,
Раҳоӣ бахш аз бад мардумонро.
Аҳӯрокеш бошу девбезор,
Ҳамеша бош бо девон ба пайкор.
Парастиш кун Худованди хирадро,
Биҳӣ бугзину баркан бехи бадро».

## КАРДАИ 10. НАМУДАНИ АҲӮРО-МАЗДО НИШОНИ ХУДРО БА ЗАРДУШТ

Чунин пурсид аз Маздо паямбар,
Ки: «Эй Додори поки додгустар,
Бувад, к-аз хештан боре нишоне
Намоӣ мар маро аз меҳрбонӣ,
Ки рӯ бар вай биорам гоҳи яштан,
Ба рӯйи он бубинам роҳи гаштан.
В-агар пурсанд, кистию куҷоӣ,
Чаро Бечанду чун Бечун Худоӣ?
Бигӯям, то ба дин бовар биёранд,
Ба бархӣ рӯй бар озар биёранд.
Нишони бенишон гӯям, ки чун аст,
Ҳама ҷо будани Бечо чӣ гуна-ст».
Ба посух гуфт Виспогоҳ бо ӯй:
«Нигар, то аз нишони ман барӣ бӯй.

Ба гетӣ ҳар чӣ бинӣ, к-аш дурахшест,
Бидон, к-он аз Аҳӯромазд бахшест.
Ба гардун ахтарон чун Моҳу Хуршед,
Чи Баҳрому чи Тиру Парву Ноҳид.
Чу з-онон равшанӣ ояд падидор,
Туро ёд оваранд аз пок Додор.
Ҳар он ч-аз вай ҷаҳанда рӯшноист,
Нишон аз рӯю роҳи ошноист.
Ҳар он ч-он равшанӣ з-он тофт, ӯро
Ту бишмар хонаву гоҳи Аҳӯро.
Нигар, то гар фурӯғе чун ба ҳар ҷост,
Бидон, к-он ҷойгоҳи пок Маздост.
Ба кайҳон ҳар чӣ чашми равшан ӯрост,
Ҳамон тобанда аз рӯйи Аҳӯрост.
Ту покаш дору мебошаш парастор,
Ки бошад он парастишро сазовор,
Сазад, гар бо ниёиш сӯи он рӯй
Биёрӣ чун ниёгон, эй накӯхӯй.
Ба ҳар чизи дурахшон чун Маҳу Хур,
Чунон чун оташу чун Ардвисур.
Биёрӣ рӯю ёрӣ хоҳӣ аз ман,
Нахоҳам ҳаргизат навмед кардан.
Ба бад ҳар чизи тобонро маёлой,
Гиромӣ дору бархӣ ор-ш бар ҷой».

## КАРДАИ 11. АЗ ҶАҲОНИ МЕНӮИИ САРШОР АЗ ФУРӮҒ ФУРУД ОМАДАНИ ВАХШУР БА ЗАМИН ВА НАМОЗИ ҲОВАНГОҲ ГУЗОРИДАНИ Ӯ ДАР ОТАШГОҲ

Буруноранда оташ аз дили гил
Пас ӯро оташе афганд дар дил.
Чӣ оташ? Оташи дини ҷаҳонӣ,
Биҳин Дастуру Доди ҷовидонӣ.
Ҳамон як оташи дини накӯӣ,
Ки буд равшангари роҳи ашӯӣ.
Ҳамон дастури гетӣ кардан обод,
Бибудан ҷовидон аз банд озод.
Сипанто Готҳои ҷовидонӣ,

Ба некон раҳнамои зиндагонӣ.
Бажанги ганҷи чисто карда дар мушт,
Даени маздаяснӣ - доди Зардушт.
Ҳама ойини некӣ дод Маздо,
Ки пошад дар ҷаҳон Зардушт фардо.
Ба гӯши дил ҳаме бишнид ҳар вок,
Ба барги ҷон ҳаме ангошташ пок.
Нигӯшид он сипанто сосноро,
Суханҳои баланди Восноро.
Суруди ҷоннавози осмонӣ,
Сипанто - Готҳои ҷовидонӣ,
Биҳиштӣ як ниҳоле буд, гӯйӣ,
Тану шохаш пур аз бори накӯӣ.
Биҳӣ буд решаву шоху тан, оре,
Ки орад бор бахту растагорӣ.
Ба Зардушти Ашӯ додаш, ки: «Биншон,
Ки онат бар ҳама дардаст дармон.
Аҳӯроӣ дарахте аз биҳишт аст,
Ҳама аз гавҳари некӣ сиришта-ст».
Чу аз кеши аҳӯроӣ дилу ҷон
Бишуд Зардуштро яксар фурӯзон,
Бигуфто: «Сар зи фармонат напечам,
Миён барбандаму корат писечам».
Сараш бардошт он гоҳ аз гиребон,
Шигифт омад-шу з-он бикшод чашмон,
Зи ҷо бархост пас он ведман тафт,
Бурун аз он ҷаҳони равшанӣ рафт.
Бидид ӯ пайкар аз Поки Дурахшон,
Канори рӯди Доди беҳтар аз ҷон.
Сари андеша хам гундои бихрад
Шитобон сӯи оташгоҳ омад.
Гирифт ӯ боҷу андар мушту барсам,
Ба замзам хонд чанд аз вир ардам.
Ба ширу ҳуму оби поки дилкаш
Тану ҷон поку назди пок оташ,
Намоз овард гоҳи Ҳованиро,
Худои бомгоҳу равшаниро.

## ФАРГАРДИ 4. РАСОНИДАНИ ЗАРДУШТ ПАЁМИ АҲӮРО МАЗДОРО ВА ПАРОКАНДА КАРДАНИ ОЙИНИ БИҲӢ ДАР МИЁНИ МАРДУМОН

### КАРДАИ 1. БА МАРДУМОН РАСОНИДАНИ ПАЁМИ АҲӮРО МАЗДО

Ба шаҳр омад Ашӯ Зардушт он рӯз
Ба мардум гашт дину донишомӯз.
Ба гирдаш марду занро анҷуман кард,
Зи доду дину озодӣ сухан кард.
Ба эшон гуфт он ч-ӯ аз Худованд
Шуниду дид он сон фарру афранд.
Бигуфт аз шаш Ҳамеша Поку Ҷовид,
В-аз он чун ҳафт ранги рӯйи як Шед.
Зи дини навву пайғоми Аҳӯро,
Ки гоҳи бом фармон омад ӯро.
Зи ойини биҳӣ - маздопарастӣ,
Раҳи дарёфтан ҳанҷори ҳастӣ.
Зи покию биҳию росткорӣ
Биҷустан роҳ сӯйи растагорӣ.
Зи банди бардагӣ ҷустан раҳоӣ,
Гирифтан роҳи рӯзу рӯшноӣ.
Зи бахту хуррамию шодкомӣ,
Зи бад ворастагию некномӣ.
Ҷудо кардан сиёҳӣ аз сапедӣ,
Ҷаҳонро доштан пок аз палидӣ.
Саросар шаҳру диҳ обод кардан,
Ҷаҳоне нав чунон бунёд кардан,
Ки кешу дини некӣ бошаду бас,
Ба коми дил дар он хуррам зияд кас.
В-аз он, к-аз нест пайдо кард ҳастӣ,
Ҳамон, к-аш дод, нак, маздопарастӣ.
Бикардаш пешво маздеснонро,
Биҳону некувону ростонро.
Касе з-он гуфтаҳо ориш надарёфт,
Бузургу хурд аз Зардушт рӯ тофт.
Ба пайғоми Худо бовар накарданд,
Нигаҳ бар гуфти пайғамбар накарданд.

Ҳама гаштанд бо ӯ душмани ҷон,
Ки сар печид з-ойини ниёгон.
Бипайвастанд бо ӯ ҷангу офанд,
Шиносу ношиносу хешу пайванд.
Ба-д-онон гуфт, к-аз дини Фаредун
Набинҳодаст ҳаргиз пой берун.
Бикардан разм бо морони Даҳҳок,
Тану ҷон аз палидӣ доштан пок.
Биҳию ростию донишу дод,
Ба дину дод кардан гетӣ обод,
Ниёиш аз фурӯғи рӯйи Хуршед
Магар ин нест дини шоҳ Ҷамшед?
Худо имрӯз ӯро з-он фиристод,
Ки пошад тухми дину донаи дод.
Бибахшад мардумонро то раҳоӣ
Зи торикӣ ба сӯи рӯшноӣ.
Ба дини ростӣ хонад ҷаҳонро,
Зи роҳи каж бидорад мардумонро.
Касе он гуфтаи Зардушт нашнуд,
Чу дар дил чашм кӯру гӯш кар буд.
Наомадшон ба-д-он гуфтор бовар,
Бар он Дастури Доду Дини Гаргар.
На чашми кӯр донад тобиши ранг,
На гӯши кар шиносад созу оҳанг.
Бикандан дил зи ойини ниёгон
Набудшон низ чандон кори осон.
Ба-д-он ҳангом аз рози дили вай
Набитвонист бурдан ҳеҷ кас пай.
Напазруфтанд з-он рӯ гуфтаи ӯй,
Киҳу миҳ тофтанд аз вай ҳама рӯй.
Ба кишвар гашт овоза, ки он мард
Яке диневу ойине нав овард.
Миҳони шаҳру диҳ чун ин шуниданд,
Зиёни хеш дар оянда диданд.
Киҳон, к-аз ростӣ бӯе набурданд,
Ба каҷҷӣ дӯстро душман шумурданд.
Ба Аҳриман ҳама ҳамроҳ гаштанд, ,
Ашӯ Зардуштро бадхоҳ гаштанд.

## КАРДАИ 2. КӮШИШУ ПАЙКОРИ ЗАРДУШТ ДАР РОҲИ ДИНИ МАЗДОЯСНӢ

Ниҳода гом бар сӣ буд, к-он гоҳ
Бидид ӯ рӯйи поки Виспогоҳ.
Аз он пас сахт барбаст ӯ камарро,
Ба бархӣ Гаргари Пирӯзгарро.
Ба Маздо рӯзу шаб ӯ роз мегуфт,
Паёмаш мардумонро боз мегуфт.
Ба-д-ӯ фармуд Маздо раҳнамоӣ,
Гузидаш бар ашӯвон пешвоӣ.
Ба гоҳи хусравӣ ӯро гуморид,
Ҷаҳонро зери фармонаш гузорид.
Ба ӯ бинмуд роҳи растагорӣ,
Раҳи доду хирад дар шаҳриёрӣ.
Худованди Хирад - Маздо Аҳӯро
Чунон фарру хирад бахшид ӯро,
Ки чун Хуршед равшан кард роҳаш,
Ҳам аз Хуршед боло гашт ҷоҳаш.
Ба ӯ пайваста аз Додори кайҳон
Паём омад, ки: «Ҳон, вахшури Эрон,
Ба по шав, мардумонро кун ту огоҳ,
Ба доду дини биҳ бинмояшон роҳ.
Зи чанги дев мардумро раҳо кун,
Ба ойини Аҳӯро ошно кун!»
Аз он пас рӯзу шаб пури Спитом
Набиншастӣ ба ҷойи хеш ором.
Ҳаме овард пайғоми Худоро,
Бикард огоҳ з-он шоҳу гадоро.
Ба роҳи рост хонд ӯ марду занро,
Зи нав перост ойини куҳанро.
Ба фармони Аҳӯро гом бардошт,
Хирадро тухм дар дилҳо ҳаме кошт.
Ба ҳар ҷо рафту бо мардум биомехт,
Ба дини рост эшонро барангехт...

## КАРДАИ 3. АШӮ ЗАРДУШТ БА ПУРСИШҲОИ МАРДУМОН ПОСУХ МЕГӮЯД

Чу н-омад андар он ҳангом бовар
Дупоёнро ба гуфтори паямбар,
Бигуфтандаш, ки: «Маздоро нишон чист?
Чӣ ном асту куҷо ҳасту худ он кист?»
Ба посух гуфт Зардушти Спитом:
«Худованди Хирад ӯро бувад ном.
Нахустин номи ӯ Маздо Аҳӯрост,
Авахшидору Виспогоҳу Доност.
Ба худ Танҳову Бечун асту Якто,
Ба гетӣ несташ анбозу ҳамто.
Абеанҷому Менӯтум бувад ном,
Ба дасти ӯст темори даду дом.
Замину осмон овардаи Ӯст,
Маҳу Хуршеду ҷуз он кардаи Ӯст.
Хирадманду Равонбахшу Абарванд,
Тану ҷони ҷаҳонро Ӯст хованд.
Фурӯғи Меҳр, к-аз рӯйи Аҳӯрост,
Ҳазорон гӯшу бевар чашм Ӯрост.
Чу мардум нест ӯро гунаву сохт,
Ба чашму гӯш, то битвон-ш бишнохт.
Ҳама ҷо ҳасту Ҳасти Бекарон Ӯст,
Чу ҷон дар пайкари ҳастӣ ниҳон Ӯст,
На заррин тахт рӯйи осмон аст,
На чун шоҳон нишаста, рӯйи он аст.
Ба чизе нест монанд он Худованд,
На Ӯро ҳаст ҳамтое, на монанд.
Хирад бо ҳастии Ӯ ҷовидон аст,
Хирад Ӯро фурӯғе бекарон аст.
Ҳамоно, Ӯст нерӯи ҷаҳонбон,
Ба ҷунбиш з-Ӯст ҳар ҷондору беҷон.
Рухи зебои Додори Абарҷо
Чу дар ойина тобанда-ст ҳар ҷо.
Гиёҳи сабзу гулҳои шукуфон,
Ба гардун ахтарону санг дар кон,
Забони оташу барги дарахтон,
Буванд аз партави он Рӯй тобон.
Чу бунёди ҷаҳон бинҳод Додор,
Ашоро андар он бинҳод дар кор.
Ашо дод асту дине дилпазир аст,

Чу ҳанҷор он ҷаҳонро ногузир аст.
Рухи Хуршед аз Маздост равшан,
Ба гардун ахтаронро з-ӯст гаштан.
Накӯӣ вижаи Маздо Аҳӯрост,
Куҷо зебову хубӣ ҳаст, Ӯрост.
Ба ҷуз некӣ зи Маздо барнаояд,
Зи бад пок асту дар пайкор бо бад.
Рухи зебои Ӯро дар лаби Дод
Бидид он покмарди бихраду род.
Шунид ӯ розу фармони Худованд,
Хуҷиста ардамону монтраспанд.
Нишони дасти нерӯманди Гаргар
Ҳама пайдост дар гетӣ саросар.
Ҷаҳонро ончунон бин созмоне,
Гузире нест, к-онро ҳаст ҷоне.
Ҳам он амшоспандони Аҳӯро,
Ки бинмуданд бар вай рӯйи Ӯро,
Фурӯғи рӯйи як хуршеди Ӯянд,
Ҳама тобанда з-он рӯйи накӯянд.
Чу Маздо ҷовидону ногузиранд,
Якеанду ҷудоинопазиранд.
Худои меҳрубон Маздо Аҳӯро
Ба Эрон дод Зардушти ашӯро,
Сазанда дидаш Ӯ пайғамбариро,
Ба сар бинҳод-ш тоҷи сарвариро.
Ба фарри эзадӣ бинмуд ёраш,
Фурӯзон кард рух хуршедвораш.
Ба-д-ӯ кеши аҳӯрой биомӯхт,
Дилашро з-оташи фарзон барафрӯхт.
Ба-д-ӯ фармуд мардумро бихондан
Ба биҳдинию аз дӯзах раҳондан.
Ҷаҳон аз тирагӣ берун кашидан,
Фарози рӯшноӣ ҷо гузидан.
Бувад, то ин ҷаҳону он чӣ дар он
Ба коми Эзаду амшоспандон.
Чу пурсиданд мардум з-ӯ зи ҳар чиз,
Зи кору пешаву аз ҳар ҳунар низ.
Ба нармӣ дод посух он хирадманд,
Ба андарзи биҳону моявар панд.

Зи бодафроҳи неку кайфари бад,
Зи растохезу бигзаштан зи Чинвад,
Зи рафти ахтарону гардиши чарх,
Зи гарму сарду аз ширину аз талх.
Зи ҳафт амшоспанду як Худованд,
Башини Гаргари Бечуну Бечанд,
Ашову ростию бархию кор,
Дурӯҷу девро будан ба пайкор,
Зи доноию паркону биҳу зишт,
Кишоварзию дому донаву кишт,
Ба ҷуз ин ҳар чӣ аз душвору осон,
Биомад пеш ҳар гоҳе ба эшон,
Ҳаме гуфтанду ӯ посух ҳаме дод,
Бузургу хурд з-ӯ буданд дилшод.

## БАХШИ 5

## ФАРГАРДИ 1. ҶАҲОНГАРДИИ ЗАРДУШТ ДАР ҶУСТУҶӮЙИ АШО ВА ҶОЙИ ДАРХӮРД ВА ДИНИ БИҲИРО ДАР ҶАҲОН ПАҲН КАРДАНИ Ӯ

### КАРДАИ 1. ТАНГ КАРДАНИ ДЕВЯСНОН ҶАҲОНРО БА ЧАШМИ ЗАРДУШТ

Мар ӯро дӯстдорон бас касе буд,
Ҳам аз парварда шогирдон басе буд.
Гароиданд бархе бар паямбар,
Ба дини нав ба-д-ӯ карданд бовар.
Гурӯҳе душманаш гаштанду бадхоҳ,
Гаронгӯшони кӯри душту гумроҳ.
Паёми Эзад аз вай нашнавиданд,
Ба ойини Аҳӯро награвиданд.
Гумон бурданд, к-ӯ девона гашта,
Зи роҳи дин магар бегона гашта.
Парешон хобҳоанд он, ки ҳар гоҳ
Бидида рост ангорад ба ҳар роҳ.
Ба-д-онон хуш наомад дини Зардушт,
Бигардонданд аз ин рӯ з-ӯ ҳама пушт.
Ба кини ӯ камар бастанд з-он пас
Шудандаш душману бадгӯ ҳама кас.
Паёпай он сияҳбахтони бадхоҳ
Биафканданд-ш сангу хор дар роҳ.
Биозурданд Зардушти ашӯро,
Ради бododу поку ростгӯро.
Бадаш гуфтанду санг андохтандаш,
Ҷаҳонро танг яксар сохтандаш.
Ба афсуну ба банду тарбу тарфанд
Ба ҷонаш борҳо оҳанг карданд.
Сипоҳи дев бешу ӯ яке буд,
Гурӯҳи некхоҳаш андаке буд.
Аз он торикҷонони бадандеш,
Бидид ӯ ранҷ бешу гашт дилреш.
Ба гирдаш тӯда гашта бадсиголон
Ба сони гургу рӯбоҳу шағолон.

Чу дарду ранҷ з-онон дид афзун,
Бибоисташ аз он ҷо рафт берун.
Расид он гоҳ, то вахшур Зардушт
Равад з-он шаҳру бар девон ниҳад пушт.
Бигардад з-ин пас ӯ рӯйи ҷаҳонро,
Ба дини рост хонад мардумонро.
Аз ин рӯ ведман з-он ҷо равон гашт,
Ба ҷустори ашо гирди ҷаҳон гашт.
Басе кӯҳу биёбонро бипаймуд,
Басо ҷангал гузар карду басо рӯд.
Зи шаҳре рафт бар шаҳре паёпай,
Гаҳи гармои Тиру сардии Дай.
Ба ҳар ҷо рафт дилҳо гашт ромаш,
Ба некӣ дар забонҳо рафт номаш.
Ба мардум дод огоҳӣ зи Маздо,
Зи Фаршӯкарду растохези фардо.
Зи Кеши ростини маздаяснӣ,
Биҳину пок дини биҳманишнӣ.
Зи ҳуму оташу аз боҷу барсам,
Ба куштӣ панҷ раҳ яштан ба замзам.
В-аз он к-аш кард пайғамбар Аҳӯро,
Ки пошад дар ҷаҳон то дини ӯро.
Ба марду зан биомӯзад накӯйӣ,
Дилу андешаи поку ашӯйӣ.
Бибахшад то дупоёнро раҳоӣ
Зи банди бардагию бенавоӣ.
Ба ҳанҷори ҷаҳон то ӯ яке ранг
Шавад, бо гардиши ахтар ҳамоҳанг.
Ба гетӣ кас зияд озоду дилшод,
Ба бахти неку кому марзи обод.
Ба ҳар кӯю дар омад он накӯном,
Биовард аз Худои пок пайғом.
Ба дилҳо донаи некӣ бипошид
Ба гетӣ тухми дини биҳ бичошид.
Ки мардум Боду Обу Оташу Хок
Бидорад арҷманду бишмарад пок.
Ба шаҳри Салм рафту кишвари дур,
Ба мардум дини биҳ омӯхт вахшур.
Чу омад, сармиёнро дин биомӯхт,

Ба дилҳо оташи фарзон барафрӯхт.
Гузашт аз Ишқату Пӯруту Баҳдӣ,
Бидодаш мужда аз маздопарастӣ.
Ба Суғд-андар Гави бишкӯҳу хушбод,
Ки маздодода марзе буд obод,
Ба дини хеш мардумро фаро хонд,
Басо касро ба кеши хеш гардонд.
Ҳам андар Марв, к-андар хоки Эрон
Яке шаҳре буд ободу шукуфон.
Ҳам он шаҳре, ки номӣ бар Ҳарӣ буд,
Ки аз боғи биҳишташ бартарӣ буд,
Паямбар тӯда-тӯда аз зану мард
Ба дини маздаяснӣ андар овард.
Ба Хоразм андарун сад шаҳру диҳро
Бигашту кошт тухми дини биҳро.
В-аз он ҷо рафт, то дар кишвари Тур,
Зи фарзон кӯчиёнро дид бас дур.
Ба-д-он ҷо низ дину дониш омӯхт,
Чароғи доду дин дар дил барафрӯхт.
Пазируфтанд бархе дини ӯро,
Чу биҳ диданду хуш ойини ӯро.
Ба Рай биншасту ҳам дар Балхи Бомӣ,
Нишасту хост бо мардони номӣ.
Зи кӯҳи Бурз то дарёи Ҳилманд,
Зи дарё Вӯрукаш то рӯди Арванд,
Замини поки Эронро саросар
Ҳама биспард Зардушти паямбар.
Хуҷаста гом бар ҳар дар чу бинҳод,
Бикард аз донишу доду хирад ёд.
Зи Эрон шуд бурун пас сӯи Нерон,
Зи роҳи Бавру дашти моргирон.
Бидид он ҷой мардумхор шоҳон,
Хӯранда мағзу хуни бегуноҳон.
Ба худ мехост он вахшури Додор,
Биёбад то яке ҷое сазовор.
«Биҷӯям, гуфт, дар рӯйи замин ман
Замине хубу дархурди бикиштан.
Ки дар вай тухми чисторо фишонам,
Дарахти дини маздоро нишонам».

Ба ҳар ҷо рафт гундои хирадманд
Ҳамеша тухми донишро пароканд.
Бикард огаҳ зи неку бад касонро,
Ба дини биҳ биоғорид шонро.
Дупоёнро ба роҳи рост бинмуд,
Ба кори нек карданшон бифармуд.
Дареғо, н-омадаш дар чашм як ҷой,
Ки дини нав тавон бинҳод бар пой.
Надид ӯ ҳеҷ як шоиста марзе,
Ки он ҷо кард битвон киштварзӣ.
Наомад ҳеҷ бум, афсӯс, дар пеш,
Ки дорад чашм бор аз киштаи хеш.
Ҳама ҷо душмани дини Аҳӯро
Фузун гаштанду бад гуфтанд ӯро.
Ба ҳам зад дев, гар тухме фишонд ӯ,
Зи бун барканд, гар бехе нишонд ӯ.
Баланду устувор аз донишу дод
Яке мехост кохе кард бунёд,
Кашида сар ба Хуршеди ҷаҳонтоб,
Ниҳода пой дар дарёи жарфоб.
Ҳаме ӯ хост биншонад дарахте,
Ки орад бор кому некбахтӣ.
Ба Эрон шуд зи нав дар хонаи хеш,
Зи бедоди ҷаҳон он гоҳ дилреш.
Ҷаҳонро дид чун дар чангу куштор,
Ба дому банди Аҳриман гирифтор,
Сухан гуфт аз биҳӣ пиру ҷавонро,
Ба дини хеш хонд эрониёнро.
Чу бишниданд з-ӯ андарзу гуфтор,
Паёму гуфтаҳои пок Додор,
Аз ӯ хешону пайвандон буриданд,
Бадаш диданду з-ӯ дурӣ гузиданд.
«Зи дини шоҳ Ҷамшеду Фаредун
Чаро оем, мегуфтанд, берун».
Суханҳои паямбар нашнавиданд,
Ба Готони сипанто награвиданд.
Ба-д-ӯ гаштанд душман дӯстонаш,
Зи ҳамшаҳрону ҳам ҷудшаҳриёнаш.
Ба рӯйи ӯ ҳама кас дар бибастанд,

Ҳама пайванди хеш аз вай гусастанд.
Пажуми душт то шоҳи ситамгар
Камар бастанд дар ҷанги паямбар.
Ки бистонанд аз ӯ ҷони ширин,
В-аз он пас нашнавад  кас з-ӯ зи биҳ дин.

## КАРДАИ 2. ПАЙДО НАКАРДАНИ ЗАРДУШТ ҶОЕРО ВА МАРДУМЕРО, КИ ОЙИНИ БИҲИРО ГУСТАРИШ БИДИҲАД ВА ҲАМА ҶО БО БАДОН РӮ БА РӮ ГАРДИДАНИ Ӯ

Зи моҳу рӯзи он роди сарафроз,
Ду соле буд рафта аз чиҳил боз,
Вай аз сисолагӣ худ то ба-д-ин гоҳ
Ҳаме паймуд чандин солу маҳ роҳ,
Ба Эрону ба Нерон он ҷаҳонгард
Яке дархӯрд ҷое ҷустуҷӯ кард,
Ки дар он ҷойи ободон тавонад
Дарахти дини биҳро то нишонад.
Ба-д-ин бигзашт даҳ солу ду дигар,
Ҳамедун буд рӯзу шаб-ш ҷовар.
Ки он диҳгони менӯӣ зи Гушто
Биорад навниҳоли боғи ушто.
Дарахте гашншоху серреша,
Биҳиштирангу сабзу хуш ҳамеша.
Саросар ҷуст пайғамбар ҷаҳонро,
Надид андар ҷаҳон ҷое чунонро.
Ба чандон ранҷ чун баргашт ноком
Ба шаҳри хеш Зардушти Спитом,
Бишуд навмеду даст аз ину он шуст,
Ки ӯ беҳуда некӣ дар ҷаҳон ҷуст,
Ба ҳован рӯзгоре об совид,
Зи неши мор, бераҳ, нӯш ковид.
Ба гӯши хар сухан мехост гӯяд,
Зи чашми гург шарму меҳр ҷӯяд,
Чунин гуфтӣ гаҳе вахшур бо хеш,
Ки: «Навмедист деве зишту бадкеш.
Машав навмед, гар мағзат ба сар ҳаст,
Макаш аз кӯшишу ҷунбиш даме даст.

Зи кӯшиш кӯдакон гарданд раҳрав,
Зи ҷунбиш рӯяд аз дон урвар аз нав.
Дили навмед чун торик гӯр аст,
Ба дил-дар дидаи навмед кӯр аст.
Ба доми деви навмедӣ гирифтор
Нагардӣ, гар туро чашмест бедор.
Гар аз оянда навмедӣ, ту девӣ,
Сари он дев бишкан, гар ту невӣ...»
Ба-д-ин андешаҳо Зардушт ҳар рӯз
Баромад бар Ушидарни дилафрӯз.
Камар се раҳ ба куштӣ сахт барбаст,
Зи шохи ҳум барсам кард бар даст,
Ниҳода рӯй сӯи пок озар,
Ниёиш кард бар даргоҳи Гаргар.
Ба Маздо гуфт аз розу ниёзаш,
Ба покӣ бурд рӯзу шаб намозаш.
Ҳаме гуфт: «Эй Худои Виспогоҳ,
Маро бинмой сӯи ростӣ роҳ.
Ба ман гӯ боз, к-эдар чораам чист,
Басечи ин дили овораам чист?
Ҳама фармон, ки додӣ, кор бастам,
Аз он ҷуз бод н-овардам ба дастам,
Ба чандин сол хоки ҳафт кишвар
Фарозу шеб паймудам саросар.
Ба роҳи дин бичидам остинро,
Бикиштам тухми дини ростинро.
Парокандам ба гетӣ донишу дод,
Ҷаҳон аз доду дин то гардад обод.
Зи боғи орзу як гул набишкуфт,
Шудам нокому з-онам дил барошуфт.
Фишондам дар замини шӯр дона,
Чи дорам чашм гоҳи поликона?
Ба чашми кӯр раҳ равшан намудам,
Ба гӯши кар наво беҷо сурудам.
Кашидам рӯзгоре ранҷ чандон,
Пушаймон даст бигрифтам ба дандон.
Бибурдам бори сангин чанд дар пушт,
Ба ҷуз бодам наомад ҳеҷ дар мушт.
Фурӯ мондам, Худоё, зуд даррас,

Бифармо, то чӣ бояд кард з-ин пас.
Зи роҳи хеш оё даркашам пой,
Ба кӯйи ноумедӣ ё кунам ҷой?
Набудам боваратро гар сазовор,
Мани саргаштаро бахшой, Додор»
Ҳаме омад зи Виспогоҳ пайғом,
«Шикебо бош, то дастат диҳад ком!»

## КАРДАИ 3. НАХУСТИН КАСЕ, КИ БА ДИНИ МАЗДОЯСНӢ БИГРАВИД, МАЙДЮМОҲ ПИСАРИ ОРОСТӢ БУД

Зи пушти Пайтараспи номбардор,
Ниёи монтрони некрафтор,
Ба ҷуз он Пӯрушаспи род фарзанд
Бизода ростон буданд якчанд.
Якеро номи нек Оростӣ буд,
Ҳушивору ба доду ростӣ буд.
Раде буд росткору ростгуфтор,
Яле бас некварзу некрафтор.
Ҳамон Оростиро як писар буд,
Накӯву рост, рафта бар падар буд.
Ба рӯзи нек зоду биҳтарин гоҳ,
Ки модар ном кардаш Майдюмоҳ.
Ҷавоне буд пурмағзу сухандон,
Ниҳода дил ба дониш буду фарзон.
Ба фарру бурзу болову тану тӯш,
Ба хӯйи неку орун чун Сиёвуш.
Зи шогирдони Зардушти ашӯ буд,
Ниҳода гӯш бар гуфтори ӯ буд.
Ҳама ҷо рӯзу шабҳо Майдюмоҳ,
Ҳамеша буд бо Зардушт ҳамроҳ.
Чу меҳри зӯтар оганда ба дил буд,
Сиришта аз накӯӣ-ш обу гил буд,
Зи ҳар раҳ буд бо ӯ сахт пайванд,
Накардӣ з-ӯ ҷудоӣ он хирадманд.
Ба-д-он гоҳе ки фаррух Майдюмоҳ
Зи дини маздаяснӣ гашт огоҳ,
Шунуд аз доду дастури накӯйӣ,

Зи дини поку ойини ашӯйӣ,
Ки Маздо дод бар Зардушт онро,
Ки аз бад вораҳонад мардумонро.
Зи банди бардагӣ озод созад,
Ҷаҳонро аз биҳӣ обод созад.
Ки ҳар к-ӯ хештанро нек бишнохт,
Зи гардан бардагиро дур андохт,
Зи чоҳи тирабахтӣ ӯ бурун гашт,
Ба шаҳри рӯшноӣ раҳнамун гашт...
Чу андешид фаррух Майдюмоҳ
Сари гуфтори вахшури дилогоҳ,
Бикард ӯ бовар андар ҳар чӣ ӯ гуфт,
Ба Маздо биғравиду дин пазируфт.
Нахуст ӯ буд, ки дини зардуҳуштӣ
Пазируфту ба ойин баст куштӣ.
В-аз он пас дини биҳро он хирадманд,
Або Зардушт дар Эрон пароканд.
Дурафши дини Маздоро барафрохт,
Дил андар он ниҳоду ҷон ба-д-он бохт.
Нахуст он родмарди ростгуфтор
Сипоҳи ростонро гашт солор.
Ҳудинонро нахуст ӯ буд раҳбар,
Ба Маздо то биоварданд бовар.

## КАРДАИ 4. РАЗМИДАНИ ЗАРДУШТ БО АҲРИМАН ВА ДЕВОН, КИ АНГОРА АЗ ХӮЙИ БАД, КИНА, ГУМОН, НАВМЕДӢ ВА МОНАНДИ ИНҲО БУДААНД

Чунин бинвишт донои сухансанҷ,
Ҳамон гавҳаршиноси донишалфанҷ.
Ки андар номаҳои бостонӣ
Биомад аз пагӯён достоне.
Ки доноён нақӯ перостандаш,
Ба хшнум чун паюг оростандаш.
Чу онро бишнавӣ, афсона машмар,
Ба ойини хирад бегона машмар.
Ки гоҳи пеш пирони хирадманд
Сухан дар пардаи афсона гуфтанд.
Чу дар дебои чинӣ навпаюгон

Хушанд, арчанд к-аз чашманд пинҳон.
Чу аз рух парда бардоранд як сӯй,
Бувад хуштар ба чашм он рӯю абрӯй.
Сухан перояи андеша медон,
Паюги ориш андар парда пинҳон.
Зи ман бишнав кунун он достонро,
Сухан дарёбу он рози ниҳонро.
Ашӯ Зардушт чун пайғоми Яздон
Ҳаме овард дар Эрону Нерон,
Ба ҳар шаҳр оташи Маздо барафрӯхт,
Ба мардум доду дину дониш омӯхт,
Биҳонро сӯи Маздо раҳнамун хост,
Дурӯғу ҷодувиро сарнагун хост.
Зи ободию озодӣ сухан ронд,
Киҳу миҳро ба дини ростӣ хонд,
Чу девону дурӯҷон ин шуниданд,
Шикасти хештан дар пеш диданд.
Ба ҳам гуфтанд: «Моро шаб сар ояд,
Чу шоҳи ахтарон ин гаҳ барояд.
К-агар имрӯз абиж ишпӯхт хоҳад,
Ба фардо хонаи мо сӯхт хоҳад.
Чу тухми доду донишро пароканд,
Ба зудӣ бас кас ӯро ёр бошанд,
Биёбад дасту сози ҷанг орад,
Ҷаҳон бар девяснон танг орад...»
Ба перомуни пайғамбар зи ҳар сӯ,
Бигаштанд анҷуман девони ҷоду.
Сипоҳе гирд омад гашну бемар
Ба ҷанги подшоҳи додгустар.
Зи ҳар сӯ Аҳриман дар ҷанг пардохт,
Ба кину рашк сӯи ведман тохт.
Ҳаме ӯ хост ҷони ӯ ситонад,
Нишоне то ба гетӣ з-ӯ намонад.
Ки ҳаргиз аз ҳудинӣ ҳеҷ з-ин пас
Наёрад лаб кушодан то дигар кас.
Ҳазорон деви бадкин бо ҳаёҳӯй
Ба сар биштофт дар ҷанги накӯхуй.
Зи гарду чангу дуду оташи ҷанг
Ҷаҳон шуд ҳамчу чашми зоғ бадранг.

Ҳама девони хунхори пажогин,
Зи шаш сӯ ҷодувон дилҳо пур аз кин.
«Марашюн», «Ажкаҳан» - мӯру харастар,
Насӯ чун пашшаи мурдор бемар,
Ҷиҳи ҷоду ба сад афсуну найранг
Биомад бо сипоҳи гашн дар ҷанг.
Сари пурбоду бо дилҳои торик
Ба вахшури ҳудин гаштанд наздик.
Зи ҳар сӯ лашкари душман бар ӯ тохт,
Ба куштан даст аз ҳар раҳ ҳаме ёхт.

## КАРДАИ 5. БО ФУРӮҒЕ АФКАНДАН АЗ РӮЙИ ХЕШ ҲАМА ДЕВОНРО ПАРОКАНДА КАРДАНИ ЗАРДУШТ

Палидон чун зи кину хашм тафтанд,
Пайи куштан ба-д-ӯ наздик рафтанд.
Ба рӯёрӯйи девон он хирадманд
Фурӯғе ҳамчу Хур аз рух барафганд.
Чу диданд аз рухаш пайдост тобе
Чу рахшон теғи равшан офтобе,
Наоварданд тобу дил пур аз бим
Ниҳон гаштанд он девони дужхим.
Чу кайку кӯрмуш аз партави Хур
Гурезон з-ӯ шуданд онон ҳама дур.
Зи бими партави Хуршеди тобон
Ба гавду ғорҳо гаштанд пинҳон.

## КАРДАИ 6. ПАЙМОН БАСТАН ХОСТАНИ АҲРИМАН БО ЗАРДУШТ, ТО ӮРО БИФИРЕБАД

Чу бинмуданд девон з-ӯ ҳама пушт,
Ҳаросон аз фурӯғи рӯйи Зардушт,
Сипаҳсолори онон Ахти Ҷоду
Биомад, рӯ ба рӯ биншаст бо ӯ.
Забоновар намуду чарбгуфтор,
Ба ранги меш омад пиркафтор.
Дурудаш гуфту кардаш чарбгӯӣ,
Бизад бас достонҳо аз накӯйӣ.

Бигуфт: «Эй дӯст, будан хор то кай,
Миёни мову ту пайкор то кай?
Аз ин пас мову ту, эй марди виро,
Бувад кӯбем кӯси оштиро.
Ки паймон дӯстиро чун бубастем,
Дигар аз банди ҳар патёра растем.
Яке ҳаст аз ту моро нағз дархост,
Ки танҳо з-он шавад паймони мо рост.
Ва он ин аст, эй марди накӯкор,
Ки накшои лаб аз он «Панҷ сардор».
Ки мардумро махонӣ сӯи биҳ дин,
Гузоришон ҳаме дар дини пешин.
Зи варҷованд Готони дилангез
Бибандӣ он лабони ангубинрез.
Махонӣ дигар он чамроси испанд,
Даҳан бандӣ зи пайғоми Худованд.
Ҷуз он ҳар кор хоҳӣ, кун ки чандон
Тавонӣ кард бо фармони Яздон.
Чу дасти дӯстӣ бар мо биёзӣ,
Ба гардун ҳамчу мардон сар фарозӣ.
Ту андар дину кеши хеш мебош,
Ба роҳи худ аҳӯрокеш мебош.
Дигар касро ба дини пеш бигзор,
Ба ойини навини худ маёғор.
Забонро гар ба мо якто бисозӣ,
Ба ин паймон агар бо мо бисозӣ,
Зи озори ҷаҳон озод бошӣ,
Зиҳӣ осудаву дилшод бошӣ.
Кунун бархез, то бандем паймон,
Бибошӣ, варна фардо худ пушаймон.
Гар эдун627 оштӣ-паймон бибандӣ,
Ба гетӣ н-оядат ҳаргиз газанде...»
Ба-д-ин сон Ахти нопоку фусункор
Сухан бо чоплусӣ гуфт бисёр.
Саропо буд тарфанд он души пес,
Чу рӯбаҳ дар фиребу банд тандес.
Ба дидан меҳрубону хоксоре,
Дарун пур захр бинҳуфта чу море.

## КАРДАИ 7. РОНДАНИ ЗАРДУШТ ДЕВОНРО БО «АҲУНВАР» АЗ НАЗДИ ХЕШ

Ашӯ Зардушт чун бишнид з-он дев
Ҳама он чарб гуфтори пур аз рев,
Ба-д-ӯ гуфто: «Бирав, аз ман бишав дур,
Ки бар Хуршед кай шуд муш дастур?!»
Зи шохи поки ҳуми сабз Зардушт
Гирифт он гоҳу барсам сохт дар мушт.
Ба боҷу барсам он гаҳ назди озар
Ниҳод ӯ рӯй сӯи пок Гаргар.
Бигуфто: «Эй аҳӯропур оташ,
Чу тоби рӯйи Маздо поку дилкаш.
Ба мо диҳ бастагиҳоро гушоиш,
Туро, эй оташи тобон, ситоиш,
Ту андар пайкари кайҳон чу ҷонӣ,
Ба Маздо монию з-ӯ як нишонӣ.
Туро з-он рӯ аҳуропур хонам,
Ки бидҳӣ аз рухи Маздо нишонам,
Вагарна нест ӯро ҳеҷ фарзанд,
Чу мардум нест ӯро хешу пайванд.
Худоро нест фарзанде чу мардум,
Сухан ин ҷо кунам аз роҳи хшнум.
Ба роҳи ростию рӯшноӣ
Маро сӯи Ашо кун раҳнамоӣ.
Накӯӣ ростии биҳтарин аст,
Биҳонро раҳ ба хушбахтӣ дар ин аст.
Ҳамон некист хурсандӣ бар он кас,
Ки бигзинад ба гетӣ ростӣ бас.
Биҳӣ роҳи биҳишт аст, эй биҳандеш,
Биё, роҳи биҳиро гир дар пеш.
Накӯӣ кун, ки дар вай шодмонист,
Ҳам аз некӣ-т бахту комронист.
Зи баҳри ростии биҳтарин бас
Накӯиро бигирад дар ҷаҳон кас.
Ҳар он к-ӯ ростиро баргузинад,
Гул аз гулзори хушбахтӣ бичинад...»
Ба Ахти Ҷоду чун ӯ хонд «Аҳунвар»,

Ки бинмояд ба-д-ӯ нерӯи Гаргар.
Аҳунварро чу бишнид он фусункор,
Ҳамон дам шуд аз он ҷо нопадидор.
Суруди ҷовидони ҳастӣ он гоҳ
Расид аз пушти моҳӣ то паси моҳ.
Сипоҳи кӯру гунгон чун «Аҳунвар»
Шуниданд, он ҳама рафтанд аз дар.
Ба тарсу ларз онон бо дили реш
Шитобиданд назди хоҷаи хеш,
Ба ӯ гуфтанд: «Рӯзи мо сар омад,
Ҷаҳонро гардиши нав андар омад».
Шуданд он гоҳ дар сӯрох пинҳон
Чу кайк аз партави Хуршеди тобон.
Чунин буд достони разми вахшур
Або девони душти аз хирад дур.
Ки чун Зардушт «Аҳунвар» хонд аз бар,
Сипоҳи деврo бишкаст яксар.
«Аҳунвар» гашт бар тан ҷавшан ӯро,
«Аҳунвар» буд нигаҳбони тан ӯро.
Кунун, эй донишандӯзи сухансанҷ,
Кушоям бар ту аз хшнум дари ганҷ.
В-аз ин ангора ориш чист, гӯям-т,
Ки то занги гумон аз дил бишӯям-т.
«Аҳунвар» чист, донӣ, эй хирадманд?
Бувад он вожаи поки Худованд.
«Аҳунвар» донишу фарҳангу фарзон,
Ниҳода дар дили Зардушт Яздон.
Худованди Хирад додаш ба вахшур,
Ки кораш бандаду дорад-ш дастур.
«Аҳунвар» раҳнамои марди бихрад,
Нигаҳдорандаи ӯ аз ҳама бад.
«Аҳунвар» дониш аст, эй марди доно,
К-аз он буд гашта пайғамбар тавоно.
Хирад, к-он буд ниҳода дар «Ависто»,
Ки пайғамбар ҳаменомид-ш «Чисто»,
Бибаст ӯ кор он воло хирадро,
Ба-д-он аз хеш дур андохт бадро.
«Аҳунвар» з-он ки дастури ашӯист,
Биҳонро раҳбари роҳи накӯист.

Ба гетӣ ҳар кӣ онро кор бандад,
Шавад пирӯз он кас бар ҳама бад.
«Аҳунвар» ҷону дилро рӯшноист,
Фурӯғи рӯйи хуршеди худоист.
Хирад шамшеру дониш ҷавшани ӯй,
Чу оҳан ҷону тан гардад-ш чун рӯй.
Бишуд пирӯз Зардушт аз накӯӣ,
Ки ҷангафзор буд ӯро ашӯӣ.
«Аҳунвар» бар ҳама дард аст дармон,
Нигаҳ дорад зи ҳар дардат тану ҷон.
«Аҳунвар»-ро натанҳо хону ёд ор,
«Аҳунвар»-ро бидону кун ба-д-он кор.
«Аҳунвар» он суруди ҷовидон аст,
Навои найнавози осмон аст,
Пизишки ҷону дармони равон аст,
Гиёҳи менувонӣ баҳри ҷон аст.
«Аҳунвар» ин гиёҳи ҳуми хушнон,
Ки бахшад бар ҳазорон дард дармон.
Ба ҷоми Ҷам биоганда майи ноб,
Ту дар кӯйи муғонаш ҷӯю дарёб.
Бихӯр, к-он нӯшдору дардгонрост,
Гуворо ҳасту дармонбахш ҷонрост.

## КАРДАИ 8. АНДАР ДЕВОН, КИ ЗАРДУШТ БАР ОНОН ПИРӮЗ ГАШТ

Зи девон гӯям акнун, то бидонӣ,
Ҳама нерӯи бадро «дев» хонӣ.
Ба ҳангоме, ки Зардушти Спитом
Ҳамезад дар раҳи дин дар ҷаҳон гом.
Ҳаме ӯ ҷуст андархур яке ҷой,
Ки бинҳад дини биҳ он ҷой бар пой.
Ҷаҳонро гашт он марди ҷаҳонгард,
Ба гетӣ хост доду дин бигустард.
Ба девоне дучор омад дар ин роҳ,
Камеҷу душману бадгӯю бадхоҳ.
Зи як сӯ шоҳу як сӯ пешвоён
Ҳаме буданд ӯро душмани ҷон.
Зи як сӯ бардагон, як сӯ гадоён,

Ки бигрифтанд ҳар дам-ш аз гиребон.
Дигар сӯ раҳзану дуздони хунхор,
Ки будшон кор ҷангу кину куштор.
Зи як сӯ мардумони зишту бадкеш,
Чу каждум мезадандаш ҳар даме неш.
Ба-д-он сӯ карру гунгу кӯру нодон,
Расониданд бар вай ранҷ чандон.
Зи як сӯ ҷодувони бас фусункор,
К-аз онон мерасидаш ҳар дам озор.
Зи ҳар сӯ мардуми бадкешу гумроҳ,
Задандӣ санг бар Зардушт ҳар гоҳ.
Ба дини поки Зардуштӣ ҳамистор
Ҳамебуданду рӯзу шаб ба пайкор.
Ҳамедун он ҳама нерӯи бадро,
Гумону кину рашку хӯйи бадро,-
Хирадмандон ба «дев» андоза карданд,
Ба ном он «душманон»-ро дев бурданд.
Ҳама он душманонро дев хонданд,
Ҳама бадро ба номи дев монданд.
Пагӯён кам буданд огоҳ он гоҳ,
Зи кору рӯзгори он дилогоҳ.
Раҳи афсона бигрифтанд дар пеш,
Ки дарёбандаш осон шоҳу дарвеш.
Ки андар гуфтану бигрифтанаш ёд,
Бувад осон ба шогирдону устод.
Ҳар он розе, ки бо афсона омехт,
Ба гӯши ҳуши мардум хубтар рехт.
В-аз он рӯ саргузашти он сарафроз
Бикарданд аз раҳи ангора пардоз.
Ба-д-он сон душманонро бо «Аҳунвар»
Шикаст овард дар ҷанг он ҳунарвар.
«Аҳунвар» назди донои гуҳарсанҷ
Бувад дастури динӣ - биҳтарин ганҷ.
Нуҳуфта ганҷи дониш дар Авистост,
Ҳар он кас, к-он бидонад, ӯ тавоност.
Ба кораш банд аз гаҳвора то гӯр,
«Аҳунвар» аз ҳама бад дорадат дур.
Ашӯ Зардуштро чун буд хирад ёр,
Буд аз деву дурӯҷаш он нигаҳдор.

Чу дониш вижа дар ҷони ашӯ буд,
Ҳамеша дасти душман дур аз ӯ буд.
Сари деву дурӯҷон зери по сохт,
Тану ҷонро зи Аҳриман раҳо сохт.
Фурӯғе, к-ӯ зи пайкар мебарафканд,
Ки девонро ба ҳар сӯ мепароканд,
Ба чашми хира чун певоз тарсон
Шуданд аз партави Хуршед пинҳон,
Фурӯғи рӯйи хуршеди хирад буд,
Нигаҳдори вай аз ҳар гуна бад буд.
«Аҳунвар» буд он фарҳангу фарзон,
Ки бар Зардушт буд бахшида Яздон.
Сипантоию варҷованд чисто
Гуҳар дар жарф дарёи Ависто,
Чу Зардушт аз накӯӣ раҳ ба-д-он ёфт,
Рухи хуршеди хушбахтӣ ба-д-ӯ тофт.
Басе з-он ганҷи бепоён биандӯхт,
Дилу ҷон з-оташи фарзон барафрӯхт.
Чу ӯ омӯхт он воло хирадро,
Зудуд аз ҷону тан ҳар гуна бадро.
Нахуст ӯ кушт деви Танбалиро,
Ба Кӯшиш ҷуст роҳи хушдилиро.
Зи деви Ноумедӣ сар биандохт,
Ба аспи Орзу сӯи Ашо тохт.
Ба хони Бадсиголӣ оташ афканд,
Саросар сӯхт Кохи Кину Оfанд.
Зи бас оганд дар дил меҳри динро,
Бурун андохт деви Рашку Кинро.
Чу аз зиндони нодонӣ бадар гашт,
Зи дониш тоҷи озодӣ ба сар гашт.
Чу шеди Ростӣ з-ӯ партав ишпехт,
Дурӯғи Хира, он чун дид, бигрехт.
Ба Бахшиш дасти Доди хеш бикшод,
Сарони Озу Зуфтӣ дод бар бод.
Забону кору дилро як ҳаме дошт,
Ба худ деви Дӯӣ наздик нагзошт.
Чу Некӣ буд сиришта дар гили ӯй,
Бадиро раҳ набуд андар дили ӯй.
Зи Некӣ оташ андар ҷон биафрӯхт,

Дар он деви Бадиро болу пар сӯхт.
Кунун донистӣ, эй марди хирадманд,
Ки пирони гаҳи пешин чӣ гуфтанд.
Бадӣ «дев» асту некӯӣ «фаришта»-ст,
Сипоҳи Ахти Ҷоду хӯйи зишт аст.
Сипоҳи гашни девони дарунӣ,
Бувад размандатар з-они бурунӣ.
Ҳама кундоварон - девони корӣ,
Саворони дилеру корзорӣ,
Чу Рашку Кину Тарсу Биму чун Хашм,
Чу Озу Зуфтию чун Тангии чашм,
Дуандешӣ, Дурӯйӣ, Бадгумонӣ,
Дуруштӣ, Тундхӯйӣ, Бадзабонӣ,
Чу Навмедию деви Хастаҷонӣ,
Ҳама девони гетӣ то равонӣ,
Чу истоданд ӯро дар баробар,
Забун гаштанд, чун ӯ хонд «Аҳунвар».
Ба ҷуз ин ҳар чӣ дар кас ҳаст аз бад,
Ба ҷони поки ӯ наздик н-омад.
Хирад Хуршеду инон чун харастар,
Харастар кай занад дар пеши он пар?
Хирад Зардуштро аз бад нигаҳ дошт,
Ба доми Ахт уфтодан-ш нагзошт.
Чу ӯро буд нерӯманд Бӯданг,
На ҷоду кора кард ӯро, на найранг.
Газанде пеш н-омад дар тану ҷон,
Ки дар пайкар будаш покиза урвон.
Чу омад ҳар гаҳе патёрае бар сар-ш,
Фуруд аз осмон омад фурӯҳар-ш.
Буданд Урвону Бӯдангу Фурӯҳар
Ҳама шодоб аз ҷӯйи «Аҳунвар».
Ҳаме карданд равшан роҳи ӯро,
Чароғи ҷон буданд он некхӯро.

## КАРДАИ 9. ПАРОКАНДАНИ ЗАРДУШТ ВА ПАЙРАВОНИ Ӯ ОЙИНИ БИҲИРО ДАР ҶАҲОН

Чу бо фармони Виспогоҳ Гаргар
Биронд аз хеш девонро паямбар,

Сипоҳи Аҳриман бигрехт з-ӯ дур
Ба сони кӯрмуш аз партави Хур.
Ашӯ Зардушт бо ҳамроҳи ёрон
Бирафт аз шаҳр бар шаҳре ба Эрон.
Чу Мадюмоҳу Беҳрӯзу Ашӯрӯз
Ҳамебуданд ҳамроҳаш шабу рӯз.
Пароканданд ойини биҳиро,
Хуҷаста дини доду огаҳиро.
Ба ҳар ҷое, ки мерафтанд, чандин
Касонро андароварданд дар дин.
Чу Сенои Аҳумсӯти ҳушивор
Ки андар роҳи биҳ дин кард пайкор,
Ба сад кас омад аз роҳи накӯӣ
Ҳама овард дар кеши ашӯӣ.
Фародӣ ҳамраҳи Асмӯҳванванд
Ба Эрон тухми дини биҳ пароканд.
Фароту Вӯҳвасту Ворсморӯз
Ҳаме буданд дину донишомӯз.
Ҳаме гаштанд аз шаҳре ба шаҳре,
Ва мардум аз хирад доданд баҳре.
Ашамханванти роду неккирдор
Ҳамеша бо паямбар ёру ҳамкор,
Ҳамора доду дину дониш омӯхт,
Ниҳод оташгаҳу оташ барафрӯхт.
Ҳамедун ҳамраҳи Зардушт Исвод
Ҳаме чошид тухми донишу дод.
Басо кас пеши Паршатгӯши доно
Пазируфтанд дини маздаясно.
Ба-д-ин сон сездаҳ ёри биҳиштӣ
Дурафшафрози дини зардуҳиштӣ,
Хирад омӯхтанду донишу дод,
Зи чоҳи тори паркон гаштан озод,
Ҷаҳон аз беҳкунашнӣ кардан обод,
Ба доду ростӣ, то кас зияд шод…

## БАХШИ 6.

## ФАРГАРДИ 1. ОМАДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ БО ФАРМОНИ АҲӮРОМАЗДО БА БАЛХ

### КАРДАИ 1. КАЙ ВИСТОСПРО ЧАШМ БА РОҲИ ЗАРДУШТ БУД

Ба-д-он гаҳ подшоҳе буд номӣ,
Фарозанда сар андар Балхи Бомӣ.
Хуҷиста ном ӯро буд Виштосп,
Зи фарзандони шоҳаншоҳ Луҳросп.
Буд аз тухми каёну панҷумин шоҳ,
Пас аз Луҳросп ӯ биншаст бар гоҳ.
Хирадманду ажиру некхӯе,
Дилере, додварзу номҷӯе.
Ба дониш ӯ ҳамеша баста дил буд,
Зи нодонию паркон хастадил буд.
Ба-д-ӯ тахти каёнӣ зебу фар ёфт,
Фурӯғу фарри шоҳӣ бештар тофт.
Шунида борҳову гашта огоҳ
Буд аз Зардушту дини ӯ шаҳаншоҳ.
Ба дил буд орзуи дидани ӯй,
Барои ростӣ санҷидани ӯй.
Бидонад кисту роҳи ӯ кадом аст,
Биҷӯяд, то дили ӯро чӣ ком аст.
Бибӯяд чист дар дил хоҳиши ӯй,
Барад ҳам баҳрае аз дониши ӯй.
Ба дил буд баста меҳре дар ниҳонӣ
Ба он хуршеди боми менувонӣ.
Ҳаме буд чашм дар роҳаш шабу рӯз,
Ки боре бинад он рӯйи дилафрӯз.

### КАРДАИ 2. ДАР ХОБ ДИДАНИ ВИШТОСП ЗАРДУШТРО БАР ТАХТИ ЗАРРИН

Шабе Виштосп рӯйи бистари нарм
Таносон хуфта буд дар хонаи гарм.

Зи разми рӯзу базми шомҳангом
Танаш осуду ҷонаш ёфт ором.
Ба мижгон дӯхт чашмаш хоб берун,
Дарун бикшод чашм аз хобу авсун.
Саманди орзу дар хоб зин кард,
Ба як ҷастан гузар аз Ҳинду Чин кард.
Нишаста дид худро тоҷ бар сар
Ба рӯйи тахти омуда ба гавҳар.
Сари худ сӯи боло кард чун шоҳ,
Ба боми кох чашм андохт он гоҳ.
Кафид он бом ногоҳу дуто шуд,
Аз он болору бахш аз ҳам ҷудо шуд.
Ба пеши чашми он шоҳи сарафроз
Ба сӯи осмон шуд равзане боз.
Бидид аз осмон тахте зарандуд
Фурӯд омад ба сӯи ӯ ҳаме зуд.
Зи равзан андар омад тахти заррин,
Фурӯзон гавҳарон дар вай чу Парвин.
Миёни боргоҳ аз бом шуд паст,
Ба назди гоҳи Кай Виштосп биншаст.
Ба тахти ожада аз гавҳару зар
Нишаста ҳамчу хуршеде паямбар.
Ниҳоле сабз дар як дасту оташ -
Ба дигар дасту «Готон» дар таги каш.
Ба ҳар барги ниҳоли осмонӣ
Навишта дид дар раг вожагоне,
Ки: «Эй Виштосп, дини биҳ ту бипзир,
Зи ҳар як барг панде хону баргир!»
Паямбар он гиёҳи сабзу тарро
Ба-д-он гаҳ дод шоҳи додгарро.
Ки дар айвони хеш онро нишонад,
Чу сабзад, то биҳӣ бораш расонад.
Ниҳоли сабз чун Виштосп бигрифт,
Зи шоху беху баргаш монд ишгифт.
Ба ҳар як барг тоби рӯйи Ӯ дид,
Суруди ҳастӣ аз ҳар шох бишнид.
Бибурдаш бо лаби хандон шаҳаншоҳ
Ба боғи хеш биншондаш ҳамон гоҳ.
Пас он як оташи поку фурӯзон,

Ки рӯйи дасти зӯтар буд сӯзон,
Ниҳод онро ба дасти шоҳ Виштосп,
В-аз ӯ бигрифт пас дастур Ҷомосп.
Пас аз Ҷомосп як-як дод онро
Ба даст-андар ҳама дарбориёнро.
Ҳама з-он оташи тобони Зардушт
Газиданд аз шигифтӣ, боре, ангушт.
Ки пуртобасту гарчанде фурӯзад,
Ба рӯйи дасту даст аз он насӯзад.
Ки он тобанда оташ дард н-орад,
Насӯзад дасту он гармӣ-ш форад.
На боде кард хомӯшаш тавонад,
На оберо тавоне, то нишонад.
Пас он пайғамбари Маздо аз онон
Гирифт он оташи поки фурӯзон,
Ба Кай Виштосп доду гуфт, к-«Эй шоҳ,
Анӯшо бодию арзандаи гоҳ!
Туро ин оташ аз меҳри Аҳӯрост,
Сипосу офарин аз пок Маздост.
Бузургаш дору меҳраш варзу дил банд,
Ки он тобест аз рӯйи Худованд.
Фурӯғе, к-ояд аз Маздо Аҳӯро,
Фурӯзон дору бархӣ ор ӯро».
Гиромӣ шоҳ бар вай офарин гуфт,
В-аз ӯ он оташи тобон пазируфт.
Бибӯсид аз рухи оташ шаҳаншоҳ,
Ба чашму рӯйи худ молиду он гоҳ,-
Ба он ҷо мардумонро анҷуман кард,
Ба онон з-он шигифт оташ сухан кард.
Пас он ҷо кард оташгоҳ барпой,
Ниҳод он оташи Зардушт он ҷой.
Пас он як номае, к-ӯ дошт дар даст,
Аз ӯ бигрифту бар хондан-ш биншаст.
Бихонд он номарову гашт хушнуд,
Ки дар вай ҳар чӣ ӯ мехост, он буд.
Дар он ӯ дид роҳи равшани хеш,
Аз ин пас неку бад ҳар ч-оядаш пеш.
Чу ӯ хонд ардамони ҷовидонро,
Суруди ҷовидони осмонро,

Ба барги зар, дабира - гавҳари ноб,
На з-оташ сӯзаду не тар шавад з-об.
Шигифт ангора дар печида банде,
Ки н-ояд з-обу бод онро газанде,
Зи хоби хеш гашт он гоҳ бедор,
Шуд андарвожу андешид з-он кор.
Бигуфт: «Эй дил, накӯ хобест, хуш бош,
Маро ин хоб бедорӣ будӣ, кош!»
Бидонист оташу он нома чӣ-бванд, -
Паёми Гаргари Якто Худованд.
Ниҳоли сабзи хушранги биҳиштӣ,
Нишони дини поки зардуҳиштӣ.

## КАРДАИ 3. ОМАДАНИ ЗАРДУШТ БА БАЛХИ БОМӢ ВА ОГОҲӢ ЁФТАНИ КАЙ ВИШТОСП АЗ Ӯ

Зи дасти девмардум ранҷу озор
Кашид аз бас Ашӯ Зардушт бисёр,
Сурӯшаш гуфт: «Бархез, эй паямбар,
Сари худ гиру з-оби Дод бигзар.
Ки Маздо бар ту ҷое карда ожир,
Ба по шав, раҳ ба-д-он ҷо пеш мегир.
Ба хоке тухми дину дод мекор,
Ки рӯзе меваву дон-т оварад бор.
Бикаш сӯи Рабиҳвин рахти худро,
Ба-д-он ҷо ҷӯй кому бахти худро».
Паямбар гуфт: «Оре, ончунон бод,
Ба коми додгустар эзадон бод!»
Пас он вахшур з-он ҷо бо дили шод
Биомад хеш танҳо бар лаби Дод.
Ниёиш карду бурдаш зӯ(х)р-обон,
Ба Ноҳиду Маҳу Хуршеди тобон.
Сипосу офарину афтадисто
Фаровон кард бар Маздо Аҳӯро.
Зи рӯди Дод он гаҳ чуст бигзашт,
Даромад з-он карони рӯд дар дашт.
Зи роҳи дашт вахшури ҷаҳонгард
Ба сӯи Балхи Бомӣ рӯй овард.
Чу омад бар дари он шаҳри обод,

Зи боду обу хокаш гашт дилшод.
Чунин буд хости Маздо Аҳӯро,
Ки обу боди Балх омад хуш ӯро.
«Ба-д-ин ҷо,-гуфт,-рӯзе чанд бошам,
Ки тухми дини биҳ ин ҷо бичошам».
Чу андар шаҳр гашту бо дупоён
Бигуфт он ведман пайғоми Яздон,
Зи некӣ кардану аз росткорӣ,
Зи ҷустан роҳи бахту растагорӣ.
Бирафт овоза он гаҳ то ба Виштосп,
Ки: «Эй фарзанди волоҷоҳ Лухросп,
Яке债 донанда марде гашта пайдо,
Биоварда ба ном «Ойини Маздо».
Гузида ростиро ӯ ба худ дин,
Ҳама аз ростӣ ӯрост ойин.
Гирифта ӯ биҳиро пешаи хеш,
Накугӯю накухӯю накӯкеш.
Ба доду ростӣ хонад ҷаҳонро,
Ба кори нек фармояд касонро.
Ҳамегӯяд, ки бифристод ӯро
Худованди Хирад - Маздо Аҳӯро.
Сароянда хирадрову ашорост,
Парастанда ҳамон Якто Худорост.
Накӯву порсову поккирдор,
К-аз ӯ кас нашнавад ҷуз нек гуфтор.
Сухан мегӯяд ӯ аз гардиши Хур,
Зи Моҳу Тиру Ноҳид-Ардвисур.
Диле бинову ҷоне равшану рост,,
Ҳама поку расову бекаму кост.
Ҷаҳонгардеву номи ӯст Зардушт,
Расад то бар Фаредун пушт бар пушт…»
Чу Кай Виштосп бишнид ин суханро,
Ба ёд овард хоби хештанро.
Ба-д-он фарзона он гаҳ кас фиристод,
Ки орандаш ба назди шоҳи бодод.

## КАРДАИ 4. РАФТАНИ ВЕЖАГОНИ КАЙ ВИШТОСП НАЗДИ ЗАРДУШТ БА ОВАРДАНИ Ӯ

Касони шоҳ бар аспони хушгом
Бурун рафтанд назди он накӯном.
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Эй марди дилогоҳ,
Ба назди хеш мехонад туро шоҳ.
Бихоҳад аз ту ӯ дидор дидан,
Шигифтангез гуфторат шунидан.
Бубинад, то чӣ дорӣ дар дили хеш,
Чӣ гуна дину чӣ-бвад мар туро кеш.
Шаҳаншаҳ дӯст дорад бихрадонро,
Раду донишварону мӯбадонро.
Ба доду бахшишу мардумнавоз аст,
Диҳишро рӯзу шаб дастон-ш боз аст.
Гиромӣ дорад ӯ фарзонагонро,
Ба дониш ёру огоҳ аз ҷаҳонро.
Чунин фармон зи шоҳаншоҳ дорем,
К-аз ин ҷо зуд бар дарборат орем.
Шавӣ чанде ба назди шоҳ миҳмон,
Навозишҳо бубинӣ з-ӯ фаровон.
Ду-се рӯзаш чу ҳамгуфтор бошӣ,
Ба базму разм бо ӯ ёр бошӣ.
Писанд ояд-ш оруни хуши ту,
Биҳиштӣ рӯйи поку дилкаши ту.
Кунад ӯ меҳрубонӣ бо ту чандон,
Фарозад сар-т пеши арҷмандон.
Диҳад бас чизу чандонат навозад,
Туро аз вежагони хеш созад...»
Чу ин бишнид пайғамбар зи мардон,
Аз он хушнуд гашту бурд фармон.
Бигуфт: «Эй муждавар, нӯшо бизӣ дер,
Шавем ин дам ба назди шоҳ ожер.
К-агар Виштосп бар дониш гарояд,
Ба наздаш ногузирам рафт бояд».
Касони шоҳ бо Зардушт он гоҳ
Раҳӣ гаштанд сӯи бораи шоҳ.

## КАРДАИ 5. БА ДАРБОРИ КАЙ ВИШТОСП ОМАДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

Нишаста шоҳ дар тахти каёнӣ,

Ба фарру нозу бахту комронӣ.
Ду чашмон буд дар роҳи паямбар,
Гумон дар дил, ҳазор андеша бар сар.
Яке доно дабире, ном-ш Ҷомосп,
Нишаста рӯбарӯйи шоҳ Виштосп.
Пагӯи пешкору раҳнишондеҳ,
Ба мағзу ҳушу дониш аз ҳама беҳ.
Сарону мӯбадон гирдаш нишаста,
Камар баҳри парасторӣ-ш баста.
Ҳама номоварону сарфарозон,
Ба базму разми шоҳон корсозон.
Ашӯ Зардушт чун омад ба дарбор,
Расад бо шоҳи фаррух то ба дидор,
Ҳамон гаҳ бор додаш он ҷаҳонҷӯй,
Ки бас буд хостори он накӯрӯй.
Чу аз дар сар зад отурвони номӣ,
Зи ҷо бархост шоҳи Балхи Бомӣ.
Бидид он ведман буд ончуноне,
Ки буд ӯ дида дар хобаш замоне.
Чу хоби хеш дидаш дар баробар,
Рухон з-он гашташ аз шодӣ чу озар.
Пазиро шуд варову офарин хонд,
Дурудаш гуфту назди хеш биншонд.
Гиромӣ доштy бинвохт ӯро,
Зи ҳар рӯ шоду дилхуш сохт ӯро.
Бипурсид аз нижоду дудаву пушт,
Зи ойину зи дину кеши Зардушт.
Ба посух ҳар чӣ бишнид аз паямбар
Писандиду ба-д-он овард бовар.
Бигуфт: «Эй донишалфанҷи ҷаҳонгард,
Ради гетишиносу пурхирад мард,
Ман огоҳам, ки гаштастӣ ҷаҳонро,
Кушодастӣ басе рози ниҳонро.
Шунидастам, ки бас донишварӣ ту,
Ба фарзон аз ҳама кас бартарӣ ту.
Бигаштӣ ин ҷаҳонро худ саросар,
Шудӣ огаҳ зи кори ҳафт кишвар.
Зи ҳар дар сар задӣ фарҳанг ҷӯён,
Бикардӣ ҳамнишинӣ бо пагӯён.

Маро гирд омаданд ин ҷо ба даргоҳ
Ҳама мардони донишманду огоҳ.
Туро пурсанд акнун ҳар чӣ хоҳанд,
Зи гашти ахтарону ину он чанд,
Тавонӣ, гар ту, эй вахшури фаррух,
Ба пурсишҳои эшон гӯй посух.
Ҳаминон бихрадони ин замонанд,
Ки дарбори каёнро вежагонанд.
Биҳин дастуру бигзида дабирон,
К-аз эшон нест донотар ба Эрон».
Чу бишниданд онон гуфтаи шоҳ,
Дилеру бодсар гаштанд он гоҳ.
Бузургон ҳар кадоме бешу андак
Бипурсиданд аз ҳар дар-ш як-як.
Зи нодониставу донистаи хеш
Биоварданд чандин пурсише пеш.
Паямбар аз лабони ангабинрез,
Суханҳо гуфт ширину дилангез.
Ба ҳар як посухе дод ӯ сазанда,
Дурусту равшану неку басанда.
Нишаста Кай ба рӯйи тахт хомӯш,
Кушода сӯи ӯ буд дидаву гӯш.
Саросар он ҳама гуфтор бишнуфт,
Биандешид андар он чӣ ӯ гуфт.
Сар аз андеша чун дарё фурӯ бурд,
Дар он аз гавҳари пинҳон-ш бӯ бурд.
Чу дид аз вай фурӯғе дар дили хеш,
Фузун шуд меҳри ӯ андар дилаш беш.
Ашӯ Зардуштро бас офарин хонд,
Хирадмарди гузину ростин хонд.
Ба-д-ӯ фармуд, к-«Акнун, эй хирадманд,
Бихон аз «Готҳо»-ат порае чанд.
Шунидастам, суруде бас шигифт аст,
Зи бас рози ҷаҳон дар вай нуҳуфта-ст».

## КАРДАИ 6. ХОНДАНИ ЗАРДУШТ «ГОТҲО»-И ВАРҶОВАНДРО БА НАЗДИ ВИШТОСП

Пас он гаҳ назди Кай Виштосп Зардушт

Гирифта барсаме аз ҳум дар мушт-
Ба оҳанге хушу ҷонбахш овоз
Сурудан «Готҳо»-ро кард оғоз.
Ҳама дарбориёну шоҳ Виштосп,
Дабиру пешкори пир Ҷомосп,
Ба-д-он гуфтор гӯшу ҳуш доданд,
Дилу андеша андар вай ниҳоданд,
Чу он гуфтори поку гӯйиши хуш
Шуниданд, он ҳама гаштанд хомӯш.
Ба дилшон кор кард он монтраспанд,
Ба овози хуши марди хирадманд.
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Эй мурғи навогар,
Ки аз боли хирад бикшодаӣ пар,
Кӣ-ат омӯхт ин сон чомахонӣ,
Ки ҷон бахшад чу оби зиндагонӣ?
Сухан з-ин биҳ ба гетӣ гуфта н-омад,
Ба хубӣ гавҳар ин сон суфта н-омад!»
Бигуфт: «Ин вожагон аз осмонанд,
Чароғи раҳнамои ростонанд.
Ашӯвон дар ҷаҳон бо росткорӣ
Дар он ёбанд роҳи растагорӣ.
Биҳон з-он сарнавишти хеш хонанд,
Худову хеш бишносанду донанд.
Дар он аз бахту озодӣ навидест,
Дари ганҷи хирадро он калидест.
Ҳар он, к-ӯ ардамонро раҳнамо кард,
Шавад андар ҷаҳон хушбахт он мард.
Чу бандад кор дастури биҳиро,
Хирад омӯзаду худогаҳиро.
Ҳар он, к-ӯ ростиро пешаи хеш
Бикарду биҳ куниш бигрифт дар пеш,
Ҳар он, к-ӯ аз дурӯғу дев парҳехт,
Зи бадкирдору бадгуфтор бигрехт,
Ба гетӣ бахтиёру комрон зист,
Ба менӯ растагору шодмон зист.
Чу зинда-ст ӯ, ба кому шодмон аст,
Чу мирад, дар биҳишташ ошён аст.
Биҳӣ кун пеша, то биҳрӯз бошӣ,
Накӯӣ варз, то пирӯз бошӣ.

Накӯӣ ростии биҳтарин аст,
Чароғи роҳи фирдавси барин аст.
Зи баҳри ростии биҳтарин рост
Гузинад ростӣ, к-он роҳи уштост.
Ба-д-он сон к-он Худо пок асту бартар,
Ҳамон сон ростин боист сарвар.
Раде, к-ӯ раҳбари вирову доност,
Равонаш равшан асту дил-ш биност,
Ки ӯ аз ростиву донишу дод
Ҷаҳонро дошт рӯз аз рӯз обод.
Ки бо андешаи нек он накӯкор
Бисозад доварӣ дар роҳи Додор.
Ҷаҳондорӣ кунад бо номи Маздо,
Хӯранди ростин кеши Аҳӯро,
Кушояд дасти бахшиш пеши дарвеш,
Кунад доду диҳишро пешаи хеш».

## КАРДАИ 7. ХОНДАНИ ЗАРДУШТ ДУНБОЛАИ «ГОТОН»-И ВАРҶОВАНДРО БА НАЗДИ ВИШТОСП

Чу он пурмояву пурмағз гуфтор,
Шуниданд он ҳама мардони дарбор,
Равоншон бурд ромиш з-он суруда,
Зи овози хушу панди сутуда.
«Ашам» бишнид чун шоҳу «Ятоҳу»,
Ту гуфтӣ масти май шуд з-он ҷаҳонҷӯ.
Ашӯ Зардуштро бас офарин хонд,
Ба арҷи беш пеши хеш биншонд.
Пас он гаҳ дод бар вахшур фармон,
Ки: «Думболи суруди хеш бархон!»
Зи сар бигрифт Зардушти Спитом
Суруд он «Готҳо»-ро то ба анҷом.
Нахуст ӯ хонд аз бар «Аҳнавад-Гот»,
Шаҳ аз он шеваи гуфтор шуд мот.
Зи овози хуши пури Спитом
Танаш осуду ҷонаш ёфт ором.
Дар он гуфтори зебо он суханвар
Гуҳар омуда буд дар риштаи зар.
Чу гулзореву чун хуррам баҳоре,

Гулаш навхезу бодаш мушкборе.
Чу оташ буд суханҳо поку бас х(в)аш,
Чу ахгар вожагон тобону дилкаш.
Хуш омад вожагони пок бар Кай,
Бибасташ меҳру дилро бохт бар вай.
В-аз он пас хонд Зардушт «Уштавад»-ро,
Нигаҳдори тан аз ҳар гуна бадро,
Каю дарбориён чун он шуниданд,
Ту гуфтӣ ҷоми Ҷамро даркашиданд.
Сухан омуда буд чун гавҳари ноб,
Ба барги гул чу шабнам поку пуртоб.
Чу омуда гуҳар дар риштаи зар,
Чу рахшон дар шаби торик ахтар.
Аз он гуфтори шевову гуворо
Басе шуд роз бар Кай ошкоро.
Чу роҳи растагорӣ андар он дид,
Ба он дил дод шоҳу меҳр варзид.
Бихонд он гоҳ Зардушти паямбар
Ба шоҳу вижагони шоҳ аз бар-
«Сипанто-Маню-Гот»-и дилнишинро,
Равонбахшу дилангезу биҳинро.
Ки дар вай донишу фарзон басе буд,
Чароғи раҳнамои ҳар касе буд,
Суруде бас шигифтангезу шево,
Пур аз андарзу пандомез чисто.
Зи нӯшин лаб чу Зардушт ангабин рехт,
Ба гӯши ҷони чисто гавҳар овехт,
«Сипантомад» ба Кайшоҳи хирадманд
Хуш омад, то зи сар афсар биафканд.
Сипас «Вӯҳӯ-Хшатро-Гот»-и хуншон
Бихонд он монтрони соснохон.
Дили Виштосп шоҳи донишомӯз
Аз он шуд равшану покиза чун рӯз.
Шуд аз бишнидани он готҳо маст,
Зи мастӣ ҷоми май уфтодаш аз даст.
В-аз он пас хонд готи панҷуминро,
«Ваҳиштӯ-Ишт»-и поку ростинро.
Суруди вопасинро Кай чу бишнид,
Дар он дору ба дарди хештан дид.

Ба дил-дар оташи меҳраш барафрӯхт,
Дар он оташ дилу ҷону ҷигар сӯхт.
Чу мастон хун-ш дар пайкар биҷӯшид,
Бизад фарёду чун тундар хурӯшид.
Бигуфт: «Эй родмарди обдиҳдаст,
Зи гуфтори чу нӯшобат шудам маст.
Ҳазорон офарин бар модарат бод,
Ки фарзанде чунин андар ҷаҳон зод.
Маро буд орзуи дидани ту,
Ба каппони хирад санҷидани ту.
Аз ин пеш аз ту гар бишнида будам,
Ба чашми худ туро нодида будам.
Шунидан кай бувад монанди дидан,
Гумону костист андар шунидан.
Туро овард Гаргар пешам ин гоҳ,
Кунун дидам туро андозаву ҷоҳ.
Чу мебинам-т бартар аз ҳама кас,
Зи наздикони худ созам-т з-ин пас.
Ки акнун чун ба чашми хеш дидам-т,
Аз он ч-аш мешунидам, беш дидам-т».

## КАРДАИ 8. КУШОИШ ХОСТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ БАР ШОҲ ВИШТОСП АЗ БОРГОҲИ АҲӮРО-МАЗДО

Чунинаш гуфт пайғамбар, ки: «Шоҳо,
Гаво, номоваро, гетипаноҳо!
Ту зебу фарри авранги каёнӣ,
Шукӯҳи тахту гоҳи хусравонӣ.
Аҳӯро тандурусту зӯр дород-т,
Зи чашми бад ҳамеша дур дород-т.
Ба ному кому бахту дерзевӣ,
Бибодӣ дур аз ҷалводи девӣ,
Ҳамеша шод зӣ бо ёру пайванд,
Ба кайҳон дер зӣ бо хешу фарзанд.
Ба дил оташ барафрӯзӣ чу Ҳӯшанг,
Ҷаҳонро равшанӣ бахшӣ зи фарҳанг.
Ба тахти дод биншинӣ чу Ҷамшед,
Фиканда партав аз рӯйи чу Хуршед.
Дурафши коваёнро сар ба гардун

Барафрозӣ ту, шоҳо, чун Фаредун.
Ашӯву поку чистованду боҳуш
Бидородат Аҳӯро чун Сиёвуш.
Хирадро ҷуфт бодӣ ҳамчу Ҷомосп,
Ба зӯри Таҳмурас бодию Гаршосп.
Фурӯғу фарри ту дар подшоҳӣ
Расод аз Моҳ, шоҳо, то ба моҳӣ.
Зи ҳафт амшоспанди поку ҷовид
Хирадро чашм бикшоӣ чу Хуршед.
Битобад фарри яздоният аз рух
Ба шаш сӯи ҷаҳон, эй шоҳи фаррух.
Фурӯғи Меҳр бо номат саросар
Шавад густурда андар ҳафт кишвар.
Ҷаҳонро аз хирад созӣ ту чун рӯз,
Ба кирдори чароғи гетиафрӯз.
Хирадро аз ҳама воло шуморӣ,
Равонӣ аз танӣ боло гузорӣ.
Ба мардум раҳнамо сӯи ашӯйӣ,
Бибошӣ довари дини накӯйӣ.
Бимонӣ пойдору ҷовидона
Чу оташ дар замони бекарона.
Ҳамеша бод пирӯзӣ туро ёр
Ба разми деву бо бадкор пайкор.
Хирадро созӣ афсар бар сари хеш,
Ба доду донишу фарзон равӣ пеш.
Ба номи нек, шоҳо, ҷовидон зӣ,
Ҳамеша комгору шодмон зӣ.
Бибодат ҷой дар ҷовид Гушто,
Равон ҷовид пайвандӣ ба ушто.
Чунин боду чунинтар боду хуншон,
Ба коми Эзаду амшоспандон!»

## КАРДАИ 9. САНҶИДАНИ КАЙ ВИШТОСП АШӮ ЗАРДУШТРО ДАР РОСТӢ ВА БА ОЗМУН ХОНДАНИ Ӯ ДОНОЁНРО БО ЗАРДУШТ

Чу омад рӯзу гетӣ гашт равшан,
Шаб аз рӯйи замин барчид доман.
Ба озин шоҳ айвонро биорост,

Каёнӣ хонаву хонро биперост.
Зи нав гирд омаданд он бихрадон боз
Ба назди шоҳ Виштаспи сарафроз.
Зи баҳри озмун шоҳ андар он ҷой
Яке шоҳона арсан сохт барпой.
Чунин гуфто ба доноёни дарбор,
Ки санҷандаш ба пурсишҳои душвор.
Бидарёбанд, к-аш дар дил ниҳон чист,
Нигоҳаш чист, дидаш з-ин ҷаҳон чист...
Бипурсандаш зи гоҳу гардиши рӯз,
Гирифти Моҳу Хури гетиафрӯз.
Ҳам аз оғозу аз анҷоми кайҳон,
Зи маргу зиндагию гардиши ҷон.
«Ба-д-ин раҳ, -гуфт ,-ӯро озмоем,
Зи дини ӯ дурустӣ вонамоем.
Паёпай боз бигзорем се рӯз,
Ба санҷиш, кист, то бинем пирӯз».
Пас он фарзонагони донишгоҳ,
Хирадмандону доноёни даргоҳ,
Пагӯёни бузурги донишалфанҷ,
Ба дил оганда аз фарзон басе ганҷ.
Худовандони тоҷу афсару гоҳ,
Сипеҳри довариро ахтару моҳ.
Зи дасти рост дар паҳлӯи Виштосп
Нишаста дар бараш дастур Ҷомосп.
Зи дасти чап Ашӯ Зардуштро хонд
Ба назди хеш шоҳаншоҳу биншонд.
Биоварданд ҳар як пурсише пеш,
Хуранди донишу андешаи хеш.
Бузургонро паямбар ҳар чӣ шоист,
Ба ҳар як гуфт посух он чӣ боист.
Хирадмандон сухан пурмағз диданд,
Зи сар то бун дурусту нағз диданд,
Забон диданд чун дарёи жарфоб,
Ба-д-он-дар вожагон чун гавҳари ноб.
Сухан чун торҳои партави шед,
Чу ҳишта парниёнӣ парда - испед.
Танида тор - некӣ, ростӣ - пуд,
Тиҳӣ яксар зи кажжу костӣ буд.

Ашӯ Зардушт з-ин санҷиш чу бигзашт,
Миҳонро меҳр бар вай бештар гашт.
Чунон шуд шоҳ хуш аз посухи ӯй,
Ки омад пешу бӯсид аз рухи ӯй.
Ба-д-ӯ гуфт: «Эй ҷаҳонпаймои боҳуш,
Ки аз фарзон чу дарё мезанӣ ҷӯш,
Диле пур гавҳари шаҳвори фарзон,
Чу дарё дода Виспогоҳ Яздон.
Ба гетӣ нест доно бо ту ҳамсанг,
Надида кас пагӯе бо ту ҳамранг.
Кунун аз туст бозӣ, эй сухандон,
Ҳам ин майдону аспу гӯйу чавгон.
Ту бо фарзона гундоёни дарбор
Бигӯй аз он чи пурпеч асту душвор.
Аз эшон бишнавему аз ту, в-он гоҳ
Бубинем аз кӣ ояд гуфта дилхоҳ».
Ашӯ Зардушт он гаҳ кард оғоз
Сухан бо он пагӯёни сарафроз.
Кушод ӯ гуфтугӯро аз баду нек,
Зи разми рӯшаниву з-они торик.
Зи маргу зиндагӣ в-аз дарду дармон,
Зи доду доварӣ в-аз банду зиндон.
Аз онон хост, то андешаи хеш
Бигӯянд аз барои шоҳ з-ӯ пеш.
Пагӯён он чи донистанд посух
Биоварданд назди шоҳи фаррух.
Зи дониш ҳар чӣ донистанд, гуфтанд,
Сухан чун гавҳари шаҳвор суфтанд.
Ба гӯши ҳуш Зардушт аз пагӯён
Ҳаме бишниду ориш буд ҷӯён.
Зи ҳар дар ҳар чӣ мебишнид з-эшон
Ҳама буд хому гуфтори парешон.
Чу дармонданд доноёни дарбор,
Забон аз гуфтугӯ бастанд ночор.
Паямбар гуфт худ посух ба-д-онон,
Аз он ч-ӯ худ аз онон буд пурсон.
Писанд уфтод Кайро ҳар чӣ ӯ гуфт,
Ҳама он гуфтаи ӯро пазируфт.
Гумони дил аз ин раҳ ӯ зудоид,

Ба дину кеши Зардуштӣ гароид.
Зи дил бигзашт ӯро он, ки имрӯз
Агар айдун бишуд Зардушт пирӯз,
Ба фардо бегумон мардони дарбор
Ба дини ӯ гароянд аз сари кор.
Ба гӯши мардумон ин достон зуд
Расад, донанд, коре ончунон буд,
Ки шоҳу мӯбадони Балхи Бомӣ,
Хирадмандони донишёри номӣ
Зи дину кеши бобой буриданд,
Ба ойини Аҳӯро бигравиданд,
Ки дини ростӣ асту накӯйӣ,
Бикардан зиндагонӣ дар ашӯйӣ.
Паёпай тӯдагон бар вай гароянд,
Ба он дини биҳӣ як-як дароянд.
Гумон набвад, ки дар Эрон ба фардо
Биёбад густариш ойини Маздо...

## КАРДАИ 10. ҶОЙИ ХУДРО БА ЗАРДУШТ ДОДАНИ ДОНОЁН АЗ РӮЙИ ОЙИНИ КУҲАН ВА РАШК КАРДАНИ ОНОН БА ВАХШУР

Чунин буд он замон ойини мардон,
Ба гоҳи озмун дар рӯзи майдон,
Ки ҳар к-ӯ бохт, ҷойи хеш биспурд,
Ба-д-он, к-ӯ гӯй дар майдон аз ӯ бурд.
Гирифтӣ ҷойи ӯро он, ки пирӯз
Бигаштӣ андар он арсан ба-д-он рӯз.
Чунон карданд он донишварон низ,
Чу ҳангу ҳӯш кам диданду ночиз.
Ба Зардушт он миҳон гардан ниҳоданд,
Ба нерӯи бузургаш тан бидоданд.
Ба-д-ӯ доданд як-як ҷойи худро,
Ҳама он бихрадони роду доно.
Буд ӯ хуршеду онон ахтару Моҳ,
Буд ӯ дарёву онон об дар ҷоҳ.
Чу омад рӯз, рафт аз ахтарон тоб,
Чу дарё ҳаст, чи-бвад дар чаҳе об.
Чунин буд кори отурвони биҳдин

Ба дарбори каён рӯзи нахустин.
Ба дониш дошт чун дасте тавоно,
Шуд ӯ пирӯз бар мардони доно.
Аз ӯ шуд шоҳ шоду офарин хонд,
Зи виспи он бузургонаш гузин хонд.
Ба назди шоҳ арҷу фар фузудаш,
Гиромӣ дошташ шоҳу сутудаш,
Ба пеши хештан биншонд ӯро,
Ба худ наздиктар гардонд ӯро.
Ба чашми шоҳ чун арҷаш фузун гашт,
Дили дарбориён аз рашк хун гашт.
Ки ӯ бегонаву мо ошноем,
Чу банда хор пеши ӯ чароем?!
Бузургон з-ин баҳона рашк бурданд,
Гиромӣ дӯстро душман шумурданд.

## КАРДАИ 11. САНҶИДАНИ ШОҲ ВИШТОСП ХУД ЗАРДУШТРО ДАР РОСТӢ ВА ДОНИШУ ҲУШ ВА ХОНАВУ БОҒ БАД- Ӯ БАХШИДАН

Паямбар назди шоҳаншоҳ он рӯз
Ба арсан шуд ба доноён чу пирӯз,
Ба-д-он гаҳ шоҳ ӯро пеши худ хонд,
Гирифт аз дасту назди хеш биншонд.
Бигуфт: «Эй монтрони чомапардоз,
Ба дил огандаӣ бас гавҳари роз.
Кунунат худ бисанҷам зӯри бозу,
Кашам мағзи туро худ дар тарозу.
Бисанҷам арҷу бору мояи ту,
Кунам андоза гоҳу пояи ту.
Зи гоҳи офариниш то ба ин рӯз
На гетӣ буд тиҳӣ аз донишомӯз.
Зи ҳангоми Каюмарси хирадманд
За гетӣ то ба-д-ин дам роз ҷустанд.
Фурӯ рафтанд дар дарёи жарфоб,
Ба гирдоб аз барои гавҳари ноб.
Басо з-он бекарон дарёи фарҳанг
Биомад гавҳари шаҳвор дар чанг.

Басе гум гашту рафт аз ёдҳо боз
Ҳамоно монд нобикшуда бас роз.
Ба дониш Ҷам ҷаҳонро дид дар ҷом,
Ба фарзон монд з-он Ковусро ном.
Зи дониш Ворои Ҷам сар барафрохт,
Ба шаш сӯи ҷаҳон з-он дида андохт.
Ба ман гӯ, эй хирадманди тавоно,
К-аз ин дар чӣ-т омад з-ирмагоно?
Гириҳ бикшой бар ман з-он ҳама роз,
Дари он ганҷҳои баста кун боз».
Ашӯ Зардушт як-як гуфт он гоҳ
Зи донишҳои дерин бар шаҳаншоҳ.
Зи Хуршеди Хирад чун Моҳ якчанд
Фурӯғ андар дили Виштосп афганд.
Басе банду гириҳ бикшод бар Кай,
Басе торик равшан кард бар вай.
Бикардаш боз рози бостонро,
Дари ганҷи ниҳони ростонро.
Зи донишҳои пирони дилогоҳ
Ҳама боистаниро гуфт бо шоҳ.
Кай он гуфтори бас хушро чу бишнуфт,
Саросар рост диду хуш пазируфт.
Бигуфташ: «Нӯша бодӣ, эй хирадманд,
Зи ҳар бад дорадат Яздон падофанд.
Ту ҳастӣ чун чароғи раҳнамой
Ба сӯи боргоҳи рӯшноӣ.
Бидидам гарчи донишвар басе кас,
Расову пурхирад дидам туро бас.
Биҷустам мағзвандони ҷаҳонро,
Ба фарзон сар кашида бихрадонро,
Надидам чун ту жарфандеша гундо,
Дамону аз гуҳар оганда дарё.
Кунун, эй марди варҷованд, хуш бош,
Ки-ат бахшам яке арзанда подош.
Кунун мехоҳ аз ман ҳар ниёзе,
Ки дорӣ, чун зару колову созе,
Биорам-т ону бидҳам-т он чӣ хоҳӣ,
Ба пушти моҳ, ё дар пойи моҳӣ».
Бигуфт: «Эй подшоҳи додгустар,

Фарозанда ба доду ростӣ сар.
На зар хоҳам, на гавҳар, на кулоҳе,
На тоҷу афсару не тахтгоҳе.
Маро набвад ниёзе дар ҷаҳон ҳеҷ
Магар бар хуррамии Ориёнвиҷ».
Бигуфт: «Эй родмарди донишогоҳ,
Ки гӯйӣ менахоҳӣ колаву ҷоҳ,
Чаро пурсидаӣ, пас, аз Худованд,
Ки даҳ аспат диҳад зӯру тавонманд?
Манат сад аспу гову меш бидҳам,
В-агар мехоҳӣ, з-он ҳам беш бидҳам».
Бигуфт: «Эй шоҳ, нак даҳ асп[1] дорам,
Ба даҳ тактези оташхӯ саворам.
Бар он даҳ асп паймоям ҷаҳонро,
Гузорам роҳи Моҳу Каҳкашонро.
Ман аз Хуршед бигзаштам ба-д-он даҳ,
Ба Хуршеди Хирад то ёфтам раҳ».
Чу аз рафти сухан дарёфт «даҳ»-ро,
Шигифт омад аз он гуфтор шаҳро.
Бигуфт: «Эй тарзабони тозагуфтор,
Суханомудагар чун ганҷи шаҳвор,
Ниҳоли сабзи оришро ба-д-ин сон
Чи хушперостӣ дар боғи фарзон.
Сазад, эй дӯст, дар ҷое ба шаҳрат
Бибахшам хонае имрӯз баҳрат.
Яке ҷоест дар наздики дарбор,
Ҳукарда хонаҳо андар-ш бисёр.
Ҳамон ҷо хонае бинҳода бас хуб,
Нигорин карда бому дар-ш аз чӯб.
Баланду устувор, аз санг кадвод,
Хуранди подшоҳон гашта бунёд.
Барам, он ҷо нишонам-т, эй хирадманд,
Зийӣ осуда то он ҷою хурсанд.
Ба наввӣ зиндагӣ созӣ ба-д-он ҷой,
Бидорӣ рӯзгори нек барпой.
Раҳат боз аст з-он ҷо сӯи дарбор,
Гарат ҳар гоҳ пеш омад ба мо кор.

[1] Даҳ асп – даҳ нерӯи дарунӣ ва берунӣ (чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст; биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва басовӣ) аст.

В-аз ин пас бош моро чун бародар,
Ту ҳаргиз хешро бегона машмар.
Чу бошӣ дар паноҳи мо аз ин пас,
Наояд дарду ранҷе ҳеҷат аз кас».
Ашӯ Зардушт чун гуфтор бишнуфт,
Ба шодӣ хоҳиши шаҳро бипазруфт.
Шаҳ он гаҳ дод фармон вежагонро
Ки бардоранд фаррух монтронро,
Гиромивор бар аспаш нишонанд,
Ба бору бун-ш то он ҷо расонанд.
Ҳамон дам он касон ӯро бибурданд,
Бажангу хонаро бар вай супурданд.
Чу он сон меҳрубонӣ сар зад аз шоҳ
Ба он гундои донои дилогоҳ,
Миҳонро хуш наомад з-ончунон кор,
Шуданд озурда аз кори ҷаҳондор.
Чу пеши чашми миҳмон хор гаштанд,
Зи захми теғи рашк афгор гаштанд.
Ба ҳам гуфтанд: «Кай девона гашта,
Ки банди доми як бегона гашта.
Зи мо буд солиён шаҳро ҳаме суд,
На бо мо меҳрубон он сон ҳаме буд.
Ба як дам дил ба-д-он бегона чун дод?
Яке овораеро хона чун дод?!
Бибояд чорае ҷустан, ки Зардушт
Пушаймон аз дари Кай дарниҳад пушт.
Ба фардо боз пеши шоҳ хонем-ш,
Ба тарбу тунбул аз дарбор ронем-ш.
Вагарна оби мо резад аз ин пас
Аз он беворaи ҷудшаҳри бекас».
Чунин гуфтанду сӯи хонаи хеш
Бурун рафтанд як-як бо дили реш.

## КАРДАИ 12. ОТАШ АФРӮХТАНИ ЗАРДУШТ АНДАР ХОНАИ НАВ ВА НИЁИШИ Ӯ БА ДАРГОҲИ АҲӮРО МАЗДО АЗ ОН КИ ШОҲИ БАЛХ БО Ӯ МЕҲРУБОНӢ КАРД

Шаҳаншаҳ хона чун Зардуштро дод,
Шаҳона хон ба-д-он ҷо низ бинҳод.
Дувон бо бодаи гулфом дар ҷом
Зи ҳар дар гуфтугӯ карданд то шом.
Ба шабҳангом бо вахшур падруд
Бигуфту рафт шоҳаншоҳ хушнуд.
Ашӯ Зардушт чун Кайро гусӣ кард,
Биомад, рӯй бар оташ биовард.
Ба назди оташи поки фурӯзон
Ба покӣ бурд номи пок Яздон.
Бикард ӯ аз Худованди Хирад ёд,
Дуруд амшоспандонро фиристод.
Ба бархӣ кард Маздоро ниёиш,
Ки дод аз меҳр имрӯзаш кушоиш.
Сипос аз Кирдигори поки бечун
Гузориду ситоиш кардаш афзун.
Ки аз дарёи меҳри бекаронаш
Бирезад об то дар ҷоми ҷонаш.
Ба фардо рӯз ӯро даст гирад,
Ки шоҳи Балх кеши ӯ пазирад.

## КАРДАИ 13. РӮЗИ СЕВУМИ ЗАРДУШТ ДАР ДАРГОҲИ КАЙ ВИШТОСП

Чу шаб бигзашту шоҳи рӯз пирӯз
Баромад боз бар тахти дилафрӯз.
Ту гуфтӣ киштии заррин зи Ховар
Ба оби Вуркаш-андар шуд шиновар.
Чамонӣ рехт з-ованди ҷаҳонтоб
Ба ҷоми лоҷвардӣ бодаи ноб.
Ба гӯши ғунча булбул шуд навогар,
Ки: «Бикшо чашму бар Хуршед бингар.
Ки омад бозу гетӣ гашт равшан,
Чаман бишкуфту хуррам гашт гулшан».
Зи нав он номҷӯёни сарафроз
Ба назди шоҳ гаштанд анҷуман боз.
Сарон пурбоду дилҳо пур зи авсун,
Рухон аз рашку чашм аз хашм пурхун.
Ба бавчу ноз андар анҷумангоҳ

Нишастанд он бузургон чашм дар роҳ.
Ки: «Имрӯз ояд ар миҳмон ба он ҷой,
Нажанду зор андоземаш аз пой.
Биангезем бар вай низ Кайро,
Биронад то ба хашм аз шаҳр вайро.
Ки то гоҳе, ки андахсаш бувад шоҳ,
Наёбад ҳеҷ авсун андар ӯ роҳ...»
Даме нагзашту Зардушти ашӯ ҳам
Даромад аз дари Виштосп хуррам.
Зи шодӣ чеҳраи Кайшоҳ бишкуфт,
Пазиро гашташу «хуш омадӣ» гуфт.
Миёни зӯтару донишварон боз
Хавеса тунд гашт он гоҳ оғоз.
Даруфтоданд бар миҳмон зи ҳар сӯй,
К-«Агар дорӣ хирад, нак хезу баргӯй,
Басо банду гиреҳ душвору пурпеч,
Ки дар вай роҳ натвон ёфтан ҳеҷ.
Ба гетӣ розҳо пинҳон басе ҳаст,
На бикшудан-ш кори ҳар касе ҳаст.
Маноз, эй монтрон, аз будаи хеш,
Ки пеши мо наӣ ҷуз уштуре беш.
Зи бархе, гар ту мардӣ, кун гириҳ боз,
Ба мардӣ, варна, з-ин пас сар маяфроз...»
Пагӯён бас бикӯшиданд он рӯз,
Ки то гарданд бар Зардушт пирӯз.
Ҳама рӯз он табаҳкорони баддин
Ба миҳмон хирагӣ карданд аз кин.
Ҳама оҳехт шамшери забонро,
Ки аз по андар орад монтронро.
Зи бас карданд пурсиш печ дар печ,
Ба посух кӯтаҳӣ н-омад аз ӯ ҳеҷ.
Агарчи чоҳ дар роҳаш биканданд,
Чӣ анде банд дар пояш фиканданд,
Ба осонӣ ҳама бигзашт озод,
Савори тавсани андеша чун бод.
Ба чашми шоҳу доноёни дарбор
Чунон хуш ронд Зардушт аспи гуфтор,
Ки шоҳ он шева диду патх з-он гашт,
Чу моҳӣ дил ба шасти монтрон гашт.

Фурӯд омад зи гоҳу рафт сӯяш,
Гирифташ дар канору кард бӯяш.
Бибурд он гоҳу дар паҳлӯш биншонд,
Ба ӯву бобу момаш офарин хонд.
Гиромӣ доштУ зар рехт аз сар-ш,
Фаровон ҷомаҳо бахшиду зевар-ш.
Ҳам он Ҷомосп - дасти рости шоҳ,
Ки буд донои гундоён ба-д-он гоҳ,
Гароиш кард андар дил ба зӯтар,
Ҳамедун рехт зарру симаш аз сар.
Шаҳаншаҳ гуфт бар мардони даргоҳ,
Ки: «Эй зебандагони афсару гоҳ,
Яке ҷодусухан марде хирадманд
Ба нерӯи хирад бикшод сад банд.
Пагӯе кордону кордида-ст,
Ҷаҳонро гаштаву бисёр дида-ст.
Бидида гарму сарди рӯзгорон,
Чашида талху ширинрост чандон.
Ҳамолаш дар ҷаҳон донишваре нест,
Ҳамовардаш ба гетӣ дигаре нест.
Ба чашми хеш дидедаш, ки имрӯз,
Ба арсан дастболо гашту пирӯз.
В-аз он фархундапай андар дили ман
Баҳоре тоза бишкуфт аз гили ман.
Кунун оред созу баргро зуд,
Ки омад гоҳи бигмозу маю руд...»

## КАРДАИ 14. ДАСТУРИ ШОҲ БАРОИ САР ФУРУД ОВАРДАНИ БУЗУРГОН БА АШӮ ЗАРДУШТ

Чунин фармуд Кай Виштосп он гоҳ,
Ба-д-он фарзона гундоёни даргоҳ,
Ки: «Бархезед, нун, эй номдорон,
Фуруд оред сар пеши хирад, ҳон!
Бигӯед офарин-шу афтидисто,
В-аз ин пас з-ӯ биомӯзед чисто.
Ки то нун кӯрдил будеду нодон,
Фурӯ рафта дарун дар чоҳи паркон.
Надидед он, ки ин марди хирадманд

Кушод аз бас даре фалҷу пажованд?
Чу пурсидедаш аз ҳар кори душвор,
Ҳама посух аз ӯ омад сазовор.
Ниҳонӣ розҳо кард ошкоро,
Ба дониш дида равшан кард моро.
Зи паркон пеши ӯ хомӯш мондед,
Чу коно моту патху лӯш мондед.
Дили ман буд чу мурғи паршикаста,
Ба доми деви паркон пой баста,
Чу бандӣ ҷон ба чоҳи тор меканд,
Ба дасту пою гардан баста球 пованд.
Чу Зардушт омаду болу параш дод,
Ба боми гулшани ориш сараш дод.
Кунун з-он торикистон сар бадар зад,
Ба боми рӯшноӣ болу пар зад.
Кунун мурғи ман аз зиндон раҳо шуд,
Ба гулшан бо гулу вард ошно шуд.
Раҳам торик буду дидагон кӯр,
Ҳам инак равшанӣ бахшид вахшур.
Ба андо дида будам, омад акнун,
Дуруст омад, шигифто, хобам он дун.
Суханвар бихрадон бас дида будам,
Чунин гуфтори хуш нашнида будам.
Агарч-ӯ марди дарвеш асту киҳтар,
Ба дониш аз ҳама болову биҳтар.
Сазад з-ин пас ба худ созам-ш дастур,
Ки пурмағз асту корогоҳ вахшур.
Маро ҳамрозу ҳамдам боядаш буд,
Ки бошад ёрманду оварад суд.
Маро он орзу буд рӯзгоре,
Ки ёбам ҳамчу ӯ омӯзгоре...
Ба коми дил расам имрӯз шояд,
Расад бар ёрии ман Меҳр-Эзад?»
Ба-д-ин сон назди доноён ҷаҳондор
Ситоиш монтронро кард бисёр.
Зи бас орун, ки дар вай дид некӯ,
Ҳама бишмурд як-як он ҷаҳонҷӯ.
Чу деви Рашк ин гуфтор бишнуд,
Ба дилшон оташе афканд пурдуд.

Ба Кай гуфтанд: «Волоҷоҳ шоҳо,
Кайи номоваро, гетипаноҳо!
Нахуст андеша дар ҳар кор бояд,
Шитоб аз кор бихрадро нашояд.
Ту дар фарҷоми кори хеш бингар,
Даруни остин море мапарвар.
Чу коре кард хоҳӣ, эй накӯкеш,
Дуруст андеш дар он кор з-он пеш.
Ҳамон биҳ, гар ба рӯзе озмоӣ,
Ки солу моҳ пушти даст хойӣ.
Магар ойиштан аст ин марди ҷоду,
Ки бифристодаш Арҷотаспи бадхӯ.
Мабодо, он ки бо найранг душман
Ба ҷоду хост моро чашм бастан?
Мабош, эй шоҳ, чандон зудбовар,
Саробе гар бидидӣ, об машмар.
Ба гуфти кас ба коре ҳеҷ маштоб,
Шитоб орад пушаймонӣ-т, дарёб.
Ту нашнидӣ, ки бо тарфанд Даҳҳок
Чӣ гуна шаҳр яксон кард бо хок?
Нахуст ӯ хеш бо Ҷам дӯст бинмуд,
Наандешид Ҷам, к-ӯ душманаш буд...
Маяндешид Эраҷ аз беродар,
Набишнидӣ, ки чун з-ӯ ёфт кайфар?
Суханҳо гуфт Тӯраш чарбу рангин,
Фиребаш карду сар бубридаш аз кин...
Ниҳон шуд дар нигорин ҷома з-он мор,
Шикори баччаи гунҷишк буд кор.

## КАРДАИ 15. ГУФТУГӮЙИ КАЙ ВИШТОСП БО АШӮ ЗАРДУШТ ТАНҲО БА ТАНҲО

Чу шоҳ аз вежагон бишнид инро,
Аз он дарёфт бӯйи рашку кинро.
Ба дил гуфто, ки ин шояд бувад рост,
Ва ё пайғорае бар марди доност?
Бигуфто: «Худ манаш гар нек бӯям,
Гумони бад зи дил аз вай бишӯям».
Чу ҳар як рафт з-он ҷо аз пайи кор,

Або Зардушт танҳо шуд ҷаҳондор.
Бигуфт: «Огоҳам аз пушту нижодат,
Зи нофу дудаву з-оне, ки зодат.
Бидонам чист беху решаи ту,
Ҳам он ойину кешу пешаи ту.
Ба ман баргӯй равшан, худ кӣ ҳастӣ?
Чунин саргашта аз баҳри чӣ ҳастӣ?
Ҳама гуфтанд бар мо аз ту з-ин пеш,
Бувад биҳтар, ту худ гӯйӣ зи худ хеш».
Паямбар саргузашти хеш бо шоҳ
Ҳама баргуфт сар то сар ба-д-он гоҳ.
Ҳама бикшоду аз вай ҳеҷ нанҳуфт,
Саросар достони худ ба ӯ гуфт.
Бигуфт аз тираву пушту раги хеш
Зи гоҳи пешдодону аз он пеш.
Бигуфт аз парвази модар-падар ҳам,
Ки бар Эраҷ расиду рафт то Ҷам.
В-аз он, к-ӯ ном бар вай доду парвард,
Падар, к-ӯ парваришомӯзиаш кард.
В-аз он Бурзин Курӯси пурҳунар низ,
Зи чандин ирмагонони дигар низ.
Аз он, к-ӯ гашт шаш сӯи ҷаҳонро,
Басе дарёфт з-он рози ниҳонро.
Бирафт ӯ ҳар куҷое донишомӯз,
Ашоро ҷуст дар гетӣ шабу рӯз.
Ҷаҳонро размгоҳи неку бад дид,
Забартар з-он дувон дасти Хирад дид.
Зи ҳар устод, к-ӯро нек фарҳахт,
Ҳунарҳо гирд карду дониш алфахт.
Ҳамедун аз Ушидарни дилорой
Бигуфту он чӣ рух додаш ба-д-он ҷой.
Сурӯш овардаш он ҷо ростин дин,
Ба-д-ӯ бархонд чамроси нахустин.
Чамонӣ рехт дар ҷомаш чунон май,
Ки оташ хост аз обу гили вай,
Нигаҳ кард аз Ушидарн ин ҷаҳонро,
Замину ахтарону осмонро.
Чу гашташ ошкоро гардиши Шед,
Раҳи Моҳу Вананту Тиру Ноҳид.

Ба дил дарёфт ҳанҷори ҷаҳонро,
Навои мурғи парвози замонро.
Хироми кабки нози ахтаронро,
Таки шевои аспи осмонро.
Баромад бар Ушидарне зи фарзон,
Шигарфу сарбаланду паҳндомон.
Намудаш аз бадандии Хирад чеҳр
Ба-д-ӯ ойини гаштори Маҳу Меҳр.
Зи теғи кӯҳи фарзон чашм андохт,
Ашоро з-он баландӣ диду бишнохт.
Ба Кай Виштосп кард ӯ инчунин ёд
Зи рӯди Обаҳию чашмаи Дод.
Ба Ҳовангоҳ чун мехест аз хоб,
Ҳаме биштофт сӯи Доди жарфоб.
Ба оби пок дасту рӯй мешуст,
Ба покӣ з-Ардвӣ ёрӣ ҳаме ҷуст.
Дурахшанда фурӯғе дид як рӯз
Чу теғи поки тоби гетиафрӯз.
Фурӯғе тобноку поку равшан,
Дурахшаш чашмсӯзу ном-ш Баҳман.
Бибурдаш аз канори рӯд боло,
Ба сӯи боргоҳи Виспдоно.
Бидид он равшании бекарона,
Ҷаҳони зиндаҳои ҷовидона.
Фурӯғе бекароне буду бас жарф,
Ҷаҳоне менувонӣ буду ишгарф.
Ба-д-он ҷо панҷи дигар ҳамчу Баҳман
Фурӯзон пайкарони тобишафкан.
Ҳамон амшоспандони Худованд,
Ҳамеша зиндаву ҷовиду испанд.
Бидид Ардибиҳишти биҳгузинро,
Фурӯғи «Ростии биҳтарин»-ро».
Ҳам он Шаҳревару Исфанду Хурдод
Ба он доди Ҳамеша Зинда - Мурдод.
Баромад ҳар кадоме пешвозаш,
Пазиро гашт бо оғӯши бозаш.
Пас он амшоспандон андарунтар
Бибурдандаш суви Ҳарвисп-Гаргар.
Ба-д-ин раҳ рӯйи поки Восноро

Ба чашми хештан дид ошкоро.
Ба Маздо роз гуфту бурд фармон,
Камар барбаст баҳри дин ба паймон.
Худованди Хирад аз вай чунин хост,
Ки бинмояд дупоёнро раҳи рост.
Барорадшон бурун аз торикистон,
Раҳоӣ бахшад аз деву дуруҷон...

## КАРДАИ 16. ПӮЗИШ ХОСТАНИ КАЙ ВИШТОСП АЗ АШӮ ЗАРДУШТ БАРОИ ДАР ГУМОН АФТОДАНИ ХУД ВА БА ДИНИ МАЗДОЯСНӢ ГАРАВИДАНИ Ӯ

Чу шуд аз саргузашташ нек огоҳ,
Зи миҳмон хост пӯзиш додгар шоҳ.
Ки: «Эй пайғамбари Маздо Аҳӯро,
Дамон аз ҷӯшиши фарзон чу дарё,
Ман аз ту дер гоҳе бишнавидам,
Ба дини рост дар дил бигравидам.
Бибудам солиён чашмам ба роҳат,
Ки то рӯзе бубинам рӯйи моҳат.
Ба хобат низ дидам, эй накӯчеҳр,
Ҳамон дам тофт аз рӯят ба ман меҳр.
Кунун чун по ниҳодӣ дар дари ман,
Баромад Хур равшан бар сари ман.
Дари дарбор бар рӯят гушодам,
Пазируфтам-ту бас арҷат ниҳодам.
Диле дидам-т чун дарё хурӯшон,
Ба биниш чашми он аз Меҳр ҷӯшон.
Ниҳоли меҳри ту дар дил нишондам,
Туро устоди худ дар дил бихондам.
Туро ҳамроҳи шому рӯз кардам,
Чу пири кору коромӯз кардам.
Магар ин вежагон ангехтандам,
Гумони бад ба дил ишпехтандам.
Ба оғолиш хирад аз ман рабуданд,
Ба чашмам дӯстро душман намуданд.
Расидат гар зи ман, эй дӯст, озор,
Мабош озурдаву дил хуш ҳаме дор.
К-аз ин пас ман бувам андахсу пуштат,

Нигаҳ дорам зи ҳар душту дуруштат.
Агар фардо ҳам аз зӯрозмоӣ
Ба майдони хирад пирӯз ойӣ,
Ба доноӣ ту, эй дарёи фарзон,
Барорӣ ном дар Эрону Нерон.
Марав з-ин ҷову бо мо бош ҳар рӯз,
Ба мо фарҳангу чисто мебиомӯз.
Ба мо омӯз роҳи растагорӣ,
Раҳоӣ з-ин ҷаҳони тангу торӣ».
Бигуфт: «Эй шаҳ, дар ин ду рӯзи санҷиш
Биомад миҳтаронро аз ту ранҷиш.
Аз ин пас низ бас созанд найранг,
Туро бар ман биангезанд дар ҷанг.
Дар ин раҳ чанд моҳу сол бояд,
Зи дил занги гумон то шаҳ зудояд.
Ту як моҳ аз пайи ман бош, эй шоҳ,
Нигар, к-аз ман чӣ ояд андар ин моҳ...
Зи гундоёни бихрад рӯзи фардо
Бузургону радонро гирд бинмо.
Ба арсан он пагӯёни хирадманд
Биоранд аз ҳунарҳо ҳар чӣ доранд.
Зи ҳар банду гириҳ бо ҳам бигӯянд,
В-аз он роҳи гушоиш бозҷӯянд.
Чу дармонданд дар ҷое ба банде,
Намоям то ман он гаҳ ёрмандӣ.
Кунамшон ошкоро костиро,
Намоямшон дар он раҳ ростиро.
Биомӯзам ба-д-эшон дониши рост,
Ки дасти ростӣ аз ҳар чӣ болост.
Бигӯ, пурсанд аз ман он бузургон
Зи ҳар дар донишу фарҳангу фарзон.
Ба посух ман, ҳамоно, ҳастам ожир,
Бигӯямшон, ҳар он ч-ам ҳаст, аз вир.
Бипурсанд он чӣ торик аст, то ман
Кунам он бихрадонро дида равшан,
Ба майдон тавсани андеша тозем,
Ба теғу тиру чавгон даст ёзем.
Ялонро шеваи чавгон задан бин,
Зи майдон бурдани гӯйи сухан бин.

Нигар, парвози тири кист шево,
Гаҳи пайкор теғи кист бурро.
Гузори теғи тези вожагон бин,
Дами шамшери буррои забон бин.
Бигаштан чира бар мардони доно
Агар натвонам, эй шоҳи тавоно,
Равам доманкашон з-ин остон дур,
Гузорам ошён з-ин бӯстон дур.
Кушоиш гар диҳад Ҳарвисп-огоҳ,
Бимонам пешат, эй вологуҳар шоҳ.
Сипантоӣ хирад омӯзамат ман,
Чароғи дин ба дил афрӯзамат ман.
Миён бандам ба фармони Аҳӯро,
Ба мардум дардиҳам пайғоми ӯро.
Ба сӯи равшанӣ аз чоҳи торик
Бурун орам, барамшон бар раҳи нек.
Бичошам дар ҷаҳон дини биҳиро,
Намоям роҳи бахту фарраҳиро...»

## ФАРГАРДИ 2. БА ДИНИ МАЗДОЯСНӢ ДАРОМАДАНИ ШОҲ ВА ДАРБОРИЁН

### КАРДАИ 1. БА ДАРБОР ГИРД ОВАРДАНИ КАЙ ВИШТОСП ДОНИШМАНДОНРО РӮЗИ ДИГАР ВА БО АШӮ ЗАРДУШТ ХАВЕСА ОҒОЗ КАРДАНИ ЭШОН

Ба фардо рӯз шоҳи додгустар
Чу пардахт аз сипоҳу кори кишвар,
Рабиҳвингоҳ зӯтарро фаро хонд
Ба назди хешу бо Ҷомосп биншонд.
Пас он ҷо гирд кард ӯ миҳтаронро,
Пагӯёну ҳама донишваронро.
Фарозанда сар аз دониш радонро,
Сипаҳдорону доно мӯбадонро.
Ҳам аз отурбон он ҷо тане чанд
Сарони донишогоҳу хирадманд.
Пизишкони ажиру бешадонро,
Муғони номдору ҷодувонро,
Ҳам аз артиштор овард як сӯ,

Сипаҳсолору мардони ҷаҳонҷӯ.
Дигар сӯ барзакорону насудон,
Ҳамон рӯзидиҳони ҳасту будон.
Дигар сӯ пешавар ахнӯхашиҳо,
Падид оранда дар гетӣ хушиҳо,
Чу дидандаш нишаста назди Виштосп,
Ба фарру ноз бо дастур Ҷомосп,
Рухонаш пурфурӯғ аз фарри Яздон
Лабон пурхандаву пурмеҳр чашмон,
Зи кину рашк хира гашташон чашм,
Баромадшон зи сина дуд аз хашм.
Нигаҳ шуд тундашону абрувон чин,
Рухон шуд зарду чеҳра турш аз кин.
Ба-д-онон дод фармон пас ҷаҳондор,
Ки пардозанд бо миҳмон ба гуфтор.
Ба дониш роҳ бо ҳам бозҷӯянд,
Зи ҳам пурсанду посух бозгӯянд.
Пагӯёни барӯманду сарафроз
Ба арсан гуфтугӯ карданд оғоз.
Зи дониш ҳар касе аз ҳар даре гуфт,
Зи ориш ҳар кадоме гавҳаре суфт,
Ба арсан ҳар яке доди сухан дод,
Зи фарзон ганҷи пинҳон роз бикшод.
Зи лоф он ҳар яке бас жож жовид,
Ки кафк аз лаб-ш бар доман таровид...
Ашӯ Зардушт чун омад ба гуфтор
Ба пеши шоҳу гундоёни дарбор,
Сухан орост чун шаҳвор гавҳар,
Чу аз пирӯза огин сохт зевар.
Кай он омудагонро дид пуртоб,
Кашида донаҳо чун гавҳари ноб.
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Эй донандаи роз,
Ҷаҳони аставанд аз кай шуд оғоз.
Ба мо бикшой, нак, рози замонро,
Магар оғозу анҷомест онро...?

## КАРДАИ 2. БУНДАҲИШН

Чунин фармуд Зардушти Спитом,

Ки ҳастиро набуд оғозу анҷом.
Ба ҷуз Маздои Бечуну Беанбоз
Набуд ҷуз бекарон зурвон дар оғоз.
Худованди Хирад Маздо Аҳӯро
Бувишро кард аз нобуд пайдо.
Дар он зурвони беоғозу анҷом,
Ки буд бе ҷунбишу яксону ором,
Аҳӯро ҷунбишу оғоз дардод,
Ҳаме анҷомаш-андар хост бинҳод.
Ба зурвон дод ӯ оғозу анҷом,
Ба ҳар пармуда ӯ фармуд фарҷом.
Нахуст оғоз бахшид ӯ замонро,
Ба Менӯ сохт бундоди ҷаҳонро.
Ҳама ангошт дар андешаву дил
Зи боми Меҳр то жарфи сияҳ гил.
Хирадро офариду гавҳари ҷон,
Фурӯҳарҳои пок он ҷову урвон.
Ҷаҳоне равшану поку фурӯзон
Ба Менӯ чун фурӯғ озод буд ҷон.
Падид овард гетиро пас он гоҳ, -
Замину осмону ахтару моҳ.
Ашоро андар он бинҳод ҳанҷор,
Ки гардад ин ҷаҳон бар коми Додор.
Равон бахшиду бо ҷон сохт пайванд
Ба танҳову ба пайкарҳо Худованд.
Танӣ пайваст Маздо бо равонӣ,
Ба ҳам омехт гетӣ – менувонӣ.
Ба гетӣ ҷунбишу ҷон дод Маздо,
В-аз эдар зиндагонӣ гашт пайдо.

## КАРДАИ 3. ГУМЕЗИШН (ОМЕЗИШ)

Падид омад ба гетӣ пас ду нерӯ
Яке нерӯи бад, дигар-ш некӯ.
Сипанто-ман яке – некӯманашнӣ,
Дигар Аҳро-ман – они бадкунашнӣ.
Сипантоман буд он андешаи пок,
Фурӯғе буд варҷованду беок.
Ба гетӣ зиндагӣ бахшиду ҷон дод,

Биҳиву шодмонӣ дар ҷаҳон дод.
Аз он сӯ Аҳриман аз дӯзахи тор
Биомад бо Сипантоман ҳамистор.
Падид овард маргу бесариро,
Дурӯғу duздиву ҷодугариро.
Ба-д-ин сон он дуро омезиш омад,
Ба ҷанги ҳамдигар ангезиш омад.
Сипантоман ба гетӣ зиндагонӣ
Ҳамебахшиду бахту шодмонӣ.
Ҳама пармудаи некӯву зебо
Падид овард бо фармони Маздо.
Гуҷастак Аҳриман з-он буд ношод,
Бидодан зиндагиро хост барбод.
Ба рӯёрӯйи некӣ ӯ бадӣ сохт,
Ба ҷангу кину дар оfанд пардохт.
Падид овард озу гушнагиро
Ба гетӣ дарду ранҷу ташнагиро.
Ҳамедун ҷангу маргу кину оfанд,
Дурӯғу душманиву тарбу тарфанд.
Ба-д-ин сон шуд ҷаҳон се бахш он гоҳ:
Биҳишту Дӯзаху Омехтангоҳ.
Яке Менӯву бартар зиндагонӣ,
Фурӯғи бекарони ҷовидонӣ.
Ҳамон, к-он ҷойгоҳи бас баланд аст,
Нишемангоҳи ҳафт амшоспанд аст.
Дигар Дӯзах, ки ҷойи тираву тор,
Фурӯтар лонаи деви табаҳкор,
Мағоки Аҳриман, торик ҷоест,
Нишеми  душманони рӯшноист.
Миёни Дӯзаху Менӯст Гетик,
Ки ин ҷо равшан омезад ба торик.
Миёни ҳар ду нерӯи ҳамистор
Ба гетӣ то Фрашкард аст пайкор.
Замину осмону Моҳу Хуршед,
Ванантy Тиру Баҳрому Аноҳид, -
Ҳамедун обу хоку отashу бод
Ба гетӣ Гаргари пок ин ҳама дод.
Гуҷастак Аҳриман – деви базаҳкор
Падид овард ҳар чизи табаҳкор.

Чу мушу мору чун кайку харастар,
Апӯша, деви Маргу Кину дигар...
Ҳамора ин ду нерӯи баду нек
Ба пайкоранду омезиш ба гетик.

## КАРДАИ 4. ГУЗОРИШ (ҶУДОШАВИИ НЕК АЗ БАД)

Набарди неку бад ҳамвора дунбол
Биёбад боз дар ин гетии зол.
Чу омад Рӯзи Растохез наздик,
Бигардад гетӣ аз бедод торик.
Биояд зода аз тухми паямбар
Ба гетӣ подшоҳе додгустар.
Ду бор андар ҷаҳон ояд чунин мард
Пас аз Зардушт то рӯзи Фрашкард, -
Зи тухми ӯ, ки дар дарё Худованд
Нигоҳаш дорад аз ҳар бад падофанд.
Ба-д-он гаҳ дар набарди нек бо бад
Накӯӣ бар бадӣ пирӯз гардад.
Ба разми вопасин деву дурӯҷон
Ҳама гарданд нобуду парешон.
Чу гардад рӯзи Фаршӯкард наздик,
Шавад Хуршеду Маҳро рӯй торик.
Зи нав деву дурӯҷон зинда гарданд,
Ба кӯшиш бо биҳон размаңда гарданд,
Бикӯшад Сӯшиён дар разм бо Бад,
Ашӯвонро зи нав ӯ зинда созад.
Сипоҳи Аҳриман то ҷовидона
Шавад бишкаста он гаҳ з-ин миёна.
Зи оташ сангу кӯҳ он гаҳ гудозад,
Чу оби ҷӯй поён тафт тозад.
Кунад он гоҳ аюхшусти гудозон
Ҷаҳонро пок аз деву дурӯҷон.
Гудозон шӯяд он чандон рухи хок,
Ки гетӣ аз палидиҳо кунад пок.
Замину осмону ахтару моҳ
Ҳама покиза аз бад гардад он гоҳ.
Шавад Нерӯи бад аз ин ҷаҳон зуд,
Ҳама он-ч Аҳриман-ш овард, - нобуд.

Аҳӯрододагон – ҳастону бедон
Зи моҳӣ то фарози боми Кайҳон, –
Ҳама андар фуруғи бекарона
Биёбад зиндагонӣ ҷовидона».
Ба-д-ин сон гетиро оғозу анҷом
Биёмад гуфта аз Пури Спитом.
Рухи Виштосп з-ин гуфтор бишкуфт,
Пазируфт он чӣ аз вахшур бишнуфт.
Бигуфт: «Эй чомапардози ҷаҳонгард,
Ба гетӣ нест бо ту кас ҳамовард.
Анӯша бошу шоду комрон зӣ,
Ҷаҳон то ҳаст, деру ҷовидон зӣ!
Чӣ тухме буд, ки овардию киштӣ,
Ба марзи дил зи гулҳои биҳиштӣ?!»
Миҳони шаҳру доноёни кишвар
Ҳама гаштанд сархам пеши зӯтар.
Чу дар фарҳангу мағзу ҳушу чисто
Набуд ӯро касе ҳамбозу ҳамто,
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Сахт афсунгарастӣ,
Ба ҷоду анҷуманро чашм бастӣ.
Дили чун шери Кайро то чу оҳу
Ба доми хеш овардӣ ба ҷоду.
Шигифтиҳо басе дар ин ҷаҳон аст,
Ба зери парда бас розе ниҳон аст.
Зи рози ин ҷаҳон кас нест огоҳ,
Дар он пурпечу хам бошад басе роҳ,
Ҳамора бихрадони донишалфанҷ
Дар ин раҳ солиён бурданд бас ранҷ.
Ҳама фарзонагони номбардор
Надонистанд чӣ-бвад бундади кор.
Ниҳоди осмону Моҳу Хуршед
На ҳаргиз Йушт донисту на Ҷамшед.
Биё, з-он розҳо, гар мебидонӣ,
Ба мо бикшой бархе, гар тавонӣ».
Ашӯ Зардушт гуфто: «Он чӣ доред,
Маро з-он чистонҳо пеш оред.
Бипурсед он чӣ торик аст, то ман
Бигӯям посух аз он чиз равшан».
Чунин гуфтанд он гаҳ он бузургон

Ки: «Бас кун бавшу кам зан лофи фарзон.
Бипурсем аз ту акнун аз басе роз,
Дари он ганҷҳои баста кун боз.
Ки дар бикшодани онҳо ба ҳар гоҳ,
Фурӯ монданд гундоёни огоҳ».
Ашӯ Зардушт гуфто: «Ман басечам,
На мардам, гар зи посух сар бипечам.
Чу бо ман ёр худ Яздони пок аст,
Маро аз разм бо девон чӣ бок аст?
Маро, к-аз Меҳр-Эзад раҳнамой-ст,
Зи рӯяш шаб ба чашмам рӯшной-ст...»
Чу бишниданд аз вахшури фаррух,
Ки бо густохӣ он сон гуфт посух,
Миҳонро хашм бар вай beштар шуд,
Рухоншон туршу дилҳо рештар шуд.
Бипурсиданд з-ӯ душвортар чиз,
Чу равшан рӯз посух гуфташон низ.
Ба ҳар раҳ баддилон бо тарбу авранд
Бикӯшиданд, то дар бандаш оранд.
Тавонист он ҳунарманди забардаст
Зи банди ҷодувони пурфусун раст.
Ба сад тарфанд гундоёни ҷоду
Сухан печидатар гуфтанд бо ӯ:
Паямбар з-он ҳама пурсиш ба арсан
Гириҳ бикшуду посух гуфт равшан.
Сухан чун гавҳари шаҳвор з-ориш
Биовард аз дамон дарёи дониш.
Ба ришта ҳамчу гавҳарсанҷ ганҷур
Суханро чун гуҳар омуд вахшур,
Ҳама банду гириҳро дод барбод,
Ҳама чину шиканҷу печ бикшод.
Сару саркардагону корсозон,
Ба ганҷу симу коло сарфарозон,
Ки бо ӯ баддилу азгот гаштанд,
Сари хам боз патху мот гаштанд.

## КАРДАИ 5. ПАЙМОН БАСТАНИ ШОҲ ВИШТОСП БО ВАХШУР ДАР ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ

Чу дар дарбори Кай Виштосп он рӯз
Паямбар бар пагӯён гашт пирӯз,
Чунин фармуд пас Виштосп: к-«Эй мард,
Ки кас набвад-т дар фарзон ҳамовард.
Агар Йушти Фриён зинда мебуд,
Яке имрӯз пешат бандае буд.
Агар ӯ Ахти Ҷодуро забун сохт,
Сипоҳи Аҳриманро сар барандохт,
Ту бо сад ҳамчу ӯ пайкор созӣ,
Ҳазорон банди ӯ бекор созӣ.
Зиҳӣ, эй партави Хуршеди Ушто
Чароғи раҳнамои роҳи Гушто.
Ҷаҳонбин ҷом гар Ҷам дошт бар даст,
Зи дарёи дили ту об хӯрд аст.
Ҷам ар дар ҷоми май дид ин ҷаҳонро
Ту дар дарёи дил бинӣ ниҳонро.
Биё, эй пайки роҳи растагорӣ,
Фурӯғи бомдоди бахтиёрӣ,
Аз  ин пас ҳамдаму ҳамрози мо бош,
Ба базму размҳо дамсози мо бош.
Ба рӯзу шом бошӣ ҳамнишинам,
Ҳамора корсозу пешбинам.
Туро наздику хешованд хонам,
Бародар бишмарам, пайванд донам.
Ба Хуршеду ба Моҳу Тир савганд,
К-аз эдар нагсалам ҳеҷ аз ту пайванд.
Шавам андахсу пуштибонат, эй дӯст,
Аз он, к-ӯ бар ту бад хоҳад, канам пӯст.
Дили душман-т бо ханҷар кунам чок,
Бирезам хуни бадхохи ту бар хок.
Наёрад ҳеҷ кас, к-орад газандат,
Манам то дастгиру ёрмандат.
Бикӯбам он саре, к-ат гашт бадхоҳ,
Бисӯзам он, ки хор афканд-т дар роҳ.
Ба дарбор аз ҳама биншонмат пеш,
Гиромӣ дораму бинвозамат беш.
Даруни дидаву дил ҷой бидҳам-т,
Сари бадхоҳ зери пой бинҳам-т.
Паноҳат бидҳам андар хонаи хеш,

Нигоҳат дорам аз душту бадандеш.
Бузургу хурди моро донишомӯз
Ба дарбори каён з-ин пас барӣ рӯз.
Барафрӯзӣ чароғи донишу дод,
Ҳунаромӯзамон бошию устод».
Чу ин бишнид вахшур аз ҷаҳондор,
Бишуд дилшоду з-ӯ пазруфт гуфтор.
Дувон дар ростӣ савганд хӯрданд,
Ба паймон дасти ҳамдигар фишурданд.
Паямбар бо дуруду бо ситоиш
Ба шодӣ кард оташро ниёиш.
Ду дасти хеш сӯи осмон кард,
Сипос аз Кирдигори меҳрубон кард.
Бигуфт: «Эй шоҳ, нӯшо бодию шод,
Чунин боду чунинтар бод, то бод!»

## КАРДАИ 6. БА ДИНИ ХЕШ ДАРОВАРДАНИ ЗАРДУШТ КАЙ ВИШТОСПРО ВА КУШТӢ БАСТАНУ БО БОҶУ БАРСАМ ОТАШРО НИЁИШ КАРДАНИ Ӯ

Паямбар ирмагону донишомӯз
Ҳаме буд чун ба Кай Виштосп ҳар рӯз,
Ба орун дар дили Виштосп раҳ ёфт,
Чу Хуршед аз хирад ӯро ба сар тофт.
Ба-д-ин сон чанд рӯзе он ду бо ҳам
Ҳамебуданд ҳамдастону ҳамдам.
Дувон гаштанд чун бо ҳам ҳамоҳанг,
Ба доду дину дар фарзону фарҳанг,
Яке рӯзе паямбар бо ҷаҳондор
Чунин оғоз кард аз меҳр гуфтор,
Ки: «Эй боофарин шоҳи ҷаҳонгир,
Ба номи неку коми дил бижӣ дер!
Миҳин бунёдкоре, к-ин ҷаҳонро
Бидоду андар он бинҳод ҷонро,
Ниҳод ӯ ҳафт гунбад осмонро,
Замину Моҳу Хуру ахтаронро.
Ба доди ҷовидон гаштор фармуд,
Ҷаҳон дар риштаи ҳанҷор омуд.
Гиёҳи сабзу барвар урваронро

Ҳама Ӯ офариду дод ҷонро.
Равонбахше, ки виспон зинда з-Ӯянд,
Ҳама бо дасти Ӯ аз хок рӯянд.
Худованде, ки тахту гоҳ додат,
Ба бахту кому шоҳӣ раҳ кушодат.
Зи шоҳони ҷаҳонат баргузид Ӯ,
Бузургӣ доду пирӯзию нерӯ.
Тавоное, ки дар боду наму хок
Ниҳода ҷунбишангез оташи пок,
Маро сӯи ту бифристод бо дин,
Биомӯзам туро то доду ойин.
Маро назди ту Ӯ овард, эй шоҳ,
Намоям шаҳриёрӣ то туро роҳ.
Ҳам Ӯ пайғоми худ бар ман супорид,
Ба эру нер пайғамбар гуморид.
Зи шоҳони ҷаҳон Ҳарвиспогоҳ
Гузинат кард, эй пирӯзгар шоҳ.
Маро, эй шоҳи фаррух, андар ин рӯз
Бикардат раҳнамову донишомӯз.
Кунун бишнав ту аз ман, эй ҷаҳондор,
Паёми Эзади Ҳар-Висп-Додор.
Ба ҷон бипзираш, эй шоҳи хирадманд,
Ҳар он ч-овардамат аз Висп-Хованд.
Се чиз овардам аз менӯ раҳовард,
Диҳанда ҷону дору аз ҳама дард.
Нахуст ин «Панҷ ганҷи шоҳвор»-анд,
Нигористони чун хуррам баҳоранд.
Ҳама ганҷи хирад дар вай нуҳуфта-ст,
Сухан чун гавҳар андар вай бисуфта-ст.
Буванд он панҷ сар то сар ҳама панд,
Ту онро ёд гиру кор мебанд.
Аҳӯро дод фармон бар ман, эй шоҳ,
Ҷаҳон то созам аз дини биҳ огоҳ.
Бигуфт ӯ доду дониш парваридан,
Ба  фарзону хирад дин густаридан.
Бихону кор банд ин монтраспанд,
Ки монӣ зиндаву ҷовид хурсанд.
Раҳоварде дигар, к-овардамат ман,
Сутуда оташи пок асту равшан.

Яке оташгаҳе дар шаҳр бар пой
Намову барниҳ озар андар он ҷой.
Ба назди кох, дар боғи дилафрӯз,
Фурӯзон бошад он оташ шаборӯз.
Ба ширу ҳуму бо равған кунаш шод,
Намозаш ору аз Маздо бикун ёд.
Се дигар он будам фармони Яздон,
Ки: «Сарве пеши Кохи шоҳ биншон».
Бигӯ, биншонам он сарви сиҳиро,
Нишони рӯйиши дини биҳиро.
Давонад реша дар мағзи замин жарф,
Кашад сар сӯи боми шанги ишгарф.
Расад озодаву сабзу гашаншоҳ,
Ба перомун-ш соз он ҷо яке кох.
Пас он ҷо озаре афрӯз ҷовид,-
Нишони бурз-Меҳру з-они Хуршед.
Ҳудинону биҳон-ш оранд то рӯй,
Зи ҳар сӯи ҷаҳон оянд он сӯй.
Гузину пок дини маздаяснон
Биёбад густариш дар хоки Эрон.
Ба коми Эзаду амшоспандон
Бигардад ин ҷаҳони гирдгардон.
Ки кас дар гетию менӯ зияд шод,
Чунин боду чунинтар бод то бод!»
Бигуфт: «Эй чомапардози суханвар,
Наояд мардумонро бар ту бовар.
Кас аз ойини Ҷамшеду Фаредун
Чӣ гуна мешавад якбора берун?
Ба мағзу ҷону чашму дил дарун аст,
Сиришта меҳри он бо ҷону хун аст.
Ҳар он хӯе, ки дар хун рафт бо шир,
На бо теғаш тавон бурдан, на бо тир.
Ман он дини навинро гар пазирам,
Раҳи маздопарастиро бигирам,
Бигирам пеш дину кеши Зардушт,
Бигардонанд бар ман ҳамгинон пушт.
Шаванд Эрону Нерон душмани ман,
Дареғ аз ҷону фарзанду зани ман.
Муғон он гаҳ ситам созанду бедод,

Равад тахти каён аз бех барбод…»
Бигуфт: «Эй шоҳ, з-ойини ниёкон,
Нагуфтам, сар бипечу рӯй гардон.
Ба некӣ з-он бузургон кун ҳаме ёд,
Ба ясношон фурӯҳар кун ҳаме шод.
Ба некӣ номи пирони куҳан бар,
Чӣ вахшуру чӣ дастуру чӣ сарвар.
Ба некӣ бар зи мардони хирад ном,
Равоншон то ба менӯ бошад ором.
Ба гуфтан рост бошу дар куниш рост,
Биҳӣ андешу бош андар маниш рост.
Хирад бишмор волотар зи ҳар чиз,
Ба Маздо биграву бипзир дин низ,
Ба доду додварзӣ сарварӣ кун,
Ба некӣ кӯшу мардумпарварӣ кун.
Набошад бок, гар шоҳи хирадманд
Пазирад дини Яздони барозанд.
Шаҳаншаҳ дини навро гар пазирад,
Аҳӯромазд ӯро даст гирад.
Бувандаш Эзаду амшоспандон
Зи ҳар бад в-аз ҳама душман нигаҳбон.
Мадор, эй шоҳ, боке аз бадандеш,
Ки Маздо ёрманди мо бувад хеш.
Ба Маздо биграв акнун, эй хирадманд,
Ба варҷованду хушнон монтраспанд.
Ба вахшурону покон, к-ӯ фиристод,
Ба дастурону родон, к-ӯ ба мо дод.
Ба рӯзи Растахезу Пурд-Чинвад,
Ба подош аз биҳию кайфар аз бад.
Биҳонро хуррамию растагорӣ,
Бадонро дӯзаху андӯҳу хорӣ.
Ба ҳафт амшоспанди поки Яздон,
Фурӯғи рӯйи зебои ҷаҳонбон.
Ҳам андар он ду нерӯ, к-он ба гетист,
Яке нерӯи бад, дигар-ш некист.
Миёншон нест ҳаргиз ошноӣ,
Яке торику дигар рӯшноӣ.
Ҳамисторанду пайваста ба коранд,
Ҳамора ҳарду бо ҳам разм доранд.

Сипанто-ман-ш ину Аҳриман-ш он,
Яке марг оварад, дигар диҳад ҷон.
Бишав хасту, ки некӣ ҷовидонист,
Ашо ҳанҷори роҳи зиндагонист.
Фурӯҳарҳои бас арзандаву пок,
Тиҳӣ з-олоишу озода аз ок,
Ҳамеша пойдору ҷовидонанд,
Нигаҳдоранда ҷони зиндагонанд.
Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор
Забону дасту дилро пок медор.
Гар ин се боз дорӣ аз гуноҳон,
Зи ҳар патёра хоҳӣ раст осон.
Биҳӣ хоҳу биҳӣ гӯю биҳӣ кун,
Ба доду ростӣ шоҳаншаҳӣ кун.
Забонро рост дору дасту дил рост,
Бипарҳез аз дурӯғу аз кажу кост».
Бигуфт: «Эй монтрони тозагуфтор,
Шигифтангез соз ин ҷо яке кор.
Киҳу миҳ то биорад бар ту бовар,
Ки ҳастӣ ростин вахшури Гаргар.
Фурӯ рав дар дами сӯзанда оташ,
Таносон з-он бурун о чун Сиёваш.
Ва ё кун мурдаеро зинда аз гӯр,
Ва ё диҳ биниш андар дидаи кӯр.
Чу дасти кори Додори Тавоно
Ба чашми хеш бинад пиру барно,
Кунандат бовар, эй вахшури биҳдин,
Пазиранд аз ту маздояснӣ ойин».
Бигуфт: «Эй подшоҳи додгустар,
Ба доду ростӣ бинҳода афсар,
Хирадро раҳнамун дон дар ҳама кор,
Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор,
Ҳар он ч-ат бо хирад ояд баробар,
Ҳамонро рост дону соз бовар.
Нишон аз ҳастии Маздост бисёр,
Касе бинад, ки дорад мағзи бедор.
Нигаҳ кун ин замину осмонро,
Ҳам он Хуршеду Моҳу ахтаронро,
Бубин, к-он ҳар якеро вижа хӯест,

Раванда ҳар як аз сӯе ба сӯест.
Зи тобу аз фурӯғу рӯшноӣ,
Бичӯ бар Меҳр роҳи ошноӣ.
Нигар бар гардиши солу маҳу рӯз,
Гиёҳон зинда гаштан бин ба Наврӯз.
Нигаҳ кун бар дарахтону гиёҳон,
Ба ҳар як барг хонӣ рози пинҳон.
Нигар, дасти Хирад он ҷост пайдо,
Нишони ҳастии Додор - Маздо.
Ҳам ин «Готон», ки мехонам-ш бар ту,
Гувоҳи биҳтар аст аз будиши ӯ.
Шигифтангезтар з-инон магар боз
Ба гетӣ ҳаст, эй шоҳи сарафроз?»
Чу шоҳи Балх ин гуфтор бишнуд,
Зи дил занги гумонро пок биздуд.
Ҳама дарёфт чун мағзи суханро,
Бикушт андар дили худ Аҳриманро.
Ба дени ростини зардуҳуштӣ
Камар баст он гаҳ ӯ, ҳасту, ба куштӣ.
Гирифт ӯ боҷу андар мушт барсам,
Ба назди озарон биншаст хуррам.
Бигуфт: «Эй бор, Додори Гарогар,
Сипосу офарин бодот бемар!
Худованди Хирад, бахшандаи ҷон,
Падидорандаи ҳастону будон.
Бикун равшан дилу андешаи мо,
Кушоиш деҳ ба кору пешаи мо.
Ҷаҳонпарвардигоро, Ҷовидоно,
Авахшидору наҳмар меҳрбоно!
Ба ду дасти ниёз оем сӯят,
Ба ёрӣ бо намоз орем рӯят.
Ба мо бинмой роҳи ростиро,
Раҳоӣ аз кажию костиро.
Ба ойини биҳӣ, кеши Аҳӯро
Ба сӯи растагорӣ бар ту моро.
Худоё, гар зи ман зад сар гуноҳе,
Надониста ва ё донista гоҳе,
Агар бад кардаму будам базаҳкор,
Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор,

Танӣ буд он гуноҳон, ё равонӣ,
В-агар гетӣ буд он, ё менувонӣ,
Патат ҳастам ман аз карда пашемон,
Худовандо, биёмурз он гуноҳон.
Ба се гуфтан пашемонам зи ҳар бад,
Ки аз ман дар ҳар ойин кор сар зад.
Кунун хасту шудам ман баста куштӣ,
Ки маздояснӣ астам - зардуҳуштӣ.
Аҳӯрокешаму аз дев безор,
Ба бадкеш Аҳриман ҳастам ҳамистор.
Манашниву кунашниву гавашнӣ,
Дар ин се раҳ гузидам маздаяснӣ.
Ба дастурии Зардушти паямбар
Камар бастам ба фармони ту, Гаргар.
Сипосу афтадисто он Худоро,
Ки чун Зардушт раҳбар дод Моро.
Чу бо Хуршед кардам ошноӣ
Фиканд андар дилу ҷон рӯшноӣ.
Пазируфтам ман акнун дини Зардушт,
Аҳӯрадода биҳ-ойини Зардушт.
Ба Хуршеду ба Моҳу Тир савганд,
Ки ҳаргиз нагсилам з-ин кеш пайванд.
Ман ин тухми биҳӣ чошам аз ин пас,
Ба дилҳо дони некӣ пошаму бас.
Ҳудинӣ дар ҷаҳон бипроканам ман,
Дар он доду хирадро оганам ман.
Ба некӣ ин ҷаҳон обод дорам,
Ба гетӣ тухми дину дод корам.
Ҳамеша бо бадӣ бошам ба пайкор,
Ҷаҳонро вижа дорам то зи бадкор…»
Чу ин диданд аз Кай дарпарастон,
Миҳону вижагону сарпарастон,
Ба ҳам гуфтанд, к-«Аз дини Фаредун
Бишуд имрӯз шоҳи Балх берун.
Ба гуфти марди дарвеше фусунсоз
Бигашт аз дини худ шоҳи сарафроз.
Пагаҳ з-ин мардум ар гарданд огоҳ,
Ба хашм оянду ҷанг оранд бо шоҳ.
Чу шоҳони ҷаҳон онро бидонанд,

Сипоҳи хеш бар Эрон биронанд.
Зи ҳам ҷӯянд разму шаҳри Эрон
Саросар гардад аз офанд вайрон.
Равад тахти каён аз даст барбод,
Ҷаҳон пур гардад аз Нерон ба бедод.
Сар ояд рӯзгори ҷамнижодон,
Шавад нобуд дини пещдодон.

## КАРДАИ 7. ДАРМОН БАХШИДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ БА БАРОДАРИ КАЙ ВИШТОСП-ЗАРИВАРРО, КИ ДАМИ МАРГ БУД

Ба Балх андар шаҳаншаҳро бародар
Яке буд, номи он фаррух Заривар.
Дилере гурд буд гоҳи ҷавонӣ,
Дилаш лабрези меҳри зиндагонӣ.
Фигандӣ шери нарро бо сари даст,
Бикардӣ кӯҳро аз як задан паст.
Кунун ӯ пир буд уфтода аз пой,
Бирафта зӯру ҳангу монда бар ҷой.
Шуда бемору зору хаста он пир
Низору хору дилрешу замингир
Зи дарду ранҷ тан борик гашта,
Ҷаҳон дар чашми ӯ торик гашта.
Дараш мекӯфт деви марг ҳар дам,
Ки: «Бозӣ дер бо ҷони ту кардам.
Нигар, чун нотавонат кардаму суст,
Фиристодам насӯ, то кардамат муст!»
Зи ҳар сӯ гирд гаштандаш пизишкон,
Биҷӯён дарди ӯро нек дармон.
Хирадмандони афсункору ҷоду
Надиданд аз чунон як дард дору.
Басе карданд пирон чора бар вай,
Накардӣ ҳеҷ дору кора дар вай,
Бузургону миҳони донишалфанҷ
Басе бурданд дар дармони ӯ ранҷ.
Фурӯ монданд доноён ба-д-он дард,
Ба-д-он сон хирагӣ дар кори он мард.
Ашӯ Зардуштро гуфтанд он гоҳ,

Ки: «Гар ҳастӣ пизишки донишогоҳ,
Яке ин ҷо сипаҳдорест бемор,
Биё, боре, бубин з-он пир дидор.
Чунон бемор биҳ кардан тавонӣ,
Агар вахшуру донои ҷаҳонӣ?!»
Ҳамон гаҳ хест аз ҷояш паямбар,
Биомад назди болини Заривар.
Ба бистар дид пире хаста дар хоб,
Зи сӯзи дард дар печу табу тоб.
Сараш беҳушу тан буд гашта бетӯш,
Ки нӯшаш заҳру заҳраш гашта чун нӯш.
Ҳаменолиду меларзид чун бед,
Зи ширин ҷони худ буд гашта навмед.
Бигуфт: «Эй дӯстон, дардаш равонист,
Ба мағз-андар-ш андӯҳе ниҳонист.
Агар бар дини Маздо бигравад ӯ,
Танаш гардад дурусту биҳ шавад ӯ».
Сипас бархонд бар вай мотраспанд,
Зи варҷованд «Готон» порае чанд.
Зи мораспанди варҷованд бемор
Равон дар тан дамиду гашт ҳушёр.
Кушод ӯ дидагону дид: - Вахшур
Фурӯғ аз рух ҳаме афканд чун Хур.
Бигуфто: «Эй пизишки монтрохон,
Ки дар тан мурдагонро медамӣ ҷон,
Шунидам чун суруди дилкаши ту,
Шудам ман зинда з-овози хуши ту.
Дарахти ҷони ман хушку хазон буд,
Ба он-дар боди марг ин дам вазон буд.
Гиёҳи хушки ҷонро об додӣ,
Ки оби Тиштарӣ ё рӯди Додӣ?
Биё, бозам ба сар гавҳар чу борон
Фурӯ резам чу абри навбаҳорон».
Паёми Восноро бори дигар
Паямбар хонд бар гӯши Заривар.
Чу он бишнид, аз тан рафт сустӣ-ш,
Гароиш кард ҷон сӯи дурустӣ-ш.
Бигуфташ: «Эй пизишки ҷони бемор,
Дамидӣ ҷон маро дар ҷони афгор.

Ту кистӣ, ном-т чисту аз куҷой?
Ки аз дарди бадам додӣ раҳой.
Фикандӣ равшанӣ чун дар дили ман ,
Гули уммед киштӣ дар гили ман».
Паямбар гуфт: «Зардуштам бувад ном,
Ки овардастам аз Маздо-т пайғом.
Намоям бар ту роҳи фарраҳиро,
Аҳӯродода ойини биҳиро.
Агар кеши аҳӯрой пазирӣ,
Раҳи маздопарастиро бигирӣ,
Ба ойини некӯӣ биграві ту,
Ба дини ростӣ хасту шавӣ ту,
Танат гардад дурусту биҳ шавад ҷон-т,
Бигарданд ардамон бар дард дармон-т.
Ҳама панд аст пайғоми Худованд,
Ба дил бипзиру бо ҷон кор мебанд.
Дили пират аз он ёбад ҷавонӣ,
Ба коми дил гузорӣ зиндагонӣ.
Дамад нерӯ ба мағз андар тану ҷон-т,
Расад биҳрӯзӣ аз Додори кайҳон-т».
Заривар гуфт: «Эй донандаи роз,
Маро огоҳ з-ойини биҳӣ соз.
Фурӯ уфтода дар торик чоҳам,
Ки сӯи рӯшноӣ нест роҳам.
Бидиҳ з-ин чоҳи торикам раҳой,
Бурунам ор сӯи рӯшноӣ.
Чу як гумроҳ дар тафси биёбон
Тапон аз ташнагӣ кандам басе ҷон,
Чу абре чакра дар комам чакидӣ,
Гиёҳи хушки ҷонро ҷон дамидӣ.
Суруди ҷонфизоятро, биё, боз
Ба гӯши ҷони беморам биандоз».
Зариварро ашӯ Зардушт он гоҳ
Зи доду дини Маздо сохт огоҳ.
Зи андарзи паямбар шуд дилаш нарм,
Ба кору зиндагӣ он пир шуд гарм.
Бигуфт: «Эй монтрони тозагуфтор,
Ки овардӣ паём аз пок Додор,
Ман аз фарҷоми кори хеш дилсард

Будам бемор дар бистар рухон зард.
Зи Деви Марг рӯзу шаб будам бим,
Зи Деви Ноумедӣ буд ба дил хим.
Зи бими марг яксар буд рухам зард,
Зи навмедӣ дилам буд аз ҷаҳон сард.
Ту бо пайғоми Маздо чун расидӣ,
Ба тан ҷону ба дил гармӣ дамидӣ.
В-аз ин пас ман зи банди дев растам,
Ба рӯзи хуррамӣ уммед бастам.
Паёми Довари Равшан шунидам,
Ба дини поку равшан бигравидам.
Агар ман зинда монам з-ин пас, эй ёр,
Насозам дар ҷаҳон ҷуз некувӣ кор.
В-агар мирам, ҳаме дилшод мирам,
Ки пас аз марг бошӣ дастгирам.
Ба уммеде, ки Фаршӯгарди фардо
Бихезам шоду хушдил пеши Маздо.
Кунад ӯ ҷойгоҳ андар биҳиштам,
Ки ман ҷуз тухми некӯйӣ накиштам».
Паямбар гуфт: «З-ин пас, эй бародар,
Ту рӯз аз рӯз хоҳӣ гашт биҳтар.
Туро мебояд аз рӯзи нахустин
Ба ҷо овардани ойини биҳ дин».
В-аз он пас он сипаҳдори накӯном
Биҳӣ варзиду бархӣ рӯз то шом.
Ба дастуру ба фармони паямбар
Тану ҷон гашт рӯз аз рӯз биҳтар.
Ба андак рӯз, чун динро пазируфт,
Рухонаш чун гул аз Наврӯз бишкуфт.
Ба ӯ баргашт нерӯи ҷавонӣ,
Зи нав дил баст ӯ бар зиндагонӣ...
Ҳама биҳ гашту чун шери сарафроз
Зи нав баргашт бар эронсипаҳ боз.

## КАРДАИ 8. БА КЕШИ МАЗДОПАРАСТӢ ДАРОМАДАНИ ДАРБОРИЁН

Бузургону сарони Балхи Бомӣ,
Миҳону роду фармондору номӣ,

Чу диданд он шигифтӣ бо Заривар,
Гароиданд бар дини паямбар.
Ҳамон дастури донишёр Ҷомосп
Дабири пешкори шоҳ Виштосп,
Ҳутӯса -  он миҳин бонуи Кайшоҳ,
Чунон чун руста гул по то сари моҳ,
Гуво гаштанду пазруфтанд динро,
Гузида кеши поку ростинро.
Парасторони шоҳу домдорон,
Ҳам он холигарону барзакорон,
Ба боҷу барсам он гаҳ пеши оташ
Ҳама бастанд кproperштӣ бо дили хуш.
«Биҳӣ, -гуфтанд,- з-ин пас пеша созем,
Зи биҳ гӯему биҳ андеша созем.
Ба панду гуфти пайғамбар нигӯшем,
Ба ободию кори нек кӯшем.
Хирадро пос дорему парастем,
К-аҳӯрокешу маздоясн ҳастем.
Набард орем бо торик паркон,
Ба дониш рӯй орему ба фарзон.
Ҷаҳонро пок созем аз ситамгар,
Зи девону дурӯҷону харастар.
Кунем обод девору дари хеш,
Диҳу рустову шаҳру кишвари хеш…»

## ФАРГАРДИ 3. ОМӮХТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ МАРДУМОНРО ДИНИ БИҲӢ

## КАРДАИ 1. ОТАШРО ФУРӮЗОН ДОШТАН

Ашӯ Зардушт чун дар Балхи Бомӣ
Бишуд аз бас барӯманду гиромӣ,
Шаҳ ӯро меҳрубонӣ карду бинвохт,
Ба худ раҳбар гузиду сар барафрохт.
Ба базму разму суру сӯг вахшур,
Ба шоҳу вежагон-ш омӯхт Дастур.
Ҳунар омӯхтшону донишу дод,
Хирад парвардану диҳ кардан обод.
Раҳи озодагиву растагорӣ,

Набарди роҳи бахту комгорӣ.
Ба дастури паямбар шоҳи биҳдин
Ба Эрон сохт оташгоҳ чандин.
Дари фарзону дину донишу дод
Ба рӯйи марду зан Зардушт бикшод.
Фурӯзон дошт оташро шабу рӯз,
Буд он ҷо мардумонро донишомӯз.
Бигуфт: «Оташ, ки ҷони ин ҷаҳон аст,
Фурӯғи Ҷовидони Бекарон аст.
Парасторӣ кунеду пок доред,
Ба боҷу барсам онро зӯ(ҳ)р оред.
Ҳамеша зинда дореду фурӯзон,
Биафрандеду бошедаш нигаҳбон.
Нишон аз донишу дод аст оташ,
Аз он рӯ равшану пок асту дилкаш.
Чароғи донишу доду хирадро
Нигаҳ доред равшан дар ҳама ҷо.
Хирад он оташи равшан ба роҳ аст,
Вагарна ин ҷаҳон торик чоҳ аст.
Ба рӯзе панҷ бор оташ фурӯзед,
Ба оташ-зӯ(ҳ)р хушбӯйӣ бисӯзед.
Аҳуропур оташро парастед,
Агар неку аҳӯрокеш ҳастед.
Аҳӯрочехр оташро ситоед,
Ба шаҳри рӯшноӣ раҳ кушоед,
Намоз оред бар Маздо Аҳӯро,
Ба ёрӣ рӯзу шаб хонед ӯро,
Ба Маздо розҳои хеш гӯед,
Ниёзи хеш танҳо з-ӯ биҷӯед.
Чароғи доду донишро фурӯзон
Бидоред аз барои пок Яздон.
Худованди хирад - Маздо Аҳӯро
Чу ҷон дар ин ҷаҳон бинҳода ӯро.
Ҷаҳон ҷунбандаву гарданда аз ӯст,
Ҳама пармуда ин ҷо зинда аз ӯст.
Зи бахри ростӣ созед пайкор,
Ҳамеша некувӣ ҷӯед дар кор.
Биҳӣ варзеду биҳ андеша созед,
Биҳӣ кӯшеду некӣ пеша созед.

Биомӯзед гетӣ кардан обод,
Зи банди деви паркон будан озод.
Парастед оташи поки Худоро,
Нишони рӯйи поки Восноро,
Фурӯғи чеҳраи Маздо Аҳӯрост,
Ҳам аз вай дидагони Меҳр биност.
Ба гетӣ ҳар чӣ ҳаст, он зинда бо ӯст,
Чаман сабзанда, гул дар ханда бо ӯст...

## КАРДАИ 2. ҲОВАНГОҲ ВА ПАЙКОР БАҲРИ ОБОДИИ ДЕҲ

Барояд чун ба ҳовангоҳ Хуршед,
Шавад боми ҷаҳон чун шир испед,
Ба хушнудийи Маздо, бо ситоиш,
Худои покро баҳри ниёиш,-
Ба покийи дилу дасту тану ҷон,
Ба назди оташи поки фурӯзон,-
Ҳамон ойини ҳум оред бар ҷой,
Хуҷаста Ҳованӣ доред барпой.
Парастед он ради ҳовангаҳонро,
Худои ростини ростонро.
Ки андар коргоҳи гоҳи Ҳован
Сари кор аст дасту чашм равшан,
Бибошед аз пайи кору парастиш,
Ба хушнудию яснову ситоиш,
Ба он, к-ӯ русторо парваранда-ст,
Фузуниву фаровонӣ диҳанда-ст.
Раде, к-осудаву ободу хуррам
Бидорад висаро бо меҳр ҳар дам.
Ашои ростони ростинро,
Ради боофарину биҳгузинро,
Чароғи равшани роҳи биҳиро,
Фурӯғи бомгоҳи фарраҳиро.
В-аз он пас шоҳу дарвешу киҳу миҳ
Бикӯшанд аз пайи ободии диҳ.
Биёранд обу дар хоки барӯманд
Дарахтон парваранду тухм пошанд.
Шукуфон боғҳо созанд бунёд,

Диҳу виса ҳама доранд обод.
Шумори аспу гову уштуру меш
Бигардад сол то сол аз чаро беш.
Зи нозу ганҷу нону дон фаровон
Бувад пайваста рӯйи хони диҳгон.
Ситоиш мар Худои Ҳованиро,
Ниёиш кирдигори равшаниро,
Ки ҳаст ӯ Воснову Висп-огоҳ,
Ҷаҳонафрӯзу Дилсӯзу Накӯхоҳ.
Фурӯғи Меҳр, к-аз рӯйи Аҳӯрост,
Ҳазорон гӯшу бевар чашм ӯрост,
Зи дил-т ар бигзарад гуфтору кирдор,
Ҳама ӯ бинаду бошад шунидор.
Ниҳону ошкоро Ӯст доно,
Дили сангу раги ҷонрост бино...»

## КАРДАИ 3. РАБИҲВИНГОҲ ГУЗОРИДАН ВА КӮШИШ БАҲРИ ОБОДИИ ШАҲРҲО

Чунин фармуд Зардушти Спитом
Биҳонро андар он пуршӯр ҳангом:
«Ба ними рӯз чун Хуршед шуд рост,
Зи рӯяш гунбади нилӣ биорост,
Ҳудинон боз гирди оташ оянд,
Худованди Рабиҳвинро ситоянд.
Маниш поку куниш поку забон пок,
Дилу андешаву ҷону равон пок,
Дигар бор аз Аҳӯро ёд оранд,
Ба оташ арҷ бар Зантум гузоранд.
Намоз оранд Зантумро, ки бар шаҳр
Шукуфоиву ободӣ диҳад баҳр.
Ба-д-он гаҳ бо дилу андешаи нек
Биҳӣ варзанду кору пешаи нек.
Бузургу хурд - биҳдин шоҳу дарвеш
Бигирад кори неку биҳ куниш пеш.
Бисозад хонаву коху раҳу пул,
Бикорад тухму дони урвару гул.
Бисозад бораву симҷу канад ҷӯй,
Кушояд конҳои оҳану рӯй.

Аюхшуст андар оташ то гудозад,
Кананду путку досу теша созад.
Бузургу хурд дар он шаҳри хуррам
Шукӯҳу фаррахӣ орад фароҳам.
Гадову шоҳу дарвешу тавонгар
Ба дину доварӣ бошад баробар.
Ба куштӣ ҳар кӣ бар некӣ камар баст,
Ба кори нек рӯзу шаб занад даст.
Шавад з-ин роҳ то хушнуд Зантум,
Зияд осудаву дилшод мардум.»

## КАРДАИ 4. УЗЕРИНГОҲ ВА ПАЙКОР ДАР РОҲИ ОБОДИИ КИШВАР

Ба Кай Виштосп-шоҳи додгустар
Чунин фармуд Зардушти паямбар,
Ки: «Чун бигзашт ҳангоми Рабиҳвин,
Бипардозанд дар кори Узерин.
Ба ҳангоме ки Меҳри гетиафрӯз
Ба боми Бохтар зад чодари рӯз,
Бузургу хурд назди оташ оянд,
Худованди Узеринро ситоянд.
Ба мораспанду ҳуми поки ширин
Ниёзи хеш хоҳанд аз Узерин,
Ки ҳаст он ростиро рост сарвар,
Нигаҳбону фузунибахши кишвар.
Ҷавону пири кишвар шоҳу дарвеш
Кунад обод шаҳру кишвари хеш.
Кунад пайкору кӯшиш баҳри кишвар,
Бихоҳад бахту пирӯзӣ зи Гаргар,
Ки бошад хурраму сарсабзу обод,
Биҳон он ҷо зиянд озоду дилшод.
Биҳӣ андешаду некӣ ҳамеша,
Бибошад росткору ростпеша.
Ба доду ростӣ кӯшад киҳу миҳ,
Ҷаҳонро дорад аз доду диҳиш биҳ.
Бикӯшад, то ба кишвар оварад суд,
Аҳӯро з-ӯ бувад ҳамвора хушнуд...»

## КАРДАИ 5. ЭБИСРУСРИМГОҲ - ГОҲИ ПАЙКОР БАҲРИ ХУРРАМИИ ХОНАВОДА

Чунин фармуд вахшури дилогоҳ
Барӯшонро ба ҳангоми шабонгоҳ:
Ба шаб чун рехт Хуршеди ҷаҳонтоб
Ба ҷоми ложвардӣ бодаи ноб,
Биҳон бо божу барсам назди озар
Фаро хоҳанд коми дил зи Гаргар.
Ба Эвисрусрим биҳтар ниёиш
Кунанду нек созандаш ситоиш.
Фурӯзанд оташи Эвисрусрим
Зи гоҳи шом то шаб чун шавад ним,
Ки ҳаст он зиндагониро нигаҳдор,
Ба хуррам зистан дар кору темор.
Расад оромишу осудагӣ з-ӯй,
Бигардад хурраму хуш зиндагӣ з-ӯй.
Кунад ӯ рӯзбиҳ зардуштиёнро,
Биҳону поку бастакуштиёнро.
Киҳу миҳ бо дилу андешаи нек
Бигирад пеш кору пешаи нек.
Бикӯшад дар раҳи ободкорӣ,
Пайи хушрӯзию хушрӯзгорӣ.
Бибандад кор дастури паямбар,
Бихоҳад рӯзгори хуш зи Гаргар.
Зи деву дузду ҳар бедодванде
Варистонро наояд то газанде...»

## КАРДАИ 6. ӮШАҲИНГОҲ - НАМОЗИ БОМДОД ВА ПАЙКОР АЗ БАРОИ ОБОД КАРДАНИ ХОНАҲО ВА ХУШИВУ ХУРРАМӢ ДАР ОНҲО

Чунин фармуд пайғамбар ба Кайшоҳ,
Бикардан кор андар Ӯшаҳингоҳ:
«Чу ними шаб бирафту ними дигар
Биомад, то даме Хуршед зад сар.
Ба мино ҳум гӯйӣ рехт Хуршед,
Ки ҷоми ложвардӣ гашт испед.
Фурӯғи Ӯшаҳини поку равшан

Ҷаҳонро боз ҷон бахшид дар тан,
Ашӯвони аҳӯрокеши биҳдин
Бибанданд оташ андар кӯй озин.
Ба барсам рӯ ба рӯйи пок оташ
Фурӯзону гузину поку дилкаш,
Ситоянд Ӯшаҳини рӯшноро,
Фурӯғи рӯйи поки Восноро.
Дилу дасту забон аз бад бишӯянд,
Ба покӣ роз бо Маздо бигӯянд.
Сазанда зӯ(ҳ)р бар оташ биёранд,
Намози Ӯшаҳингаҳро гузоранд,
Ба кори нек аз Якто Худованд
Хушиву хонаободӣ бихоҳанд.
Ба ҷуз покӣ напурсанд аз ҷаҳондор,
Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор.
Парастанд он ки дорад хона обод,
Ради хуррамгари равшандилу род.
Киҳу миҳ созад андар дил сиголиш
Барои хонаҳо биҳбуду болиш.
Шукӯҳу равнақу рӯзӣ фаровон
Барои хонадон аз пок Яздон.
Ҳумоюн хоҷаи бодонишу дод
Бидорад хонаҳо аз меҳр обод,
Бикӯшад баҳри биҳтар зиндагонӣ,
Барад то бар сар андар шодмонӣ.
Аз ӯ хушнуд бошад пок Додор,
Зи ҳар гуна бадаш бошад нигаҳдор.
Ба гоҳи Ӯшаҳин бархез аз хоб,
Ба кардан хонадон обод биштоб!...»

## КАРДАИ 7. ЙАТО АҲӮ - ГУЗИН КАРДАНИ САРВАРИ ХИРАДМАНД ВА РОСТИН

Дар он ҳангом дар ҳар кӯю барзан
Дар Эроншаҳр пур буд дузду раҳзан.
Ба роҳу рӯй сар то сар ба кишвар
Пайи тороҷ буд дузди ситамгар.
Ҳамедун раҳбарону пешвоён
Ситам карданд бар ҷони дупоён.

Ҳаме хӯрданд хуни пиру барно,
Гаронони забардасту тавоно.
Ба роҳи бад бибурданд аз паси хеш
Киҳу миҳро сарони аҳриманкеш.
Ба фармони Худо он гоҳ вахшур
Ба мардум дод панду хонд дастур,
Ки то бидҳад варистонро раҳоӣ
Зи торикӣ ба сӯи рӯшноӣ.
Чунин фармуд пайғамбар дар ин роҳ,
Ки: «Ин ойин бичошад дар ҷаҳон шоҳ:
Чунон чун он Худо пок асту доност,
Ба-д-он сон сарваре бояд раде рост. -
Гузидан раҳбаре бояд хирадманд,
Сазои гоҳу бо фарри Худованд.
Ба доду донишу хубӣ яке рад,
Шиносад рост аз каж, нек аз бад.
Раде, к-аз биҳ маниш тухми биҳӣ кошт,
Биҳӣ кард, аз Ашо ӯ баҳра бардошт.
Ба некӣ он ки бар Хуршед раҳ ёфт,
Фурӯғи ростӣ дар ҷони ӯ тофт.
Ашӯву некхоҳу ростпаймон
Ба Маздо роҳҷӯю некфармон.
Ҷавонмарду зи дарвешон ба темор,
Ки бо доду диҳиш ҳасту накӯкор.
Ҳамон марде, ки дар роҳи Аҳӯро
Бувад солор мардони ашӯро.
Бибандад роҳ бар duздию тороҷ,
Ниҳода аз накӯӣ бар сараш тоҷ...
Ки мардумро барад ӯ аз паси хеш.
Ба роҳи ростию доду дин пеш...»
Гузидан сарваре бояд дилогоҳ,
Накӯварзу накӯгӯю накӯхоҳ.
Ки бошад додварзу додгустар,
Хирадманду ашӯву додпарвар...

## КАРДАИ 8. АШАМ-ВУҲӮ, ҶУСТАНИ АШО, РОСТӢ. БИҲӢ КАРДАН ВА РОСТ БУДАН

Чунин фармуд Зардушти Спитом

Барӯшонро дар он пуршӯр ҳангом,
Ки: «Дар пиндору дар кирдору гуфтор
Зи баҳри ростӣ созед пайкор.
Дилу андешаву кору сухан рост
Бидореду ҳамеша ҷону тан рост.
Гузинед аз дурӯғу дев дурӣ,
Маҷӯед аз бадон ҳаргиз парӯрӣ.
Биҷӯед аз раҳи некӣ Ашоро,
Фурӯғи рӯйи хуршеди Худоро.
Бихоҳед аз раҳи дониш аз Ӯ бахт,
Зи роҳи дод ҷӯед афсару тахт.
Биҳӣ варзеду якраҳ рост гӯед,
Ба некӣ сӯи Гаргар роҳ пӯед.
Ашои биҳтарин некист, боре,
К-аз он хушбахтӣ асту растагорӣ.
Накӯӣ роҳ сӯи некбахтист,
Ба Ушто ҷуз накӯӣ раҳ дигар нест.
Биҳишт аст он касеро, к-ӯ Ашоро
Биҷусту бурд фармони Худоро,
Зи баҳри ростии биҳтарин кор,
Бикарду дар накӯӣ сохт пайкор».

## КАРДАИ 9. ДОДУ ХИРАД ВА ДОНИШ ОМӮХТАН ВА ГАВҲАРИ ФАРЗОНУ ФАРҲАНГ ВА ГАНҶИ ЧИСТО АНДӮХТАН

Ба некон ҳамчунин фармуд вахшур,
Хирад доранд дар ҳар кор дастур:
«Гар аз роҳи хирад берун ниҳӣ гом,
Ба дӯзах дар шавӣ навмеду ноком.
Зи дарёи хирад шаҳвор гавҳар
Биҷӯю ганҷи Чисто з-он бурун бар.
Ҳунар омӯзу бо гуфтори вахшур
Хирад алфанч аз гаҳвора то гӯр.
Чароғи донишу фарҳангу фарзон
Ҳамеша дор чун оташ фурӯзон.
Ки аз Чисто бибинӣ рӯйи Баҳман,
Ба кирдори фурӯғи Шед равшан.
Расонад ӯ-т бар Хурдоду Мурдод,

Ба менӯ ҷовидон монӣ ту дилшод.
Ба гетӣ аз хирад бошӣ ту пирӯз,
Зийӣ бо бахти неку шоду биҳрӯз.
Хирадро дор дар ҳар кор дастур,
Ки дорад онат аз ҳар гуна бад дур.
Худованди Хирадро кун ситоиш,
В-аз Ӯ мехоҳ ёриву кушоиш.

## ФАРГАРДИ 4. НИҲОДАНИ КАЙ ВИШТОСП ОЗАР-БУРЗИН-МЕҲРРО ДАР БАЛХ ВА НИШОНДАНИ Ӯ САРВИ КИШМАРРО ВА ДИНИ МАЗДОЯСНИРО ГУСТАРИШ ДОДАНИ Ӯ

### КАРДАИ 1. ОЗАР-БУРЗИН-МЕҲР

Ба ҳовангоҳ чун Хуршеди тобон
Фурӯзон гашт бар боми Хуросон,
Миёнро баста бо куштӣ шаҳаншоҳ
Нишаста бо каёнӣ тоҷ бар гоҳ,
Ба дил мегуфт: «З-ин пас парварам дин,
Ба гетӣ чошам ин фархунда ойин».
Ашӯ Зардуштро гуфт: «Эй паямбар,
Ҳамон се чиз, к-аш гуфтӣ, биёвар.
Нахуст он оташ андар гоҳ монам,
Дигар он сарв назди он нишонам,
Се дигар поку варҷованд «Готон»
Ба ҳар сӯи ҷаҳон созам парешон,
Ки то маздопарасти рост бошам,
Ба гетӣ тухми дини биҳ бичошам».
Пас он ҷо сохт оташгоҳ бунёд,
Ба-д-он ҷо озари исфанд бинҳод.
Бигуфт: «Ин оташи меҳри Аҳӯрост,
Нишони меҳри бурзин мар Худорост.
Нишон аз покию некусириштӣ
Бувад ин оташи поки биҳиштӣ».
Варо бинҳод «Озар-Меҳр-Бурзин»
Ба ном он шоҳ бо вахшури биҳ дин.
Сипас фармуд, то гирдаш бигаштанд,
Ба оташ-зӯ(ҳ)р бо меҳраш бияштанд.

## КАРДАИ 2. НИШОНДАНИ ВИШТОСП САРВИ КИШМАРРО БО ЗАРДУШТ НАЗДИ ОЗАР-БУРЗИН-МЕҲР

Ба назди шоҳу вахшури хирадманд
Бузургону миҳон чун гирд гаштанд,
Бифармуд он гавонро шоҳ Виштосп,
Пашӯтан, вижа, бо фарзона Ҷомосп:
«Ниҳоле, к-аз биҳишт овард вахшур,
Ки Маздо дода бар киштан-ш дастур,
Яке озодсарве сабзу дилкаш,
Ки фармудаш нишонам назди оташ,
Равед, оред он сарви сиҳиро,
Нишони сабзиши дини биҳиро.
Кашад то сар ба чарху реша дар хок
Дарахти дини маздояснии пок.
Ҳудинон оварандаш бо язиш рӯй,
Пиёда сӯи он урвар зи ҳар сӯй.
Чу бехаш пахн гашту шуд гашан шоҳ,
Ба гирдаш созам арванда яке Кох.
Биҳонро якдилу якҷон кунад он,
Ба ҳам наздику ҳамдастон кунад он.
Ба оташ-зӯ(ҳ)ру бо боҷу ба барсам
Ҳамасола чу гирд оянд бо ҳам,
Бидорад ҳамдилу ҳамсон, ки эшон,
Ҷудо аз ҳам набошанду парешон.
Ба танҳоӣ набошад мард биҳрӯз,
Ҳунаромӯзу корогоҳу пирӯз».
Биоварданд пас он сарвбунро
Ниҳоли сабзи гӯянда сахунро.
Ба-д-он ҷо назди Бурзин-Меҳр-Озар
Ба дасти хеш биншондаш паямбар.
Бигуфт: «Ин ҷойгоҳи ҳамчу менӯ
Або ин оташу ин сарви дилҷӯ
Ҳамеша поку варҷованд доред,
Ба арҷу ному бо авранд доред.
Набоназдиштгону пӯрдкешон
Зи ҷудшаҳрону ҳамшаҳрону хешон,

Ҳама маздопарастон то тавонанд
Ба-д-он аз ҳафт кишвар рӯй монанд.
Зи ҳар сӯ гирд оянд аз бари он
Ба покийи дилу дасту тану ҷон.
Ҳама Зардуштиёни бастакуштӣ
Бишуста даст аз зишту дурудштӣ.
Ба гирди Сарви Кишмар бо ҳам оянд,
Парастанд оташи поки Худованд.
Ҳар он к-ӯ дорад ин оташ фурӯзон,
Ба ӯ рӯзӣ диҳад Маздо фаровон.
Ҳар он к-ӯ пок оташ парвариш кард,
Аҳӯро нек подош он куниш кард.
Касе, к-ӯ пок оташро биёлуд,
Ба фардо ҷой дӯзах хоҳадаш буд.
Баҳорон ҳар кӣ биншонад дарахтон,
Кунад Эзад варо  аз некбахтон.
Ба соле гар ниҳоле парварад кас,
Ҳамон арҷу бузургӣ ёбад он бас.
Ҳар он к-ӯ сӯхт ё бубридашон тар,
Ба фардо з-он гуноҳон бурд кайфар.
Ҳар он к-ӯ оташи тобандаро кушт,
Фариҳ бодаш ба бодафроҳ сад пушт.
Бидоред обу боду оташу хок
Ҳамеша арҷманду вежаву пок!
Ки з-инон зиндагонӣ пойдор аст,
Ҳар он ч-он ҳаст, зинда з-ин чаҳор аст.

## КАРДАИ 3. БУНЁД КАРДАНИ КАЙ ВИШТОСП КОХЕ ПИРОМУНИ САРВИ КИШМАР ВА МАРДУМОНРО БА ПАРАСТИШИ АҲӮРО ВА ДИНИ МАЗДОЯСНӢ ХОНДАНИ Ӯ

Баромад солиён, то Сарви Кишмар
Дарахте шуд баланду зад ба Маҳ сар.
Чу рафташ реша жарфу паҳн шуд шох,
Ба гирдаш сохт шоҳаншаҳ яке кох.
Чиҳил раш буд болову чиҳил бар,
Миён-дар буд ҳумоюн Сарви Кишмар.
Ду айвон сохт дар вай аз зари пок,

Замин-ш аз симу мушк омехт бар хок.
Бар он бингошт Кай Виштоспро ном,
Ки дин пазруфт аз пури Спитом.
Нигорид андар он Ҷамшедро низ -
Парастанда Маҳу Хуршедро низ.
Нигориш, к-андар айвони дигар кард,
Фаредунро ба гурзи говсар кард.
Пас он бингошт шоҳони дигарро,
Каёни ҷамнижоду номварро.
Ба гирдаш бораеро оҳанин сохт,
Дар он тахте зи симу зар биандохт.
Чу буд шуд корумони Кохи Заррин,
Дар он биншаст Фаррухзоди биҳдин.
Ба кишвар ҳар куҷое миҳтаре буд,
Ба ӯ Кай кас фиристоду бифармуд, -
Ки эдар чун паёми ман бигиред,
Зи ман дини биҳиро дарпазиред.
Зи Меҳру Моҳу Тиштар даст доред,
Худованди Хирадро сар фароред.
Ҳама оед дар ойини Зардушт,
Бигардонед аз дерина дин пушт.
Камар чун ман ба куштӣ сахт бандед,
Ҳамора дар биҳӣ кушед, то бед.
Ба гетӣ ҷуз зи некӣ ёд н-оред,
Ашоро беҳтарин некӣ шумоcurrед.
Паёми ман шуморо чун расонанд,
Ҳамон дам, к-аз ман ин фармон бихонанд,
Ба сӯи гунбади озар пиёда
Шитобед, эй бузургони нижода.
Намоз оред пеши пок озар,
Пасон гардед гирди Сарви Кишмар.
Ниёзи хеш хоҳед аз Аҳӯро,
Фуруд оред сар дар пеш Ӯро.
Аз ин дастур ҳаргиз сар матобед,
Ба сӯи гунбади оташ шитобед!»
Бузургонро чу фармон омад аз шоҳ,
Напечиданд сар з-он хоҳу нохоҳ.
Раҳӣ гаштанд сӯи Кохи Озар
Ба Бурзин-Меҳру пеши Сарви Кишмар.

Шаҳаншаҳ гуфт, к-«Аз фармони вахшур
Касе сар тофт, аз кишвар кунам дур.
Пазиред, эй дупоён, рост динро,
Раҳи вахшури поку ростинро.
Зи ойини дурӯғин бозгардед,
Ба дини ростӣ анбоз гардед».
Кучо Эронзаминро буд миҳтар,
Шуд ӯ хасту ба ойини паямбар.
Бипазруфтанд ойини биҳиро,
Ҳамон пок оташу сарви сиҳиро.
Ашӯ Зардушташон омӯхт фарзон,
Бибастан кор панди пок Яздон.
Раҳи озодагию растагорӣ,
Раҳо гардидан аз зиндони хорӣ.
Гурӯҳе панди ӯро нашнавиданд,
Ба пайғоми Аҳӯро награвиданд.
Гурӯҳе дигар аз бими ҷаҳондор
Пазируфтанд дини биҳ ба ночор.
Гурӯҳе низ дар дин хастувон гашт,
Гурӯҳе дар дил аз дин бадгумон гашт.
Чу фармон будашон аз шоҳи кишвар,
Битарсиданд печидан аз он сар.
Чарову чун бигуфтан кас наёрист,
Зи гуфти Кай кашидан сар нашоист.
Ба-д-ин сон гашт он фархунда диҳ - Пушт
Парастишгоҳи барсонони Зардушт.
В-аз он пас сӯи Озар-Меҳр-Бурзин
Биомад ҳар аҳӯрокеши биҳдин.
Ҳамасола ба сӯи Сарви Кишмар
Шитобиданд гирди Кохи озар…***

## КАРДАИ 4. ГОҲНОМАИ ЗАРДУШТ

Шаҳаншаҳ буд аз Зардушт ҳар рӯз
Ба шаҳри Балх дину донишомӯз.
Шабе биншаста буд бо шоҳ Виштосп,
Ба гирдаш вижагон он ҷову Ҷомосп.
Ба-д-онон гуфт Зардушти Спитом,
Ки: « Эй фарзона мардони накӯном,

Шумори солу моҳу рӯз то нун,
Ки монда аз гаҳи Ҷамму Фаредун,
Зи нав созем онро, гар пазиред,
Дар ин кор ар маро душман нагиред.
Зи нав созам шумори солро низ,
Ҳамедун номи рӯзу моҳро низ».
Бигуфтанд: «Эй паямбар, хеш донӣ,
Ки аз мо ҳар чӣ бошад, беш донӣ».
Шумори гоҳ то ҳангоми вахшур
Парешон буду аз роҳи хирад дур.
Шумори сол буд аз гардиши Моҳ,
Сари сол аз нишасти шоҳ бар гоҳ.
Гирифт аз гардиши Хуршед вахшур,
Ки дид ӯ ростӣ дар гардиши Хур.
Чу ӯ ахтаршуморе буд тавоно,
Раҳи Хуршеду Маҳро буд доно.
Даҳу ду моҳ сирӯза баробар
Бикард ӯ солу рӯзе панҷ дигар.
Чу будаш раҳнамо дар ростӣ Рашн,
Гирифт он панҷ рӯзи вижаро ҷашн.
Ҳамедун чоряк рӯзе, ки ҳар сол
Фузун буд, рӯйи ҳам бишмурд ҳар сол,
Ба ҳар соли саду бистум бифармуд
Чу моҳи сездаҳ бояд биафзуд.
Ба  ҳар соли саду бистум, дар анҷом
Биафзуданд як маҳ, ном-ш «Беном».
«Аномак» хонд номи  моҳи фаррух,
Ки ояд дар замони шоҳи фаррух.
Чунин бинҳод пас бар моҳҳо ном
Ба-д-он ҳангом Зардушти Спитом:
Чу андар Барра омад гетиафрӯз,
Ба андоза баробар шуд шабу рӯз,
Дарояд моҳи «Фарвардин» дар он гоҳ,
Шавад сар солу рӯзи нав аз ин моҳ.
Фурӯҳарҳои некон андар он рӯз
Фуруд оянд аз менӯ ба Наврӯз.
Дувум «Ардибиҳишт» он моҳи хуншон
Ки гетӣ аз паяш гардад гулафшон.
Чу Хуршед омад андар хонаи Гав,

Маҳи «Ардибиҳишт» он гаҳ шавад нав.
Чу ояд Хур дар роҳи Ду Пайкар,
Маҳи «Хурдод»-и фаррухпай шавад сар.
Чаҳорум «Тирмоҳ»-и ростпаймон,
Ки тобистон шавад оғоз бо он.
Зи роҳи Шер чун бигзашт Хуршед,
Дарояд панҷумин – «Мурдод»-и ҷовид.
Шашум «Шаҳревар» ояд, эй накӯчеҳр,
Ба ҳафтум «Гӯш – Урвон», к-он бувад «Меҳр».
Ба ҳаштум бошад «Обонмоҳ»-и фаррух,
Ки Маздо з-оби меҳр афрӯзадат рух.
Чу Хуршед аз Тарозу шуд ба Каждум,
Дарояд моҳи «Обон», гоҳи ҳаштум.
Зи Каждум чун равад Хуршеди тобон,
Ҳама паймуда гардад роҳи «Обон».
Чу аз Каждум баромад, дар Камон шуд.
Шуд «Озармоҳ»-у гоҳи одурон шуд.
В-аз он пас чун ба роҳи Буз равад Хур,
Бигардад бар замин боз аз раҳи дур,
Даҳум  моҳ андар ояд, ном-ш «Даймоҳ»,
Ки он буд рӯзи доди Виспогоҳ.
Пас он Хуршед баргардад ба Ҳован,
Бувад он рӯзи сӣ аз моҳи «Баҳман».
Ба Моҳӣ чун дарояд боз Хуршоҳ,
Бувад сӣ рӯз «Испандормад-моҳ».
Пас аз анҷоми сол он «Панҷ  Хуншон»
Шуданд афзуда ҳар соле чу ҷашнон,
«Баҳизаг» номи он фархунда ҳангом,
Ки «Андаргоҳ» хонандаш дигар ном.
Фурӯҳарҳои поконро сутуданд,
Ба рӯзи ҷашн шоду хуш бибуданд.
Ба биҳ дин аст сирӯза ҳама моҳ,
Ба  ҳар рӯзе намозе вижа дар гоҳ.
Ба он Сирӯза Зардушти Спитом
Хуранду босазо бинҳода буд ном:
Сари маҳ Рӯзи Ҳурмузди ваҳишта-ст,
В-аз он пас Баҳману Ардибиҳишт аст.
Пас он Шаҳревару он гоҳ Исфанд,
Сипас Хурдоду Мурдод, эй хирадманд.

Даю Озар, даҳум фархуда Обон,
Дигар Хуршеду з-он пас Моҳи тобон.
Ҳумоюн Тиру пас фархунда Гӯш аст,
Сипас Даймеҳру Меҳр асту Сурӯш аст.
Аз он пас Рашну Фарвардину Баҳром,
Пас он Рому Гу-Воду Дай-ба-Дин ном.
В-аз он пас Дену Арду низ Астод
Пас Ояд Осмону боз Замёд.
Ба вопас Монтраспанду Анерон,
Сипанто-вожагону фарри яздон.
Чу номи рӯз ояд рост бо моҳ,
Бидон, к-он рӯзи ҷашнон аст он гоҳ.
Аз ин гуфтор шуд Виштосп хушнуд,
Ба фармондори худ он гоҳ фармуд,
Ки бинвиштанд дастуре, к-аз ин пас
Бибандад кор ин фармон ҳама кас.
Шумори моҳу рӯз аз нав бигиранд,
Бузургу хурд ин фармон пазиранд...
Ҳама дарбориёну шоҳу Зардушт
Гузориданд  пас муҳру паянгушт...

## КАРДАИ 5. ШАШ ҶАШНИ ГОҲОНБОР ВА НАВРӮЗ

Ба гоҳи зиндагонии паямбар
Ба ҷуз Наврӯз буд шаш ҷашни дигар,
Бимонда  мурдареге то ба акнун
Зи гоҳи шоҳ Ҷамшеду Фаредун.
Биҳон бо номи Гоҳонбор хонанд,
Гиромиарҷу варҷованд донанд.
Паямбар ҷашнҳои бостонро
Гирифту боз аз нав сохт шонро...
Чу  чандин сол Ашӯ Зардушт бо шоҳ
Ба сар бурданд дар ҳар кор  ҳамроҳ.
Ба як соле, ба ҳангоми баҳорон,
Ҷаҳон шуд тоза чун рӯйи нигорон.
Ҳама аз хонаҳо рафтанд берун
Ба ҷашни Соли Нав дар кӯҳу ҳомун...

Паямбар андар он фархунда ҳангом
Бидод ойини гоҳонбор анҷом.
Пас он гаҳ гуфт бо шоҳу бузургон,
Ки: «Эй озодагони некпаймон,
Кунун он ҷашнҳои бостонро,
Бимонда мурдарег аз ростонро
Биомӯзам шуморо аз сари нав,
К-аз он фарзонагон бошед пайрав.
Аз он шаш ҷашни гоҳанбору Наврӯз,
Ҳамеша ёдгар бошеду пирӯз.
Нахустин Мадюзарми ҳумоюн,
Бимонда аз гаҳи Ҷамму Фаредун,
Ки он андар маҳи Ардибиҳишт аст,
Ба гоҳи хурраму хуш чун биҳишт аст.
Бувад оғози он аз рӯзи Хуршед
Равад то Дай-ба-Меҳри поку испед.
Дуюмро Майдю-шам ном аз он аст,
Ки тобистон дар он андар миён аст.
Вай аз Хуршедрӯзи Тир оғоз
Шавад то Дай-ба-Меҳр ояд ҳаме боз.
Севум Пайтишҳим аз он рӯ бувад ном,
Ки хирмангирӣ он гаҳ гирад анҷом.
Бувад ин ҷашн дар оғози пойиз
Сипос аз меваву дону ҳама чиз,
Ки Маздо бандагонро дод афзун
Дар ин солу маҳу рӯзи ҳумоюн,
Ки аз Аштодрӯзаш то Анерон
Зи Шаҳревар бигирад ҷашн Эрон.
Чаҳорум ҷашни гоҳонбори хушнон
Бувад дар Меҳрмоҳи хуштар аз ҷон.
Ҳам аз Аштодрӯз он то Анерон
Яке ҷашни бузурге дар ҳудинон,
Ки ҳаст Айосрим номи гиромӣ,
Накӯ  ҷашневу гоҳанбори номӣ.
Чу гову мешу буз он гоҳ баргашт
Ба хона аз чарогоҳону аз дашт,
Аз он рӯ, номаш Айосрим бикарданд
Ба гоҳи бостон чӯпону хованд,
Сипос аз Эзадон, то дар зимистон

Диҳад рӯзӣ ҳудинонро фаровон.
Дигар он ҷашни гоҳанбори пирӯз
Ба Дай – аз шонздаҳ то бистумин рӯз,
Бувад аз Меҳррӯз он то бо Баҳром,
Ки ҷашне бошад андар нек ҳангом.
Сада ном аст онро то ба акнун,
Бимонда мурдарег аст аз Фаредун.
Ки андар бостон номи хуши он
Хуҷаста Майдйор омад ба Эрон.
Зимистонро чу буд он дар миёна,
Чунин шуд ном онро з-ин баҳона...
Ҳамаспадмед гоҳонбори хуншон,
Ки дар поёни сол ояд баҳорон,
Бувад он ҷашн дар поёни Исфанд
Шашум ҷашни бузургу обрӯманд.
«Баҳиза» – панҷ рӯзи монда з-он пас,
Ки дар анҷоми сол ояд ба вопас,
Шавад он гоҳ рӯзу шаб баробар,
Занад чун сабза дар боғу чаман сар,
Фурӯҳарҳои покону ашӯвон
Фуруд ояд зи менӯ дар баҳорон,
Ба-д-он гаҳ, вижа, андар рӯзи панҷум
Ба он ҷашни бузург оянд мардум.
Пагоҳон гирд ояд пиру барно,
Ҳама дар ҷашнгаҳ хонанд ясно,
Ба назди оташи поки фурӯзон,
Ба хушнудии Виспогоҳ Яздон, -
Фурӯҳарҳои поконро ситоянд,
Ба ҷашну сур бо бархӣ бароянд.
Бузургу хурду шоҳу бенаво боз
Ба ҳам созанд базму суру бигмоз.
Чу рафт он панҷ рӯзи шодиву сур,
Ҳама андӯҳу ранҷ аз дил шавад дур,
Нахустин рӯзи моҳи фаррух он гоҳ
Бувад Ҳурмуздрӯзи Фарвадинмоҳ,
Шаванд ожир баҳри ҷашни Наврӯз
Киҳу миҳ андар он рӯзи дилафрӯз.
Хуҷаста Рӯзи Навро ҷашн гиранд,
Гузоранд арҷ мар Якто Худованд,

Ҳамаспадмед ҷашне бас бузургест,
Зи некон ёдгоре бас сутургест.
Фурӯзанд оташу бошанд дилшод,
Бихоҳанд аз Худо биҳрӯзиву дод.
Ҳамора бо шукӯҳу фару арванд
Ҳумоюн Рӯзи Навро ҷашн гиранд,
Ба ҷашну суру базми рӯзи Наврӯз
Або ҳам меҳрбон бошанду дилсӯз.
Набошад ҷашне аз Наврӯз барфар,
Яке рӯз аз ҳазорон сол бартар»...

## КАРДАИ 6. ФИРИСТОДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ ШОГИРДОНИ ХУДРО БА ҲАР СӮИ ҶАҲОН ВА БА ПАНҶ БАХШ КАРДАНИ ШАБОРӮЗ

Чу шоҳу вежагону миҳтаронро
Парасторони шону дигаронро-
Ашӯ Зардушт андар дин биовард,
Ба кеши росткорӣ ошно кард,
Басе шогирд, к-аз наздику аз дур
Дар ойини биҳӣ парвард вахшур.
Ба дин фарҳехтшон фарзона устод,
Ҳунар омӯхтшону донишу дод.
Бигуфт аз ростӣ дар кору гуфтор,
Бикардан бо дурӯғу дев пайкор.
Ба ҳар шогирду бо ёрон-ш вахшур
Кушоиш хосту пас дод дастур.
Ки чун рафтанд з-ин ҷо аз пайи кор,
Ба роҳи доду дин созанд пайкор,
Биомӯзанд мардумро ашӯӣ,
Хирад парвардану кардан накӯӣ.
Зи некӣ ёд овардан шабу рӯз,
Ба номи Восной Висп-пирӯз.
Замину шаҳру диҳ обод кардан,
Ҷаҳони хуррамӣ бунёд кардан.
Чунин фармуд кардан бар ҳудинон
Ҳамарӯза ба ёди пок Яздон:
«Ба Ҳовангоҳ чун сар кард Хуршед
Ба ҳован ширу ҳуми пок резед,

Намоз оред гоҳи Ҳованиро,
Бибахшанда ба гетӣ равшаниро.
Зи баҳри хуррамии рустоён,
Шукуфоию ободии Эрон,-
Миён бандеду диҳ обод созед,
Ба кори нек дилҳо шод созед.
Ба ободии ҳар як хонавода
Бипардозеду хушнудии дуда…
Рабиҳвингоҳ чун Хуршеди тобон
Ба боми Нимрӯз омад шитобон,
Худованди Рабиҳвинро ниёиш
Кунед он гоҳу хонедаш ситоиш.
Баред онро намозу зӯ(ҳ)р оред,
Сипосу арҷи беш онро гузоред.
Кунед он гоҳ андар дил сиголиш
Фаровонӣ ба шаҳри хешу болиш.
Рабиҳвинро ба покӣ ёд оред,
Зи кори нек шаҳр обод доред.
Чу рафт аз чор се бахш аз раҳи рӯз,
Ба сӯи Ховар омад гетиафрӯз,
Шавед омода бар Гоҳи Узерин,
Зи баҳри пешрафти кишвару дин.
Узерингоҳро бар по бидоред,
Ҷуз ободии кишвар ёд н-оред…
Ба гоҳи шом чун мурғ за пайи хоб
Бигашту рафт дар Ховар ҷаҳонтоб,
Аз он ҳангом то аз шаб равад ним
Шавед ожер бар Эбисрусрим.
Гаҳи Эбисрусрими ҳумоюн
Намоз оред чун Ҷамму Фаредун.
Зи баҳри рӯзгори шоду обод
Бикӯшеду ҷаҳон доред бо дод.
Барои пиру барно, хешу пайванд
Биҳӣ хоҳеду рӯзӣ аз Худованд.
Диҳад биҳзист то зардуштиёнро,
Ба кори нек баста куштиёнро.
Хушию хуррамӣ дар зиндагонӣ
Бибахшад то Худо аз миҳрубонӣ.
Биҳӣ варзед, то бошед биҳрӯз,

Ҳамеша шодмон бошеду пирӯз…
Пас он гаҳ аз дили шаб то ки Хуршед
Канори осмонро кард испед,
Зи ними тирашаб то бомдодон
Зи рахти хоб бархезед шодон,
Зи нав гиред кори доду динро,
Намоз оред фаррух Ӯшаҳинро.
Бихоҳед аз Худои Виспогоҳ
Барои хонадон дар Ушаҳингоҳ -
Хушию хуррамию некрӯзӣ,
Фузунию фаровонии рӯзӣ.
Ашову меҳру бахти ҷовидонро,
Биҳиву фарраҳӣ дар ду ҷаҳонро
Худои Ӯшаҳингаҳро парастед,
В-аз Ӯ бахти накӯ доред уммед…»
Ба-д-ин сон рӯзу шабро бахш бар панҷ
Бикард он монтрони донишалфанҷ,
Ки дар ин панҷ ҳангоми шаборӯз
Кунад фармонравоӣ шоҳи пирӯз.
Ба некӯ шаҳриёрӣ кишвар обод
Бидорад шоҳи фаррухзоди бодод.

## ФАРГАРДИ 5. БА ЗИНДОН АНДОХТАНИ ВИШТОСП ЗАРДУШТРО

### КАРДАИ 1. БАДНОМ КАРДАНИ БАДХОҲОН ЗАРДУШТРО НАЗДИ ВИШТОСП

Сарону сарварону пешвоён,
Раду отурбону диҳхудоён,
Чу дастури паямбар бо шоҳаншоҳ
Гирифтанду бурун рафтанд дар роҳ.
Ҳама рафтанд сӯи хонаи худ,
Бадон дилрешу некон шоду хушнуд.
Чу мардону занон дар шаҳру дар диҳ
Надиданд аз биҳон ҷуз пешаи биҳ,
Бипазруфтанд дин анбӯҳ-анбӯҳ,
К-аз он шуд Аҳриман устӯҳ з-андӯҳ.
Гурӯҳе бадсиголу кинатӯзон,

Баду баргаштабахту тирарӯзон-
Зиёни хеш диданд ошкоро
Дар ойини биҳӣ - доди Аҳӯро.
Ба ҳам гуфтанд бояд чора кардан,
Ба пайғамбар яке пайғора кардан.
Яке дар хона буд ӯро парастор,
Нигаҳбон хонаро бо дегу кочор.
Зи чизи хонаву боғу дару бом
Бикардӣ посбонӣ рӯз то шом.
Яке з-он бадсиголони сияҳдил
Биомад пеши он дарбони хушгил.
Бибасташ чашм бо афсуну найранг,
Ниҳонӣ рехт дар ованди ӯ банг.
Дигар он бодсар баргаштабахтон
Ба дарбон хеш бинмуданд миҳмон.
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Дар ин боғ як дам
Нишинему ба ҳам бошем хуррам».
Бигустурданд дастореву дар он
Биоварданд нону меваву дон.
Ҳама он бодсар баргаштабахтон
Биосуданд дар зери дарахтон.
Чу дарбон банг аз ованд нӯшид,
Бихусбиду зи дидан чашм пӯшид.
Ба хобаш рафта як бадбахт чун дид,
Калиди хонаро з-ӯ тафт duздид.
Намуд он гоҳ ёронро ба ангушт
Ба сӯи хонаи вахшур - Зардушт.
Нишон диданд чун он бадсиголон,
Шитобиданд он сӯ чун шағолон.
Чу дар бикшод он душти бадандеш,
Дарун рафтанд он дуздони бадкеш.
Ба болишту ба зери бистари ӯй
Ниҳоданд устухону нохуну мӯй,
Ниҳон карданд он ҷо каллаи хар,
Сарони мурдагон аз модаву нар,
Ба-д-он монанд бас чизе, ки он низ
Шумар буд ҷодувиро вижа он чиз.
Ҳанӯз он ҷой дарбон буд дар хоб,
Задандаш бар сару рӯ баддилон об.

Чу шуд бедор з-оби сард дарбон,
Ба зону хост пӯзиш з-он бузургон.
Шитобон боз бо сарҳои пурбод
Дараш бастанду пас рафтанд дилшод.
Ҳамон дам бадсиголони ситамгор
Шуданд ожир назди Кай ба дарбор.
Дар он ҷо буд пайғамбар нишаста,
Камар се  роҳ  бо куштӣ бибаста,
Ҳаме омӯхт бар Виштосп Чисто
Зи варҷованд фарҳанги Ависто.
Ба-д-он гуфтор чанде гӯш доданд,
Пас он гаҳ дар накӯҳиш лаб кушоданд,
Ки: «Эй ойишнаи бадкори ҷоду!
Ба тунбал чашми Кайро бастаӣ ту.
Дарун андар бағал дорӣ ниҳон санг,
Ба берун дӯст бинмоӣ ба найранг.
Магар ойиштан аз Арҷосп астӣ,
Ба дил бадхоҳи Кай Виштосп астӣ.
Туро бас режи бад дар дил ниҳон аст,
Ки он пӯшида аз шоҳи ҷаҳон аст.
Надорӣ хоб шабҳо, эй сияҳрӯй,
Ҳаме афсун дамӣ дар нохуну мӯй.
Ҳама шаб дастат андар кори ҷодуст,
Забону чашм бастан пешаи туст.
Ба ҷоду кардаӣ Кайро ба худ ром,
Кашидӣ бас миҳонро низ дар дом.
Бипойидем чанде аз пайи ту,
Надидем аз ту ҷуз тарфанду ҷоду».
Бадандешону бадкинони бадгӯй
Биоварданд пас бар подшаҳ рӯй,
Ки: «Шоҳо, дер пою ҷовидон зӣ,
Ҳамеша комгору шодмон зӣ!
Ба ин ҷудшаҳри ҷоду ҳеҷ маграв,
Дурӯғу рост, ҳар ч-ӯ гуфт, машнав.
Ба чашми тӯдагон бар дораш овез,
Ба теғаш мағзу хун андар замин рез.
Фиристодаст Арҷаспаш ба Эрон,
Ки созад кишвари Виштосп вайрон.
Ба шаб, бин, ӯ надорад ҳеҷ ором,

Ҳама ҷодуст кораш то гаҳи бом.
Агар роҳаш нагирӣ, эй шоҳаншоҳ,
Кунад ӯ мардумонро зуд гумроҳ.
Агар бовар надорӣ ин суханро,
Гувоҳӣ додани ин чанд танро,
Бирав, худ бингар андар хобгоҳаш,
Ба чашми хеш бинӣ то гуноҳаш…»
Чу шоҳи Балх бишнид ин суханро
Зи корогоҳ гундоёни доно,
Бигашташ рӯй туршу чеҳра пурчин,
Чу шери нар ба гоҳи ҷанг хашмин.
Бигуфт: «Эй бадсиголони сияҳкор,
Ба банди деви Рашку Кин гирифтор.
Ҳама бадхоҳи Зардушти ашӯед,
Ба ҷуз пайғора набвад он чӣ гӯед.
Ман андар дини Маздо бегумонам,
Забону ҷону дил хасту бар онам.
Равам ин дам худ андар хонаи ӯ,
Биҷӯям андар он абзори ҷоду.
Ба чашми хеш бинам ҳар чӣ он ҷост,
Бубинам худ дурӯғ он аст, ё рост.
Нишон аз ҷодувӣ он ҷо агар ҳаст,
Бихоҳам шуст аз гетӣ дилу даст.
Агар абзори ҷоду нест он ҷо,
Диҳам арзанда подоше шуморо.
Сари пайғоракорони ситамгор
Кашидан месазад он гоҳ бар дор».
Бадандешон зи кори хеш дилшод,
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Шоҳо, офарин бод!
Бирав, дар хонаи ӯ як нигаҳ кун,
Ба ғаври мурдагону мӯю нохун.
Ба чашми хеш бину соз бовар,
Ба реву рангу тарфанди фусунгар».
Ашӯ Зардушт гуфто: «Эй ҷаҳондор,
Макун бовар ба-д-он беҳуда гуфтор.
Ҳама ёва-сту сар то сар дурӯғ аст,
Зи сӯзи рашку дуде бефурӯғ аст.
Мамӯл, эй шаҳриёри додгустар,
Бирав, бар хонаи ман нек бингар.

Ҳама кунҷу канору бому дар ҷӯй,
Наёбӣ андар он кажжӣ сари мӯй,
Ба Хуршеду Маҳу Ноҳид савганд,
Надорам кор ҷуз ёди Худованд.
Маро бо ҷодувӣ ҳаргиз набуд кор,
Ҳама буд дастам андар кори Додор.
Зи деву ҷодувон безор ҳастам,
Ба бад пайваста дар пайкор ҳастам.
Марав, эй шоҳ, бар гуфтори бадгӯй,
Зи дил занги гумон яксар ҳаме шӯй.
Зи ман пур дор дилро, эй шаҳаншоҳ,
Ки ҳастам як биҳандеше накӯхоҳ».
Биомад он замон Виштосп хашмин
Ба сӯи хонаи вахшури биҳ дин.
Дараш бикшоду бо он вежагон чуст
Канору кунҷу бому дар ҳама ҷуст.
Дар он ҷо ёфт баста нохуну мӯй,
Нуҳуфта устухони куҳна ҳар сӯй.
Парид аз сар-ш ҳушу аз рухон ранг,
Ба чашмонаш ҷаҳон шуд тираву танг.
Ба-д-он сон зиндагонӣ хонд нафрин,
Ки пеоромун набинӣ ҷуз пажогин.
Ашӯ Зардуштро гуфт: «Эй фусунгар,
Ба ҷоду вонамудӣ худ паямбар.
Туро ман меҳр бастам аз дили пок,
Ҳаме бинам, ки дар чашмам задӣ хок.
Хунукдил гаштам аз ту ин замон ман,
Гиромӣ дӯст, дидам, буд душман».
Ашӯ Зардушт гуфташ: «Эй шаҳаншоҳ,
Ки ҳастӣ мағзбедору дилогоҳ,
Гумон дорам, ки ин ҷо душмани дин,
Ҳамоно, карда тарфе аз раҳи кин.
Зи дарбон пурс, к-оё ҷуз ману ӯй
Дигар кас андарун омад ба мушкӯй?
Ягон касро ба гирди хона гардон
Бидид оё, ки мегашт ӯ чу дуздон?
Кӣ омад хешу бегона гаҳи бом,
Чӣ карду чун бурун рафту чӣ буд ном?..
Ба-д-ӯ Кай гуфт: к-«Эй ҷоду, гуноҳон-т

Чӣ пӯшӣ, к-ам басанда-бвад гувоҳон-т!»
Пас он Ҷомосп дастури хирадманд
Бигуфт: «Эй додгар Кай, бишнав ин панд,
Надонад шоҳ, то касро гунаҳ чист,
Ба ханҷар даст бурдан аз хирад нест.
Нахуст андеша бояд кард шаҳро,
Марезад то ки хуни бегунаҳро.
Макун осемасар коре шитобон,
Ки аз карда шавӣ фардо пушаймон.
Макун кӯтоҳӣ, шоҳо, дар пижӯҳиш,
Ки фардо худ кунӣ худро никӯҳиш.
Ҳанӯзат кам бувад, шоҳо, гувоҳон,
Ки барбандӣ ба Зардушт он гуноҳон.
Нигар бар чашму рухсору лабонаш,
Ба он гуфтору покиза забонаш.
Дар он аз ростӣ бинӣ фурӯғе,
Натобад ҳеҷ з-он ранги дурӯғе.
Нахуст аз посбон пурс он чӣ хоҳӣ,
Ки бидҳад з-он чӣ дид он ҷо гувоҳӣ».
Ба бархе дод фармон пас шаҳаншоҳ,
Ки оварданд дарбонро ба-д-он гоҳ.
Ба-д-ӯ гуфто, ки: «Эй донандаи роз
Чӣ донӣ, гӯй з-ин марди фусунсоз.
Бигӯ аз неку бад з-ӯ ҳар чӣ дидӣ,
Ба гӯши хеш ҳар ч-аз вай шунидӣ».
Ба посух гуфт дарбон, к-«Эй ҷаҳондор,
Надидам ҳеҷ аз вай ҷуз биҳӣ кор.
Ба кас кирдори биҳтар з-ӯ надидам,
На аз кас гуфта з-ӯ биҳтар шунидам.
- Шаб андар хобгоҳи хеш то рӯз
Чӣ варзад, гӯй марди оташафрӯз?
- Ба шаб он марди огоҳу хирадманд
Бувад то рӯз дар кори Худованд.
- Надидӣ ҳеҷ, к-андар тирашаб ӯй
Дамад дар устухону нохуну мӯй?
- Набурдам бӯй ҳаргиз з-ончунон кор,
Надидам з-ӯ, ки бад ояд падидор.
- Ба гоҳи бомдод имрӯзат аз дар
Касе оё гумонангез зад сар?

- Назад сар ҳеҷ дигар аз дари ман,
Магар к-омад маро миҳмон ду-се тан.
Ҳама буданд гундоёни номӣ,
Парасторони шоҳи Балхи Бомӣ.
Бигустурдем хону нон ниҳодам,
Ҳар он ч-ам буд з-обу дон, ниҳодам,
Май оварданду боре нӯш кардем,
Ба бонги рӯд гоҳе гӯш кардем.
Аз он май сахт маст уфтодам аз пой,
Рабудам хоб сахту хуфтам он ҷой.
Зи хоби жарф чун бедор гаштам,
Задандам об, то ҳушёр гаштам.
Аз эшон хостам пӯзиш, ки ондун
Биомад кӯтаҳӣ аз ман ба берун.
Ки ман дарвеши хору бенавоям,
Ба шоҳон ҳамнишиниро нашоям.
Надонад барда роҳи мизбонӣ,
Ки уштур кай кунад полезбонӣ.
Гусишон кардам аз боғи дилорой,
Ҳама рафтанд шодондил аз он ҷой.
Дари вахшур буд баста ба-д-он гоҳ,
Нарафта ҳеҷ кас имрӯз з-он роҳ.
Калиди дар ҳамеша буд бо ман,
На онро дӯст донисту на душман».
Аз ин дарёфт Кай Виштосп, к-он кор
Бувад тарфанди доноёни дарбор.
Аз ӯ пурсид, миҳмонро чӣ буд ном,
Ки душман буда бо пури Спитом?
Чу дарбон бурд номи он бузургон,
Ки будандаш ба гоҳи бом миҳмон.
Бишуд дониста, к-онон он касонанд,
Ки худ имрӯз огоҳӣ расонанд.
Ҳама дарбориёни шоҳ буданд,
Ба базму разми ӯ ҳамроҳ буданд.
Шаҳаншаҳ посбононро бифармуд,
Ки оваранд ононро кашон зуд.
Бигуфт: «Эй тираҷононии сияҳрӯй,
Бадандешони дилмурдори бадгӯй,
Ҳаме имрӯз бо афсуну тарфанд

Задан хоҳедам аз роҳи Худованд.
Зи нав мехостедам боз душман
Ба-д-ин пайғора бо вахшур кардан?!
Гумони бад ба дил андохтедам,
Гиромӣ дӯст душман сохтедам.
Ба-д-ин пайғораҳо бо режи нопок
Бикӯшидед бар чашмам задан хок.
Пижӯҳиш чашм бар ман кард равшан,
Бидидам дӯст кисту кист душман.
Кунун он кас, ки рафт аз роҳи девон,
Ба бадафроҳи бад гардад ғиревон.
Бифарҳанҷам, ки то фарёду шеван
Барояд з-он, ки бо Маздост душман…»
Кай он гаҳ теғи пӯлодин бароҳехт,
Ба хашм ӯ хост хуни баддилон рехт.
Ашӯ Зардушт досташ дошт, он гоҳ,
К-«Аз онон даргузар, эй додгар шоҳ!
Бувад, к-ин хирасар пайғоракорон
Питат гарданду аз карда пушаймон».
Бузурги он ситамкорони бадкеш
Ба зону шоҳро биншаст дар пеш.
Ба пояш сар ниҳоду бӯса бар хок
Бизад он бадниҳоди зуфти нопок.
Ба зорӣ гуфт, к-«Эй боофарин шоҳ,
Ба доду ростӣ биншаста бар гоҳ,
Будемат дарпарастон солҳо боз,
Ба гоҳи дарду шодӣ бо ту ҳамбоз.
Ба як роҳу равиш будем бо шоҳ,
Ба суру сӯгу базму разм ҳамроҳ.
Зи бадхоҳи ту кишвар веза кардем,
Ҷаҳон аз душманат покиза кардем.
Ҳама будем рӯзу шаб нигаҳбон
Зи тоҷу тахту ганҷу номи шоҳон.
Ба ганҷи шоҳ дасти бад набурдем,
Сари бадхоҳро дар гил супурдем.
Чу худро гӯшу чашми шоҳ кардем,
Падофанд аз ҳама бадхоҳ кардем.
Аз он худ ҳеҷ оё ёд дорӣ,
Ки боре сар зад аз мо нобакорӣ?

Яке бегона марде омад аз дур,
Ба ҷоду кард чашми ҳамгинон кӯр.
Намуд ӯ хешро донишваре нағз,
Ба тунбул шоҳро раҳ ёфт дар мағз.
Ҳаме ӯ гуфт: «Вахшури Худоям,
Ки сӯи растагорӣ раҳнамоям».
Зи дини поки Ҷамшеду Фаредун
Кунад эрониёнро хост берун.
Ҷаҳон зеру забар мехост созад,
Ба тахти хусравон то даст ёзад.
Чу донистем марде душтреҷ аст,
Ба рӯ чун дӯст, андар дил камеҷ аст.
Туро кардем чандон, эй шаҳаншоҳ,
Зи кору кирфаи Зардушт огоҳ.
Ту панди дӯстонро нашнавидӣ,
Ба гуфтори фусунгар бигравидӣ.
Надонистӣ, ки ӯ рӯзеву роҳе
Ситонад тахту тоҷи подшоҳӣ.
Ҳамеша буд бояд дида бедор,
Пайи омораи душман-т ҳушёр.
Азеро ошкорову ниҳонӣ
Ҳамекардем ӯро дидбонӣ.
Ки то рафтем ҳам дар зодгоҳаш,
Ҳама буданд дар ҷоду гувоҳаш.
В-аз ӯ бас роз донистему ҳарчанд
Туро гуфтем, нашнидӣ зи мо панд.
Гувоҳи равшан акнун дар кати ӯй
Ба чашми хеш дидӣ, эй ҷаҳонҷӯй.
Нашуд  ӯ бар гуноҳи хеш хасту,
Намудат бегунаҳ худро ба ҷоду.
Забону дасту мағзу дидаат боз
Ба ҷоду баст он марди фусунсоз.
Гуноҳон хештан карду ба мо баст,
Чунон осон зи потипрос вораст».
Ҳамекард ин суханро гӯш Кайшоҳ,
Намудаш рост он гуфтори бадхоҳ.
Зи нав ӯ бар паямбар бадгумон шуд,
Ба якбора дилаш сард аз ҷаҳон шуд.
Бизад аз хашм Кай дандон ба дандон,

Ба дижбон гуфт: «Каш ӯро ба зиндон.
Пагаҳ рӯз оташе пуртоб кун соз,
Аюхшуст андар он якчанд бигдоз,
Ба рӯйи синаи ин марди ҷоду
Равон кун ҳамчу обе аз лаби ҷӯ.
Чу ҷон дардод аз таффи аюхшуст,
Ба ҷӯши оташ афкан лошааш чуст.
Раҳӣ кун пайк сӯи модари ӯ
Ки гиряд зор бар хокистари ӯ.
Сазои душмани бадхоҳ ин аст,
Бадонро музду бодафроҳ ин аст!
Гуноҳ ар нест ӯро, оташи тез
Насӯзад, в-он гудозон оҳанаш низ…»

## КАРДАИ 2. АЗ ОТАШ ГУЗАШТАНИ ВАХШУР ВА АЮХШУСТИ ГУДОХТА РЕХТАН БА СИНАИ Ӯ

Ба фардо оташе афрӯхт чун кӯҳ,
Ба гирдаш мардумон гаштанд анбӯҳ.
Паямбар бе газанде з-он гузар кард,
Ба чашми пиру барнову зану мард.
Чу аз оташ баромад ӯ таносон,
Бишуд аз кардаи худ Кай пушаймон.
Чу нерӯи бузурги Восно дид,
Зи кори кардаи худ сахт тарсид.
Пас он дужхим пеш овард Зардушт
Фурӯ афканд-ш рӯйи хок бар пушт,
Зи сина он аюхшусти гудозон
Чу оби ҷӯй кард он гоҳ тозон.
Ба пайкар чун расиду гашт чун ях,
Ҳама он оҳану арзиз шуд шах.
Киҳу миҳ он шигифтӣ чун бидиданд,
Ба биҳ дин тӯда-тӯда бигравиданд.
Чу шоҳи Балхи Бомӣ ин ҳама дид,
Зи кори марди доно бас шигифтид.
Пушаймон шоҳ пушти даст хойид,
Ки беҳуда ба гуфти бад гаройид.
Зи кори хеш тарсиду патат кард,
Дил аз хешону наздикон шудаш сард.

Ба дил мегуфт: «Бад кардам, Худоё,
Биомурз ин гуноҳон, Восноё!
Гуво гаштам, ки ӯ пайғамбари рост,
Фиристода зи Виспогоҳ бар мост».
Бузурги ҷодувони вижаи шоҳ
Биомад пеши Кай Виштосп он гоҳ.
Гирифта пеши бар ду даст бо тарб
Ба Кай гуфт он фусункори забончарб:
«Зиҳӣ, эй подшоҳи додгустар,
Ба гетӣ чун ту набвад додпарвар.
Агар сад кӯҳи оташ барфурӯзӣ,
Ки дар вай марди ҷодуро бисӯзӣ,
Зи оташ боз бо ҷодуву авсун
Биояд бе газанд ин мард берун.
Гудозон сурб резӣ аз сари ӯй,
Нагирад ҳеҷ андар пайкари ӯй.
Ба даст омад гувоҳат бешу ован,
Ки он бевора пинҳонист душман.
Ҳамон биҳ корд андар гардани ӯй,
Бимону кун ҷудо сар аз тани ӯй».
Пас он Ҷомосп дастури хирадманд
Бигуфт: «Эй шоҳ, ин гуфтор мапсанд.
Чу дасту пой дар банд аст душман,
Нашояд бо шитобаш зуд куштан.
Биҷӯй он розҳо, к-андар дили ӯст,
Ба кор ояд туро як рӯз, эй дӯст.
Ҳунар пур донаду донист ин мард,
Ба майдон нест кас ӯро ҳамовард.
Ба зиндон дорашу з-ӯ баҳрае ҷӯй,
Ки шояд судат орад гуфтаи ӯй».
Биомад боз он пири забончарб,
Забон лесиду бо Кай гуфт бо тарб,
К-«Аз ӯ якбора бистонӣ чаро ҷон,
Бидораш зинда то маргаш ба зиндон.
Бибояд кушт-ш дар зиндон ба сад ранҷ,
Диҳад оҳиста душман ҷон ба ишканҷ».
Биандешид дар дил шоҳи Эрон,
Ки шояд рози ӯ донад ба зиндон…

## КАРДАИ 3. БА ЗИНДОН АФГАНДАНИ КАЙ ВИШТОСП ЗАРДУШТРО

Касони хешро фармуд пас шоҳ,
Ки: «Зудаш афканед андар сияҳ чоҳ,
Гурусна солиён занҷир дар пой,
Низору хор, то мирад ба-д-он ҷой.
«Бидорам зинда, гуфт, - ӯро ба зиндон,
Ду рӯзе ҷоме обу порае нон.
Чу танг омад, бигӯяд рози худро,
Сипоҳу шоҳу баргу сози худро».
Кашон бурданд пас ӯро ба зиндон,
Ба по повандy бо занҷир дастон.
Ба дижбон гуфт дужхими сияҳрӯй,
Ки то ҳамвора бошад аз паси ӯй.
Ба ҷуз пингони обу порае нон
Набидҳад ҳар ду рӯзе беш дижбон.
Чу шуд афганда вахшури Худованд,
Ба зиндон баста дар занҷиру пlivанд,
Ба-д-ӯ ҷуз ҷоми обу порае нон
Надодӣ ҳар ду рӯзе пири дарбон.
Дар он ҷо бандиёнро дид якчанд,
Фитода, тан бараҳна, пой дар банд,
Ба хоку чирк жӯлида, пажогин,
Расида мӯю нохун, пӯст пурчин.
Биолуда ба хуну риму афгор,
Ба хоку чирк сар бинҳода бемор.
Бигуфт: «Эй бор, Маздои тавоно,
Ҷаҳонпарвардигоро, меҳрбоно!
Дар ин торик чоҳи пур тафу бӯй
Фикандам шоҳ бо гуфтори бадгӯй.
Ман ин занҷир натвонам гусастан,
Дари ин бом кай донам шикастан.
Зи дастам гиру аз банди ситамгор
Раҳоӣ бахшам, эй дилсӯз Додор!»
Сурӯш он гоҳаш аз Поки Беанбоз
Ба гӯши ҷонаш эдун дод овоз,
Ки: «Эй уфтода андар банд вахшур,
Шикебоӣ гузин, андӯҳ кам хӯр,

Худованди Хирад донову огоҳ
Набигзорад туро ранҷур дар роҳ.
Раҳой бахшадат з-ин банду зиндон,
Ба зудӣ тандурусту оташинҷон.
Агар бахшад-т нерӯ, то барӣ роҳ
Басе осон ба берун ин дам аз чоҳ.
Тавон занҷирҳо бигсехт осон-т,
Зи чашми посбон бигрехт пинҳон-т.
Аҳӯро он раҳи осон-т нанмуд,
Ба сахтӣ-дар шикебой-т фармуд,
Ки кори бас шигифтат ҳаст дар пеш,
Ҳаме бишкебу аз сахтӣ маяндеш».
Паямбар тофт натвонист з-он сар,
Ки фармон буд ба-д-он гоҳаш зи Гаргар.
Ба ҷони хеш он фармон пазируфт,
Сипосу афтадисто бар Худо гуфт.
Ба зиндон монд чандин гоҳ дар банд,
Ки фардо ме-чӣ-ояд-ш аз Худованд.
Ба зиндон монтрон бекор наншаст,
Ҳамон пайғоми Маздо кор мебаст.
Ҳамора бардагонро дин биомӯхт,
Чароғи меҳр дар дилшон барафрӯхт.
Фурӯғе аз рухон чун Гетиафрӯз
Чаҳи торик равшан кард чун рӯз.
Зи хӯрдан баста буд он гаҳ даҳонро,
Надид он ҷой чашмаш обу нонро.
Худои меҳрубон бе обу нон дер
Нигоҳаш дошт чандин рӯз худ сер.
Ҳамон як бурда нону об, к-аз шоҳ
Расидӣ дар ду рӯзаш андар он чоҳ,
Бидодӣ монтрон зиндониёнро,
Зи хӯрду нӯш худ бастӣ даҳонро.
Ба-д-он ночиз обу порае нон
Фузудӣ бар тани он хастагон ҷон.
Ба андак рӯз бо дасти паямбар
Накӯ гаштанд беморон саросар.
Ҳама дард, ар танӣ буд, ар равонӣ,
В-агар гетӣ буд он, ё менувонӣ.
Пизишки кордони донишалфанҷ

Чу дармон додашон, растанд з-он ранҷ .
Пизишкӣ кард аз роҳи суханшон,
Дурустӣ ёфт рӯз аз рӯз таншон.
Биомад бозашон зӯри ҷавонӣ,
Зи нав дар дил умеди зиндагонӣ.
Басо зиндониён дар он чаҳи тор
Шигифтиҳо аз ӯ диданд бисёр.
Касе з-он пеш з-он гуна падида
На ҳаргиз дида буду не шунида.
Ҳама диданд он гуфтору рафтор,
Ки аз Зардушт меомад падидор.
Гароиданд бар андарзу пандаш,
Ба оруни накӯву дилписандаш.
Ба дини ӯ пасоҳам бигравиданд,
Ҳар он ч-ӯ гуфт, бо ҷон бишнавиданд.
Чу аз ин кор дарбон огаҳӣ ёфт,
Шигифташ омаду худ низ биштофт,
Ба назди монтрони баста дар банд,
Ба дасту пою гардан сахт764 пlivanд,
Бидид он зинда гашта мурдагонро,
Ба Маздо бигравида бардагонро.
Ниҳода гӯш бар гуфтори вахшур,
Тану ҷон гашта нерӯманду пурзӯр.
Шикаста пой деви Гушнагиро,
Бибаста даст деви Ташнагиро.
Ба чашми хеш зиндонбон ба-д-он гоҳ
Бидид он розҳоро худ дар он чоҳ.
Чу мораспанди варҷованд бишнуфт,
Ба-д-ӯ пайвасту дини ӯ пазируфт.
Аҳӯрокеш гашту зардуҳуштӣ
Ҳамора бож хонду баст куштӣ.
Бигашт ӯ бо барӯшони ҳудин ёр
Ба девону дурӯҷон шуд ба пайкор…

## КАРДАИ 4. ДАРМОН КАРДАНИ АШӮ ЗАРДУШТ АСПИ СИЁҲИ КАЙ ВИШТОСПРО

Зи гоҳи бостон доно дабирон
Чунин гуфтанд аз донанда пирон,

Ки Кай Виштосп аспе дошт шабранг,
Наванде, тезгӯше, хуштаке, шанг.
Тазарви хушхиромеву чамиш нарм,
Равиш боду ҷаҳиш - оташ, дамиш - гарм.
Сухандарёбу боҳангу нигаҳхон,
Накӯрафтору вирову забондон.
Зи теғи тези гӯшаш тир дилчок,
Ба чашми мӯйи ӯ мушки Хутан-хок.
Ба ранги ёли ӯ пужҳон пари моғ,
Зи рашки мӯйи ӯ шабро ба дил доғ.
Сумаш чун оҳани хорошикан сахт,
Агар бар кӯҳи оҳан зад, шуд он лахт.
Ба сони чор гурзи Говсар сум,
Чу гесӯи бути Чин ҳишта буд дум.
Зи мушки ноб, гӯйӣ, ришта буд мӯй,
Сиёҳу ҳамчу адман поку хушбӯй.
Ба сони аспи оташхӯйи Тиштар,
Тановар буду тунду кӯҳпайкар.
Задӣ чун гом бар хок он хушоҳанг,
Гули оташ шукуфтӣ бар рухи санг.
Ситабру сахт сар то сар тани ӯй,
Тану тӯш аст, гуфтӣ, з-оҳану рӯй.
Шаҳаншаҳ меҳр бар вай баста буд беш
Зи тоҷу тахту фарзанду зани хеш.
Кашида буд ба ёлаш гавҳари ноб,
Чу ахтар дар шаби торик пуртоб.
Ба симу ложварду бо забарҷад
Ситому зину пуштангаш биожад.
Сутуда муҳраҳо овежа бар гӯш,
Пур аз зевар забартангу забарпӯш.
Шикор омӯхта, ҷанг озмуда,
Ба варзиш зӯраш андар тан фузуда.
Бар он чун барнишастӣ шоҳи Эрон
Ба разми паҳлавонону дилерон,
Савори шер бар бабр ончунон монд,
Савора бод бар абр ончунон ронд.
Чу андар размгаҳ рафтӣ хурӯшон,
Сипоҳи гашни душман шуд парешон.
Зи гурдону саворон ҳеҷ як мард

Набудӣ бо савори он ҳамовард.
Савораш шоҳ пирӯзу сарафроз
Зи разму базм баргаштӣ ҳаме боз…
Биомад аспбони шоҳ як рӯз,
Ба назди шорсони шоҳи пирӯз.
Давону мӯканону зор гирён,
Зи сӯзи оташи андӯҳ бирён.
Бигуфт: «Эй зебу фарри гоҳу авранг,
Фарозанда сар аз фарзону фарҳанг,
Ба гетӣ комгору шодмон зӣ,
Дарозу деру дуру ҷовидон зӣ!
Ҳамон Шабдиз аспи бодрафтор
Ба дарде гашт ногоҳон гирифтор.
Ҳамон аспе, ки доремаш ҳама дӯст,
Нишони марг пайдо дар дами ӯст.
Фурӯ уфтода бар хок асту бемор,
Надонам, чорааш чист, эй ҷаҳондор».
Чу ин бишнид Кай Виштосп з-он мард,
Паридаш рангу ҳар ду рух шудаш зард.
Биомад назди Шабдиз ӯ шитобон,
Чу дидаш, шуд дилафгору парешон.
Фитода бар замини сард буд тан-ш,
Ба рӯйи хок буд ёзида гардан-ш.
Хамида чор пойи гурзвораш,
Ба ишкам рафта, гуфтӣ, ҳар чаҳораш.
Сар андар хок буд уфтода дилсард,
Ҳаме нолид дар худ суст аз дард.
Ҷаҳонҷӯ худ пизишки бешадон буд,
Шиносанда гиёҳу кордон буд.
Зи баргу тухми ҳар гуна гиёҳон
Мар ӯро сохтан фармуд дармон.
Накардаш ҳеҷ суде он ҳама чиз,
Ҳамоно, боз буд бемор Шабдиз.
Зи ҳар сӯ хонд пас донандагонро,
Гиёҳу дард бишносандагонро.
Пагӯёни забардасту тавоно,
Пизишкони ҳамаогоҳу доно.
Ҷаҳон гардидаву кор озмуда,
Намонда ҳеҷ розе нокушуда.

Ҳама ахтаршиносонро зи ҳар сӯй,
Фаро овард гирд андар сари ӯй.
Зи дармон ҳар пагӯе то тавонист
Бикардаш ҳар кадоме он чӣ донист.
Яке ништар гирифту зад рагаш чок,
Гиромӣ хуни онро рехт бар хок,
Яке афрӯхт бар вай озариспанд,
Ду дигар подзаҳраш доду гулқанд.
Яке гардонд дуду хондаш афсун,
Ки ронад девро аз тан-ш берун,
Гурӯҳе нӯшдору сохт чандон,
Гурӯҳе бо гувориш хост дармон.
Басо донишпижӯҳони хирадманд
Зи дармон ҳар чӣ донистанд, карданд.
Ҳазорон гуна дору суд н-овард-ш,
Накардаш кораву биҳбуд н-овард-ш.
Ҳазорон ранг ҷоду н-омадаш кор,
Зиён оварду бадтар гашт бемор.
Даруntар дастҳояш зери каш рафт,
Фурӯтар пойҳо дар ишкамаш рафт,
Ҳаме бигрист бар вай хун шаҳи Балх,
Ба комаш зиндагӣ гардид бас талх.
Зи бас нагрифт дору ҳеҷ дар асп,
Бишуд навмеду дил бишкаст Виштасп.
Зи дармон чун ҳама гаштанд истӯҳ,
Дили Виштосп пурхун шуд зи андӯҳ.
Кашид аз хобу оромиш дигар даст,
Даҳон аз хӯрду ошомиш фурӯ баст.
Касону вежагони шоҳ з-он кор
Ҳама ранҷур буданду дилафгор.
В-аз он эронсипаҳ андар такопӯй
Фитоду гирд омад бар сари ӯй.
Ки онро буд пирӯзӣ зи Шабдиз,
Ба майдон дар набарду ҷангу овез.
Ҳама дилхаставу ношоду дилреш,
Сару гардан хам аз андӯҳ дар пеш.
Яке аз дарпарастони шаҳаншоҳ -
Нигаҳдорандаи Зардушт дар чоҳ,
Ки аз Зардушт биҳ динро ба зиндон

Пазируфту шуд ӯро аз барӯшон, ,
Ҳамон, к-аз дарди бедармони Шабдиз
Дилаш пурдарду нохушнуд буд низ,
Зи чашми хешу аз бегона пинҳон
Даромад назди пайғамбар ба зиндон.
Ба ӯ биншасту аз ҳар дар сухан гуфт,
В-аз ӯ бас судманд андарз бишнуфт.
Бигуфт: «Эй донишалфанҷи дилогоҳ,
Бимонӣ то ба кай побанд дар чоҳ?
Ситамро аз чӣ бинҳодастӣ гардан,
Ба дарду ранҷ додастӣ чаро тан?
Чаро менагсилӣ занҷират аз пой,
Равӣ, озод гардӣ то дигар ҷой?
Бигӯ, худ банд аз поят кушоям,
Гуноҳи хеш то з-ин раҳ зудоям.
Гузар кун аз гуноҳам, эй паямбар,
Ки бастам ман ба рӯят рӯзу шаб дар.
Аз ин пас марг биҳтар бар ман аз он
Ки бинам дӯстро дар банди зиндон.
Худоё, ҷони ман бистон, к-аз ин пас
Надорам шарм пеши инчунин кас.
Кунун шармандаву расво чӣ нолам,
Ба пӯзиш чашм дар поят чӣ молам?
Яке дурванту зишту рӯсиёҳам,
Баду бадкарда марде пургуноҳам.
Ситам кардам ба ҷони бегуноҳат,
Низору хор афкандам ба чоҳат…»
Бигуфт: «Андуҳ, махӯр, эй дӯст, зинҳор,
Ки омад кӯтаҳӣ аз шаҳ дар ин кор.
Ки ӯ бар душмани ман кард бовар,
Ба гуфти бадманиш рафт он ситамгар.
Питат аз кардаи худ гардад ӯ хеш,
Ба зудӣ хонад аз зиндон маро пеш.
Пушаймон пушти дасти худ газад шоҳ,
Ба пӯзиш худ ба пешам ояд он гоҳ.
Чу донад кӯтаҳӣ худ сар зад аз ӯй,
Ба бахшиш боз бар ман оварад рӯй».
Чунон донист зиндонбон зи вахшур,
Ки рӯзи комгорӣ набвадаш дур.

Ба-д-он гаҳ кардаш аз аспи сияҳ ёд,
Ки ҷуфти Тир буду ҳамраҳи Бод.
Бигуфт: «Эй монтрони тозагуфтор,
Пизишки чирадасти ҷони бемор.
Расид он аспро дарде ба нохост,
Ки ҳеҷаш нест дору, то шавад рост.
Зи ҷон навмеду афгору нагунбахт,
Зи ҷунбиш монда онро чор по сахт.
Ҳама донишваронро бар сари ӯй
Фаро овард шоҳаншаҳ зи ҳар сӯй.
Сутӯҳиданд аз вай бешадонон,
Надонистанд, к-онро чист дармон.
Аз он шуд сахт андуҳгин  шаҳи Балх,
Ҷаҳонаш шуд чу заҳру зиндагӣ талх.
Даҳонро баста шоҳ аз хӯрду ошом,
Ба рӯзу шаб надорад хобу ором.
Равам, бо шоҳ гӯям, то туро низ
Биорад, то кунӣ дармони Шабдиз.
Чу аз дасти ту биҳ шуд моявар асп,
Кунад озод аз зиндон-т Виштасп».
Бигуфто: «Рав, ту боре гӯй бо шоҳ,
Ки пеши асп шояд бидҳадам роҳ».
Ҳамон дам рафт зиндонбон шитобон
Аз он ҷо зуд то пеши ҷаҳонбон.
Дурудаш гуфту сар дар пояш андохт,
Зи мижгон ҷӯйи ашк аз рух фаро тохт.
Ба зорӣ гуфт: «Эй боофарин шоҳ,
Туӣ дар кори худ донову огоҳ.
Яке дорам сухан аз баҳри гуфтан,
Ки гуфтан бошадам биҳ аз нуҳуфтан.
Маро бигзор, гӯям, то пазирӣ,
В-агарна хашм то бар ман нагирӣ».
Бигуфташ: «Бидҳамат з-он даст зинҳор,
Агар бар суди Шабдиз аст гуфтор».
Бигуфт: «Эй подшоҳи додпарвар,
Фарозанда зи доду ростӣ сар.
Ҷаҳонгарде, ки шоҳам дод фармон,
Кашидам баста дасту по ба зиндон.
Яке пуркарда дар ҳар кор доност,

Пизишки кордида-сту тавоност.
Агар хоҳӣ, бихон ӯро зи зиндон,
Кунад шояд ба дарди асп дармон».
Бигуфто: «Ин сухан беҳуда гӯйӣ,
Зи душман дасти ёрӣ чун биҷӯйӣ?
Чаро ман ёрмандӣ аз бадандеш
Бихоҳам, рӯзи бад чун оядам пеш?
Макун бо ҳар кас аз рӯзи бадат ёд,
Ки душман шод гардад, дӯст ношод».
Бигуфт: «Ӯ нест ҳаргиз бо ту бадхоҳ,
Нахоҳад ҷуз накӯӣ бар ту, эй шоҳ.
Бихон, шояд, ки марди бастакуштӣ
Ба Шабдизи ту бидҳад тандурустӣ».
Бигуфто: «Рост гӯйӣ, шояд он мард
Тавонад кард доруе ба-д-он дард.
Ҳамоно, чорае дигар надонам,
Ҷуз он, к-он ҷодувиро пеш хонам.
Бирав, ӯро биовар пеши мо зуд,
Расад з-ӯ кош мар Шабдизро суд».
Ба дарбон чун шаҳаншоҳ ин сухан гуфт,
Ду рух чун лола з-он гуфтор бишкуфт.
Замин бӯсиду гуфто: «Нӯша бодӣ,
Бизӣ ҷовид дар Гушто ба шодӣ!»
Ҳамон дам сӯи Зардушти ашӯ тафт
Зи пеши шоҳ зиндонбон бурун рафт,
Биомад, мужда додаш з-он ки Виштасп
Ба дидан хонад ӯро бар сари асп.
Зи пою даст-ш пас занҷир бикшод,
Бикардаш шодмон аз чоҳ озод.
Чу аз зиндон бурун рафтанд, Зардушт
Сару тан пок бо об аз фажаҳ шуст.
В-аз он пас бо дили хурсанд он мард
Паямбарро ба назди шоҳ овард.
Чу шуд ожир пеши шоҳ вахшур,
Фурӯғе дид Кай чун тобиши Хур.
Ки пайғамбар зи пайкар мебарафканд,
Ба перомун-ш дар кирдори чарғанд.
Нигоҳи шоҳ з-он тобиш билағзид,
Гирифташ чашму сар то по биларзид.

Бигуфташ: «Ҳафт рӯз он ҷо нахӯрдӣ,
Гурусна андар он чаҳ чун намурдӣ?
Шигифто, монда зинда то ҳанӯзӣ,
Ба ҷоду ёфтӣ дар чоҳ рӯзӣ?!
Машав хурсанд, к-аз чангам раҳидӣ,
Сазои карда бодафраҳ надидӣ.
Аз он овардамат берун зи зиндон,
Барӣ то бандаворам рост фармон.
Гар аз фармони ман сар тофт хоҳӣ,
Ба сандон путк бар сар ёфт хоҳӣ.
Кунун аспи сияҳро чорагар шав,
Ба шому рӯзаш аз темор нағнав.
Пириста бошу доруе ба-д-ӯ диҳ,
Ба дармон кӯш, то гардад ҳама биҳ.
Шавӣ гар комёб андар чунон кор,
Зи мо подоши некӯ чашм медор,
В-агарна зинда резам рӯдагонат,
Ба хӯрдан афканам пеши сагонат».
Бигуфт: «Эй шоҳ, шоду комрон зӣ,
Ба гетӣ ҷовидона шодмон зӣ.
Аз ин дам рӯзу шаб бо кӯшише беш
Бибошам роҳҷӯю чораандеш.
Чу бошад дастгирам пок Яздон,
Кунам аспи сияҳро нек дармон.
Шикебоӣ бигиру дил-т пур дор,
Дарахти орзу то оварад бор».
Ашӯ Зардушт омад, аспро дид,
Зи сар то пойи онро нек санҷид.
Бигуфт: «Эй шоҳ, то фардо ба кӯҳам
Раҳо кун, то гиёҳонро пижӯҳам.
Зи беху баргу аз тухми гиёҳон
Бисозам ҳар чӣ бишносам зи дармон».
Ҳамон дам вежагонро шоҳ фармуд,
Ба сӯи кӯҳаш оварданд то зуд.
Гузин кард аз гиёҳон он чӣ шоист
Ба дарди асп чандоне, ки боист.
Ба шаҳр овард то ҳангоми шабгир,
В-аз он ҳар гуна дору кард ожир.
Дар оташ пораеро з-он биҷӯшонд,

Ба  ҳуму шир бар Шабдиз нӯшонд.
Зи бахше шира дар ҳован биполид,
Пас андар пайкари Шабдиз молид.
Гиёҳи беҳтарин ӯро хӯриш дод,
Ба тухму дони некӯ парвариш дод.
Ба-д-ин раҳ кор андак беш нагзашт,
Ки аспи шоҳ рӯз аз рӯз биҳ гашт.
Расид аз Меҳру Моҳаш тандурустӣ,
В-аз ӯ бигрехт деви Ранҷу сустӣ.
Ба зудӣ пою дастон соз гашташ,
Ҳама зӯри ҷавонӣ бозгашташ.
Тавону тову ҳангу ҳуш баргашт,
Зи гоҳи пеш нерӯмандтар гашт.
Ба сони чор путк аз оҳану рӯй
Бигашт он чор пойи асп некӯй.
Фурӯ монданд шоҳу дарпарастон-ш,
Аз он вахшуру он доруву дармон-ш.
Ба дандон аз шигифтӣ он гаҳ ангушт
Гирифтанд он ҳама аз кори Зардушт.
Чу шаҳ дид аспро бо дидаи хеш,
Дурусту зӯрманду биҳтар аз пеш.
Гумон бишкасту боз омад-ш бовар,
Бишуд хасту ба гуфтори паямбар.
Зи карда бас пушаймон шуд ҷаҳонҷӯй,
Ки дод озораш аз гуфтори бадгӯй.
Ба дижбон гуфт: «Ӯро нек медор,
Ки то ман боз ҷӯям решаи кор…»

## КАРДАИ 5. ПАЙМОН БАСТАНИ ЗАРДУШТ БО ВИШТОСП АНДАР ТЕМОРДОРИИ АСПИ СИЁҲ ДАР ЧАҲОР ЧИЗ

Зи гоҳи бостон пирони огоҳ
Чунин гуфтанд з-он пӯяндаи роҳ.
Ба ҳангоме ки додаш шоҳ дастур
Ба кори асп то пардохт вахшур.
Ашӯ Зардушт Кайро бадгумон дид,
Ҳанӯз андар дили ӯ сад гумон дид.
Ба дониш шоҳ гарч-аш сар фаровард,

Дудил буду ба дин бовар наовард.
Бигуфт: «Эй подшоҳи додпеша,
Анӯшо дорадат Маздо ҳамеша.
Ба дастурии Додори Тавоно,
Худованди Хирад, Огоҳу Доно.
Ҳар он ч-аз дастам ояд, бандамаш кор,
Миён Шабдизро бандам ба темор.
Зи нав то Ҳум бидҳад тандурустӣ-ш,
Тавону зӯру чолокию чустӣ-ш.
Бигардад чор пояш биҳ ба-д-он ранг,
Зи боди сум-ш оташ хезад аз санг.
Чу як-як рост кардам пойи Шабдиз,
Ба ҳар як пой хоҳам аз ту як чиз.
В-агар хуш н-оядат ин чор хоҳиш,
Диҳад Шабдиз аз нав тан ба коҳиш,
Ту бо он чор гар бошӣ ҳамоҳанг,
Физояд аспро бар тан ҳушу ҳанг».
Чу бишнид ин сухан аз монтрон шоҳ,
Бигуфташ: «Ҳар чӣ мехоҳӣ зи мо, хоҳ.
Ки аз Шабдиз бартар набвадам дӯст,
Дилу ҷону ҷаҳони ман ҳама ӯст.
Кулоҳу ганҷу тахту тоҷу ҳар чиз
Нагирам ман ба тори мӯйи Шабдиз.
Агар з-ин дард аз дастат раҳо ёфт,
Туро хуршеди хушбахтӣ ба сар тофт.
Ба назди вежагону дарпарастон
Ба ин дастур бандам бо ту паймон.
Ҳар он ч-аз ман бихоҳӣ, бидҳамат беш
Сипоҳу ганҷи бемар бинҳамат пеш.
В-агар Шабдизро дармон набахшӣ,
Тани афсурдаашро ҷон набахшӣ,
Дар оташ афканам бозат нагунсор,
Туро чун марди ҷодуи фусункор.
Фиристам дар каду хокистари ту,
Ки гиряд зор бар вай модари ту.
Биё, бипсеч акнун кори Шабранг,
Ки рӯзе кӯтаҳ асту гоҳамон танг».

## КАРДАИ 6. ҶАШНУ СУР ОРОСТАНИ КАЙ ВИШТОСП ДАР БИҲ ШУДАНИ АСПИ СИЁҲ

Паямбар ёфт бо фармони Додор
Ба зудӣ чораи он кори душвор.
Чу бора тандурусту зӯрвар гашт,
Тавону ҳанг дар пайкар-ш баргашт.
Шаҳаншаҳ шод шуд аз кори вахшур,
Гумону душманӣ рафт аз сараш дур.
Чу Ҷам оростан ҷашне бифармуд
Ба ёрон, з-он ки аспаш ёфт биҳбуд.
Ба гирдаш хонд пас донишваронро,
Радону вежагону миҳтаронро.
Бигустурданд шоҳона яке хон,
Хӯришҳо хушгувору меваю дон.
Навои ною рӯду нолаи чанг
Зудуд аз шишаи дилҳо ҳама занг.
Майи нобу суруду воки дилчасп
Бикардаш масту хушдил гашт Виштасп.
Ҳамон дирӯза паймон омадаш ёд,
Ки бо вахшур басташ шоҳи бодод.
Бигуфташ: «Эй пизишки донишалфанҷ,
Ки бурдӣ аз тани асп ончунон ранҷ,
Ба рӯзи бад чу бигрифтӣ зи дастам,
К-аз он патёра то имрӯз растам.
Ба сахтӣ рӯз овардӣ маро суд,
Бузургу хурд ҳастем аз ту хушнуд.
Аз он рӯ аз ту ман бас вомдорам,
Питат аз карда, пӯзиш хосторам.
Ҳамедун ҳар чӣ мехоҳӣ, зи мо хоҳ,
Ки паймон инчунин буд, эй дилогоҳ.
Ниёзат чист, эй гундо, бигӯ боз,
Ки бидҳам эдару бошӣ сарафроз».
Бигуфто: «Чор хоҳиш дорам, эй шоҳ,
Бифармо, то кунам з-он чорат огоҳ.
Маро хоҳиш ҳамон бошад нахустин,
Пазирӣ бегумону рост биҳ дин.
Ба роҳу Кеши доди зардуҳуштӣ

Бубандӣ дар миён се роҳ куштӣ.
Яке бастан гиреҳ аз биҳманашнӣ,
Бувад дар дини поки маздаяснӣ.
Дувум бор аз барои биҳкунашнист,
Се дигар бастан они биҳгавашнист.
Дил аз андешаи некӣ биорой,
Гумони бад зи сина пок биздой.
Ба гуфтори накӯ дар дил биҷӯ роҳ,
Зи бад гуфтан забон барбанд, эй шоҳ.
Ба кори нек ҳамвора камар банд,
Зи бад кардан ду дасту чашм барбанд.
Аҳӯроро худои хеш бишнос,
Ба оташ дор Маздоро ҳаме пос.
Ҷаҳонро пок дору созаш обод,
Сипанҷӣ чун Аҳӯро мар туро дод.
Агар з-ин пас ту дини биҳ пазирӣ,
Раҳи доду диҳишро пеш гирӣ,
Бимонад зинда аспу нек гардад,
Наояд бар тану ҷонаш дигар бад.
Сипоҳу кишварат гарданд пурзӯр,
Камеҷат хор бошад, душманат-кӯр,
В-агарна бар тани Шабдиз сустӣ
Бигардад бозу коҳад тандурустӣ.
Зи фарҷоми сипоҳ, эй шоҳ, андеш,
Зи кору сарнавишти кишвари хеш».
Ҷаҳонҷӯ ин сухан з-ӯ хуш пазируфт,
Паямбарро сипосу офарин гуфт.
Ба пеши чашми дастуру дабирон,
Парасторону солорону пирон,
Гувоҳӣ дод, к-аз вахшури биҳдин
Гирифтам маздаяснӣ рост ойин.
Чу дидам корҳои бас шигарфаш,
Дилу андеша чун дарёи жарфаш,
Ба нерӯи Хирад хасту шудам ман,
Зи деву Аҳриман яксӯ шудам ман,
Аз ин пас панди ӯро кор бандам,
Биҳию ростӣ бо ҷон писандам.
Чароғи равшани дини биҳиро
Ки ӯ афрӯхт андар роҳ бар мо -

Ҳамеша ман фурӯзон дошт хоҳам,
Дурафши дини биҳ афрошт хоҳам».

## КАРДАИ 7. ХОҲИШИ ДУВУМИ АШӮ ЗАРДУШТ АЗ КАЙ ВИШТОСП

Чу шаҳ бигрифт аз нав дини Зардушт,
Гучастак Аҳриманро ҷо ба ҷо кушт.
Шуданд аз он ҷавону пир огоҳ,
Ки буд ӯ бегуноҳ афканда дар чоҳ.
Фареҳ хонданд бар бадхоҳу нафрин,
Ки бадгӯйӣ бикардаш аз сари кин.
Бирафт овозаи Аспи Сияҳ зуд
Ба кишвар, то бузургу хурд бишнуд.
Басо кас чун шунид ин достонро,
Пазиро гашт дини ростонро.
Бадандешон аз ин гаштанд ношод,
Ки режи он палидон рафт барбод.
Ашӯ Зардуштро Кай гуфт, к-«Имрӯз
Шудӣ бар Аҳриман дар разм пирӯз.
Ҳамеша дорадат Маздо зи бад дур,
Анӯшо бодӣ, эй фарзона вахшур,
Дигар аз мо чӣ дорӣ боз дархост,
Ба ман гӯ, эй паямбар, равшану рост.
Бигӯйӣ, созам аз баҳри ту пайдо,
Агар ч-аз Каҳкашон, ё жарф дарё.
Бигӯ, дар дил чӣ дорӣ, эй накӯкор,
Бибахшам музду подошат сазовор».
Бигуфто: «Эй дарахти барвари дод,
Ҳамеша сар-т сабзу борвар бод!
Зи тухмат руста дар гулшан ниҳоле,
Ки онро нест дар гетӣ ҳамоле.
Ситабру сахт пою пайкари ӯ,
Чу оҳан бурзу болову бари ӯ.
Дувум чизе, ки хоҳам, аз ту он аст,
Ки биспорӣ ба ман ӯро ту бар даст.
Ба назди анҷуман хон он писарро,
Ҳамон Испандидоди номварро.
Ба чашми пиру барно ошкоро

Ба-д-ӯ хонам паёми Восноро.
Гуво гарданд шоҳу дарпарастон
Ба солу моҳу рӯзу гоҳи паймон.
Ниҳолаш парварам бо оби Чисто,
Фарозад то сар андар боғи Ушто…»

## КАРДАИ 8. БА АШӮ ЗАРДУШТ СУПОРИДАНИ КАЙ ВИШТОСП ПИСАРИ ХЕШ ИСПАНДИДОДРО

Саворонро фиристод он гаҳ он шоҳ
Суви Испандидоди ял ба бунгоҳ.
Чу шуд огоҳ аз дастури Виштосп,
Биомад бо саворон пури Виштосп.
Падар бигрифт ӯро сахт оғӯш,
Ба ойини куҳан бӯйидаш аз дӯш.
Писарро гуфт: «Эй фарзанди дилбанд,
Фаро диҳ гӯшу бишнав аз падар панд.
Туро з-он хондам ин ҷо, эй накӯкор,
Ки дидан хост вахшур аз ту дидор.
Бирав, бинюш акнун панди он пир,
Ба дини ӯ гарову роҳи ӯ гир.
Ҳамеша гӯш дар фармони ӯ дор,
Зи роҳи рост берун пой магзор».
В-аз он пас гуфт Зардушти ашӯро,
Ки: «Нак биспурдамат, бипзир ӯро».
Паямбар гуфт: «Эй гурди сарафроз,
Ки бодат чашм дар роҳи хирад боз!
Аз он овардамат пеши шаҳаншоҳ,
Ки аз оянда корат созам огоҳ.
Туро, эй росткори ростандеш,
Писанда рӯзгоре ҳаст дар пеш.
Ба назди подшоҳу дарпарастон
Бибастан хоҳам ин ҷо бо ту паймон.
Падар бисподарат эронсипаҳро,
Ҳам он пӯлодсум Аспи Сияҳро.
Аз ин пас оядат бас корҳо пеш,
Ба роҳи доду дин пайкорҳо пеш.
Нигаҳ дорӣ зи душман кишвару дин,
Ба гурзи оҳанину теғи рӯйин.

Ба гетӣ тухми дини биҳ бичошӣ,
Ҳамеша з-он паноҳу пушт бошӣ.
Ба пирӯзӣ ҳамора ёр гардӣ,
Барорӣ ном дар гетӣ ба мардӣ.
Ба некӣ ному корат зинда монад,
Ҷаҳон то ҳаст, он поянда монад.
Зи ман дастури дини биҳ биомӯз,
Чароғи доду дин дар дил барафрӯз.
Ба Дастури Хирад мекун ҳама кор,
Хирадро раҳнамои хеш бигмор».
Суханҳо монтрон з-ин раҳ басе гуфт,
Ба ҷон Испандидод онро пазируфт.
Ба назди ҳамгинону шоҳу вахшур
Забон бар ростӣ бикшод шопур,
К-«Аз ин пас гуфтаи Яздон кунам ман,
Паямбар ҳар чи фармуд, он кунам ман,
Ман андар роҳи дини зардуҳуштӣ
Бибандам дар камар се роҳ куштӣ.
Ба боҷу барсам оташро ниёиш
Кунам, пурсам зи Озаргар кушоиш.
Ба Эрон густарам дини биҳиро,
Бичошам тухми доду фарраҳиро.
Барафрозам дурафши дини Зардушт,
Ба гетӣ густарам ойини Зардушт.
Ҳамора бошам андахси ҳудинон,
Паноҳу пушти маздояснӣ барсон.
Сипаҳро боз дорам даст з-оfанд,
Зи бурдан кола бар тороҷу фарзанд.
Зи куштан, сӯхтан, тороҷ бурдан,
Зи чизи нотавон бо зӯр хӯрдан,
Зи вайрон кардани ҳар ҷойи обод,
Ситондан чизи дарвешон ба бедод.
Дигар кас ҳеҷ аз эронсипоҳон
Наёрад рехт хуни бегуноҳон…»
Чу ял Испандидод ин гуфту Зардушт
Ба даст аз офарин зад гарм бар пушт, -
Ба пеши чашми шоҳу дарпарастон
Ба додан дасти ҳам бастанд паймон.
Паямбар рӯй сӯи осмон кард,

Ниёиш аз Худованди ҷаҳон кард,
Ки: «Эй шоистатар бартар ситоиш,
Ҷуз аз ту-м нест уммеди гушоиш.
Чунон кун, Кирдигоро, то саранҷом
Расем аз партави меҳри ту бар ком.
Биёз уфтодагонро дасти ёрӣ,
Намошон рост роҳи растагорӣ.
Чу оҳан соз ин шаҳзодаро тан,
Ки дар н-ояд-ш теғу тири душман.
Бидораш дур аз чашми бадандеш,
Зи тарфанду фусуну тарби бадкеш.
Бубахшаш ному кому сарбаландӣ,
Дурустӣ дар тану пирӯзмандӣ.
Хирад бахшу ба дину донишу дод
Бидораш дар паноҳи хеш дилшод.
Чунин боду чунинтар бод то бод,
Ҷаҳон - ободу мард - озоду дил - шод!»

## КАРДАИ 9. СЕДИГАР ХОҲИШИ АШӮ ЗАРДУШТ АЗ КАЙ ВИШТОСП: ШОҲБОНУИ ЭРОН - ҲУТӮСАРО БА САРВАРИИ ЗАНОНИ КИШВАР ГУМОШТАН

Чу бо Зардушт - вахшури ҳудинон
Бибаст Испандидоди гурд паймон,
К-аз он пас ӯ кунад пайваста пайкор
Або деву дурӯғу бо ситамкор.
Ба  роҳи ростӣ бигзорад ӯ гом
Ба роҳи дини Зардушти Спитом.
Ба Эрон густарад дини биҳонро,
Ба доду ростӣ дорад ҷаҳонро.
Бибандад дасти бедоду ситамро,
Зи нав созад ҷаҳони бас дижамро.
Ҷаҳонҷӯ з-он дувон дилшоду хушнуд,
Дуруду офариншон гуфту бистуд.
Шуданд он дам ҳама бо Кай ҳамовоз
Миҳони роду гурдони сарафроз.
Ҳама чун Кай ба дини зардуҳуштӣ
Якояк  пеши  ӯ  бастанд  куштӣ.

Зи ҳар сӯ шуд баланд он гоҳ фарёд,
Ки: «Шоҳо, бар ту садҳо офарин бод!
Кунун мо низ ёри он дувонем,
Худованди Хирадро хастувонем!»
Ҳар он к-ӯ буд бадхоҳи паямбар.
Ба худ печиду зад бо мушт бар сар.
Дарун-дар оташи кин сӯхт пинҳон,
Зи дуди рашк кӯраш гашт чашмон.
Зи бими шоҳу ял Испандидод ӯ
Наёристӣ ба гуфтан лаб кушод ӯ…
Ба-д-он гаҳ гуфт бар Зардушт Кайшоҳ:
«Севум худ чист хоҳиш, нак зи ман хоҳ!
Чу кардӣ дур дард аз ҷони Шабдиз,
Диҳам подошат аз ганҷу зару чиз.
Бисозам бениёзат аз зару ганҷ,
Барӣ то рӯзгоре чанд беранҷ.
Бигӯ, то ҳар чӣ хоҳӣ, орамат пеш,
Зи ганҷу аспу гову аз бузу меш».
Бигуфт: «Эй шаҳриёри додгустар,
Ки аз доду хирад афрохтӣ сар,
Севум чизе, ки аз ту хосторам,
Ки аз симу зараш биҳтар шуморам,
Ҳамон бошад, ки шаҳбонуи Эрон,
Ки ҳам пазруфт дини маздаяснон, -
Биомӯзад зи ман дастури Маздо,
Хирад андӯзаду фарҳангу чисто.
Занонро то ҳунаромӯз раҳбар
Бибошад чун яке дилсӯз модар.
Биҳонро парварад дар ростӣ роҳ,
Зи доду дину дониш созад огоҳ.
Зи банди дев бидҳадшон раҳоӣ,
Кунадшон сӯи Ушто раҳнамоӣ…
Яке ожир ҷойи гуфтугӯ соз,
Маро имрӯз бо ӯ рӯбарӯ соз,
Ки андарзе бихонам чанд ӯро
Зи роҳу рӯйи ойини Аҳӯро.
Чу бону гуфтаи мо дарпазирад,
Раҳи пайкори некӣ пеш гирад,
Занон оянд дар дини биҳӣ зуд,

Бигардад пок Маздо аз ту хушнуд.
Соросар гардад Эрон аз ту обод,
Зиянд озодагон биҳрӯзу дилшод».
Шаҳаншаҳ гуфт: «Оре, ончунон кун,
Ҳар он ч-аш, к-аз хирад бинӣ, ҳамон кун».

## КАРДАИ 10. ГУМОШТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ ШОҲБОНУИ ЭРОН - ҲУТӮСРО БА РАҲБАРИИ ЗАНОН

Касони хешро Кай пеши худ хонд,
Аз он гуфтори пайғамбар сухан ронд.
Ашӯ Зардуштро пас шоҳи бодод
Ба онон пеши шаҳбону фиристод.
Бурун шуд аз шабистон ҳамсари шоҳ
Фурӯзон ҳар ду рух бар гунаи моҳ.
Буте хуршедрӯю моҳпайкар,
Танида норгул дар Сарви Кишмар.
Пазира гашт вахшури ҳудинро,
Дурафшафрози ойини биҳинро.
Ба назди бастагон аз пиру барно
Чунинаш гуфт отурвони доно,
Ки: «Эй ҳамҷуфти шоҳи Балхи Бомӣ,
Фарозанда сар андар некномӣ,
Касе дар зебу фарру донишу меҳр
Ба гетӣ нест чун ту, эй накӯчеҳр.
Худовандат хирад бахшиду фарҳанг,
Ҳам он рӯйи накӯву мӯйи хушранг.
Зи хубон шоҳ чун бартар бидидат,
Ба Эрон бонувон-бону гузидат.
Каю Испандидоди гурд ҳар ду,
Ки дар дини биҳӣ ҳастанд хасту, -
Ба паймон ҳарду бо ман даст доданд,
Ба назди анҷуман хӯрданд савганд,
К-аз ин пас ҷуз раҳи некӣ напӯянд,
Ашову ростию дод ҷӯянд.
Ба Эрон тухми дини биҳ бикоранд,
Миҳанро хурраму обод доранд.

Ту низ, эй шоҳбонуи накӯном,
Чу он ду дар раҳи Гушто биниҳ гом.
Занонро бар ҷаҳони рӯшноӣ
Бару диҳ з-оташи дӯзах раҳоӣ.
Бурун бар з-ин чаҳи торики паркон,
Ба сӯи равшании дину фарзон.
Биомӯзам-т дину донишу дод,
Намоям роҳи гетӣ кардан обод.
Ба назди тӯдагон рав ошкоро,
Бидиҳшон мужда аз дини Аҳӯро.
Ба мардум доду дониш мебиомӯз,
Ба дилшон оташи фарзон биафрӯз.
Бипош андар замини дил чу диҳгон
Ҳамора донаи фарҳангу фарзон.
Занонро сӯи некӣ роҳ бинмой,
Ба бахту растагорӣ роҳ бикшой.
Раванд озодагон то аз пайи ту
Ба роҳи ростӣ, эй шоҳбону.
Бувад Виштосп - шоҳат чун нигаҳдор.
Писар - Испандидоди ял туро ёр.
Наёрад ҳеҷ душ бигрифт роҳат,
Ки бошанд он дувон пушту паноҳат…»
Ҳутӯс - он шоҳбонуи накӯчеҳр
Ба дин з-ин пеш дар дил баста буд меҳр,
Аз ин пеш он гули боғи биҳиштӣ
Пазира  буд дини зардуҳуштӣ.
Биҳонро  ҳамраҳу ҳамдостон буд,
Ҳамоҳанги ашӯву ростон буд.
Чу ӯ бишнид андарзи паямбар,
Чу гул рӯяш шукуфту шуд накӯтар.
Ба назди дояву занҳои дарбор,
Канизу хешу пайванду парастор,
Занони миҳтарону номдорон,
Тару хушранг чун гул дар баҳорон,
Або  дӯшизагони  норпистон,
Тазарвони чаманда дар гулистон, -
Гувоҳӣ дод, к-аз имрӯз то ҳаст
Ба доду ростӣ хоҳад камар баст.
Аз ин пас ошкоро бо ҳудинон

Кунад пайкор андар роҳи Яздон.
Аҳӯрокешу маздоясн бошад,
Биразмад бо дурӯғу деву бо бад.
Бигуфто: «Эй фурӯғи боми Ушто,
Дурафшон офтобо, Зардуҳушто!
Туӣ хуршеди боми растагорӣ,
Фурӯғи бомдоди бахтиёрӣ.
Задӣ сар чун ту аз Албурзи фарзон,
Ҷаҳон аз тоби рӯят шуд фурӯзон.
Фикандӣ чун фурӯғ андар дили ман,
Маро чашми хирад шуд аз ту равшан.
Чунон бод он ҳама паймону пайғон,
Кунам ҳар ч-аз ту хоҳад буд фармон.
Аз ин пас то даме ман зинда ҳастам,
Худованди Хирадро мепарастам.
Ба Рашну Нарсию Хуршед савганд,
Ба Беанбозу Беҳамто Худованд,
Барои ростӣ то рӯзи вопас
Биҳию ростӣ меварзаму бас.
Бувам то зинда бигзинам биҳиро,
Хушию хуррамию фарраҳиро.
Аҳӯродода обу оташу хок
Зи ҳар олудагӣ дорам ҳаме пок.
Бибошам аз дурӯғу дев безор
Ҳамеша бо бадӣ бошам ба пайкор.
Бикӯшам, то ҷаҳон обод созам,
Канам ҷӯ, боғҳо бунёд созам.
Бикӯшам баҳри кору пешаи биҳ,
Шукуфойии шаҳру кишвару диҳ.
Ба доду ростӣ то вопасин рӯз
Бибошам роҳпӯю донишомӯз…»
Ба чашми ҳамгинон бонуи Эрон,
Чу бо Зардушт он гаҳ баст паймон,
Бихондаш офарин он гоҳ вахшур,
«Худо,-гуфто,-бидородат зи бад дур!
Дилат пок асту тан поку сухан пок,
Набошад аз ҳама бад ҳаргизат бок.
Бизӣ, эй чашмаи пурҷӯши фарзон,
Чу чашми Ардвӣ поку фурӯзон.

Накӯ кардӣ, ки дар Кеши Аҳӯро
Камар бастӣ ба куштӣ ошкоро.
Ниҳодӣ устувор аз бихрадӣ гом,
Ба роҳи растагорӣ, эй накӯном.
Гузин кардӣ ту ойини биҳиро,
Гирифтӣ пеш роҳи фарраҳиро.
Бизӣ, эй шоҳбонуи накӯном,
Ба гетӣ ҷовидон монад туро ном.
Чунин боду чунинтар бод, то бод,
Ҷаҳон аз некӣ астуманду обод!»
Занони миҳтарону номдорон
Бидиданд ин шигифтангез паймон,
Бирафтанд аз пайи бонуи Кайшоҳ,
Ба дини биҳ бипайвастанд он гоҳ.

## КАРДАИ 11. ХОҲИШИ ЧАҲОРУМИ АШӮ ЗАРДУШТ АЗ КАЙ ВИШТОСП

Чу пайвастанд бо бонуи Эрон
Занону духтарони номдорон,
Ашӯ Зардушт з-он ҷо бо дили шод
Биомад боз пеши шоҳи бодод.
Бидид Аспи Сияҳро зӯрвартар,
Зи гоҳи пеш сад чандони дигар.
Сипаҳбад шод з-ону шоҳ хушнуд,
Камеҷон дил сиёҳу чеҳра чун дуд.
Чунин фармуд Кай Виштосп, к-: «Акнун
Диламро бовар омад бар ту афзун.
Аз он некӣ, ки кардӣ, сарфарозам,
Надонам, нек подошат чӣ созам?
Аз-ат, вахшур, чандон вомдорам,
Сипосу арҷ, боре, чун гузорам?!
Надорам ман дареғ аз бахри Шабдиз,
Агар сад ганҷ хоҳӣ, в-ар дигар чиз.
Зи аспу гову мешу гавҳару ҷоҳ
Бибахшам-т он чӣ мехоҳӣ, зи мо хоҳ.
Зи ман пурс он чӣ мехоҳӣ ба подош,
Бигиру бениёзу комвар бош.
Биовар пеш пеғони чаҳорум

Ба пеши чашми ин ҷо буда мардум.
Бифармо, ҳар чӣ хоҳӣ, он кунам ман,
Кунишро рост бо паймон кунам ман».
Бигуфто: «Дер зӣ, эй шоҳи шоҳон,
Шукӯҳу фарру зеби гоҳи шоҳон.
Ман аз дил шустаам ранги ҳама чиз,
Ба пеғони чаҳорум дил биангез.
Ба ман дидӣ, ки бадхоҳони дурванд
Ситам он рӯз беандоза карданд.
Чу бо гуфтори бадгӯ бегуноҳам
Фикандӣ ҳафт рӯзе зери чоҳам,
Ба ҷоду номи ман андар ҷаҳон рафт,
Ба номи неки ман з-он бас зиён рафт.
Кунун мехоҳам, эй шоҳ, ошкоро
Кунӣ, то номи бадхоҳони моро.
Бидонад то ҷаҳон, то бегунаҳ кист,
Ба-д-ин ҷо рӯсапеду рӯсияҳ кист».
Ҷаҳонҷӯ гуфт: «Дарбонро биёред,
Ба дасти ман-ш дар пурсиш супоред.
Аз ӯ пурсем беху решаи кор,
Кунам то номи бадкорон падидор».
Биоварданд он гаҳ посбонро,
Нигаҳбони дари он монтронро.
Ба-д-ӯ Кай гуфт, к-: «Эй дарбони Зардушт,
Дурӯғ ар гуфт хоҳӣ, хоҳамат кушт.
Зи ҳар ч-ат бозпурсам, посухи рост
Ба ман гӯ ошкоро бе каму кост.
Кӣ буд он рӯз андар боғ миҳмон,
Фиребат карду дар бикшод пинҳон?
Даруни хона чун куздон даромад,
Ниҳод он чизҳоро, пас баромад.
Калид он гоҳ пас дар нефаат баст,
Надонистӣ, чу хобат бурда буд маст?»
Нигаҳбон гуфт як-як номи онон,
Накарда ҳеҷ як аз шоҳ пинҳон.
Ҳама он баҳманону босторон
Миҳону сарварону номдорон, -
Касону вежагони шоҳ буданд,
Парасторони он даргоҳ буданд.

Ҷаҳонҷӯ бар саворе чанд фармуд,
Ки бар дарбори шоҳ орандашон зуд.
Саворон бадсиголонро ба-д-он гоҳ
Биоварданд назди бораи шоҳ.
Бипурсиданду посух баркашиданд,
Пижӯҳиданду як-як боздиданд.
Чу шуд аз ҳар кадоме кор равшан,
Ҳама он баддилони зишту ажкан -
Якояк ҳар чӣ кардандаш бигуфтанд,
Бурун шуд бӯйи ганде, к-аш нуҳуфтанд.
Паёпай бар гуноҳи хеш хасту
Шуданд он баддилони зишту тарсу.
Шаҳаншаҳ гуфт, к-: «Аз рӯзи нахустин,
Будам дониста, кӣ-бвад душмани дин.
Шумо он гаҳ маро кардед гумроҳ,
Фикандам он гиромӣ мард дар чоҳ.
Маро шуд равшан акнун он ҳама кор,
Шумо будед девони базаҳкор!»
Пас он гаҳ гуфт бо дужхим: «Бархез,
Мамӯлу рӯдагоншон бар замин рез!
Ситам карданд дар ҷони паямбар,
Бихоҳам рехтан хуни ситамгар.
Ба дӯзах то фиристам бадманишро,
Ки потипрос ин буд бадкунишро!»
Зану фарзанду наздикону хешон,
Шуданд аз кори пайвандон парешон.
Сар афканданд дар пеши шаҳаншоҳ
Ба пӯзиш бо фиғону нолаву оҳ.
Бадонро аз пушаймонӣ набуд суд,
Ба куштангоҳ дужхим бурдашон зуд.
Ҳама он бадсиголони базаҳкор,
Даҳанҳо хушку рух зарду нигаҳ зор, -
Ба марги хеш он гаҳ тан бидоданд,
Ба рӯйи кундаҳо гардан ниҳоданд.
Чу дужхим даст бурд андар табарзин,
Ҳама навмед шуд аз ҷони ширин.
Баромад дуди оҳи дӯстдорон,
Хурӯшу шевани хешу таборон.
Ба нола хок бар сар чош доданд,

Зи дида об дар гил пош доданд.
Ба кому дидагони мардуми Балх
Ҷаҳон торик гашту зиндагӣ талх.
Фиғони бастагони баддилон зуд
Баромад то ба гардун чун сияҳ дуд.
Ба-д-он гаҳ рафт пайғамбар шитобон
Ба назди шоҳу гуфто: «Эй ҷаҳонбон,
Сазанда нест мардони хирадро
Ба потимор куштан марди бадро.
Ба эшон хоҳам инак аз ту зинҳор,
Зи куштан дасти худ з-эшон нигаҳ дор.
Ки аз кирдори бад шояд пушаймон,
Шаванд он баддилони душтпаймон».
Ба гуфти монтрон он гаҳ ҷаҳондор
Гузар кард аз гунаҳшон, дод зинҳор.
Ҳама бадкардагон бо пӯзиш он гоҳ
Биуфтоданд дар пойи шаҳаншоҳ.
Задандаш бӯса бар пою пушаймон
Патат карданд аз карда гуноҳон.
Зи хоку гарди поҳои паямбар
Ба чашму рӯй молиданду бар сар.
Пасон шармандаву русво ба-д-он ҷой
Сарон афканда истоданд бар пой.
Ашӯ Зардушт гуфт: «Эй додгар шоҳ,
Ки додӣ доди гумроҳони бадхоҳ.
Ба ман биспорашон, то рӯзи фардо
Биомӯзам ба-д-эшон дини Маздо.
Аз эшон ҳар кӣ дорад донишу ҳуш,
Бигирад панди мораспанд дар гӯш.
Ҳар он к-ӯ мағз дорад дар сари хеш,
Пазирад дину гирад ростӣ пеш.
Ҳамон, к-аш дидаи дил кӯр бошад,
Зи рӯю роҳи биниш дур бошад,
Ба дини хеш бошад даст дар кор,
Худои хешро бошад парастор,
Надорад кор бо ҳамдину ҷудкеш,
Равад бо ростӣ андар раҳи хеш».
Ба-д-ин сон бадсиголони сияҳкор
Раҳо гаштанд аз дасти ҷаҳондор.

Ду-се тан дин пазируфт аз паямбар,
Ба мораспанди Маздо кард бовар.
Гурӯҳе пайрави ойини пешин
Бизист осуда бо некони биҳдин
Чун ин овоза аз шаҳре ба дигар
Гирифт Эрону Неронро саросар.
Паёпай тӯда-тӯда пиру барно
Пазируфтанд дини маздаясно.
Ба ҳар сӯ буд гар марде бадониш,
Ба ойини биҳӣ кардӣ гароиш.
Гирифт овоза ҳар ҷо шаҳру диҳро,
Пазируфтанд як-як дини биҳро.
Шумори пайравони кеши Зардушт
Фузун шуд рӯз то рӯз аз пасу пушт.
Зи тоби офтоби офариниш
Ҷаҳонро гашт равшан чашми биниш.
Ҳумои бахту пирӯзӣ ба парвоз
Ашӯвонро ба менӯ дод овоз,
Ки: «Бардоред, эй некон, сар аз хоб,
Ҳаме ояд яке Хуре ҷаҳонтоб.
Фурӯғи бомдоди доду фарзон
Фаро пошид дар Эрону Нерон».

## ФАРГАРДИ 5. ЧАҲОР ОРЗУИ КАЙ ВИШТОСП ВА ДАСТУРИ ЗАРДУШТ БАРОИ РАСИДАН БА ОН

### КАРДАИ 1. ДАСТУР ХОСТАНИ ШОҲ АЗ ВАХШУР БАРОИ РАСИДАН БА КОМИ ДИЛ

Чу шоҳи Балх бо Зардушт шуд ёр,
Пагаҳ то шом бо ӯ буд ба дарбор.
Ба сони бекарон дарёи ишгарф
Хурӯшону дамонаш диду бас жарф.
Шуд ӯро ҳамдилу ҳамкешу ҳамроз,
Бикардаш пешкори миҳтарон боз,
Кай андар дину ойини накӯӣ,
Миёнро баст дар роҳи ашӯӣ.
Бибаст ӯ дил ба Зардушти Спитом,
Накардӣ з-ӯ ҷудоӣ рӯз то шом.

Хирад омӯхт з-ӯву донишу дод,
Дурӯғу бад кунишро бурд аз ёд.
Ҳамон дини биҳиро нек бишнохт,
Ба кори неку биҳ ҳамвора пардохт.
Чунин пурсид рӯзе аз паямбар
Шаҳи фарҳангҷӯйи покгавҳар,
Ки: «Эй маздопарасти донишалфанҷ,
Ба дил андӯхта бас аз хирад ганҷ,
Пайи густурдани ойини Яздон
Чӣ бояд карданам з-ин пас ба гейҳон?
Ки тухми ростӣ бипроканам ман,
Дурӯғу девро барҳам занам ман.
Шавам то растагору бошам озод,
Ҷаҳонро аз накӯӣ созам обод.
Аҳӯро то бувад хушнуд аз ман,
Пас аз маргам бувад менӯ нишеман».
Бигуфт: «Эй подшоҳи додгустар,
Ба ҷуз некӣ-т набвад роҳ дигар.
Ба гетӣ некбахтӣ ар биҷӯйӣ,
Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ.
Гузин кун ростӣ андар ҳама кор,
Ҳамеша рост гӯю рост пиндор».
Бигуфт: «Эй монтрони донишогоҳ,
Ба дил бас орзу дорам дар ин роҳ.
Бигӯ, бар орзуҳои дил хеш
Чӣ созам, то расам, эй ростандеш?»
Ашӯ Зардушт гуфташ, к-:«Эй ҷаҳонҷӯй,
Ҳар он ч-аз орзӯ дорӣ ба дил, гӯй.
Бубинам, то чӣ созӣ андар ин роҳ,
Ба коми дил расонад-т Висп-огоҳ».
Бигуфт: «Эй ростгӯ вахшури биҳдин,
Фурӯғи офтоби равшанойин,
Нахуст он аст дар дил орзуям,
Ки хуршеди Ашо хандад ба рӯям.
Ҳамехоҳам ҷаҳоне менувонӣ,
Куҷо ромиш барад ҷон ҷовидонӣ.
Равонам чун ба менӯ шод бошад,
Зи андӯҳи ҷаҳон озод бошад.
Ба фарри эзаду меҳри Худованд

Анӯша бошадам урвону хурсанд.
Чу бо фармону дастури Аҳӯро
Ба кишвар густарам ман дини ӯро,
Кунам шаҳре чунон аз ростӣ рост,
Ки андархурди фармони Аҳӯрост.
Зияд озода дар он шаҳри обод
Зи Ушто баҳравар дар партави дод.
Дар он урвони ман болуда гардад,
Зи ҳар олудагӣ полуда гардад,
Ки то ҳангоми растохез озод
Равонам андар ин гетӣ бувад шод.
Бипайвандам ба Маздо ҷони худро,
Биомезам ба Ӯ урвони худро.
Чашам имрӯз оби ҳуми менӯ,
Барад ромиш маро ҷон з-овари ӯ.
Гузинам ҷо ба шаҳри рӯшноӣ,
Шавам андар ҷаҳони ошноӣ.
Бимонад номи ман андар ҷаҳон дер,
Равонам бошад аз дидори ӯ сер.
Дувум ин аст дилро орзу боз,
Бигӯям бо ту, бишнав, эй сарафроз.
Ки чун дин дар ҷаҳон бипроканам ман,
Ҳар ойин пеш ояд сахт душман.
Ба ман гӯ чун ҷаҳон созам ба-д-ӯ танг,
Бувам пирӯз бар душман ба ҳар ҷанг?
Бихоҳам теғу тиру гурзи душман
Маро ҳаргиз наёбад роҳ дар тан.
Сипоҳам чун ба душман шуд ба пайкор,
Ба пирӯзӣ ҳамеша то бувад ёр.
Севум он орзу дар дил, ки дорам,
Хирадро аз Аҳӯро хосторам.
Барафрӯзад Аҳӯро ҷони манро,
Чунон равшан кунад урвони манро,
Кушояд аз хирад чашми диламро,
Чу оташ пок дорад ӯ гиламро, -
Битобад меҳри Маздо бар сари ман,
Ба чашми ҷон шавад-м оянда равшан,
Ки бинам ҳар чӣ аз чарх оядам пеш,
Зи неку зишт ҳар пешомади хеш...»

Чаҳорум он чӣ аз Додори Кайҳон
Ба гетӣ хосторам аз дилу ҷон, -
Ҳамон бошад, ки Додори тавоно
Кунад бар гавҳари ҳастӣ-м доно.
Зи оби зиндагонӣ бидҳадам нӯш,
К-аз онам зинда монад ҷовидон тӯш.
Танам то рӯзи растохез бо ҷон
Ҳамеша ҷуфт дорад пок Яздон.
Равонамро зи тан ҳаргиз ҷудоӣ
Набошад то ба рӯзи рӯшноӣ».
Паямбар гуфт: «Бо меҳри Худованд
Расад бар коми дил шоҳи хирадманд.
Туро гар орзӯ ин асту армон,
Ба дардат ҷуз накӯӣ нест дармон.
Ба некӣ кӯшу роҳи ростӣ гир,
Ки ояд бар нишон аз ростӣ тир.
Биҳӣ бигзину ёри ростӣ бош,
Ба кишти хеш тухми ростӣ пош.
Чу хоҳишманди бори орзуӣ,
Бикун обод боғе аз накӯӣ.
Ба танҳоӣ наёбӣ ком, эй шоҳ,
Гузин кун чанд кас з-ин шаҳр ҳамроҳ.
Бигир аз вежагонат чор танро,
Дилерони барӯманди миҳанро.
Аз эшон ёфт хоҳӣ орзуят,
Бихандад ахтари Ушто ба рӯят.
Нахуст он кас, ки бояд дар сароғоз
Гузин созӣ-ш, эй шоҳи сарафроз,
Ту, Кай Виштосп худ ҳастӣ, ҳамон род,
Ки бояд худ шавӣ аз банд озод.
Ту худ бар хештан пирӯз гардӣ,
Чу оташ хештан худсӯз гардӣ.
Барӣ то аз хирад бар хеш фармон,
Бидорӣ дур ҷону дил зи паркон.
Ба гетӣ донаи некӣ бикорӣ,
Забону дасту дил аз бад бидорӣ.
Ба доду ростӣ дорӣ дили хеш,
Бибошӣ додварзу ростандеш.
Расӣ бар Баҳману Хурдоду Мурдод,

Бувӣ фармонраво бо донишу дод.
Расӣ бар орзуи хеш он гоҳ,
Зи меҳри Эзади Ҳар-висп-огоҳ.
Дувум он орзу, к-андар дили хеш
Ҳамеварзад шаҳаншоҳи накӯкеш,
Ҳамон бошад, ки аз пешомади кор
Бувад пайваста огаҳдил ҷаҳондор,
Бидонад ҳар чӣояд бар сари ӯ,
Ба хешону сипоҳу кишвари ӯ,
Ба-д-ӯ равшан шавад ояндаву нун,
Ба сар ҳар ч-оядаш аз чархи гардун.
Зи баҳри ин-т бояд, шоҳи бодод,
Гузинӣ бихраде фарзонаву род.
Ҳамон марде, ки дар ин роҳ гирӣ,
Ҳамеша гуфти ӯ бояд пазирӣ, -
Бувад Ҷомосп - марди донишу дод,
Ҳамон гундои бофарҳангу озод,
Пагӯи мағзванди дил пур аз ганҷ,
Пизишки чирадасти донишалфанҷ.
Дилаш дарёи жарфи пур зи гавҳар,
Ниҳон дар оби жарфаш ганҷ бемар.
Ба биниш чашми ҷон аз Меҳр испед,
Ба дониш роҳи дил равшан зи Хуршед.
Пагӯи ҳушманду донишогоҳ,
Накӯкору накӯгӯю накӯхоҳ.
Чу ӯ дар роҳи дину донишу дод
Расад бар Баҳману Мурдоду Хурдод.
Ба дил бинад ниҳону ошкоро,
Ҳама он ч-ояд андар сар шуморо.
Кунад Маздо Аҳӯро комгораш,
Шавад чистои варҷованд ёраш.
Ту ӯро пешкори хештан гир,
Ҳама дастури некӣ з-ӯ ту бипзир.
Ниҳонбин чун дили Ҷомосп гардад,
Ҷаҳонбин дидаи Виштосп гардад.
Аҳӯро бидҳадаш пирӯзию ком,
Зи некӣ дар ҷаҳон ӯро равад ном.
Гар ӯ дастури дастурони шоҳ аст,
Туро пирӯзию ушто диҳад даст.

Расӣ бар орзӯи хеш он гоҳ,
Биёбӣ коми дил танҳо аз ин роҳ.
Чунин боду чунинтар бод, то бод,
Ба коми эзадон, эй шоҳи бодод».
Ашӯ Зардушту фаррухзод Виштосп
Чу пардахтанд аз гуфтан зи Ҷомосп,
Паямбар гуфт бар Виштосп он гоҳ,
К- «Анӯшо бодӣ, эй боофарин шоҳ
Аҳӯро - Воснои Висп-огоҳ
Расонад бар севум армонат он гоҳ,
К-агар Испандидоди номварро,
Дилеру гурду размовар писарро.
Гуморӣ бар сипоҳи хеш солор,
Шавад он гоҳ пирӯзӣ туро ёр.
На ҳаргиз созад ӯро кор бар тан
Дурафшу гурзу тиру теғи душман.
Зи душман кишвари Эрон падофанд
Кунад он номвар фарзона фарзанд,
Зи меҳри Эзади пок, эй дилафрӯз,
Ҳамеша бошӣ бар душман-т пирӯз».
Шаҳаншаҳ гуфт: «Чорум орзуям
Шунав, чун гуфтаму нав боз гӯям,
Дилам, эй дӯст, меҳоҳад, ки ҷовид
Бимонам зинда бо Хуршеду Ноҳид.
Равон андар танам то Рӯзи Хезиш
Бимонад ҳар ду бо ҳам дар гумезиш.
Бувад ин орзуи вопасинам,
Ба шому рӯз андеша бар инам...»
Ба шоҳи Балх сӯи орзу роҳ
Чунин бинмуд вахшури дилогоҳ,
Ки «Чорум орзу, к-андар дили туст,
Ниҳоле сабз аз обу гили туст,
Ба оруни накӯ онро биорой,
Ба кирдори биҳӣ некаш биперой.
Зи тоби меҳри Виспогоҳ Додор
Кашад сар он дарахту оварад бор».
Бигуфто: «Он ниҳоли сабзсар чист?
Ба ориш он дарахти борвар кист?»
Бигуфташ: «Номи он бурно - Пашӯтан,

Ҳамон некусириштти мағзравшан.
Ба Эрон нест чун ӯ богуҳартар,
Зи фарзандон туро ӯ ҳаст бартар.
Ба доду дину дониш парвариш кун-ш,
Зи шиӣру ҳуми поку хуш хӯриш кун-ш.
Гарат ҷовид мондан орзу ҳаст,
Ҳамон уммед бояд-т андар ӯ баст.
Агар гирӣ ту дар ин раҳ писарро,
Хирадманду дилеру пурҳунарро,
Ба доду ростӣ то сар биёзад,
Ба гардун аз биҳӣ гардан фарозад,
Намирад шоҳу монад зинда ҷовид
Дар ин фарзанди худ, то ҳаст Хуршед.
Аз ин раҳ дар ҷаҳон, эй шоҳи бодод,
Равонат монад андар пайкарат шод.
Ки то Рӯзи Гузориш ҷон-т дар тан
Бимонад хурраму хуш дар Пашӯтан.
Ҳамедун боду эдунтарҷ, эй шоҳ,
Ба коми Гаргари Ҳар-висп-огоҳ!»
Зи пайғамбар чунин пурсид пас Кай:
«Бигӯ, бар орзуи худ расам кай?
Равам ман аз чӣ роҳу чун кунам кор,
Ниҳоли орзу то орадам бор?»
...Паямбар бар намози оташи пок
Ба оташгоҳ омад боз чолок,
Ба шиӣру ҳум оташро ниёиш
Бикарду пок Маздоро ситоиш,
Равонро бо Аҳӯро бозпайваст,
Сипас ёзид сӯи осмон даст.
Бигуфт: «Эй Кирдигори оташу об,
Барафрӯзандаи Шеди ҷаҳонтоб!
Ба ман гӯ, бо кадомин шеваву роҳ,
Расад бар орзуи хештан шоҳ?»
Аҳӯро гуфт дар посух ба вахшур,
Ки: «Рӯзи комёбӣ набвадаш дур.
Дар ин раҳ роҳбар бошад Сурӯш-ат,
Фаро ҳамвора бар вай дор гӯшат.
Сурӯши осмонпаймо ба ҳар гоҳ
Намояд бар ҳама коре туро роҳ.

Расад ҳангоми ҳар коре фаро боз
Ба дастури Сурӯшат гирад оғоз...»

## КАРДАИ 2. ФАРО РАСИДАНИ РӮЗЕ, КИ КАЙ ВИШТОСП БА ОРЗУҲОИ ХУД РАСИД ВА АШӮ ЗАРДУШТ МИЁНИ ЧАҲОР КАС ФАРМОНРАВОИИ КИШВАРРО БАХШ НАМУД

Чунин бинвишт пири донишандӯз,
Хирадалфанҷ Рустамҷӣ Фрамрӯз.
Фурӯ сар бурда дар дарёи Чисто,
Гуҳарандӯзу ганҷури Ависто,
Чароғи пурфурӯғи роҳи дониш,
Дарахти сербори боғи ориш,
Гуҳарбишноси ганҷи ноби Зардушт,
Калиди ганҷи фарзон дошт дар мушт,
Ки чун омад фаро он вежа ҳангом,
Ки Маздо гуфт бар пури Спитом,
Ба ҳовангоҳ вахшури ҳудинон
Ба ойин сохт бо ясно яке нон.
Анор оварду ҳуми пок бо шир,
Гуле хушбӯй кард ӯ низ ожер.
Дар овандон ба хушнудии Додор
Ба оташ пешкаш овард он чор.
Паямбар зӯту отарвахш Виштосп,
Пашӯтан низ бо дастур Ҷомосп,
Ҳам он Испандидоди гурду номӣ,
Миҳону вежагони Балхи Бомӣ.
Ҳама буданд назди пок оташ,
Гузоранда намоз он гоҳу дил х(в)аш.
Чу пардахтанд аз ойини ясно,
Нишастанд он чаҳор анбози доно,
Паному барсам он сӯ пас ниҳоданд,
Сухан аз ҳастию будиш кушоданд.
Ба-д-он ҳангом пайғамбар чунин гуфт,
Ки: «Шоҳо, бахти некӯ бошадат ҷуфт!
Зи оби ҳум, к-афшурдем дар ҷом,
Зи баҳри Ҳованӣ, боре, биошом.
Равонбахш аст он нӯшоби хушбӯй,

Ба бевар дард дармон аст дар ӯй.
Ки зарринфом Ҳуми сабзрухсор
Зи оби зиндагӣ буд баҳрабардор.
Ту низ ошом з-оби зиндагонӣ,
К-аз он то зиндаву ҷовид монӣ».
Чу Кай Виштосп ҳуму шир нӯшид,
Сараш хуш гашту дар раг хун биҷӯшид.
Зи мастӣ дар гиребон сар фурӯ бурд,
Даме нагзашту хоби орзу бурд.
Ба-д-ин сон андар он кохи дилафрӯз
Ҳаме буд маст шоҳаншоҳ сӣ рӯз.
Сари андеша жарф андар гиребон
Фиканда буд пеши пок Яздон.
Равони хештанро дид, к-озод
Пари парвоз чун Симурғ бикшод.
Ба менӯи ҷаҳоне кард парвоз,
Шигифтангезу бишкӯҳу пур аз роз.
Биҳиште хурраму сарсабзу ишгарф,
Ҳама дар равшанӣ поғӯш бас жарф.
Ба-д-он хуррам ҷаҳони менувонӣ
Расидаш ҷону дилро шодмонӣ.
Равонро ромиш андар вай басе дид,
Ба тан осоиш он ҷо ёфт ҷовид.
Ба-д-он гаҳ дод Кай Виштосп дастур,
Ки бидҳад бар писар з-он шир вахшур.
Пашӯтан то бинӯшад низ з-он шир,
Ки буд бо божу ясно карда ожир.
Барад то баҳра з-оби зиндагонӣ,
Аз он то зинда монад ҷовидонӣ.
Пашӯтан чун Даравни пок бо шир
Биошомиду сар афканд дар зер.
Танаш бигрифт орому бишуд нарм,
Дилаш з-он шири варҷованд шуд гарм.
В-аз он нӯшобаи ҷонбахш сармаст
Ба жарф андеша бо Маздо бипайваст.
Фурӯғе ҷовидонӣ дар дилаш тофт,
Равонро андар он ҷовид дарёфт.
...Чу омад гоҳи бар Ҷомосп дарх(в)ард,
Ба-д-ӯ вахшур гулҳо пеш овард.

Ҳамон хушбӯй гулҳо - тозаву тар,
Ки бурда бар Аҳӯро буд зӯтар.
Ашӯ Зардушт гул Ҷомоспро дод,
Зи бӯйи гул дили Ҷомосп шуд шод.
Ба мағз-андар-ш бӯйи гул фаро тохт,
Дил аз Чисто ба биниш чашм во сохт.
Дили ӯ ёфт бар ҳар неку бад роҳ,
Шуд аз бигзаштаву з-оянда огоҳ.
Бидид ӯ рӯйдоди ин ҷаҳонро,
Ҳама аз диди чашми сар ниҳонро.
Ба дил бикшод худ чашми хирадро,
Ба-д-он санҷид равшан неку бадро.
Ҳама рози ҷаҳон дарёфт осон,
Намондаш ҳеҷ чиз аз дида пинҳон.
Сипас афшурд дар ҳован ҳамон нор,
Ки бурдаш зӯ(х)р бахри пок Додор,
Пас он Испандидоди гурдро гуфт,
Ки: «Маздо созадат бо фарраҳӣ ҷуфт,
Аз ин афшурдаи нор, эй накӯном,
Ба божу барсаму ясно биошом.
Бидорад аз бади гетӣ туро дур,
Физояд низ андар пайкарат зӯр.
Наояд ҳеҷ душман бар ту пирӯз,
Ба гетӣ ҳаргиз, эй гурди дилафрӯз.
Чу оҳан сахт гардад пайкари ту,
Шавад рӯйина аз по то сари ту.
Ба-д-он сон пӯст гардад бар ту ҷавшан,
Нагирад тиру теғу гурзи душман.
Чу бо бадхоҳ дар пайкор бошӣ,
Ба пирӯзӣ ҳамеша ёр бошӣ.
Киҳу миҳ аз ту дар Эрон бинозанд,
Ба номат пиру барно сар фарозанд.
Паноҳу пушти Эроншаҳр бошӣ,
Ба гетӣ тухми дину дод чошӣ...»
Пас он нӯшоби варҷованд дар ҷом
Зи ҳован рехт Зардушти Спитом.
Лаболаб карда он гаҳ ҷоми зарро
Бидод Испандидоди номварро.
Чу ӯ он оби варҷованд нӯшид,

Танашро рӯй сартосар бипӯшид.
Аз он шуд ном-ш рӯйинтан, ки пайкар
Чу рӯйин сахт шуд ӯро саросар.
Ки ҷангафзору тиру теғи душман
Накардӣ кора ӯро ҳеҷ дар тан.

## КАРДАИ 3. ДОНИШУ ЧИСТО ОМӮХТАНИ КАЙ ВИШТОСП АЗ АШӮ ЗАРДУШТ

Ба чашмаш дид чун шоҳ он ҳама роз,
Ба мастӣ дар шигифтангез парвоз,
Дил аз вахшур ӯро шуд зи бас х(в)аш,
Зи шодӣ кард рӯяш гул чу оташ,
Ба назди ҳамгинон шоҳи ҷаҳонҷӯй
Ба сӯи осмон овард пас рӯй.
Бигуфт: «Эй Кирдигори Висп-доно,
Ҳамаогоҳ Маздои тавоно!
Туӣ Додори Беанбозу Якто,
Ҷаҳони аставанд аз туст барпо.
Ту кардӣ Обу Хоку Оташу Бод.
Хирад додию ҷону гаштану дод.
Сипеҳру гардиши гарданда гардун
Ҳама аз туст, эй Яктои Бечун.
Ту бахшидӣ ҷаҳонро зиндагонӣ,
Танӣ-ҷониву гетӣ-менувонӣ.
Маро кун раҳнамоӣ то саранҷом
Ба кӯйи растагорӣ барниҳам гом.
Раҳи парвози урвонро ба Гушто
Ту равшан созу ҷонро бахш ушто.
Равонам то ҳамеша хурраму шод
Зи гетӣ то ба менӯ бошад озод...»
Аз он пас рӯй сӯи монтрон тофт,
Бараш гуфт он чӣ андар хеш дарёфт.
В-аз ӯ дархост, к-омӯзад-ш чисто,
Зи варҷованд фарҳанги Ависто.
Бигуфт: «Эй пешвои донишогоҳ,
Чароғи пурфурӯғи ростин роҳ,
Ту ҳастӣ раҳнамои росткорон,
Чу хуршеде ба роҳи растагорон.

Фикан чашми диламро рӯшноӣ,
Намо раҳ сӯи кӯйи ошноӣ.
Ба ман Дастури динро диҳ гузориш,
Зи «Готон»-и сипанто гӯям ориш.
Диламро бо Хирад ҳамроҳ гардон,
Зи рози ардамон огоҳ гардон.
Маро Хшнум биомӯзу биҳиро,
Ашову доду дину фарраҳиро.
Бигӯ пачвоки ҳар як вожаи пок,
Маро кун ошно бо рози ҳар вок.
Чунон чун андар ин гоҳам падидор
Биовардӣ ба дил з-он пок гуфтор.
Аз ин пас низ бо ман ончунон кун,
Маро огоҳ з-он рози ниҳон кун.
Чунин боду чунинтар бод то бод,
Ба фармони Гарогар бод, то бод.
Ба коми Эзаду амшоспандон
Бигардад рост чархи гирдгардон».
Паямбар гуфт: «Эй боофарин шоҳ,
Ниҳода гом андар ростин роҳ,
Ҳамедун боду эдунтарҷ, то бод,
Хуранди кому фармони Худо бод!
Чунон чун хостӣ, ондун кунам ман,
Ба Чисто чашми дил созам-т равшан.
Ҳама банду гириҳ бикшоям, эй шоҳ,
Ба мағзи ростӣ бинмоямат роҳ.
Кунам чашми дилатро аз хирад боз,
Бубинӣ, то ниҳон дар пардаҳо роз.
Фуруд ойӣ сар андар жарф дарё,
Гуҳар андӯзӣ аз дарёи Чисто...»

## КАРДАИ 4. ГУФТОРИ АШӮ ЗАРДУШТ БО КАЙ ВИШТОСП АНДАР РОСТӢ ВА АШО

Аз ӯ пурсид шоҳи Балх он гоҳ,
Ки: «Аз рози нахустин созам огоҳ.
Нахустин Ростӣ андар ҷаҳон чист,
Дарун дар пардаи ориш ниҳон чист?»
Бигуфт: «Эй додгар шоҳи хирадманд,

Нигаҳ дородат аз ҳар бад Худованд,
Нахустин Ростӣ дар дин Хирад дон,
Хирадро мояи ҳастӣ ҳаме хон.
Нахустин Ростӣ Маздо Аҳӯрост,
Ки ҷону зиндагиву бурзиш Ӯрост.
Хирад Додофарин - Парвардигор аст,
Ки ҳанҷори ҷаҳонро кирдигор аст.
Нахустин Ростӣ Маздост, Маздо -
Хирад, к-аз довариии Ӯст пайдо.
Ҳамеша бош Маздоро парастор,
Парастишрост танҳо ӯ сазовор.
Хирадро кун парастиш, эй хирадманд,
Хирад тобест аз рӯйи Худованд...»

## КАРДАИ 5. ГУФТОРИ АШӮ ЗАРДУШТ БО КАЙ ВИШТОСП АНДАР АМШОСПАНДОНИ АҲӮРО МАЗДО

Нахустин Ростӣ чун ошкоро
Шуд аз Дастур фаррух подшоро,
Шаҳи боофарину додгустар
Чунин дархост он гоҳ аз паямбар,
Ки ҷуз он Ростӣ дар Пок Дастур
Бисозад равшан ӯро, низ, вахшур.
Бигуфт: «Амшоспандони Худованд
Фурӯғи рӯйи як хуршеди Ӯянд.
Ҷаҳонро ҳаст ҷоне, Ҷони Кайҳон,
Ки бошад ном онро «Гӯш-Урвон»,
Ки он ҷони ҷаҳони астуманд аст,
Ки гардонандаи чархи баланд аст.
Ҳамон амшоспандони Аҳӯро,
Ки шаш тобиш зи як рӯянд Ӯро,
Нахуст андешаи нек аст – «Баҳман»,
Ҷаҳон аз рӯйи поки ӯст равшан.
Дигар «Арди-Биҳишт» - он Биҳтарин Рост
Ашои Биҳтарини пок Маздост.
Дигар «Шаҳревар»-ат бошад гувоҳӣ,
Ҳамон нерӯи Веро-Подшоҳӣ.
Тавоноӣ ба воло шаҳриёрӣ,

Ба кайҳон дастгоҳи додкорӣ.
Писандида шаҳаншоҳӣ ба кайҳон
Ба дасти Подшоҳи Некфармон.
Дигар он роз, к-андар парда пинҳон
Бувад дар гуфтаҳои пок Яздон, -
Ҳам «Испандормад» - он Поку Ҷовид,
Нигаҳбон ахтарону Моҳу Хуршед.
Ҷаҳон ангезаи меҳр асту бингар,
Пур аз меҳр асту оромиш саросар.
Ки Испандормад з-амшоспандон
Бувад з-он меҳру оромиш нигаҳбон.
Ҷаҳон оганда ҷом аст аз майи меҳр,
Ҳама дар ҷунбиш ин ҷо аз пайи меҳр.
Даду домону мардум бо ҳама чиз,
Гиёҳу урварону ҷонварон низ,
Ҳам он Хуршеду Моҳу Тиру Баҳром
Зи меҳри ҳамдигар ҷӯянд ором...
Дигар з-амшоспандони Худованд
Бувад «Хурдод», эй шоҳи хирадманд.
Расоӣ ҳаст, он, шоҳо, расоӣ,
Расоӣ ҳаст дар кори худоӣ.
Набошад андар ӯ аз костӣ ҳеҷ,
Набинад кас дар он ҷуз ростӣ ҳеҷ.
Дигар з-амшоспандонро «Амурдод»
Бихонӣ, к-он бувад ҳамбози Хурдод.
Намиранда-ст Амурдод, эй шаҳаншоҳ,
Наёбад марг ҳаргиз андар он роҳ.
Мар Ӯро зиндагонӣ ҷовидонист,
Ҳамеша зинда андар шодмонист.
Ҳама чизи ҷаҳон миранда бигмор,
Магар Ӯ зиндаву поянда бишмор».
Чу ин бишнид шоҳи ростандеш,
Ба дин шуд устувор аз пештар беш.
Бигуфт: «Эй пешвои маздаяснон,
Фурӯзанда чароғи роҳи фарзон.
Ту равшан кардӣ ин торик ҷонам,
Ба биниш боз кардӣ дидагонам,
Гаронам буд гӯшу кӯр чашмон,
Сияҳ чун дуд мағзу дил зи паркон,

Зи пандат гӯши кар имрӯз бишнуд,
Рухат з-ойинаи дил дуд биздуд.
Фиканді рӯшноӣ дар дили тор,
Дамидӣ ҷон маро дар ҷони бемор.
Ту дармонбахши виспи дардгонӣ,
Пизишки ҷону биҳсози равонӣ,
Ту дар торик дилҳо рӯшноӣ
Дамидӣ, эй чароғи раҳнамоӣ.
Фурӯғи ҷону з-они дидагонӣ,
Ба Хуршеди ҷаҳонафрӯз монӣ.

## КАРДАИ 6. ПУРСИШИ КАЙ ВИШТОСП АЗ АШӮ ЗАРДУШТ ОНРО, КИ ЧАРО БА ОН ЧАҲОР КАС ОН ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТАНГЕЗРО - ҲУМУ ШИРУ АНОРУ ГУЛРО ДОДА ВА АЗ ОН ЧӢ МЕХОСТ ГУФТАН БА ХУШНУМ

Кайи маздопарасти донишомӯз
Чунин пурсид аз вахшур он рӯз:
«Шигифт омад маро, эй дӯст, з-он чор -
Зи ҳуму шири поку аз гулу нор,
Диламро чашм равшан кун ба хшнум,
Маро огоҳ соз аз ориши ҳум.
Чаро додӣ ту ҳуми пок бар ман,
Чӣ шири ноб додӣ бар Пашӯтан?
Бидодӣ аз бари Ҷомосп гулро,
Анор-Испандидоди гурду ялро?
Кунун гӯ, рози ширу ҳум чӣ-бвад,
Анору вард дар хшнум чӣ-бвад?»
Чунинаш гуфт дар посух паямбар,
К-«Анӯшо бодӣ, шоҳи додгустар!
Чу дил бе оташи чисто будат сард,
Рух аз берангии гетӣ будат зард,
Чу ҳумат тохт дар мағзу рагу хун,
Дилат шуд гарму рӯят сурху гулгун.
Чу кардӣ оби ҳуми покро нӯш,
Чу оби Вӯурукаш дил задат ҷӯш.
Зи бими марг будӣ то ту навмед,
Нигар, к-аз ҳум гаштӣ зинда ҷовид.

Туро дил хаста буду ҷони бемор,
Дурустӣ ёфт аз ҳум, эй ҷаҳондор.
Будӣ з-андӯҳ сусту нотавоне,
Дилат сард аз ҷаҳону хастаҷоне,
Чу хӯрдӣ ҳуму дар худ бингаристӣ,
Бидидӣ фарраҳиву тандурустӣ.
Дили пурбимат оромиш аз он ёфт,
Равони хаста осоиш аз он ёфт.
Чу дар худ бингаристӣ андарун жарф,
Бибурдӣ сар дар он дарёи ишгарф,
Ту худ бишнохтӣ пас хештанро,
Раҳонидӣ зи девон ҷону танро.
Бидидӣ додгоҳи Додгарро,
Ба дил бишнохтӣ Гилбодгарро.
Зи ҷоми ҳум дилхуш бошу хуррам,
Ба сар ҷоми хирад каш аз раҳи Ҷам.
Туро з-он ҳум додам, то бидонӣ,
Ки он ин ҷост аз Чисто нишоне.
Равони хеш бо Ҳар-висп-хованд
Ба ҷоми ҳуми варҷованд пайванд.
Ту ойини биҳиро ҳум бингор,
Хирад, Чистои варҷованд бишмор.
Аз онат ҳум додам чун гувориш,
К-аз онам буд дини пок ориш.
Биё, эй подшоҳи додгустар,
Биниҳ аз доду чисто тоҷ бар сар.
Ба Ҳовангоҳ ҳуми пок кун нӯш,
Ба ободии шаҳру диҳ ҳаме кӯш.
Чу Ҷам аз ҷоми Чисто нӯш, эй дӯст,
Ки дармон аз ҳазорон дард дар ӯст...»

## КАРДАИ 7. ГУЗОРИШИ АШӮ ЗАРДУШТ АЗ ШИР, КИ ПАШӮТАНРО ДОД

Бигуфт: «Он шир, к-аз баҳри Пашӯтан
Бидодӣ, чист? Бозаш гӯй бар ман».
Бигуфто: «Хостӣ, то зинда ҷовид
Бимонӣ дар ҷаҳон чун Моҳу Хуршед.
Бидодам шир, то донӣ, ки он чист,

Нишон аз кори неку пок рӯзист.
Ба гуфти Гаргару панди паямбар
Бибандӣ кор андарзи «Аҳунвар».
Аз он рӯ ширро додам ба он пур,
Ки деви Маргро созам аз ӯ дур.
Замин гов асту рӯзӣ шири пистон,
Сапедӣ роҳ сӯи пок Яздон.
Ба Ҳовангоҳ чун аз хоб хезед,
Ба ҳуми сабз шири пок резед.
Чу з-он ҳар покдини бастакуштӣ
Бинӯшад, ёбад аз вай тандурустӣ.
Ба оби ҳуми поку шири испед
Бимонад дар ҷаҳон то зинда ҷовид.
Ба номи нек зинда чун Фаредун
Бибошад, то бувад гарданда гардун.
Ҳар он, к-ӯ тухми некӣ кошт бар хок,
Ба бор овард фардо рӯзии пок,
Бибошад дар биҳишташ ҷой фардо,
Ба бахти неку ному кому ушто...»

## КАРДАИ 8. ПОСУХИ ПАЙҒАМБАР АЗ ОН КИ ЧАРО ГУЛИ ХУШБӮЙ БА ҶОМОПСП ДОД

Бигуфташ: «Он гули хушрангу хушбӯй,
Ки бар Ҷомосп додӣ, чист? Баргӯй».
Бигуфто: «Он гули хушбӯю хушранг
Гули Чистову фарзон асту фарҳанг.
Ман андар дил-ш киштам дони фарзон,
Шукуфт имрӯз ҳангоми баҳорон.
Дарахте руст менӯӣ зи чисто,
Ки ҳар к-ӯ дид, гуфташ: «Афтадисто!»
Кунун гул кард менӯӣ дарахташ,
Гули хушбӯю хушрангу зи бас х(в)аш.
Дарахти барвари фарзону фарҳанг,
Гули хушбӯй нак бишкуфту хушранг,
Гули Чистову фарзон ҳар кӣ бӯйид,
Ба биниш дар дилаш наргис бирӯйид.
Ба дил чашми хирад бикшод ӯро
Ҳамон бӯйи хуш аз Маздо Аҳӯро.

Ба чашмони хирад дид ӯ ҷаҳонро,
Бидид ӯ ошкорову ниҳонро.
Дилатро орзу ин буд, эй шоҳ,
К-аз он ч-ат пеш ояд, бошӣ огоҳ.
Ҳама ояндаву бигзаштаву нун
Набошад ҳаргиз аз диди ту берун.
Худо Ҷомоспро додат аз ин баҳр,
Пагӯю пешкори род дар шаҳр.
Гули хушбӯй бахшидам ба-д-ӯ з-он,
Ки бурд ӯ бӯй аз фарҳангу фарзон.
Гули чистою донишро чу бӯйид,
Дарахти огаҳӣ дар дил бирӯйид.
Чу дар мағзаш расид он бӯйи бас х(в)аш,
Зи хшнум дар дилаш афрӯхт оташ.
Ба дил чашми хирад гардид равшан,
Ниҳонӣ роз битвонист дидан.
Чу дар дил чашмаш аз Чисто бишуд боз,
Бидид ӯ ошкоро ҳар ниҳон роз...»

## КАРДАИ 9. ПОСУХИ ВАХШУР АЗ ОН КИ ЧАРО КАЙ АЗ Ӯ ТАВОНУ НЕРӮ ВА ПИРӮЗИИ ҲАМЕШАГӢ ХОСТ ВА Ӯ ОН АНОРРО БА ИСПАНДИДОД БАХШИД

Бигуфт: «Эй пешвои маздаяснон,
Пагӯи донишалфанҷи сухандон,
Бипурсидам туро, к-аз Виспогоҳ
Тавону зӯру пирӯзӣ маро хоҳ.
Ки Баҳрому Аноҳид-Ардви-Сур
Чунон бахшанд дар пайкар маро зӯр,
Ки тиру теғу гурзу путки душман
Нагирад ҳаргиз андар пайкари ман.
Ба посух додӣ он гоҳ, эй накӯкор
Чаро Испандидоди гурдро нор?
Чӣ гуфтан хостӣ з-ин роҳ моро?
Бикун ин роз бар ман ошкоро».
Бигуфто: «Нӯша бодӣ, эй шаҳаншоҳ,
Нигаҳ дородат аз бад Виспогоҳ.
Аз он он номварро додаам нор,
К-аз ӯ кас нест некӯтар сипаҳдор.

Ба ясно ву ба боҷу барсам имрӯз
Бидодам нору гардондам-ш пирӯз.
К-аз он нӯшоб тан гардад-ш пурзӯр,
Зи дарду ранҷ бошад ҷону тан дур.
Ҷавониву тавону тобу нерӯ
Бибахшад Восно дар пайкари ӯ.
Кунад дар роҳи дину дод пайкор,
Насозад теғу тире андар ӯ кор.
Нишон аз тандурустӣ буд он нор,
Ки дар подоши некӣ дод Додор.
Ба хӯйи нек парвардам ман ӯро,
Бифарҳахтам-ш дар кеши Аҳӯро.
Бидодам донишу омӯхтам кор,
Ҳунарҳои накӯву нек рафтор.
Дарахташ аз хирад перостам хуш,
Ба гулҳои ҳумат оростам хуш.
Шуд ӯро бозувон чун оҳану рӯй,
Чу ҷавшан пӯст шуд дар пайкари ӯй.
Бихӯрд аз чашмаи Ноҳид обе,
Гирифт аз партави Хуршед тобе.
Ба бор овард имрӯз, эй шаҳаншоҳ,
Ба-д-он сон меваи серобу дилхоҳ.
Худованди Хирадро хост ин буд,
Ки нор он гурдро додан-м фармуд.
Сипоҳон чун тананду Кай дили он,
Нигаҳбонаш зи душман панҷ дарбон.
Ба варзиш «панҷ дарбон[1]»-ро бидиҳ зӯр,
Кунанд он панҷ то бад аз дарат дур.
Сипаҳро шоҳ гар бахшиду биҳ дошт,
Дурафши ӯ зи пирӯзӣ сар афрошт.
Сипаҳро нек дору хуб парвар,
Ки то душман наёбад раҳ ба кишвар.
Дил андар сина шоҳу тан чу борӯ,
Ба борӯ панҷ дастур огаҳиҷӯ.
Агар бо дарпарастон бад бувад шоҳ,

[1] «Панҷ дарбон» - дидан, шунидан, бисудан, чашидан ва бӯйидан. Дар шаҳриёрӣ шоҳ "дил"ва дигар бахшҳо чашм, гӯш, пӯст, забон ва бинӣ посбонон дар шумор оянд. Ба панҷ гоҳ бахш кардани рӯз низ намоде аз ҳамин тавонад буд, ки шоҳ дар ин панҷ гоҳ панҷ бахши шаҳриёрии худро месанҷид ва устувор медошт.

Ба рӯзи бад супорандаш ба бадхоҳ.
Бипарвар, эй ҷаҳонбон панҷ радро,
Ки дорад дур як сар аз ту бадро...»
Бигаштанд анҷуман пас номдорон,
Радону вежагону пешкорон.
Ба-д-он гаҳ монтрони донишадфанҷ
Раҳи фармонравоӣ сохт бар панҷ,
Ба хусрав дастгоҳи додро дод,
Сипоҳ Испандидоди родро дод.
Пашӯтанро ба диҳгонӣ гуморид,
Ба рад Ҷомосп дастурӣ супорид.
Худ андар кори дину роҳи фарзон
Бирафту аз Аҳӯро бурд фармон...

## ФАРГАРДИ 6. ДИДАНИ КАЙ ВИШТОСП АМШОСПАНДОНИ АҲӮРО МАЗДОРО

### КАРДАИ 1. ДИДАНИ ШОҲ ПАЙКАРҲОИ РАВШАНРО ВА ГУФТУГӮЙ БО АМШОСПАНДОН

Чу Кай Виштосп бо фарри худоӣ,
Расид аз доду дониш дар расоӣ,
Ба шаҳри Балх дар ойини Маздо
Гузида шаҳриёрӣ кард барпо.
Ба-д-он ҳангом рӯзе бомдодон
Даромад пеши ӯ ногоҳ дарбон.
Ашӯ Зардушт з-ин паҳлӯву Ҷомосп-
Аз он паҳлӯи фаррухзод Виштосп.
Дувон бинҳода гӯшу ӯ сухангӯй,
Зи дарёи хирад ҳар се гуҳарҷӯй.
Ба эшон гуфт дарбон: «Эй ашӯвон,
Аҳӯрокешу родону накӯвон,
Ба Ҳовангоҳ чун Хуршеди тобон
Дурафш афрохт дар боми Хуросон,
Фуруғ аз меҳр Меҳр аз осмон рехт,
Ба сар ганҷури Хуршо гавҳар ишпехт,
Ба назди кох ногаҳ шуд падидор
Чаҳор аспи сапеди тезрафтор.
Дурахшон зину мӯю ёлу думшон,

Ҷаҳанда оташ аз фӯлод сумшон.
Саворон низ пайкарҳо дурафшон,
Нишаста рӯйи он тактез аспон.
Ҳама метофтанд аз партави Хур,
Чу дар шаб тоби чашми Ардвисур.
Зи рангу тоби пайкарҳои чун сим
Гирифтам чашму дил пур гаштам аз бим.
Шигифтам омаду гаштам парешон,
Наёристам нигаҳ кардан ба эшон.
Давон зуд омадам назди ту, эй шоҳ,
Туро то з-он саворон созам огоҳ...»
Сухан ногуфта то анҷом, аз дар
Даромад ногаҳон он чор пайкар.
Ба пайкарҳои чун Ноҳид равшан,
Фурӯзон ахтарони партавафкан.
Чу хусрав дид равшан пайкаронро,
Фурӯзон ҳамчу Маҳ дар осмонро,
Савори аспҳои симкайкар,
Чу заршон мӯй, ёлу дум чу озар.
Пазира шуд ба сӯи он саворон
Ба оғӯши кушоду шоду хандон.
Бигуфт: «Эй равшанон, хуш омадедо,
Ҳамеша хурраму хушнуд бедо!
Ба-д-ин сон равшану покеду испед,
Чунон ҳастед, донам, пайки Хуршед?
Бигӯед, аз куҷоеду кӣ ҳастед,
Чаро миҳмонии мо омадастед?»
Бигуфтандаш, ки: «Мо амшоспандем,
Фиристода зи Додори Баландем.
Зи Маздо мо паём овардаемат,
Аз он рӯ хеш миҳмон кардаемат».
В-аз он равшантанони пок як тан
Бигуфт: «Эй Кай, маро ном аст Баҳман.
Манишни нек - эзад Ваҳман астам,
Фурӯғи рӯйи Поку Равшан астам.
Фариштай некию некӯманишнӣ,
Дилу андешаи некӯкунашнӣ.
Фурӯғи рӯйи Беварчашм Меҳрам,
Аз он рӯ равшану хуршедчеҳрам.

Ба андарзи ман, эй Виштосп, ниҳ гӯш,
Хирад бигзину роҳи донишу ҳуш.
Бурун аз гуфтаи Зардушт ,зинҳор,
Маяндешу магӯю менакун кор.
Фаро ниҳ гӯш бар гуфтори вахшур,
Ҳамора панди ӯро дор дастур,
Ҳумат омӯзу ҷуз онро фурӯ ҳил,
Чароғат аз ҳумат афрӯз дар дил.
Чу ҳаст аз Воҳуман андешаи нек,
Ҳунарҳои накӯю пешаи нек,
Ба гетӣ ҳар чӣ зебову накӯ ҳаст,
Ҳама он хубкориҳо аз Ӯ ҳаст...»
Дигаршон гуфт: «Ман Арди-Биҳиштам,
Ки доду ростӣ бошад сириштам.
Ашои биҳтарини Довари Рост-
Ам, аз ман ростиву дод бар пост.
Дуруду офарин, эй шоҳи бодод,
Туро аз Додкори Ростин бод!
Фиристодам Аҳӯро наздат, эй шоҳ,
Зи доду ростӣ то созам огоҳ.
Биҳиро ростийи биҳтарин гӯй,
Нишони ростиро дар биҳӣ ҷӯй.
Куҷо бинӣ накӯӣ, рост он аст,
Биҳӣ ҳанҷор дар кори ҷаҳон аст.
Биҳӣ ҳар ҷо, ки ёбӣ, он бувад рост,
Бидон, к-он некӯвӣ кори Аҳӯрост.
Куҷо зиштист, он кори дурӯғ аст,
Бадӣ аз Деви зуфту бефурӯғ аст.
Ба фармони Худову гуфти вахшур
Ҳамеша ростиро дор дастур».
Севум Хурдоди чун Хуршед равшан
Сухан бо шоҳ кард оғоз гуфтан,
Ки: «Ман Хурдод - амшаспанди покам,
Яке з-он ҳафт поки тобнокам.
Фурӯғеам зи Хуршеди Хирад, роҳ
Намоям бар расоӣ дар дили шоҳ.
Манам он пайки Хуршеди биҳоӣ,
Туро, нак, мужда аз Бартар Расоӣ.
Ба гетӣ бош бо гуфтори вахшур,

Дилу дасту забон дор бадӣ дур.
Биҳиро дор боарҷу биҳонро,
Ҳукориҳои Додори ҷаҳонро.
Биҳӣ бигзину бо некон бипайванд,
Зи девону дурӯҷон чашм барбанд.
Биҳонро ёру бо бад шав ба пайкор,
Биҳиро парвару бадро бикуш хор...»
Чаҳорум гуфт: «Ман Озаргушаспам,
Савори теғи Хурам, шеда-аспам.
Манам он гӯши тези аспи озар,
Ки дар ҷастан ба Хуршедам баробар.
Ба фармони Худои Виспогоҳ
Шудам ожир дар назди ту, эй шоҳ.
Сипосу офарини пок Гаргар,
Туро ӯ дод чун Зардушт раҳбар.
Фиристодаш Худои пок дастур-т,
Ба-д-он сон пешвои пок вахшур-т.
Бирав, панди варо, эй шоҳи боҳуш,
Бикун чун гавҳари шаҳвор дар гӯш.
Зи дини ростӣ-т овард пайғом,
Зи Маздо дар ҷаҳон пури Спитом.
Зи роҳи растагорӣ муждавар ӯст,
Ашӯвони ҷаҳонро роҳбар ӯст.
Сипоҳи ростонро ӯст солор,
Биҳону бихрадонро ӯст саркор,
Ҳамеша пуштибони он ашӯ бош,
Паноҳу пушти дини поки ӯ бош.
Гиромӣ дору арҷаш беш бигзор,
Хирадомӯзгори хеш бигмор.
Ҳама ойини ӯро ор бар ҷой,
Хуҷиста дини ӯро дор бар пой.
Ба дини ӯ даровар тӯдагонро,
Ба роҳи рост бар пиру ҷавонро.
Ҷаҳонро аз биҳӣ медор обод,
Ки дар вай мардумон бошанд дилшод.
Зи торикӣ бурун кун марду занро,
Ба роҳ андоз панди ведманро.
Ҳамеша гӯш дар фармони ӯ дор,
Бурун аз гуфтаи ӯ пой магзор.

Дар он дарёи чисто сар фурӯ бар,
Ба даст орӣ дар он шаҳвор гавҳар...»

## КАРДАИ 2. БА ҲУШ ОМАДАНИ КАЙ ВИШТОСП ВА САВГАНД ХӮРДАНИ Ӯ ДАР ГУСТАРИШИ ДИН

Чунин гӯянд ҳангоме ки Кайшоҳ
Бидид он чор равшанро ба даргоҳ.
Ҳама дар партави афрӯғ поғӯш,
Бишуд аз тобиши он чор беҳуш.
Паёми Воснои Висп-огоҳ
Аз он равшантанон бишнид Кайшоҳ.
Зи хоби жарф шуд ногоҳ бедор,
Чу мастон шуд  зи нав ӯ боз ҳушёр.
Хурӯшон даст болорӯй бикшод,
Баровард аз дили пурҷӯш фарёд.
Ки: «Эй Парвардигори равшану пок,
Диҳанда обу боду оташу хок,
Туӣ он кирфагар Маздо Аҳӯро,
Ки додӣ инчунин дини накӯро,
Ҳамеша бошам, эй Ҳар-висп-Додор,
Баранда аз ту фармону парастор.
Ба дини рост, доди зардуҳиштӣ
Камарро сахт мебандам ба куштӣ.
Маро то ҳаст дар тан резае ҷон
Бувам ҳамвора андахсу нигаҳбон -
Ашӯ Зардушту дину кеши ӯро,
Зану фарзанду тиру хеши ӯро.
Гузорам арҷу дорам пос яксар,
Ба ҷони хеш бишморам баробар.
Сар аз фармони пайғамбар напечам,
Ҳамеша кори дини ӯ бисечам.
Ба Эрон дини ӯ густард хоҳам,
Дарахти дини биҳ парвард хоҳам.
Хӯрам савганд, то ман зинда ҳастам,
Худованди хирадро мепарастам.
Сипосу арҷ неконро гузорам,
Ашӯвону биҳонро пос дорам».
Ба-д-он гаҳ зуд з-он шоҳона дарбор

Аз ӯ шуд нопадид он чор асвор.
Паямбар гуфт: «Акнун, эй ҷаҳондор,
Бигӯям бо ту, бишнав, чист он чор.
Бидон, к-ин чор гоҳи бас баланданд,
Ба роҳи даррасидан бар Худованд.
Ба дил чашми хирад чун шуд туро боз,
Ба чашми дил намудат ин ҳама роз.
Ба-д-он гоҳи баланд акнун расидӣ,
Ба чисто ҷоҳи болотар гузидӣ.
Ханида ҷойгоҳ он чор авранг,
Расидӣ аз накӯкориву фарҳанг...»

## БАХШИ 7

## ФАРГАРДИ 1. ГУСТАРИШ ДОДАНИ КАЙ ВИШТОСП ОЙИНИ БИҲИРО ДАР ЭРОН ВА НАБАРДИ Ӯ БО ДУШМАНОНИ РОСТӢ

### КАРДАИ 1. ОТАШГОҲҲО СОХТАН ВА НАМОЗ БАР ПОЙ ДОШТАНИ ШОҲ ДАР КИШВАР

Паямбар буд чун бо шоҳ дамсоз,
Зи ҳар дар ҳамдилу ҳамрозу ҳамбоз,
Ба ҳар сӯ ёру шогирдон-ш чандин
Фиристод аз пайи густардани дин.
Ба Эрон аз ҷавону пир ҳар ҷо
Бипазруфтанд як-як дини Маздо.
Зи гирду гӯша чун дар Балхи хуррам
Басо маздопараст омад фароҳам,
Ҳаме афзуд дар он шаҳри пирӯз
Шумори маздаяснон рӯз то рӯз.
Куҷо дар Балх доно мӯбаде буд,
Аҳӯрокешу роду бихраде буд,
Буд андар хонаи худ оташафрӯз,
Фурӯзон дошт оташро шаборӯз.
Ба назди оташи поки фурӯзон
Ниёиш кард бар Додори кайҳон.
Фузунӣ хост з-ӯву шодмонӣ,
Шукуфоиву хуррам зиндагонӣ.
Ҳамора пок оташро ҳаме дошт,
Чароғи доду дин хомӯш нагзошт.
Биҳӣ варзиду шаҳр обод мекард,
Диҳиш медоду дину дод густард.
Чунон, к-омӯхт Зардушти Спитом,
Гузоридӣ намози панҷ ҳангом.
Нахустин – Ҳованӣ, в-он гаҳ Рабиҳвин,
Се дигар ном фархунда Узерин.
Дигар-Эвисрусрим - шомгоҳон,
Ба панҷум - Ӯшаҳин дар бомгоҳон.
Ҳар он, к-ӯ зинда оташро нигаҳдор,

Ба хона рӯзу шаб будаш парастор,
Ҳаме бурданд отурвон варо ном,
Ки меафрӯхт оташ рӯз то шом...
Паямбар гуфт: «Эй боофарин шоҳ,
Забону дасти душман аз ту кӯтоҳ!
Шав, акнун анҷуман кун бихрадонро,
Зи ҳар сӯ гирд овар мӯбадонро.
Ба-д-онон гӯй, к-оташгоҳҳо чанд
Ба ҳар кӯю гузар бунёд бинҳанд.
Куниште вижа баҳри оташи пок
Ба по созанд дар ҳар шаҳру русток.
Шабу рӯз оташ он ҷо зинда доранд,
Ба бархӣ рӯй сӯи Гаргар оранд.
Бузургу хурд то он ҷо шабу рӯз
Шаванд аз зӯт дину донишомӯз».
Чунин фармуд фаррухзод Виштосп
Ба пири бохирад фарзона Ҷомосп,
Ки: «Эй пири хирад, пурмағз дастур,
Миён барбанд дар фармони вахшур.
Ба Эрон ҳар куҷо оташгаҳе соз,
Ба гардун Кохи оташро сар афроз.
Куниште соз дар ҳар гӯшаву кӯй,
Дупоён то баранд аз неку бад бӯй.
Куҷо озодаеву миҳтаре буд,
Ҳунарвар мӯбаде донишваре буд,
Зи ҳар сӯ гирд овард он радонро,
Муғону мӯбадону бихрадонро,
Нишастанду бигуфтанду шуниданд,
Сухан чун дар тарозу баркашиданд.
Аз он пас дар баландиҳои хушбод
Парастишгоҳҳо карданд бунёд.
Биҳону порсоёни биҳиштӣ
Ба ҳар диҳ сохтанд он гаҳ куниште.
Дар он афрӯхтанд оташ дар ованд,
Ба оташ-зӯ(ҳ)р аз баҳри Худованд.
Гузин карданд ҳар ҷо зӯтареро,
Ҳужиру миҳтару донишвареро.
Ки бошанд андар он ҷо донишомӯз
Киҳу миҳро зи доду дин шабу рӯз.

Ба гоҳонбору андар панҷ гоҳон,
Ба ҷашнону ба базми подшоҳон.
Ба перомуни оташ гирд гаштанд,
Ба карниш пок Яздонро бияштанд.
Намозу ҷашнҳои хеш он ҷой
Муғон карданд дар гоҳон-ш бар пой.
Фурӯғи Озари Меҳри Аҳӯро
Фиканд оташ ҳудинонро ба дилҳо,
Шуд оташгоҳ монанди дабистон
Дар он ҳангом сар то сар ба Эрон.
Дар он омӯзгору чанд шогирд
Ба перомуни оташ омадӣ гирд,
Яке устоду чандин донишомӯз,
Дар оташгоҳ будӣ оташафрӯз.
Киҳу миҳ оташе афрӯхтандӣ,
Зи мӯбад доду дин омӯхтандӣ,
Фурӯзон доштандӣ озари пок
Ба ёди офаранда Гаргари пок.
Чароғи дину дониш шуд фурӯзон,
Муғонро андар он гаҳ дар дилу ҷон.
Хирад буд дар дилу ҷон он муғонро,
Чу оташ рӯшноӣ мағзу ҷонро.
Хирад чун одурон пок асту испед,
Ҷаҳонорою ҷонпарвар чу Хуршед.
Ба-д-ин раҳ тухми дини маздояснон
Бишуд пошида дар Эрону Нерон.

## КАРДАИ 2. БА ҶАНГ ОҒОЛИШ КАРДАНИ АҲРИМАН ДУШМАНОНИ ДИНИ ЗАРДУШТРО

Чу биҳдин шуд ба Эроншаҳр бисёр,
Ба душман хуш наёмад ончунон кор.
Зи марги хеш тарсону ғиревон
Зи ҳар сӯ сар баровroutарданд девон.
Басо тороҷкору дузду раҳзан,
Басо ноогаҳу конову кавдан,
Баду бадкешу бадроҳу ситамгар,
Зи паркон кӯр чашму гӯшҳо кар,
Ба разми шоҳу дини нав сипоҳон

Биоварданд гирд аз рӯсиёҳон.
Ҳама вайронгару чун дев бадкор,
Ҳама бедодгар чун гург хунхор.
Чу марги хешро наздик диданд,
Зи фармони паямбар сар кашиданд.
Ба ҳар ҷо бадсиголони ситамгар
Баровarданд аз ҳар як даре сар.
Бикарданд анҷуман нобихрадонро,
Бадони кажниҳоди бадгумонро.
Дупоёни палишту чун харастар
Бисечиданд дар ҷанги паямбар.
Ҳама он бадсиголонро ба ҳар ранг
Гуҷастак Аҳриман ангехт дар ҷанг.
Ба куштан дасту бар тороҷу озор
Заданд он бадсириштони сияҳкор.
Ниҳону ошкоро бадгузинон
Бадӣ карданд яксар бо ҳудинон.
Ҷаҳон карданд бар Зардуштиён танг,
Зи роҳи куштану бедодиву ҷанг.
Ба тундӣ дуди ҷанг аз кӯчаву дар
Чу деви хирасар мезад ҳаме сар.
Зи хуни куштагон дар арсани ҷанг
Замин шуд лолафому хок гулранг.
Зи чангу дуд дар сар то сари Балх
Ҷаҳон торик гашту зиндагӣ талх.
Зи дуди оҳи сарди кӯдаки зор
Ҷаҳонро рух сияҳ шуд чун шаби тор.
Дупоён дар фиғону доду фарёд
Зи озору шиканҷу ранҷу бедод.
Ҷигарҳо реш-решу дида хунбор
Фитода дилфигору хаставу зор.
Ҳама безор з-он сон зиндагонӣ,
Аз он бад рӯзгору нотавонӣ.
Киҳу миҳ аз ситамгар гашта дилреш,
Ҳама озурда аз кирдори бадкеш...
Зи бедоду ситам дилҳо ҳама хун,
Фиғону шеван аз андоза берун.
Зи тороҷи дурӯҷон шаҳр вайрон,
Зи дузду роҳзан гирёну нолон...

## КАРДАИ 3. ГИРД КАРДАНИ ЗАРИВАР СИПОҲОНРО БО ФАРМОНИ КАЙ ВИШТОСП ВА НАБАРД БО БЕДОДГАРОН

Чу бедоду ситам з-андоза бигзашт,
Ҳудинонро дил аз озор хун гашт,
Шаҳаншаҳ дод фармон бар Заривар,
Ки созад вежа аз бедод кишвар.
Бадонро боздорад аз ситам даст,
Сари бедод кӯбад, ҳар куҷо ҳаст.
Сипоҳон гирд кард он гаҳ Заривар,
Ба баргу зину гурдони диловар.
Ба Кай Виштосп гуфт: «Эй додгар шоҳ,
Сипоранда ба доду ростӣ роҳ,
Дарозу дер пою ҷовидон зӣ,
Ба номи неку шоду комрон зӣ!
Ба фармони ту бифристам сипоҳон
Ба шаҳру диҳ ба ҷанги рӯсиёҳон.
Занам аз душмани бадхоҳ гардан,
Ҷудо созам ситамгарро сар аз тан.
Диҳам подафраҳи мórони Даҳҳок,
Миҳанро созам аз бедодгар пок.
Бисӯзам урвари аҳримaниро,
Гиёҳи ҷангу бехи душманиро...»
Паямбар гуфт он гаҳ: «Эй сипаҳдор,
Ҳамеша дар раҳи некӣ ба пайкор, -
Хирадро роҳбар дон, эй накӯном,
Зи доду ростӣ берун маниҳ гом.
Гули осудагӣ парвардан омӯз,
Ба хори ҷангу кин оташ зану сӯз...»
Шаҳаншаҳ чанд касро аз сипоҳон
Гузин кард аз миёни некхоҳон.
Ба ҳар як чанд ҷангиро супорид,
Ба ҳар ҷое гурӯҳеро гуморид.
Ба ойини кайӣ пас шоҳи бодод
Ба ҳар як кӯю барзаншон фиристод.
Ба зину барг бар аспони хушгом
Равоншон сохт ҳар сӯ он накӯном,

Ки сар кӯбанд деви душманиро,
Саворони раҳи аҳриманиро.
Ҳудинон то ки андар Балхи Бомӣ
Зиянд андар хушиву шодкомӣ.
Сипаҳ бошад зи доду дин нигаҳбон
Бидорад дасти бедоди дурӯҷон.
Биҳон осудаву хушдил ҳама рӯз
Буванд озодвору шоду пирӯз.
Чу рафтанд он дилерон зуд дар ҷой
Ба дину дод истоданд бар пой.
Ба ҳар кӯю дар андахси ҳудинон
Ҳаме буданду аз некон нигаҳбон.
Ба Балх осоишу оромӣ з-ин роҳ
Биовард он гаҳ он фархундапай шоҳ.
Муғон он гоҳ дар ҳар кӯю барзан
Бикарданд озари Зардушт равшан.
Бигуфтанд: «Ин фурӯғи рӯйи Маздост,
Чароғи донишу фарҳангу чистост.
Касеро, к-аз хирад дар дил фурӯғ аст,
Раҳо аз панҷаи деви дурӯғ аст,
Ҳар он к-ӯ аз хирад оташ ба дил сӯхт,
Ҷаҳонро роҳ з-он оташ барафрӯхт».
Биҳони оташафрӯзи накӯкор
Ба доду ростӣ карданд пайкор.
Бикӯшиданду кори нек карданд,
Ҳунар ҷустанду фарзон кор бурданд.
Ба дашту кӯҳу шаҳру рустоҳо
Буну борӯву диж карданд барпо.
Зи Доду Обаҳӣ то Марву Ҳилманд
Кашиданд обу пурду раҳ кушоданд.
Агар бардошт сар душман ба ошӯб,
Сипоҳи шоҳ он дам кард-ш саркӯб.
Зи марзи Балх деви Хашму Кин тафт
Ба бими ҷону навмедӣ бурун рафт.
Ҳудинон шаҳру диҳ обод карданд,
Зи Эрон рафт ҷангу кину офанд.
Шукуфон гашт Балх он рӯзу обод,
Чу шуд аз чанги деви душт озод...

## КАРДАИ 4. СОХТАНИ ДИЖҲО ВА ОТАШКАДАҲО ВА КАНДАНИ ҶӮЙҲО ВА НИШОНДАНИ ДАРАХТОНИ БОРВАР ВА САРВҲО. НИШОНДАНИ ЗАРДУШТ САРВИ АБАРКӮҲРО ДАР ЯЗД ВА ДИГАР САРВИ ФАРЮМАДРО ДАР БАЙҲАГ

Чу шуд пирӯз бар душман Заривар,
Зи бедоду ситам вораст кишвар,
Ба дастури паямбар шоҳи Эрон
Ба шаҳр обод кардан дод фармон.
Ба кӯшиш андар ин раҳ мардумон боз
Зи нав кору куниш карданд оғоз.
Ҳама як ҷону дил пайкор карданд,
Ба ободии кишвар кор карданд.
Басе андар баландиҳои хушбод
Дижу оташкада карданд бунёд.
Басе канданд кон андар дили санг,
Ки ганҷ омад аз он ҳангуфт дар чанг.
Паямбар гуфт: «Ҳар к-оҳан гудозад,
Кананду белу досу путк созад,
Ҳамеша бошад ӯ дар ҷанг пирӯз,
Ҳам андар зиндагӣ пидрому биҳрӯз.
Аюхшуст он касе, к-ӯ роми худ кард,
Хушиву хуррамиро коми худ кард.
Ба-д-он чун даст ёбад марди доно,
Шавад андар ҷаҳон бартар-тавоно...»
Басе пул сохтанду бас гузаргоҳ,
Кушоданд аз биёбон то ба куҳ роҳ.
Басе канданд ҷӯйи обу корез,
Зи баҳри обёрӣ боғу полез.
Ба кишвар боғҳо бунёд карданд,
Ҷаҳонро сарбасар обод карданд.
Паямбар гуфт: «Кас бояд ба соле
Нишонад бештар аз як ниҳоле.
Худованд арҷу подошаш ниҳад хеш,
Ба коми дил расад, рӯзӣ шавад беш...
Бикиштан дону парвардан дарахтон
Биҳишт аст аз барои некбахтон...
Кишоварзию боғу домдорӣ

Бувад сармояи хушрӯзгорӣ...»
Ба дастури паямбар пас насудон
Биёварданд бар дашт оби рӯдон.
Басе карданд варзу боғ бунёд,
Ки яксар гашт Эрон марзи обод.
Варистонро чунин фармуд вахшур,
Ба ҳар коре хирад доранд дастур.
Чу андар ҷойҳои поку хушбод,
Ниҳанд оташкада ҳар гоҳ бунёд,
Баранд он ҷо зи Озар-Меҳр-Бурзин,
Фурӯзанд оташ андар вай ба ойин.
Чу бехаш оташи Зардушт бошад,
Варо Маздо паноҳу пушт бошад.
Нишоне аз Хирад буд он, ки вахшур
Мар онро парваридан дод дастур.
Зи менӯ будаш оварда паямбар,
Зи Маздо буд паём он пок Озар.
Пас оташгоҳ гардад чун дабистон,
Хирад ёбанд андар вай варистон.
Раҳи доду хирад, к-андар Авистост,
Биомӯзанд, к-он пайғоми Маздост...
Ҳам он сарве, ки овардаш паямбар,
Нишонд онро ба назди Кохи Озар,
Паёми Гаргар он сарви сиҳӣ буд,
Нишон аз рӯйиши дини биҳӣ буд.
Варистон з-ин пас аз тухмаш биёранд,
Ба назди озари покаш бикоранд.
Кашад то дар замини пок реша,
Ба шоху барги сабзу хуш ҳамеша...
Барӯшон з-ин сухан гаштанд хушнуд,
Бикарданд он чӣ пайғамбар бифармуд...
Ашӯ Зардушт он гаҳ бо тане чанд
Зи ёрон, сӯйи марзи Язд рафтанд.
Гирифт ӯ ахтари нек аз Абаркӯҳ,
Зи хоки поки варҷованди бишкӯҳ.
Ки буд кӯҳи бузургу бас баланде,
Яке покиза ҷойи дилписанде.
Паямбар баргузид он ҷойи хуррам,
Пур аз обу гиёҳу бод-ш форам.

Дар он ҷойи хуҷиста ӯ диже сохт,
Ба гардун-ш аз баландӣ сар барафрохт.
Ҳам оташхонае зебо ба-д-он ҷой
Зи хишту чӯбу гил бинҳод барпой.
Ба дасти хеш он ҷо оташ афрӯхт,
Ба-д-он худ зӯ(ҳ)р бурду сандалаш сӯхт.
Пасон бо божу ясно худ паямбар
Ниҳолеро зи тухми Сарви Кишмар -
Бибурду назди оташгоҳу айвон
Нишонду об доду хонд-ш «Обон».
Зи оби чашмаи Чак-чак бидод об,
К-аз он шуд он ниҳоли сабз шодоб.
Басе нагзашту дар он ҷойи хушбод
Ба гардун сар кашид он сарви озод.
Дарахте шуд ситабру сахту бурзанд,
Чу шохаш ложварду тан чу ёканд.
Дарахте бас шигарфу сабз чандон,
Ба шоху барги ӯ фирӯза пужҳон.
Ба пеши рангу тоби сарви шодоб
Намудӣ ложварди ноб бетоб.
Ҳудинон бас гиромӣ доштандӣ-ш,
Ҳамора арҷ мебигзоштандӣ-ш.
Ба хоки поки Язд андар Абаркӯҳ
Ба пиромун-ш гардиданд анбӯҳ,
Ба рӯзи ҷашну андаргоҳу ҷуз он
Шудандӣ анҷуман он ҷо ҳудинон,
Ба-д-он ҷо ҷашну гоҳонбор карданд,
Чу доду доварӣ бас кор карданд.
Зи оби поку дармонбахш дар ғор
Барӯшон ҷомҳо карданд саршор, -
Бинӯшиданду Яздонро сутуданд,
К-аз он дард аз равону тан зудуданд.
Ба чашму рӯй молиданду шустанд,
Аз он дармони дарди хеш ҷустанд,
Тану ҷонро аз он карданд сероб,
Ки пайғамбар зи Чак-чак хӯрда буд об...
Ҳам акнун зиндааст он сарви хушнон,
Дар он фархунда марзи хуштар аз ҷон,
Ҳам он оташ, ки Зардушташ барафрӯхт,

Ҳам он фарзон, вваристонро, ки омӯхт,
Ҳам он Чак-чак, ки Зардушт об аз он х(в)ард
Ва  сарви хешро  сероб з-он кард...
Ҳар он, к-ӯ дид онро, дил ба-д-ӯ дод,
Зи банди бардагӣ гардид озод,
Равони ӯ ба менӯ дар саранҷом
Ба осоиш расиду ёфт ором...
Ашӯ Зардушт з-он пас рафт ҳар ҷо,
Пайи густардани ойини Маздо.
Ба ҳар ҷое, ки дидӣ ахтари нек,
Бикиштӣ андар он ҷо урвари нек.
Ба Байҳаг ӯ яке диҳ дид обод,
Дар он бошандагон озоду дилшод.
Хушобу боду дому мева афзун,
Ки Фарюмад будаш номи ҳумоюн.
Гирифт ӯ ахтари нек аз ҳамон диҳ,
Ки дар вай зиндагӣ буд ончунон биҳ.
Бифармуд андар он диҳ кандани ҷӯй,
Яке диж сохтан дар кӯҳу борӯй.
Дар он бинҳод оташгоҳ бунёд,
Бикишт он ҷо ниҳоли сарви озод.
Басе нагзашту он сарви ҳумоюн
Дарахте шуд бузургу сар ба гардун.
Ба хокаш реша дар жарфо битозид,
Ситабраш шуд тану шохаш биёзид.
Ҳудинон солиён дар марзи Эрон
Гиромӣ доштанд онрову хушнон...****

## КАРДАИ 5. ОБОД КАРДАНИ ЭРОН БА ДАСТИ ВАРИСТОНИ ЗАРДУШТ

Ба-д-ин сон рӯзу шаб Зардушти вахшур
Биҳиву ростиро дод дастур.
Паёми пок Яздонро ба ҳар гоҳ
Бидоду мардумонро сохт огоҳ.
Дупоёнро ба сӯи рӯшноӣ
Ҳамекард ӯ паёпай раҳнамоӣ.
Киҳу миҳро ба кеши ростӣ хонд,
Палид аз поку нек аз бад шиносонд.

Ҳунарҳои накӯву дониш омӯхт,
Чароғи роҳи бинишшон барафрӯхт.
Ашӯвони аҳӯрокеши доно
Ба дини ростини маздаясно -
Чу гуфтори паямбар кор бастанд,
Зи тангию бажандӣ бозрастанд.
Тавонгар чун зи дасти бенавоён
Гирифту мустамандону гадоён -
Ба ҳамдастӣ ҳудинони накӯкор
Ба роҳи доду дин карданд пайкор.
Ба дасти биҳкуниш бунёдкорон
Паёпай хурраму хуш гашт Эрон.
Чу Зардушти ашӯ дар ҳафт кишвар
Набуд он гоҳ гундое ҳунарвар.
Дил аз Чисто чу дарёи дамон буд,
Шигарфу жарфу паҳну бекарон буд.
Ниҳон буд андар он бас гавҳари роз,
Барӯшонро ҳаме бинмуд ӯ боз.
Ба фарзон аз ҳама ӯ буд бартар,
Ба дониш кас набуд бо ӯ баробар.
Биҳонро раҳнамову донишомӯз
Ба шаҳри Балх будӣ ӯ ҳама рӯз.
Хирадро дар ҷаҳон ӯ тухм пошид,
Ба гетӣ доду донишро бичошид.
Ба-д-он сон шаҳри Балх ободгардид,
Дили пиру ҷавон з-ӯ шод гардид.
Дар он шуд зиндагӣ биҳ рӯз аз рӯз,
Ки мардум зистӣ биҳрӯзу пирӯз.
Пизишкӣ нек донисту гиёҳон,
Ҳазорон дардро бахшид дармон.
Бузургони замон пурсанда буданд,
Пагӯён пеши ӯ чун банда буданд.
Аз ӯ бас дардманде ёфт дармон,
Ба тан бас хастаро бахшид ӯ ҷон,
Гирифт аз бенавову бекас ӯ даст,
Навозиш бар гадоён карду биншаст.
Бидод уфтодагонро ӯ ҳаме нон,
Басо дилхастаро бахшид дармон.
Шумори ахтарону гардиши рӯз,

Гирифти Моҳу Хури гетиафрӯз,
Чу рӯду дашту дарёву биёбон,
Куҷо дар ҳафт кишвар дод Яздон,
Гиёҳу хоку сангу ҷондорон,
Дар обу хушкию кӯҳу биёбон,
Ҳама аз дигарон бишнохт биҳтар,
Ҳама дониста буду карда аз бар.
Дили ӯ аз ҳама огоҳтар буд,
Бидонанда ҳама кору ҳунар буд.
Аз он ганҷина, к-андар дил биандӯхт,
Ба мардум доду бахшиду биомӯхт.
Кишоварзӣ зи виспон биҳ тавонист,
Бикандан кони зарру сим донист,
Ҳунарҳои накӯ буд карда аз бар,
Ҳаме омӯхт мардумро аз он дар.
Зи ҳар шоиставу боиста он гоҳ
Ҳаме пиру ҷавонро кард огоҳ...
Бас оташгоҳҳо дар шаҳру русток
Бишуд бунёду бурданд оташи пок,
Басо канданд ҷӯю варз киштанд
Дарахту дона бар хоки барӯманд.
Басо канданд кон андар дили ғор,
К-аюхшут шуд фузуну ганҷ бисёр.
Ба-д-ин сон гашт шаҳри Балхи Бомӣ
Парастишгоҳи боарҷу гиромӣ.
Намуна гашт он шаҳри шукуфон
Ки дигар шаҳрҳо кардан-ш пужҳон.
Бигустурданд дину донишу дод,
Миҳан аз биҳ куниш карданд obод,
Ба ҳар кунҷу канори шаҳри Эрон
Шуд он гаҳ оташи Маздо фурӯзон.
Бузургу хурд он ҷо оташафрӯз,
Ҳама буданд дину донишомӯз.
Хирадро омӯхтанду донишу дод,
Ҳаме осудадил буданду дилшод.
Шумори аспу гову уштуру меш
Ба-д-он гаҳ дар чарогоҳон бишуд беш.
Сипаҳ пирӯзманду ганҷ бафхам
Шудиву шаҳр рӯз аз рӯз хуррам...

Ба-д-он ҳангом Зардушти Спитом
Ба фарзону хирад оварда буд ном.
Ба назди подшоҳу дарпарастон
Фузун шуд-ш обрӯю арҷ чандон,
Ки шоҳу вежагон бинвохтандаш,
Ба тахти доварӣ биншохтандаш.
Чунон буд додварзу додгустар,
К-аз ӯ буд анҷуман хушнуд яксар.
Ба Кай буд ҳамнишину ҳамдами роз,
Ба ҷашну суру базму размⅾ дамсоз.
Ҳамеша буд Кай ҳамроҳи вахшур,
Гирифташ раҳнамои кору дастур.
Ба роҳи доду дин пайкор карданд,
Ба ободийи кишвар кор карданд.
Ҷаҳон ободу рӯзӣ шуд фаровон,
Фузун шуд нону дону ганҷи Эрон.
Зи дузду раҳзану деву ситамгар
Тиҳӣ карданд шаҳру диҳ саросар.
Зи кишвар Кай нишони дев биздуд,
Дурӯғу бадкунишро кард нобуд.
Ба гуфтори паямбар кор бастанд,
Зи хориву нажандӣ бозрастанд...

## ФАРГАРДИ 2. ҶАНГИ ЭРОН БО ШОҲИ ҲАЮНОН АРҶОСП

## КАРДАИ 1. ГУСТАРИШ ЁФТАНИ ДИНИ МАЗДОЯСНӢ ВА БА ТАРСУ БИМ АФТОДАНИ АРҶОСП

Биҳон дар Балх чун пирӯз гаштанд,
Ба мардум доду диномӯз гаштанд,
Ба Эрон паҳн шуд дини ашӯӣ,
Гузину рост ойини накӯӣ.
Ба шаҳру диҳ паёпай пиру барно
Пазируфтанд кеши ростиро.
Шумори маздаяснон рӯз то рӯз
Ҳаме афзуд дар Балхи дилафрӯз.

Дамид аз боми шаҳри бахтиёрӣ
Фурӯғи офтоби растагорӣ.
Яке Хуршед сар барзад зи Эрон
Ҷаҳонро кард сар то сар фурӯзон.
В-аз Эрон сӯи Нерон гарм биштофт,
Замину осмон аз меҳр бартофт.
Ба биниш раҳ кушод андар дилу ҷон
Фурӯғи рӯйи ҳафт амшоспандон.
Анеронро ҳам андар дил фурӯ рехт,
Ба ҷоншон равшанӣ он шед ишпехт.
Яке деве биомад пеши Арҷосп,
Бигуфт аз пешрафти кори Виштосп.
Ки: «Эй тӯронхидеви аждаҳофаш,
Савори размҷӯйи неву саркаш,
Ҷаҳонро дини нав бигрифту хобӣ,
Ба кардан чорае то бу шитобӣ.
Агар пешаш нагирӣ, эй шаҳаншоҳ,
Диҳӣ барбод тахту афсару гоҳ.
Ҷаҳон дар дини Зардушт андар ояд,
Ҳаройин, рӯзгори мо сар ояд».
Ба дил уфтод шоҳ Арҷоспро бим
Зи бахти вожгуну тахту дайҳим.
Ба наздаш хонд ёру вижагонро,
Зи гарму сарди гетӣ дидагонро.
Фусункорони зӯру номварро,
Шаманҳои ради ахтаршумарро.
Ба-д-онон гуфт: «Ҳон, гардед бедор,
Ки омад душмане моро падидор.
Ба Эрон дини нав, к-овард он пир,
Ба зудӣ гардад он, тарсам, ҷаҳонгир
Чу дар дил тӯдагонро роҳ ёбад, ,
Ҳама з-ойини пешин рӯй тобад.
Ба сӯйи марзу буми мо чу ояд,
Ҳамоно рӯзгори мо сар ояд.
Бигардад вожгун тахти ҳаюн-шоҳ,
Напояд дер бар мо афсару гоҳ.
В-аз он пас дар ҳама шаш сӯйи геҳон
Шавад густурда дини маздаяснон...»
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Эй боофарин шоҳ,

Аз он афсонаҳо ҳастем огоҳ.
Туро, эй шоҳ, набвад чора ҷуз он,
Фиристӣ нома сӯи шоҳи Эрон.
Ки рӯ орад зи нав бар кеши Ҷамшед
Парастад Меҳру зӯ(ҳ)р орад ба Хуршед.
Ба-д-ин ҷо гар расад ойини Зардушт,
Ҷавону пир бар мо дарниҳад пушт.
Пас он ҷо марг бар мо ошкор аст,
Равад ганҷу кулоҳу тахт аз даст.
Нахустат номае бо ному маҳрӯз
Фиристодан ба Эрон бояд имрӯз».

## КАРДАИ 2. ФИРИСТОДАНИ АРҶОСП НОМА БА ШОҲИ ЭРОН

Чу оварданд шаҳро баргу хома,
Ба номи дев кард оғози нома.
Зи девон бо сипоси аз шумар беш
Бикард ӯ ёд андар номаи хеш.
Сипас бинвишт, к-: «Ин аз шоҳ Арҷосп
Шунав, эй шоҳи аз дин гашта Виштосп.
Ба гуфти марди ҷодуи сухангӯй
Зи ойини ниёгон тофтӣ рӯй.
Кунун-т, эй шоҳи бемағзу сабуксор,
Кашидан боядат аз пой бар дор.
Ҳар он к-ӯ тофт рӯй аз дини Ҷамшед,
Нашояд дид ӯро рӯйи Хуршед.
Ба он пири суханпардоз маграв,
Базаҳ кардӣ, бигард эдар питат шав!
Сари он пири ҷоду мол бар гард,
Ба дини Офаридун боз баргард.
Аз он к-аз дин бигаштӣ, эй базаҳкор,
Ба бодафраҳ барӣ кайфар сазовор.
Аз ин пас бояд, эй бадкардаи зуфт,
Диҳӣ моро ту божу сови ҳангуфт.
Пазир ин гуфта аз мо, гар пазирӣ,
Вагарна нест аз ҷангам гузире...»
Ду танро аз миёни дарпарастон
Ҷудо карданд шоҳу сарпарастон.

Ду ҷодуи забончарбу фусунгар,
Даҳангарму ҳушивору диловар.
Якеро Номхоҳи род буд ном,
Ки кардӣ деви нарро бо сухан ром.
Дигар буд Бедирафши вожапардоз,
Кушода з-осмону ахтарон роз.
Ҳаюнон он дувонро нома бар даст
Бидоданду фиристодандашон маст.
Ду аспи бодпойи тундрафтор
Гирифтанд он ду ҷодуи сияҳкор,
Ба назди подшоҳи Балх ожир
Шуданд он ҷодувони зуфт чун тир.
Шаҳаншаҳ номаи Арҷосп букшод,
Ба хондан нома мар Ҷомоспро дод.
Ба Кай он номаро Ҷомосп чун хонд,
Шаҳ аз андеша андар вай фурӯ монд.

## КАРДАИ 3. ОВАРДАНИ КАЙ ВИШТОСП ДОНОЁН ВА ВЕЖАГОНРО ВА АНДЕШАҲО БОЗГУФТАН

Кай он гаҳ вежагонро анҷуман кард,
Аз он бад номаи душман сухан кард.
Радону пешвоёни хирадманд
Сухан з-он нома гуфтанду шуниданд.
Паямбар гуфт: «Бо дастури Эзад
Нашояд божу соват дод бар бад.
Ба душман бандагӣ кардан гуноҳ аст,
Бидодан сов бар Нерон на роҳ аст.
Нашояд бож бидҳад эр бар нер,
Нагирад сов ҳаргиз рӯбаҳ аз шер.
Ҳудинонро ба ҷуддин вом набвад,
Биҳонро нест фармон бурдан аз бад...»
Пас он Ҷомосп дастури биҳандеш
Бигуфто: «Бегумон ҷанг аст дар пеш».
Шаҳаншаҳ гуфт: «Ман сарриштаи ҷанг
Заривваро супорам, к-ӯст сарҳанг.
Зи роҳу рӯйи ҷанг огоҳтар ӯст,
Дилеру зӯрманду размгар ӯст.»
Заривар гуфт: «Шоҳо, бо дилу ҷон

Ҳамеша ҳастамат ман сар ба фармон.
Ба ҷанг эрониёнро созам ожер,
Ба пилу аспу гурзу найзаву тир.
Ба Эрон ҳар ки дасти зӯр ёзад,
Нажанду зор сар дар гӯр созад».
Бигуфт: «Аз номи мо боистанӣ кор
Биовар, ҳар чӣ бишморӣ сазовор.
Кунун як нома бар гумроҳ Арҷосп
Навис аз номи шоҳаншоҳ Виштосп.
Бигӯяш посухе, к-аш месазад гуфт,
Шиносад хешро, то душмани зуфт».
Заривар гуфт, баргӯ хома оранд,
Ҳаюнро номае дархӯр нигоранд.
Сипаҳбад пас зи номи шоҳи Эрон
Чунин бинвишт бо дасти дабирон:
«Зи шоҳи Ориён фарзона Виштосп
Ба шоҳи даштиёни душт Арҷосп.
Ба дини ростини зардуҳуштӣ
Камарро бастаам се раҳ ба куштӣ,
Бидону бош огоҳ, эй ҳаюншоҳ,
Ки ҳаргиз барнахоҳам гашт з-ин роҳ.
Аҳӯро ин фурӯғи ҷовидонӣ
Маро дар дил фиканд аз меҳрубонӣ.
Ба дини маздаяснӣ доди Зардушт
Ба гуфтори ту нанҳам, эй ҳаюн, пушт.
Натарсам аз туву боду дами ту,
Зи ҷони тираву мағзи ками ту.
Ту ганҷу гоҳ хоҳӣ, дин баҳона-ст,
Дилатро орзӯ тахти Каён аст.
Ба дил андеша суди беш дорӣ,
Ба реву ранг дин дар пеш орӣ.
Ҳазорон бар туву дини ту нафрин,
Ки пошӣ тухми рашку донаи кин.
Ту ҳаргиз божу сов аз мо нагирӣ,
Ба дил армон зи озу ранҷ мирӣ.
Мурӣ чун гушна гург олуғда аз хашм,
Мадор аз мо ту божу совро чашм...»

## КАРДАИ 4. БУРДАНИ НОМАИ ВИШТОСП БА АРҶОСП ВА БА ҶАНГ ОМОДА ГАШТАНИ ҲАЮНОН

Бирафтанд он ду деву нома бурданд,
Ба дасти шоҳ Арҷаспаш супурданд.
Ба-д-ӯ гуфтанд, к- «Эй шоҳи ҳаюнон,
Набошад чора ҷуз ҷангат ба Эрон.
Битозу сӯзу сар овез бар дор,
Аз эшон як танеро зинда магзор.
Бигир он шоҳу куш он монтронро,
Зи ойину зи дин баргаштагонро.
Ба ханҷар мағзу хуншон бар замин рез,
Ба ҳам-шон мағзу хоку хун биомез.
Нишони дини маздоясниёнро
Зудою з-он тиҳӣ кун ин ҷаҳонро.
Ки ному ёду дину кеши Зардушт
Ба зудӣ дар ҷаҳон гардад фаромушт...
Набошад чора дигар бар ту ҷуз он,
К-аз эдар ҷанг пайвандӣ ба Эрон».
Фиристоданд он гоҳ он дувонро,
Забоновар сухангӯ ҷодувонро.
Бирафтанд он ду бар тактез аспон
Аз он ҷо зуд назди шоҳи Эрон.
Ба-д-ӯ доданд пайғоми ҳаюншоҳ,
Ду деви тираҷони зишту гумроҳ,
Ки: «Дорад бо ту шоҳи мо сари ҷанг,
Ба ҷанг о, ном гар меҷӯиву нанг».
Шаҳаншаҳ хонд бар Арҷосп нафрин,
Фареҳ гуфташ ба бобу моми пажвин.
Пасон донишваронро назди худ хонд,
Сухан аз ҷанг бо шоҳи ҳаюн ронд.
Пагӯён номае з-он пас навиштанд,
Суви шоҳи ҳаюнон вожае чанд.
Ки: «Бо туркон-хидеви аҳриманкеш,
Агар ҷангест моро сахт дар пеш.
Наметарсему дар ҷангаш басечем,
Зи фармони Аҳӯро сар напечем.
Ба пойи шаҳри Мӯри зардуҳуштӣ

Кашида паҳн доман ҳаст даште,
Ба гирдаш кӯҳҳо пасту ба сар барф,
Равон з-он обҳо набванд бас жарф.
Ба шаш сӯ роҳ бар аспон кушода,
Ба тозиш бар савору бар пиёда.
Дигар сӯ Ҷангали Испед анбӯҳ,
Кашида бар фарози домани кӯҳ.
Ту аз он сӯву мо з-ин сӯ баробар
Сипоҳонро бисечем аз ду кишвар.
Чу маҳ нав шуд, ба ҷанг оғоз созем,
Дари дӯзах ба рӯят боз созем.
Чу рӯзе чанд дар он дашти ҳамвор
Саворон аз ду сӯ созанд пайкор,
Нигар, пас чун биёбад ҷанг анҷом,
Бимирӣ бо сипоҳи хеш ноком.
Бубин, пас чун пазирад разм поён
Ба пирӯзийи дини маздаяснон».
Гирифт он нома пас Ҷомосп дар даст,
Ба ҳам печиду бо маҳрӯз сар баст.
Ба дасти Бедирафшу Номхоҳаш
Бидоду гуфт: «Бар бар подшоҳаш...»
Ду ҷодуи забончарби суханчин,
Лабон пурхандаву дилҳо пур аз кин,
Ба Кай хонданд бо нармӣ басе «панд»
Ба рангу реву гуфтори хушоянд.
Даму афсуну обу ранги гуфтор
Накард андар дили шоҳи ҳудин кор.
Ба-д-эшон гуфт шоҳи Балх, к-«Акнун
Равед аз марзи Эрон зуд берун!»
Ҳамон дам он ду деви зишткирдор
Бурун рафтанд аз назди ҷаҳондор.
...Ба шоҳи хеш гуфтанд он чӣ дар Балх
Зи сар бигзашташон рӯзе чунон талх...

## КАРДАИ 5. САВГАНДИ ВИШТОСП ВА ПЕШГӮЙИИ ҶОМОСП АЗ ҶАНГ БО ҲАЮНОН

Ба-д-он гаҳ хӯрд Кай Виштосп савганд

Ба назди миҳтарону хешу пайванд:
«Зи роҳи ростӣ ҳаргиз нагардам,
Гар аз ин роҳ баргардам, на мардам.
Маро, к-аз ростӣ дар дил фурӯғ аст,
Дилам безор аз деву дурӯғ аст.
Чаро аз дӯстон дил барканам ман,
Фуруд орам сар андар пеши душман?
Чаро аз ростӣ бояд кашам даст,
Ниҳам пеши дурӯғу зуфт сар паст?
Чаро ман сӯи нопокӣ гароям,
Ба гуфти деви ҷоду андароям?
Зи дини ростӣ ҳаргиз бурун гом
Набигзорам ман, эй пури Спитом!
Маҳу Хуршеду ахтар бин ба гардун
Зи роҳи ростӣ н-оянд берун.
Ҷаҳон аз ростӣ истода бар пой,
Ту дар вай ростӣ бинӣ ҳама ҷой.
Чу ҷоме хӯрдам аз дарёи Чисто,
Равонам ёфт оромиш ба Гушто.
Фурӯғ андар дил аз хуршеди фарзон,
Ки равшан дидаи ҷон бошадам з-он,
Худованди Хирад - Маздо Аҳӯро
Падидам гашт з-ин роҳ ошкоро.
Маро дил рост андар ҳастии Ӯст,
Забон дар ҳастии Ӯ пок хастуст.
Ба чашми ҷон бидидам пок дидор-ш,
Ба гӯши дил шунидам рост гуфтор-ш,
Худованди Хирад бишнохтастам,
Ба нерӯи хирад дил бохтастам.
Ба гуфтори яке гумроҳи бадкеш
Нагардам боз ҳаргиз аз раҳи хеш.
Ашӯ Зардушту дини ӯ гузидам,
Ба дини поки Маздо бигравидам.
Ба ному нанг мурдан биҳ ба Виштосп,
Ки, аз ду даст дар бар пеши Арҷосп».
Чунин пурсид пас Ҷомоспро шоҳ,
Ки: «Эй пири хирадёри дилогоҳ,
Аҳӯро аз хирад ҷонат барафрӯхт,
Ба чашми дил ниҳонат дидан омӯхт.

Туро равшан шавад дар дил падидор
Ҳама анҷому ҳар пешомади кор.
Ба мо Арҷосп дорад чун сари ҷанг,
Ба тахту гоҳи Эрон дорад оҳанг.
Ба он бадбахти бадкирдори бадкеш
Биояд сахт ҷанге, бегумон, пеш.
Бигӯ, то чист з-он пас ҷовари мо,
Чӣ орад ҷанг фардо бар сари мо?
Дилерон кушта гарданд андар он чанд,
Зи ёру ошнову хешу пайванд?
Ҷавонон чанд миранд андар он гоҳ,
Сипоҳӣ ҷон супорад чанд з-ин роҳ?
Чӣ гуна бошад он гаҳ ахтари мо,
Чӣ ояд з-осмон, гӯ, бар сари мо?
Каёнро тахту дайҳиму зару тоҷ
Ҳаюнон  мебаранд оё ба тороҷ?
Чӣ ояд, гӯй, з-ин пас бар сари мо,
Бувад чун кори шаҳру кишвари мо?»
Бигуфт: «Эй шоҳ, бо фармони Додор
Туро ҳамвора пирӯзӣ бувад ёр.
Бувад пирӯзгар Маздо Аҳӯро,
Ҳамеша дорад ӯ дасти ту боло.
Ту, к-аз роҳи хирад нанҳӣ бурун гом,
Ба коми дил расӣ з-ин раҳ саранҷом».
Бигуфт: «Эй марди бофарзону фарҳанг,
Ки ёбӣ раҳ ба дониш дар дили санг,
Чаро аз мо сухан пӯшида дорӣ,
Чӣ тарсӣ, бар забон бурдан наёрӣ?
Чаро худ равшанам посух нагуфтӣ,
Чӣ розе буд, к-андар дил нуҳуфтӣ?»
Бигуфт: «Эй шоҳ, тире з-осмонам
Бизад, гӯё, ба мағзи устухонам.
Назодӣ кош дар гетӣ маро мом,
Набудӣ талхам имрӯз инчунин ком.
Ба хурдӣ кош маргам даррабудӣ,
Ба пирӣ то чунин ранҷам набудӣ.
Маро буд марг биҳтар, то ту, эй шоҳ,
Сухан аз ман намепурсидӣ ин гоҳ.
Зи марги дӯстон ногуфтанам биҳ,

Зи душман сӯзи дил бинҳуфтанам биҳ.
Ту чун фармудиям бар гуфтани он,
Надорам чора ҷуз бурдан-т фармон.
Хӯрӣ, эй шоҳ, гар се роҳ савганд
Ба Маздову ба дини поку фарзанд,
Агар гӯям, нагирӣ хашм бар ман,
Бигӯям ҳар чӣ бар ман гашта равшан.
Ба бодафроҳи ман маштоб, зинҳор,
Агарч-ат талх ояд рост гуфтор».
Бихӯрд он гоҳ шоҳи Балх савганд
Ба ҳафт амшоспанду як Худованд.
Ба дини поки Зардушти паямбар,
Ба фарзанду зану бо шири модар,
Ки ҳар ч-аш гуфт Ҷомосп он нишошад,
Ба потипроси ӯ ҳаргиз накӯшад.
Ҳамеша бошад андахсу паноҳаш,
Бипӯшад чашм аз ҳар гун гуноҳаш.
Чу дилпур шуд аз он гуфтори Виштосп,
Ба дунболи сухан пардохт Ҷомосп.
Бигуфт: «Эй шоҳ, дар ҷанги ҳаюнон
Дилерон  аз ду сӯ бидҳанд бас ҷон.
Басо модар ҷудо гардад зи фарзанд,
Бигиряд зор бар марги ҷигарбанд.
Басо фарзанд монад бепадар зор,
Гурусна дар гадоӣ дар ба дар хор.
Паюгону занон дар сӯги шавҳар
Хурӯшон хок барчошанд бар сар.
Басо фарзандро гардад падар гум,
Падарро низ бас гардад писар гум.
Бародар пас бимонад бе бародар,
Ба марги ӯ бигиряд зор хоҳар.
Ҳазорон асп монад бе савора,
Фитода бар замин-дар чоку пора.
Миёни тӯдаи душман хурӯшон
Савори хеш меҷӯянд аспон.
Ҳазорон бодпойи оҳанинсум
Савори хешро он ҷо кунам гум.
Зи пурону бародарҳои Виштасп
Бимонад бе савора бисту се асп...»

Чу бишнид ин сухан Виштосп, ногоҳ,
Бирафт аз хешу зер уфтод аз гоҳ.
Ба худ омад даме пас шоҳу бо хашм
Дижамрӯ каж нигоҳе кард бо чашм.
Пас он гаҳ чун паланг аз ҷой барҷаст,
Гирифт аз хашм теғи тез бар даст
Ба чап буд ханҷару дар рост шамшер,
Дудаста хост резад хуни он пир.
Зи хашм овард фарёде пур аз бим,
Чу шери шарзаву чун пили дужхим.
Бигуфт: «Эй зодаи девони ҷоду,
Газоф аст ин ҳама афсонаи ту.
Ту тору пуд аз нофи дурӯғӣ,
К-ат андар чашму рӯ набвад фурӯғе.
Ба деву Аҳриман дорӣ ту ҷуфтӣ,
Дурӯғу ёфа бошад он чӣ гуфтӣ.
Ба фарри Эзаду дину Заривар
Намехӯрдам ман ар савганд, эдар, -
Ба ханҷар мебуридам ин сари ту,
Ба хок афкандаме ин пайкари ту.
Бикардам синаатро бо дудам чок,
Ҳаме омехтам хуни то бо хок!»
Бигуфт: «Аз куштанам, шоҳо, маяндеш,
Ки фардо з-он пушаймон гардӣ дилреш.
Ба фарра рӯйи тахти подшоӣ
Чу Ҷам кун бо хирад фармонравоӣ.
Ки занҷири бавиш  бигсехт натвон,
Бурунтар з-ин ҷаҳон бигрехт натвон.
Шавад он гунае, к-аш боядаш шуд,
Бувад он гунае, к-аш боядаш буд.
Чунон чун гуфтамат ман, он диҳад рух,
Маро бовар бикун, эй шоҳи фаррух.
Биояд бар сари мову ту он рӯз,
Ки ҳаст аз сарнавишт он талху ҷонсӯз».
Ҳамоно буд хашмин шоҳ Виштосп,
Набудаш  коргар гуфтори Ҷомосп.
Дилаш аз зиндагонӣ шуд чу ях сард,
Рухон аз ноумедӣ шуд чу каҳ зард.
Шитобиданд сӯи шоҳ з-он пас

Бузургон баҳри дилдорӣ ҳама кас.
Ба дилсӯзӣ зи дастонаш гирифтанд,
Суханҳои накӯ баҳраш бигуфтанд,
Ба ойин бо сипосу некхоҳӣ
Нишондандаш ба тахти подшоҳӣ.
Заривар гуфт: «Эй боофарин шоҳ,
Машав дилтангу биншин шод бар гоҳ.
Ки ман худ бо сипоҳи вежаи хеш
Биҷангам бо дурӯҷони бадандеш.
Зи гурдони дилери корзорӣ
Бибуррам понздаҳ раҳ сар ҳазорӣ».
Биомад Подхусрав ҳамчунин пеш
Ба назди шоҳи аз андӯҳ дилреш.
Бигуфто: «То маро дар тан бувад ҷон,
Кунам пайкор бо деву дурӯҷон.
Ба пойи аспу пилоншон бикӯбам,
Чу хасшон ҳамчу боди тунд рӯбам.
Ҳазорӣ чордаҳ раҳ худ зи душман
Ба хуну хок битвонам фикандан.
Зи мо пур дор дилро, шаҳриёро,
Ки фардо ком пирӯзист моро».
Диловар Подхусрав покдин буд,
Яке маздопарасти ростин буд.
Ашӯву порсо, бо бад ба пайкор,
Ҳамеша буд дар некӣ сари кор.
Дигар шаҳзода Фаршод(в)ард, к- он гоҳ
Ба зону буд нишаста назди Кайшоҳ,
Бигуфто: «Эй падар, дилро зи андӯҳ
Тиҳӣ созу шикебо бош чун кӯҳ.
Ки ман чун бо сипоҳи девяснон
Биразмам, созамаш бо хок яксон.
Занам ҳар гаҳ чу бар душман шабехун,
Барорам гарди душманро ба гардун.
Маро мардон ҳазор андар шуморанд,
Дилеру озмуда корзоранд.
Зи гурдону зи сарбозони душман
Тавонад кушт ҳар як сездаҳ тан.
Ҳазорӣ аз ҳаюнон сездаҳ бор
Тавонам, бегумон, кушт, эй ҷаҳондор.

Диҳам тахти Каён оё ба душман?
Магар дар бандагӣ бинҳам-ш гардан?!»
Дигар Испандидоди пури Виштосп
Биомад пеш бо дастури Виштосп,
Падарро гуфт: «То ман зинда ҳастам,
Нигоҳ аз душманат доранда ҳастам.
Зи мо пур дор дил, эй шоҳи Эрон,
Ки дасти мо бигирад пок Яздон.
Ба майдони набард аз ханҷари ман
Намонад аз ҳаюнон зинда як тан.
Махӯр андӯҳ бисёр, эй ҷаҳондор,
Ки пирӯзӣ Аҳӯро созадат ёр.
Макун бо ҳар кас аз рӯзи бадат ёд,
Ки душман шод гардад, дӯст-ношод.
Зи ҳар кас рози дилро дор пинҳон,
Ки то бошӣ ту озоду таносон».
Чун ин бишнид шуд Виштосп дилшод,
Ба ёрон гуфт: «Эдун бод, то бод!
Ҳамеша бод пирӯзӣ ба мо ёр
Ба фармони Авахшидор Додор!»

## КАРДАИ 6. СИПОҲ ГИРД ОВАРДАНИ ЗАРИВАР БА ДАШТИ МӮР

Чу рафтанд он ду ҷодуи бадандеш
Зи Эрон сӯи шаҳру кишвари хеш,
Ба-д-он гаҳ вежагонро хонд Кайшоҳ
Бигаштанд анҷуман як-як ба даргоҳ.
Суханҳо ҳар кадоме гуфт аз ҷанг,
Зи буму марзу нангу ному авранг.
Ба ҷону дини биҳ хӯрданд савганд,
Ки: «Аз душман Миҳан дорам падофанд.
Дареғ аз ҷони худ ҳаргиз надорем,
Ҳама  баҳри Миҳан ҷонро супорем».
Шаҳаншаҳ гуфт он гаҳ бар Заривар
Ки: «Эй равшан дилу ҷон-т аз «Аҳунвар»,
Мамӯлу хезу шав дар кӯҳу акнун
Барафрӯз оташ он ҷо чун Фаредун.
Ба-д-он бунёд ниҳ Озар-Вараҳрон,

Ки пирӯзӣ расонад пок Яздон.
Муғон бо боҷу оташ-зӯ(ҳ)р он ҷой
Ба бархӣ рӯзу шаб истанд бар пой.
Бувад то даст гирадмон Вараҳрон,
Шикаст ояд аз ӯ андар ҳаюнон.
Ба ёрӣ чун расад Ноҳиду Баҳром,
Бувӣ пирӯз бар душман саранҷом.
Ҳам акнун ҷеғзан бифрист ҳар сӯй,
Ба шаҳру рустову ҳар дару кӯй,
Диҳанд овоз бар ҳар кӯю барзан,
Ки: «Ҳон, хезед, омад пеш душман!
Ҳамехоҳад ба Эрон то битозад,
Зану фарзанди моро барда созад.
Зи гетӣ дини биҳ хоҳад зудудан,
Каёнӣ тахту гоҳ аз мо рабудан.
Барад колову ганҷи мо ба тороҷ,
Бирезад хуну бистонад зи мо боҷ...
Ба ҷуз аз кӯдакону пирзолон,
Ҳама аз ҳафт то ҳафтодсолон,-
Ҷавону пир бархезед дар ҷанг,
Ба путку досу белу найзаву санг.
Пас аз як моҳ гирди чодари шоҳ
Биояд гирду пайвандад ба испоҳ
Ҳар он к-ӯ тофт аз фармони Кай сар,
Сараш бар дор хоҳад бурд кайфар».
...Ба дашти Мӯр бо фармони Кайшоҳ
Сипоҳон гирд оварданд як моҳ.
Зи Балху Нимрӯзу Суғду Хоразм
Сипоҳе гашн гашт ожир дар разм.
Чунон шуд рӯйи дашту кӯҳ аз мард,
Ки гуфтӣ растахез асту Фрашкард.
Зи чанги аспу марди корзорӣ
Ҷаҳон шуд чун даруни дев торӣ.

## КАРДАИ 7. АНДАР СОХТАНИ ВИШТОСП ДИЖ БАР БОЛОИ КӮҲ АЗ БАРОИ ХЕШОН

Ба-д-он гаҳ гуфт фаррухзод Виштосп
Ба он пири хирад фарзона Ҷомосп,

Ки: «Аз марги табори шоҳ дар ҷанг
Ту гуфтӣ, то шудам з-он сахт дилтанг.
На ҳаргиз андар ин майдон гузорам,
Ки мирад як тан аз хешу таборам.
Яке диж созам андар кӯҳ бар пой,
Баланду устувору пойбарҷой.
Фарозаш кӯҳу абр андар сару барф,
Нишебаш рӯди тунду саркашу жарф.
Магар Симурғ донад раҳ ба-д-он ҷой,
Магар оҳу гузорад андар он пой.
Дараш з-оҳан кунам, девораш аз санг,
Канам дар синаи кӯҳаш раҳе танг.
Ҳама кайзодагонро гирд орам,
Парасторону дижбонон гузорам.
Нагардад кушта то дар ҷанг з-эшон
Касе, аз теғу тири девкешон...»
Бигуфт: «Эй шоҳ, Маздо ҳаст ёрат,
Нигаҳдорандаву пирӯзгорат.
Ту дар диж гар барӣ кайзодагонро,
Сипаҳдорони гурди паҳлавонро,
Чу ял Испандидоду Потихусрав,
Заривар в-он дигар Фаршодари гав.
Дигар шаҳзодагони сар ба гардун,
Зи тухми шоҳ Ҷамшеду Фаредун,
Ба душман кай шавӣ пирӯз, эй шоҳ,
Ту бе ин шаҳсворони худогоҳ?
Ба дасти дев биспорӣ миҳанро?
Магар тан дод хоҳӣ Аҳриманро?»
Бигуфт: «Эй пир, гӯ чанд аст душман,
Ки ояд рӯ ба рӯ дар ҷанг бо ман?»
Бигуфт: «Он яксаду сӣ раҳ ҳазор аст,
Ҳамедун як ҳазоре дар шумор аст.
Намонад з-он ҳама кас зинда як тан,
Шавад пур дашт аз мурдори душман.
Ба майдон он ҳама душман диҳад ҷон,
Ба ҷуз Арҷосп - шоҳи девяснон.
Ба-д-ӯ Испандидоди гурд чолок
Битозад, афканад-ш аз асп бар хок.
Биғуррад ҳамчу тундар тунду чун абр

Ба майдон тозад аспи хеш чун бабр,
Ҷудо созад-ш дасти рост аз дӯш,
Бисӯзад чашму буррад биниву гӯш.
Кунад пас бар харе бедум савораш,
Фиристад назди хешон шармсораш.
Ба шаҳри хеш баргардад сияҳрӯй,
Танаш гандида пур аз кирму бадбӯй...»
Чу Кай ин посух аз Ҷомосп бишнуд,
Ба пайкар хун давиду гашт хушнуд.
Бигуфто: «Гар нижоду дудаи мо
Бигардад кушта яксар пиру барно,
Нагардам ҳаргиз аз дини Аҳӯро,
Ки Маздо дод Зардушти ашӯро.
Гузинам ростӣ, некӣ ситоям,
Дурӯғу зишт аз гетӣ зудоям.
Ба роҳи доду дин бошам ба пайкор,
Ба деву Аҳриман бошам ҳамистор.
Бувад то як даме дар тан маро ҷон
Миҳанро вижа созам аз дурӯҷон...»

## КАРДАИ 8. ОҒОЗИ ҶАНГ БО ҲАЮНОН ВА РЕХТАНИ ХУН АЗ ДУ СӮЙ

Пас аз гуфту гузори ҷанг он шом
Сипаҳбад бар сипаҳ фармуд ором.
Чу шаб бигзашту чашми рӯз бикшод,
Ду сӯ овози бӯқу кӯс сар дод.
Ба дашти Мӯри Зардуштийи хушнон,
Ба назди Ҷангали Испеди Эрон,
Сипоҳи ростону з-они ҷоду
Пагоҳон рӯ ба рӯ гаштанд ҳарду.
Дувоздаҳ бевар ин сӯ аз ҳудинон,
Дувоздаҳ бевар он сӯ аз ҳаюнон.
Ба теғу гурзу тиру досу жӯпин
Сипоҳон ҳар ду бархӯрданд пуркин.
Тапидӣ зери по дар хун басе тӯш,
Дамида ҷӯйҳо аз хун задӣ ҷӯш.
Савору аспу баргу зин ҳама хун,

Пиёда низу аз хун дашт гулгун.
Ба-д-он сон рехтан хун дар ҷаҳон кас
На аз он пеш диду не аз он пас.

## КАРДАИ 9. БА ҲАР ЗАДАН САРИ ЧАНД ТАН ҲАЮНРО ДАРАВИДАНИ ЗАРИВАР ВА КУШТА ШУДАНИ Ӯ АЗ ДАСТИ ВИДРАФШИ ҶОДУ

Заривар он ҳудини маздаяно,
Сипаҳдори забардасту тавоно,
Чу оташ дар найистон, к-аш вазад бод
Чи парво аз палангу шери озод.
Сари якчанд душманро ба як бор
Дуруди̅, чун ба теғи тез жадвор.
Ҳумояк - номдори девпайкар,
Ки бо ҳафтод ҷанги̅ буд баробар,
Ба чанголи дарозу тези чун гоз
Бури̅ди̅ синаи чандин сарафроз.
Биомад, бо Заривар андар овехт,
Ба хокаш хост хуну мағз омехт.
Заривар ҷасту шамшере ба-д-ӯ зад,
Ба як захм аз танаш гардан фурӯ зад.
Ҳумоякро фурӯ афканд бар хок,
Зи хунаш гашт хоки дашт нопок.
Чу инро дид Арҷасп аз сари кӯҳ,
Дилаш шуд реш-реш аз дарду андӯҳ.
Ба наздикон-ш гуфто: «Эй дилерон,
Гавону аждаҳофаш наррашерон,
Миёнтон кист марде гурду бебок,
Зариварро кунад ҳамҷуфт бо хок?
Ҳар он, к-ӯ аз Заривар оварад сар,
Диҳам подош ганҷу зар-ш бемар,
Кунам дастури хешу дорамаш шод,
Ба-д-ӯ духтар диҳам, созам-ш домод.
Вагарна аз ҳаюнон то дами шом
Намонад як тану бошем ноком».
Чу ҷоду Видрафш ин гуфта бишнуд,
Зи ҷо барҷасту пеши шоҳ шуд зуд.
Биовардандаш аспу зин ниҳоданд,

Ситоми асп бар дасташ бидоданд.
Ба майдон Видрафшаш ронд чун бод,
Ба сӯи ял Заривар рӯй бинҳод.
Яке шамшер, к-аш буд заҳр обаш,
Ба дӯзах дев дода обу тобаш,
Ба ҷоду Аҳриман кардаш гудозиш,
Фусунаш хонда дар ҳангоми созиш,
Заривпарро чу аз наздиктар дид,
Зи бурзу ёлу бозуяш битарсид.
Чу мардон рӯ ба рӯ рафтан наёраст,
Зи разми ошкоро даст барбаст.
Ниҳонӣ омад он номарду аз пушт
Зариварро бизад бо теғ, то кушт.
Фитод аз асп сар дар зеру хомӯш
Дудаста хокро бигрифт оғӯш.
Бигуфт: «Эй хоки поки Ориёно,
Туро  пайвастам инак ҷовидоно!
Сари хеш аз бароят бохтам ман,
Чу арҷу мояат бишнохтам ман.
Аз ин пас бо ту пайвастам тану ҷон,
Ҳамеша, эй миҳан, эй хоки Эрон!»
Заривар - паҳлавони маздаяснон
Супурд он гаҳ гиромӣ ҷон ба Яздон.
Дареғ он бурзу ёлу пайкари пок,
Дареғ он ҷони поку гавҳари пок.
Сипаҳсолори Эрон аз ҷаҳон рафт,
Шукӯҳу фарри даргоҳи каён рафт.
Дареғ он мағзи бедору дили пок
Бишуд аз ин миёну рафт бар хок.

## КАРДАИ 10. РАЗМИ БАСТАВАР БО ВИДРАФШИ ҶОДУ ВА КУШТА ШУДАНИ ВИДРАФШ АЗ ТИРИ Ӯ

Чу шоҳ аз дидгоҳаш аз сари кӯҳ
Ҳама ин дид, дар худ сӯхт з-андӯҳ.
Шуд аз марги бародар сахт дилреш,
Зи дида рехт хун бар домани хеш.
Ба наздаш омаданд он гоҳ хешон,
Сарону вижагони Кай хурӯшон.

Бигуфто: «Оҳ, он шери Худо мурд,
Равон бар Кирдигори пок биспурд.
Ба дасти душмани ман кушта шуд хор,
Ба теғи кин ба хун оғушта шуд зор.
Бирафт он шаҳсавори гурди Эрон,
Ба мо бигзошт аспу теғу майдон.
Кунун бояд яке гурде диловар
Гузинам ҷойи шерафкан Заривар.
Миёнтон кист дар мардӣ чу ӯ мард,
Ба пили масту шери нар ҳамовард?
Тавонад то чу ӯ сарҳо буридан,
Ба ҳар як даст даҳ-даҳ бидравидан?
Кунад мардона рӯёрӯй пайкор
Ба ҷоду Видрафши девкирдор?
Ду пора созадаш бо захми шамшер,
Сар андар хун-ш дорад, то шавад сер.
Ситонад ҷони чандин тан дурӯҷон
Ба хуни он сипаҳсолор товон?
Сазад, к-ӯро сипаҳсолори Эрон
Гузинам аз миёнтон, эй дилерон.
Диҳам аз духтарони хеш ӯро,
Яке маҳпайкари хуршедрӯро...»
Ба посух буд ҳама хомӯшу сархам,
Касе аз вежагони Кай назад дам.
На осон будашон ҷойи Заривар
Гирифтан, худ ба-д-ӯ кардан баробар.
Ҳама он сарфарозони дари Кай
Наёристанд чизе гуфт бар вай.
Зи ҷо бархост Бастури диловар,
Ҳамон гарданкаши пури Заривар,
Ки аз марги падар месӯхт ҷонаш,
Дар оташ дошт сӯзиш устухонаш.
Бигуфт: «Эй шоҳ, то дорам ба тан ҷон,
Кунам пайкор бо деву дурӯҷон.
Зи ҷоду Видрафши девпайкар
Бирезам мағзу андозам зи тан сар.
Ба майдон зинда то як тан ҳаюн ҳаст,
Надорам ҳаргиз аз гурзу камон даст.
Зи душман хоки Мӯр овежа созам,

Зи девон пок Эронвеҷа созам.
Бидиҳ дастур, то аспе занам зин,
Шавам, ҷӯям аз он бадгавҳарон кин...»
Бигуфт: «Эй гавҳари чашми бародар,
Баҳор асту ҳанӯзӣ чун гули тар.
Чаҳору даҳ зи солат бештар нест,
Ба душман теғу тират коргар нест».
Бигуфт: «Эй шоҳ, домодӣ нахоҳам,
На солорӣ бар ин эронсипоҳам.
Падар хоҳам бидидан дар чӣ рӯз аст,
Магар ӯ зинда дар майдон ҳанӯз аст.
Напиндорам, ки бабре бас сутурге
Бигардад кушта бар чанголи гурге...»
Шаҳаншаҳ гуфт: «Бозат дорам аз ҷанг,
Ки ҷанги бачча бошад мар маро нанг».
Биомад Баставар аз шоҳ пинҳон
Ба назди аспдорони сипоҳон.
Ба эшон гуфт: «Зин оредаму асп,
Ки худ дастур дод ин шоҳ Виштасп».
Чу марди содадил буд аспparвар,
Ба гуфти Баставар ӯ кард бовар.
Бидодаш аспу бар вай тафт биншаст,
Ҷаҳон чун тир з-он ҷо рафт пуршаст.
Хамида пушти ёлу зини аспон
Бирафт аз чашми Кай Виштосп пинҳон.
Падарро куштаву афканда бар хок
Ба хун оғушта диду дил шудаш чок.
Зи хашму кин ба раг хунаш биҷӯшид,
Дижам гашту чу шери нар хурӯшид.
Бигуфто: «Эй падар, рафтию бар мо
Тиҳӣ кардиву торик ин ҷаҳонро.
Ту будӣ сарпаноҳу пуштбонам,
Бирафтӣ, монд дар дил ормонам.
Чӣ деват кушт бо ҷодув+86-у авранд?
Чӣ теғат хасту андар хокат афканд?
Кадомин дузд бурд аспат ба тороҷ?
Кадомин тир пайкар кардат омоҷ?
Чи шуд бо он тавону зӯру ҳангат,
Саге чун чира омад бар палангат?

Чу будӣ ҳар гаҳе бо бад ба пайкор,
Ҳамеша буд пирӯзӣ туро ёр.
Кунун худ кушта ҳастӣ бе даму дуд,
Зи сар то пой тан дар хун биолуд.
Фурӯ уфтодаӣ бар хок фаргум,
Зананд аспони ҷангӣ бар сарат сум.
Туро мӯйи сапеду риши чун мушк
Парешад бод ҳар сӯ чун хаси хушк.
Намедонам чӣ бояд кард з-ин пас,
Надорам чун ту дигар роҳнамо кас.
Дилам хоҳад, ки гирам сахтат оғӯш,
Фишонам гарду хокат аз бару дӯш.
Хурӯшон то ниҳам сар бар сари ту,
Бигӯям дарди дил пеши бари ту.
Ҳаметарсам, ки бинандам ҳаюнон,
Гар аз аспам фуруд оям ба майдон.
Кушандам, чун ту бошад ҷовари ман,
Ба сум кӯбанд аспон бар сари ман.
Бубахшо, эй падар, к-аз хок пайкар-т
Набитвонам гирифтан, бурдан он бар-т.
Ки гирам дар бару бӯсам сари ту,
Бирезам ашку хун андар бари ту.
Кунун хоҳам гирифтан кин зи душман,
Агар парвона бидҳад шоҳ бар ман.»
Ба-д-ин сон Баставар чун бод баргашт,
Ба сӯи истгоҳи шоҳ з-он дашт.
Бигуфт: «Эй шоҳ, дидам ман падарро,
Бихаста теғи душман дар ҷигарро.
Тани чун пили ӯ дидам, ба афсун
Фиганда бар замин, олуда бар хун.
Кунун дастур диҳ, эй шоҳ, бар ман,
Бихоҳам кини ӯ аз зишт душман».
Чунинаш гуфт шоҳ: «Эй хуштар аз ҷон,
Чароғи дидагони дӯстдорон.
Ҳанӯзат панҷаву бозу, ки суст аст,
Бипайвастан ба ҷангат нодуруст аст.
Чу душман кушт бо ҷоду падарро,
Тавонад кушт осонтар писарро.
Ман аз марги бародар худ чунонам,

Ки дар оташ гудозад устухонам.
Магар марги Заривар набвадам бас,
Чӣ сон дарди ту бардорам аз ӯ пас?»
Чунин мегуфту ашк аз дида мерехт,
Ба доман з-ашк марворид мебехт.
Чу ин Ҷомосп аз Кайшоҳ бишнид,
Дурустӣ беш дар гуфти писар дид,
Писарро хоҳиши кини падар буд,
Ба душман сахт дар дил кинавар буд.
Ба Кай гуфто, ки: «Эй боофарин шоҳ,
Бибодо дасти душман аз ту кӯтоҳ!
Ба майдон кун раҳо ҷангӣ писарро,
Ки ҷӯяд аз ҳаюн кини падарро.
Ба чашми худ бубин, к-аз разм имрӯз
Барояд Баставар бар дев пирӯз.
Кушад ӯ Видрафши бадкунишро,
В-аз ӯ пас низ чандин бадманишро.
Шикаст орад ба душман аз падар беш,
Дили шоҳи ҳаюнон з-он шавад реш.
Аҳӯро дорад аз ҳар бад нигоҳаш,
Зи ҳар патёра ӯ бидҳад паноҳаш...
Барояд бегазанд аз ҷанг Бастур,
Зи дарду ранҷ дорад Гаргараш дур...»
Дудил шуд шоҳу гуфто: «Гар дар ин ҷанг
Бимирад Баставар, моро бувад нанг.
Магар мурданд дар Эрон дилерон,
Тиҳӣ шуд, ё зи гурдон шаҳри Эрон,
Ки ман имрӯз дар ҷанги бадандеш,
Кашам он норасида баччаро пеш?
На шоҳи посдори дину фарҳанг
Биорад баччаву зан пеш дар ҷанг».
Бигуфт: «Эй подшоҳи додпарвар,
Ба гетӣ нест чун ту додгустар.
Раҳӣ кун сӯи душман Баставарро,
Бихоҳад то аз ӯ кини падарро.
Гувоҳӣ бидҳадам дил, к-ояд имрӯз
Ба душман дар набард ин бачча пирӯз.
Магар боре дурӯғе то ба-д-ин гоҳ
Шунидастӣ ту аз ман, эй шаҳаншоҳ?

Сухан бинмой бовар, к-ин ҳама рост
Паёме дар дил аз Маздо Аҳӯрост».
Кай он гаҳ дод фармон бар парастор,
Накӯ аспе биорад бодрафтор.
Яке дархӯрд зине Баставарро
Занад бар аспу биншонад писарро...
Гузин карданд аспе аз ҳама хуб,
Ситоме зарнигору зин-ш заркӯб.
Буранде з-обгун пӯлод дар даст,
Гиромӣ Баставар бар асп биншаст.
Савораш кард чун бар асп он гоҳ
Гирифт аз тиркаш як тир Кайшоҳ.
Бигуфт: «Эй тир, аз ман сӯи душман
Бикун парвозу ӯро дар ҷигар зан.
Ба хок афкан ҳаюни хирасарро,
Гуҷастак Видрафши ҷодугарро.
Туӣ чун рост, дасти ростон гир,
Маро пирӯз соз имрӯз, эй тир!
Худоро, кӯш, то ҳар дам биорӣ
Ба душман маргу бар мо комгорӣ.
Ба ҷангу дар набарду размҳар рӯз
Туро Пирӯзгар дород пирӯз.
Сипоҳи Аҳриман бишкаста бодо,
Ҷаҳон аз дасти бад вораста бодо!
Чунин боду чунинтар бод, то бод,
Ба коми пок Гаргар бод, то бод!»
Ба чашмаш тирро молид пас шоҳ,
Ба дасти Баставар додаш ба-д-он гоҳ.
В-аз он ҷо Баставар бар тезтак тафт
Ба сони тир сӯи размгаҳ рафт.
Ба душман тохт он гурди диловар,
Чу боби хеш шерафкан - Заривар.
Басеро сар буриду рӯдагон рехт,
Басеро мағзу хун бо хок омехт.
Чунон зад рахна дар радҳои душман,
Ба захми коргар дар ҷону дар тан.
Сипоҳи девяснон пора-пора
Парешон шуд ба ҳар сӯю канора.
Ҳама ин дид чун Арҷосп аз кӯҳ,

Рухаш шуд зарду дил гашташ пурандӯҳ.
Накӯтар бар ҷавон чун чашм андохт,
Зи бурзу ёлу бозу нек бишнохт.
Ба худ гуфт инчунин гурде диловар
Ба Эрон нест ҷуз пури Заривар.
Ба наздикон-ш гуфто: «Эй ҳужаброн,
Кунанда пӯст аз шерону баброн.
Чаро чун кӯрчашмеду гаронгӯш,
Чу буфон аз чӣ биншастед хомӯш?
Намебинед оё он ҷавонро,
Ба гоҳи разм чун шери жаёнро?
Касе гар аз шумо, эй наррадевон,
Равад дар ҷанги ӯву бистадаш ҷон,
Ба подошаш диҳам ман духтари хеш,
Ҳам он тахти шаҳӣ пас аз сари хеш».
Зи нав пеши ҳаюншоҳи фусунсоз
Биомад Видрафши ҷодувӣ боз.
Ба дастон теғи тезе бо гарон гурз,
Саропо зишт чун девон бару бурз.
Бидода оташи кин теғи ӯ тоб,
Зи оби хашм деваш дода буд об.
Савори аспи масти аждаҳохӯ,
Ба ёзиш бабру дар тозиш чу оҳу.
Ба сӯи Баставар ҷодугари пир
Аз он ҷо ронд аспи хеш чун тир.
«Бирезам ,-гуфт,- дар хокаш ҷигарро,
Канам, пас пеши шоҳ орам-ш сарро».
Ба сони гирдбод андар биёбон
Ба сӯи Баставар омад шитобон.
Камонро Баставар бигрифту он тир,
Ба зиҳ сахташ кашиду гашт ожир.
Бигуфт: «Эй аспгӯши бозпарвоз,
Ки бар озаргушаспастӣ ту ҳамбоз,
Бирав, бар синаи бадхоҳ сар зан,
Дилаш бишкофу дар хокаш биафкан.
Ки Маздо бошад аз кори ту хушнуд,
Бикун он кор, к-ат Виштосп фармуд».
Кашид он гаҳ камонро орашона,
Дили он пири ҷоду буд нишона.

Бигуфташ Баставар: «Эй пири ҷоду,
Биё, аз тан ҷудо созам сари ту.
Зариварро ту куштӣ, эй пажогин,
Ба хуни ӯст дастони ту рангин?
Бурун кардӣ ба теғ аз бобаки ман
Ту он ҷони аҳӯроиву равшан?
Туро аҳриманӣ дар тан равонест,
Ҳама торику зишту зуфт ҷонест,
Кунун он ҷони торики туро ман
Ба тире, бин, ки берун созам аз тан.
Зи гетӣ гум кунам ному нишонат,
Ба дӯзах-дар фиристам зишт ҷонат.
Ба дасти ман ту акнун кушта гардӣ,
Ба бодафроҳ бинӣ з-он чӣ кардӣ.
Парастори дурӯғу пайрави дев,
Надорӣ ҳеҷ назди ростӣ тев».
Гирифт он гоҳ ҷоду найзаи хеш,
Биомад рӯбарӯйи Баставар пеш.
Бизад он найза бар бозуи ӯ сахт,
Ба хашму кина ғуррон пири бадбахт.
Ба бозу хаст нӯки найзаи ӯ,
Зи заҳри теғи он месӯхт-ш бозу.
Ба гӯшаш омад овози Заривар,
Паёме аз аҳӯрой фурӯҳар,
Ки: «Берун каш зи бозу теғи нопок,
Биандоз аз тани худ дур бар хок!
Камонро гиру тири додаи шоҳ,
Бизан бар синаи пажвини бадхоҳ.
Чунон зан тирро бо зӯри бозу,
Шикофад то дили он деви ҷоду».
Зи пайкар Баставар пайкон бурун сохт,
Гирифт онрову рӯйи хокаш андохт.
Ба сӯи дев пас андохт он тир,
Гузар кард аз дилу мурд он каки пир.
Зи асп уфтод он мурдори нопок
Фурӯ тозид хун аз тан-ш бар хок.
Ба бар буд карда он деви ситамгар
Кулоҳу ҷавшану хӯди Заривар.
Кашидаш Баставар аз тан ҳама зуд

Кулоҳу ҷавшану он оҳанин хӯд.
Ба аспаш буд нишаста пири ҷоду,
Чу з-он уфтоду мурд, омад бари ӯ.
Писар он хӯду ҷавшанро бипӯшид,
Бар аспи боб биншасту хурӯшид.
Сипоҳи гашни душман аз пасу пеш
Фиканду рахна овард аз раҳи хеш.
Фурӯ афканд душман з-асп сарзер,
Ки гуфтӣ най дурӯдӣ ӯ ба шамшер.
Зи бас кас рехт хуну бас касе кушт,
Басо деве, ки тан дар хун биоғушт.
Ялон дар пешгоҳи маздаяснон
Бидиданд ину гаштанд офаринхон.
Ба-д-ин сон омад он шери сарафроз
Ба наздики сипоҳи ростон боз.
Бишуд наздаш сипаҳкаш Пур-Ҷомосп,
Гиромӣ зодаи дастур Ҷомосп.
Ба ойини куҳан рух канду зад теғ,
Гирифташ гардану бигрист чун меғ.
Хурӯшон ҳар ду бар марги Заривар
Ҳама гаштанд дар хуни ҷигар тар.
Сипаҳкаш Баставарро гуфт, к-«Акнун
Зи майдон рав ба аспон зуд берун.
Ҳанӯзат ҳаст ёлу бозувон суст,
Нагашта сахт дасту панҷаи туст,
Ҳанӯзат ҷанг бо девон пагоҳ аст,
Ба коми маргат афкандан гуноҳ аст.
Ҳамон биҳ, то ба ҷойи худ равӣ боз,
Шавӣ бо модару хоҳар-т дамсоз.
Ҳанӯз аз ҷангу офанду падофанд
Наӣ огоҳ, эй пурмоя фарзанд.
Ту роҳи ҷангу ойини задух(в)ард
Набишносиву созӣ разму овард».
Ба посух Баставар гуфт: «Эй сарафроз
Биё, гир ин дирафшу сар барафроз,
Агар ман зинда боз оям аз ин роҳ
Бихонам номаи разми ту бар шоҳ.
Бигӯям чун биразмидӣ ту имрӯз,
Чӣ гуна омадӣ бар дев пирӯз...»

Дигар нашнид панду сар бигардонд,
Ба ҷӯши ҷанг аспи хеш пас ронд.
Ба този асп дасту пою гардан
Буриду зери по афканд душман.
Бирафт ондун дудаста размсозон
Ба-д-он сӯи сипоҳи девяснон.
Куҷо Испандидоди номбардор
Бикардӣ бо сипоҳи дев пайкор.
Чу мардон корзори он ду диданд,
Ба пужҳон зуд аз ҳар сӯ расиданд.
Ҳама эронсипоҳ он гаҳ зи ҳар сӯй
Ба душман тохт бо ҷеғу ҳаёҳуй.
Сипоҳи ҳар ду кишвар бо ҳам омехт,
Ба теғу гурз бо ҳам андар овехт.
Кашиданду шикастанду дариданд,
Фиканданду бибастанду буриданд.
Ба зери пойи аспу пилу мардум
Насои куштагон дар хок шуд гум.
Чу дид Испандидоди гурд ӯро,
Сипоҳи подшаҳ биспурд ӯро.
Баромад худ ба он кӯҳе, ки он ҷой
Ба бунгаҳ буд Кавӣ-Арҷосп бар пой.
Ба перомун-ш виспи сарпарастон-ш,
Сипоҳу посдору дарпарастон-ш.
Парасторону пайвандону хешон,
Сарону сарварони девкешон.
Ҳамон Ашторванди аждаҳофаш,
Дигар Вандарманиш чун деви саркаш.
Чу ҷоду Татриёванди фусунгар,
Сипаҳкаш Виспағарви кӯҳпайкар.
Пашан бо он Сипанҷӯрушки хунхор, -
Дабири пешкору пири дарбор.
Ду раҳ аз марди ҷангӣ даҳ ҳазорӣ,
Сипоҳе баргузида корзорӣ.
Дилер Испандидод аз паҳлуву пушт
Биомад тафту чандин тан душон кушт.
Зи хуни куштагон анбӯҳ-анбӯҳ
Фурӯсӯ сурх рӯде тохт аз кӯҳ.
Ҳаюнонро аз эдар бахт баргашт,

Зи бими ҷон фурӯ ронданд бар дашт.
Ба-д-он куштор як кас то ба бегоҳ
Намонд аз бутпарастон зинда ҷуз шоҳ.
Гирифт Испандидод он гоҳу басташ,
Буридаш пойҳову ҳар ду дасташ.
Сипаҳбад зориву зинҳор-ш нашнуд,
Ду чашмаш сӯхт, гӯшу бинӣ бидруд.
Нишондаш бар бурида дум харе пир,
Бибасташ рӯ ба пас бар хар ба занҷир.
Равонаш кард зӣ шаҳри ҳаюнон,
Ба хорӣ, то бувад бадраг канад ҷон.
Бигуфт: «Эй бадниҳоди зишткирдор,
Дурӯҷи тираҷони зуфти мурдор!
Бирав, гум шав аз ин ҷо, эй бадандеш,
Ба назди бадрагони аҳриманкеш.
Замини мадаяснонро маёлой,
Тани мурдори худро каш аз ин ҷой.
Ба шаҳри хеш бо ин гуна дар шав,
Зи «пирӯзӣ»-и хешат муждавар шав!
Бигӯ бо пайравони деви ҷоду
Чӣ кард Испандидоди гурд бо ту».
Ба-д-ин сон ҷанги хунин ёфт анҷом,
Зи Эрон рафту мурд Арҷосп ноком.
Баромад гуфтаи дастур Ҷомосп -
Шумори кушта аз хешони Виштосп,
Зи фарзанду бародар, хешу пайванд
Ба-д-он гаҳ бисту се кас кушта гаштанд.
Фаро бигрифт Эронро саросар
Хурӯши гиря бар марги бародар.
Сияҳ пӯшид мардум солиён чанд,
Ба сӯги рӯшиносони барӯманд.
Зи дуди оҳи сарду гиряи талх
Ба чашми иргон торик шуд Балх.

## БАХШИ 8.

## ФАРГАРДИ 1. ХОНАДОНИ АШӮ ЗАРДУШТ

### КАРДАИ 1. ЗАНИ НАХУСТИНИ ПАЙҒАМБАР ВА ДУ ПИСАРИ Ӯ

Нахустин зан, ки кардам ёд з-ин пеш,
Ба шарму нозу авранду накӯкеш,
Чу гул буд пайкару боло чу сарве,
Чу маҳ рухсору гаштан чун тазарве.
Парастанда буд он зан, рӯз то шом
Ба кори хонаи пури Спитом.
Ба Балх оварда буду ҳамраҳи ӯй,
Ҳаме бигзошт рӯзаш бо накӯхӯй.
Ба кори нек пайваста шабу рӯз
Або ҳам меҳрубон буданду дилсӯз.
Зане буд порсову поккирдор,
Ҳужиру росткору ростгуфтор.
Нажод аз Офаредуну Манучеҳр,
Накӯному накӯкору накӯчеҳр.
Бизода аз паямбар буд ду фарзанд,
Аҳӯрокешу пурмағзу хирадманд.
Нахустин пури бофарру нижода,
Паямбар ном-ш Урватнар ниҳода.
Дувумро дид чун Хуршед, в-аз меҳр
Ҳумоюн номи ӯ бинҳод Хурчеҳр.
Накӯшон парвариду рост фарҳехт,
Зи кажжу аз дурӯғу дев парҳехт.
Ҳунарҳо ҳар якеро нек омӯхт,
Хирад парварду ганҷи дониш андӯхт.
Ба Эрон он дувон бо некномӣ
Ҳаме буданд боарҷу гиромӣ.
Ба фарзон чун ду он фарзона фарзанд
Миёни дарпарастон сар кашиданд,
Падар аз баҳри ободии кишвар
Дувонро бар ҳудинон сохт сарвар.
Миҳинро сарвари барзигарон сохт,

Ба диҳгонони Эрон-ш ирмагон сохт.
Киҳинро бар сипоҳон роҳдон кард,
Пашӯтанро ба ӯ ҳамдостон кард.
Ба кишвар ҳардуро солор бигзошт,
Биҳонро пешво дар кор бигмошт...
Яке омӯхт кишту обдорӣ,
Бипарвардан гиёҳу барзакорӣ.
Ба мардум чорво парвардан омӯхт,
Чарову домдорӣ кардан омӯхт.
Дигарро кард бар Эрон нигаҳбон,
Ки дорад дур з-он деву дурӯҷон.
Зи душман посбон бошад биҳонро,
Ба доду ростӣ дорад ҷаҳонро...

## КАРДАИ 2. ЗАНИ ДУВУМИ АШӮ ЗАРДУШТ ҲУВӮЙ - ДУХТАРИ ФАРШӮСТАР

Чунин гуфтанд пирони гузашта
Зи пешин номаҳо, к-омад навишта,
Дигар зан дошт Зардушти Спитом
Накӯкирдору бошарму накӯном.
Рухон чун оташу пайкар-ш чун моҳ,
Лабу дандону мӯю рӯй дилхоҳ.
Ки шавҳар рафта будаш з-ин ҷаҳон зуд
Ҷаҳонро дар ҷавонӣ гуфта падруд,
Пас он Зардушт бигрифташ ба худ ёр,
Чу дидаш некному некрафтор.
Ҳамон зан буд якум ҷуфти паямбар,
Расову покдину покгавҳар.
Чу дар Балх омаду биншаст вахшур,
Ба дарбораш гумориданд дастур,
Каёнро пешкору раҳнамо шуд,
Яке аз вежагони подшо шуд,
Ҳаме омӯхт дину донишу дод
Шуд ӯ дарбориёнро вежа устод.
Фузун шуд обрӯю арҷ шуд беш,
Ба роҳи доду дин рафт ӯ басе пеш.
Ҳаме омӯхт чисто марду занро,
Дар ин раҳ бохт ҷони хештанро.

Ҳунарҳо ҳар чӣ битвонист, омӯхт,
Ба дилҳо оташи Чисто барафрӯхт.
Бигуфт аз ростиву растагорӣ,
Расидан дар ҷаҳони бахтиёрӣ...
Ҳавӯвӣ духтари Фаршӯштар ном
Зи ҳамкешони Зардушти Спитом,
Бародарзодаи Ҷомосп - Дастур,
Фурӯзон моҳи рӯяш чун рухи Хур,
Ки бо ёрону ҳамсолону хешон
Ҳаме омӯхт аз вахшур фарзон,
Хирад дид андар ӯ волову афзун,
Ҳунар пур диду зебу фарру орун.
Равонаш пок диду пок гавҳар,
Ба вахшур он замон дил бохт духтар.
Ниҳонӣ баст андар дил ба ӯ меҳр,
Чу оташ сӯхт аз меҳраш накӯчеҳр.
Ба модар гуфт рӯзе он ниҳон роз,
Ки: «Дарду сӯзи дилро чорае соз.
Зи тоби оташе бигдохт ҷонам,
Тапиш натвонам, оромиш надонам.
Шунидам чун аз ӯ испанд ардам,
Зи меҳраш дил биогандам ҳамон дам.
Фурӯғи Хур чун дар ҷон фитодам,
Ҳамон дам ҷону дил бо ӯ бидодам.
Шигарфу жарф дарёест пуршӯр,
Диле пур гавҳари шаҳвор вахшур.
Чу додам чашм об аз гавҳари ноб,
Фурӯ уфтодам андар коми гирдоб.
Чу зӯтар ҳум андар оташам рехт,
Ба мағзам ғулғули оташ барангехт.
Чу ҷоми ҳуми оташзо чашидам,
Майи Чистои ҷонафзо кашидам,
Фурӯғе з-оташи меҳр омадам пеш,
Гузаштам з-ин ҷаҳону рафтам аз хеш.
Кунун з-он оташ андар сӯзу созам,
Дилу ҷон аст, нак, з-он дар гудозам...»
Чу бишнид ин сухан модар зи духтар,
Бибурд ин достонро пеши шавҳар.
Бигуфт: «Ӯ пиру ин духтар ҷавон аст,

Гули тар ину ӯ боғе хазон аст...»
Падар андеша карду гуфт: «Некӯст,
Ситам набвад, агар худ дорадаш дӯст.
Зи вахшур ин сухан нанҳуфт бояд,
Ба-д-ӯ ин ростӣ баргуфт бояд.
Бувад, к-ӯ хоҳиши духтар пазирад,
Хуш ояд, шоядаш ҳамсар бигирад».
Пагаҳ Фаршӯштар назди паямбар
Бигуфт он достони меҳри духтар.
Ҳамедун модари духтар ҳамон рӯз
Парешону дил аз андӯҳ пурсӯз, -
Биомад бар дари Ҷомосп дастур,
Бигуфт аз меҳри он гулрух ба вахшур.
Бигуфто: «Гар раво дорад паямбар,
Набошад боке, ар бидҳӣ-ш духтар.
Чу духтар хостаст ӯро бигирад,
Раво бишморам, ар ӯ ҳам пазирад.
Ту ҳам дасташ бигиру ёри ӯ бош,
Дилаш хуш дору дар темори ӯ бош...»

## КАРДАИ 3. БА ЗАРДУШТ РАСОНИДАНИ ҶОМОСП КОРИ ДУХТАРРО

Чу буд ҳамроҳи Кай пайваста дастур,
Ниҳода гӯш бар гуфтори вахшур,
Ҳамора ҷустуҷӯю пурсу посух
Зи ҳар дар дошт ӯ бо шоҳи фаррух.
Зи доду дину аз гоҳу маҳу рӯз,
Зи гашти Моҳу Хури гетиафрӯз,
Зи ҳасту буди чархи гирдгардон,
Набарди зиндагиву марг дар он.
Зи рози осмону он чӣ дар ӯ,
Зи неку зишту аз гетиву менӯ.
Дар оташгоҳ оташ мебарафрӯхт,
Сипанто-ардамон з-ӯ мебиомӯхт.
Ҳамебигрифт з-ӯ фарҳангу фарзон,
Ҳамебишнид з-ӯ пайғоми Яздон.
Бирафт он рӯз ҳам дастур Ҷомосп
Ба кохи шоҳи фаррухзод Виштосп.

Бидид он ҷой шоҳу монтронро,
Дуруду офарин хонд он дувонро.
Пазира гашт ӯро шоҳу хушнуд,
Чунон, к-он рӯз ойини каён буд.
Нишастанд он се бо ҳам дар сари кор
Хирадшон раҳнамову Воҳуман ёр.
Дар он гаҳ ошкоро назди Виштосп
Суви Зардушт рӯй овард Ҷомосп.
Бигуфт: «Эй пайки роҳи рӯшноӣ,
Фурӯғи меҳри боми ошноӣ,
Хурӯшону дамон дарёи чисто,
Хушобу бас шигифтӣ, афтадисто!
Шигарфу жарфу паҳну бекаронӣ,
Гуҳар дар ком пуршӯру дамонӣ.
Яке розест, хоҳам бо ту гуфтан,
Ки онро аз ту менатвон нуҳуфтан.
Гараш бипзирӣ, чандон орадат суд,
Танӣ ҷамшедиёнро тор бо пуд.
Гуле Фаршӯштарро руста дар боғ,
Зи рашки рӯяш озаргун ба дил доғ.
Рухаш Хуршед монад, пайкараш-Моҳ,
Саропо пурфурӯғу гарму дилхоҳ.
Зи меҳру шарму ноз он гул сиришта-ст,
Чу Сарви Кишмар аз боғи биҳишт аст.
Чунон гулро гулистони ту шояд,
Сазанда боғбоне чун ту бояд.
Ҳувӯвӣ номи неки он гули ноз,
Ки дар хубист бо Ноҳид ҳамбоз.
Ба фарру зебу нозу шарму озарм,
Дилу рафтору кирдораш ҳама нарм.
Ба фарзон чашми ҷон ӯро ҷаҳонбин,
Зи чисто чашми дил дорад ниҳонбин.
Хирадмандеву дорад сад ҳунар беш,
Хирадалфанҷу аз сад пурхирад пеш.
Аҳӯрокешу поку ростпиндор,
Ашӯву порсову неккирдор.
Туро он моҳрӯ худ хостор аст,
Паюгийи туро уммедвор аст.
Гули меҳри ту руста дар гили ӯ,

Зи меҳри туст сӯзе дар дили ӯ...»
Шаҳаншаҳ низ чун бишнид гуфтор,
Дар ин андеша бо Ҷомосп шуд ёр.
Бигуфт: «Эй монтрони чомапардоз,
Ҳазори хушнавои гулшани роз,
Фурӯғи бомдоди растагорӣ,
Чароғи раҳнамои бахтиёрӣ,
Пазир он моҳрухро ҳамсари хеш,
К-аз он ҷоҳу бузургӣ гардадат беш.
Ба мо пайванди хешӣ чун кунӣ сахт,
Ҳама хушнуд з-он бошиву хушбахт...»
Чу панди судманди шоҳу дастур
Шунид, андеша дар дил кард вахшур.
Сари андеша боло карду он гоҳ
Бигуфт: «Оре, чунон бод, эй шаҳаншоҳ!
Зи фармони ту чун печам сари хеш,
Ҳувӯвиро бигирам ҳамсари хеш».

## КАРДАИ 4. СУР ОРОСТАН ВА ПАЮГИИ ҲУВӮЙ БО АШӮ ЗАРДУШТ

Памябар чун ба-д-он гуфтори ёрон
Ҳамоҳангӣ бикарду баст паймон,
Ки ӯ хоҳад гирифт он хубрӯро,
Ҳама доранд гар ин орзӯро.
Ба хешон дод шоҳ он гоҳ дастур,
Ки бипсечанд бо ойин яке сур.
Биорoянд шоҳона яке хон,
Хуранди  дастгоҳи подшоҳон...
Биҳон базми паюгӣ соз карданд,
Ба фардо рӯз сур оғоз карданд,
Ба назди оташи поки фурӯзон, -
Чу гулнори ба Фарвардин шукуфон, -
Чу ахтар миҳтарону шоҳу дастур,
Миёншон ҳамчу равшан Меҳр вахшур.
Ба гирди хони пур аз меваву ноз,
Ба бонги руду май карданд бигмоз.
Миёни духтарон буд андар он сур
Ҳувӯвӣ ҳамчу Ноҳид-Ардвисур, -

Фурӯзон оташи рухсору пуртоб,
Чу дар шаб тофт, гуфтӣ, гавҳари ноб.
Ба гирдаш духтарони моҳрухсор,
Занону бонувони сарвкирдор,
Зи шоҳу вижагону ҷамнижодон,
В-аз они миҳтарону некзодон.
Ба сони ахтарон пуртобу равшан,
Чу гулҳо тозарӯ, хандон ба гулшан,
Чу мурғони биҳиштӣ чом-чомон,
Сиҳӣ сарвони гул бар сар хиромон,
Ба гирди навпаюги моҳпайкар,
Дурахшон чун ба гирди Моҳ ахтар...
Ба дини поку дар кеши Аҳӯро,
Ба ойини навини маздаясно, -
Ба замзам хонд зӯтар монтраспанд,
Ду дилро дод бо ҳам сахт пайванд.
Ба ҳам бастанд доман он дувонро, -
Аз ин сӯ Ҳӯвӣ, з-он сӯ монтронро.
Ба домоду паюг аз сар фаровон
Бибориданд симу зар таборон.

## КАРДАИ 5. БАХШИДАНИ КАЙ ВИШТОСП ВОРАИ ҶАМКАРДАРО БА ЗАРДУШТ

Чу паймони паюгӣ монтрон баст,
Ба Ҳӯвӣ ҷону дил ҷовид пайваст,
Сипас хешону ёрон баҳри домод
Дар он ҷашни паюгӣ бахшише дод.
Яке аспон-ш доду он дигар меш,
Севум овард боғу кӯшкҳо пеш,
Бидодаш ҳар яке чизе сазовор,
Ба домоду паюги моҳрухсор.
Ҳумоюн шоҳ он гаҳ баҳри домод
Ба бахшиш Ворai Ҷамкардаро дод[1].
Зи ёру дӯстон он гоҳ бар сар
Бипошидандашон бас симу гавҳар.
Ба домоду паюг он гаҳ зи шодӣ
Бигуфтанд «офарину нӯша бодӣ!»

[1] Вораи Ҷамкарда - ҳамон "Вари Ҷамгирд", паноҳгоҳи сарпӯшидаи сохтаи Ҷамшед аст.

Чу паймони паюгӣ баста гардид,
Ду ҷону дил ба ҳам пайваст ҷовид.
Пасон Зардушт Ҳӯвиро ба хона
Бибурду зист бо ӯ шодмона.
Ба-д-ин сон шоҳу дастури хирадманд
Ҳувӯвиро ба пайғамбар бидоданд.
Дилу ҷонро ба ӯ пайваст духтар,
Ба ӯ хуш зиндагонӣ бурд бар сар.

## КАРДАИ 6. ЗОДАНИ ЧОР ФАРЗАНД АЗ ҲУВӮЙ ВА ЗАРДУШТ

Ба сар бурданд бо ҳам солиён чанд,
Зи бону шуд ба гетӣ чор фарзанд.
Нахустин номаш Исатвостар буд,
Дилеру мағзванду пурҳунар буд.
Чу  шуд ӯ марди донову хирадманд,
Ба доду ростиву фарру афранд,
Падар дар доду динаш дид бартар
Хирадманду ажиру пурҳунартар,
Ба Эрон мӯбадон-мӯбад гуморид,
Ба доду динаш ӯ довар шуморид.
Чу пайваста зи тухмаш мӯбадонанд,
Варо бар мӯбадон сардуда хонанд.
Зи тухмаш мӯбадони дини Зардушт
Ба Эрон омадандӣ пушт бар пушт.
Ниёи мӯбадони додгар ӯст,
Ба доду дин ҷаҳонободгар ӯст.
Пас аз Садвостар Ҳувӣ зи зӯтар
Се духтар ёфт тобон чун се ахтар.
Френӣ хонд пайғамбар миҳинро,
Бути симин тану гесӯ заринро.
Дувум духтар Тритӣ ном бинҳод,
Ки севум дар шумор аз модар ӯ зод.
Киҳинро ном будӣ Пӯручисто,
Ки мағзу дил ҳама буд пур зи Чисто.
Хирад-ш афзуну пур аз ҳушу дониш,
Зи чисто боз дар дил чашми биниш.
Се поку порсову покдомон

Ашӯву росткору ростпаймон, -
Ба роҳи доду дин карданд пайкор,
Буданд он се намуна дар ҳама кор.
Паямбар он се дар некӣ бипарвард,
Фурӯзон ҷони он се аз хирад кард.

## ФАРГАРДИ 2. БА ВОРАИ ҶАМКАРД РАФТАНИ АШӮ ЗАРДУШТ

### КАРДАИ 1. ХУРЧЕҲРРО БА СИПОҲИГАРӢ ВА УРВАТНАРРО БА БАРЗИГАРӢ ГУМОШТАН

Зи гоҳи бостон пирони огоҳ
Чунин гуфтанд з-он боофарин шоҳ,
Ки бар Зардушт меҳре баст чандон,
Чунон, к-аш дӯсттар медошт аз ҷон.
Ба-д-он гаҳ к-ӯ Ҳувӯвиро пазируфт,
Сари худ кард бо он моҳрух ҷуфт,
Ҳумоюн Вораи Ҷамкардаро шоҳ
Ашӯ Зардуштро бахшид он гоҳ.
Бигуфт: «Он Вора, к-аз Ҷам ёдгор аст,
Хушу сарсабз чун хуррам баҳор аст.
Бимонда мурдарег аз шоҳ Ҷамшед,
Ки рӯйи пурфурӯғаш монд Хуршед.
Набоназдиштгону пӯрдкешон
Буванд андар парастиш дар дари он.
Ҳудинон сӯяш аз ҳар ҷо шитобанд,
Ки аз тоби фурӯғаш баҳра ёбанд.
Ниёзи хеш бар Маздо бигӯянд,
Ба дарду ранҷашон дармон биҷӯянд.
Кунун он Чоргӯша Вораи Ҷам
Туро дар рӯзи домодӣ бибахшам.
Ба шаҳри Ҷам бирав з-ин пас ҳамеша,
Чу Ҷам кун кори дину дод пеша...»
Пас аз якчанд гоҳе, дар яке рӯз,
Чу рух бинмуд Хури гетиафрӯз,
Ашӯ Зардушт бо Урватнари род
Ба сӯи Вораи Ҷам рӯй бинҳод.
Писар Хурчеҳрро бигзошт дар ҷой,

Сипаҳро то гузорад нек бар пой.
Сароҳанги сипоҳонаш гуморид,
Сипоҳу разм дар дасташ гузорид.
Ки то ҳамвора ҳамроҳи Пашӯтан
Бидорад марзи Эронро зи душман.
Ба доду ростӣ то он хирадманд
Меҳанро дорад аз душман падофанд.
Биомад пушт бар пушташ сипаҳдор,
Ба марзу буму доду дин нигаҳдор.
Бу худ бурд Урвататнарро паямбар,
Ки варзигар буд ӯву домпарвар.
Падар омӯхт ӯро домдорӣ,
Кишоварзиву варзу обёрӣ.
Замину об дар дасташ гузорид,
Ки то дону ҷаву гандум бикорид.
Би кӯҳу дашт об овард аз рӯд,
Бикишту боғҳо бунёд бинмуд.
Буд ӯ диҳгони корогоҳу доно
Ба кишту варзу дар парвои коло.
Ба-д-ӯ фармуд парвардан паямбар
Чорогоҳону гову мешу астар.
Биомӯзад ба мардум то раҳи кор,
Зи роҳи рост рӯзӣ орадаш бор.
Бибандад даст аз тороҷу duздӣ,
Хӯрад аз ранҷи дасти хеш музде.
Чу Урватнар ба дастури паямбар
Бишуд солори диҳгонони кишвар,
Замину гов буду кору киштан
Ба ҷойи дуздию тороҷу куштан.
Ба Эрон солиён аз дасти диҳгон
Фузун шуд ганҷу нону меваву дон.
Зи бас шуд киштзору боғ бунёд
Ба ҷойи бурдани коло ба бедод.
Зи дузду нобакорӣ диҳ тиҳӣ шуд,
Пур аз ганҷу биҳиву фарраҳӣ шуд.
Шуд аз дастурии Урватнари род
Ҳаме паҳнои Эронвиҷ обод.
Чорогоҳони паҳну бекарон пур
Будӣ аз мешу гову аспу уштур.

## КАРДАИ 2. ХОСТГОРӢ КАРДАНИ ҶОМОСП ПӮРУЧИСТОРО АЗ ЗАРДУШТ

Френӣ бо Тритои накӯчеҳр,
Ки Зардушт он дуро парвард бо меҳр,
Биҳиву доду дину дониш омӯхт,
Ба дилшон аз хирад оташ барафрӯхт,
Чу модар ҳар ду дар дини ашӯӣ
Бирафтанд аз пайи доду накӯӣ.
Дупоёнро ба дониш раҳ кушуданд,
Ба доду ростишон раҳ намуданд.
Чу модар мардумонро раҳнамоӣ
Ҳаме карданд сӯи рӯшноӣ.
Хирад омӯхтанду донишу дод,
Бикардан зиндагӣ бо кому озод...
Киҳин духти паямбар Пӯручисто,
Ки буд мағзу дили ӯ пур зи чисто,
Диле бинову ҳушу ҳанг бисёр,
Хирад пур, донишу фарҳанг саршор.
Чу солаш понздаҳ шуд Пӯручистӣ,
Камар бастанд-ш бо ойин ба куштӣ,
Даромад дар шумори маздаяснон,
Ба назди оташи поки фурӯзон -
Ба боҷу барсам он хуршедрухсор
Бихонд аз вир мораспанд се бор,
Ки: «Маздояснӣ астам, зардуҳиштӣ,
Аҳӯрокеши се раҳ баста куштӣ,
Дурӯҷу деврo ҳастам ҳамистор,
Ба доду ростӣ дар кӯшишу кор.
Ҳумат бигзидаму ҳухту ҳуварзишт,
Бибастам дасту чашм аз ҳар баду зишт.
Зи ҳар ойин бадӣ, к-аз ман падидор
Биомад, ё зи дил бигзашт он кор,
Патат ҳастам, пашемонам ман аз он,
Ба се гуфтан бигаштам з-он гуноҳон...»
Дар он навзодагӣ Ҷомосп дастур
Бидид он пайкари тобанда чун Хур.
Чу дид он мӯю рӯю чашму абрӯй,

Дар оташ сӯхт, хокистар шуд аз ӯй.
Дил он гоҳ аз шигифтӣ дод аз даст,
Ба пирӣ меҳр бар духтар ба дил баст.
Ба рангу рӯйи он гулрӯй дил бохт,
Зи тоби меҳри он хуршед бигдохт.
Зи мижгон дар ҷигар зад сахт тираш,
Ба оҳу дар каманд уфтод шераш.
Лабу дандону чашму рух дилаш бурд,
Зи шарму нозу гуфтори хушаш мурд.
Чунон шере шикори чашми оҳу,
Чунон бабре ба доми банди гесӯ.
Зи сӯзи меҳраш он пири накӯном
Шикеб аз даст доду хобу ором.
Ба-д-ин сон рафт чандин гоҳу дастур
Биомад хостгорӣ пеши вахшур.
Бигуфт: «Он гавҳари пуртоби шаҳвор,
Ки дар дарёи чисто шуд падидор,
Сазанда зевари тоҷи сар он аст,
Хуранди гоҳу ганҷи хусравон аст.
Ҳамон пирӯза, к-андар тоҷи шоҳист,
Ба пеши чашми ӯ санги сиёҳест.
Ба ман диҳ, то ба сар бардорамаш ман,
Ба афсар чун гуҳар бингорамаш ман.
Маро то аз фурӯғи рӯйи он моҳ
Шавад ду дида равшан, эй дилогоҳ...»
Паямбар чун ба ӯ ҳамдостон шуд,
Дили Ҷомосп аз вай шодмон шуд.
Бигуфт: «Аз модараш пурсу зи духтар,
К-аз эдар чист-шон андеша бар сар».
...Чу пеши духтару зан ин суханро
Бигуфт, аз гуфта хушдил дид занро.
Ду рух аз шарм тар шуд Пуручистӣ,
Ба шабнам, гуфтӣ, рух гул пок шустӣ.
Бигуфто: «Гар падар з-ин аст хушнуд,
В-агар модар маро ин роҳ бинмуд,
Бурун н-оям ман аз гуфти паямбар,
Натобам гардан аз гуфтори модар...»

## КАРДАИ 3. ҶАШНИ ПАЮГӢ ОРОСТАНИ ҶОМОСП ВА ГИРИФТАНИ Ӯ ПӮРУЧИСТОРО

... Ба по карданд биҳдинон яке сур,
Ба ойини каёну дини вахшур.
Бигустарданд шоҳона яке хон
Ба пеши Сарви Кишмар назди айвон,
Ба назди Коху Озар-Меҳр-Бурзин,
Чунон чун будашон он рӯз ойин.
Дар он фархунда шоми биҳ зи сад рӯз,
Ба назди Озари Меҳри дилафрӯз -
Зи доман Пӯручисторо ба Ҷомосп
Ба паймони паюгӣ баст Виштосп.
«Зиҳӣ»-ву «Нӯша бод»-у «Офарин» гуфт,
«Бибодӣ борвар ҳамчун замин» гуфт.
Ба замзам хонд он гаҳ монтраспанд
Паямбар з-ардамони пок якчанд.
Ба духтар панд доду роҳ бинмуд,
Зи дину доварӣ-ш огоҳ бинмуд.
Бигуфташ чун бибояд зист ӯро,
Ашӯву рост дар Кеши Аҳӯро.
Ҳамеша росткору ростгуфтор,
Ҳамора порсову поккирдор:
«Ба хушнудийи Додори Тавоно,
Худованди Хирад - Маздо Аҳӯро,
Ман аз ӯ ростиро хосторам,
Хушӣ дар зиндагӣ уммедворам,
Ки бидҳад ӯ ба Зардушти Спитом
Шукӯҳу фарру кому рӯзиву ном.
Биҳишти ҷовидон бахшояд ӯро,
Ба подоши биҳӣ Маздо Аҳӯро.
Ки танҳо Ӯст Додори тавоно,
Ба кори ин ҷаҳон огоҳу доно.
Ҳам ин ҳамкешу ҳамроҳони моро
Ба коми дил расон, Парвардигоро!
Биҳонро ростӣ роҳест, к-аз он
Бипайванданд ҷон бо пок Яздон.
Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор
Бидарёбем хушнудийи Додор.

Худоё, роҳи дини рост бикшой,
Ба сӯи растагорӣ роҳ бинмой!
Паямбарро ба роҳи ростӣ дор,
Бибош аз ҳар бадӣ моро нигаҳдор.
Кунун, эй Пӯручистои Спитом,
Шудӣ пайванди Ҷомаспи накӯном.
Ҳамоҳанги Ашо бар сар барад рост,
Ҳамеша ёри ӯ Маздо Аҳӯрост.
Раҳи ҷон аз хирад бошад-ш равшан,
Намонад по бурун аз роҳи Баҳман.
Хирадалфанҷу огоҳу маниш нек,
Ҳама гуфтори ӯ неку куниш нек.
Чу паймони паюгӣ бастӣ имрӯз,
Дилу ҷонро ба-д-ӯ пайвастӣ имрӯз,
Навода – хурд, духти Ҳайчатаспӣ,
Чу моҳи дудмони Пайтираспӣ,
Ту ҳам бо ӯ бирав, ҳамдостон бош,
Ҳамоҳанги биҳону ростон бош.
Туро дар пурдилӣ з-ин роҳи равшан
Ба Испандормад бояд расидан...
Бирав, бо шавҳари худ шодмон зӣ,
Ҳамеша бахтёру комрон зӣ!»
Пас андар риштаи гуфтор гавҳар
Чунин омуд домоди паямбар:
«...Ба роҳи ростӣ то рӯзи мурдан
Зи дасти духтарат хоҳам бибурдан.
Ба роҳи ростиву рӯшноӣ,
Биҳиву хушдиливу порсоӣ, -
Дилу ҷон рост бо гуфтору кирдор,
Кунад ҳамвора бо панди падар кор.
Ба меҳру ростӣ бо шавҳари хеш
Бикӯшад баҳри суди кишвари хеш.
Биёзад дасти ёрӣ бар сипоҳон,
Наёрад тохт то душман ба Эрон.
Бигирад дасти диҳқону кишоварз,
Ки пур аз бор гардад сар ба сар марз.
Зияд бо ростиву рост мирад,
Биҳону ростонро даст гирад.
Чу аз некӯ куниш шуд пок ҷонаш,

Аҳӯро бидҳад аз Баҳман нишонаш».
Ба домоду паюг он гоҳ аз сар
Бичошиданд зарру симу гавҳар.
Зи ҷо бархост пайғамбар ба-д-он гоҳ,
Чу хуршеде ба гирдаш ахтару моҳ.
Дари ганҷи сухан бикшод вахшур,
Гуҳар пошид бар сар ҳамчу ганҷур.
Бигуфто: «Панди ман покизагонро,
Паюгону ҳама дӯшизагонро,
Ба домодону мар биҳдин занонро
Биҳони порсову покҷонро.
Паюгонро раҳи Ушто намоям,
Ба домодон дари Гушто кушоям.
Ки гуфту панди пайғамбар пазиред,
Биҳиву ростиро пеш гиред.
Ба некӣ дар дилу кирдору гуфтор
Зи баҳри ростӣ кӯшед пайкор.
Шаборӯзӣ ба ҷустори Ашо бед,
Парасторони даргоҳи Худо бед.
Ки танҳо ростию росткорӣ
Расонад ростонро растагорӣ.
Мабодо, эй биҳон, бо бад нишинед,
Ки аз пайванди бад ҷуз бад набинед.
Зи баддил чашм бар некӣ мадоред,
Ба хоки шӯра тухми гул макоред.
Фурӯ бандед аз гуфтори бад гӯш,
Ки ҷонро тира созад, кам кунад ҳуш.
Фурӯғи ростӣ андар рагу пай
Дамад ҷон, ар кунӣ некӣ паёпай.
Зи дини рост бархӯрдору дил шод
Ҳамеша чашми дил бедоратон бод!
Ки биму ранҷи Чинвадпул ба пеш аст,
Куҷо ҳар кас кашанда бори хеш аст,
Хӯрад ҷони дурӯҷ он ҷо табу тоб,
Ба дӯзах дар миёни оташу об.
Бурун ар по ниҳед аз роҳи Маздо,
Шуморо ҳам расад ин ранҷ фардо...»
Ба-д-ин сон Пӯручисто духти вахшур
Бишуд ҳамҷуфт бо Ҷомосп - дастур.

Ба ҳам буданд онон шоду хуррам,
Ба доду ростӣ то вопасин дам.
Ба ободийи кишвар кор карданд,
Ба роҳи доду дин пайкор карданд.
Ба Эрон доду дониш густариданд,
Дарахти сабзи чисто парвариданд.
Аз эшон дастгоҳи шаҳриёрӣ
Ба фарзон ёфт пойи устуворӣ.
Буданд уфтодагонро ёру дилсӯз,
Ба некӣ раҳнамову донишомӯз.
Ба бедоду ситам карданд пайкор,
Бибастанд аз бадӣ дасти ситамкор.
Дупоёнро зи дин огаҳ намуданд,
Ба доду кори некӣ раҳ намуданд.
Ашо ҷустанду роҳи бахту ушто,
Расиданд аз раҳи некӣ ба Гушто.
Ҳама панди паямбар кор бастанд,
Тану ҷон аз ҳама бад бозрастанд.
Бипайвастанд пас бо шодмонӣ
Равонро бо фурӯғи ҷовидонӣ.
Ба менӯ шуд дувонро хуш нишеман
Ҳамеша ҳамраҳи Мурдоду Баҳман.

## ФАРГАРДИ 5. КУШТАНИ РУХШ ТӮР АШӮ ЗАРДУШТРО

### КАРДАИ 1. КУШТАНИ РУХШ ТӮР АШӮ ЗАРДУШТРО

Аз он рӯзе, ки шоҳи Балх куштӣ
Бибасту шуд ба кеши зардуҳуштӣ,
Сию панҷаш бирафт аз сол он гоҳ,
Ба доду ростӣ мерафт з-он роҳ.
Ба соли шасту ҳафтум, з-он ки бар тахт
Ба шоҳӣ барнишаст он шоҳи хушбахт.
Ҳам аз ҷанги ҳаюнон соли ҳабдаҳ
Бирафту рехт бас хун андар он раҳ.
Дар он ҷанг Урватаспи пир бар хок

Бирафт аз теғи душкешони нопок.
Зи фарзандони гурду ҷангии шоҳ
Басе шуд кушта андар ҷанг он гоҳ.
Паямбар кард чандон кору пайкор
Ба роҳи доду дин кӯшид бисёр, -
Бибаста куштӣ андар Вораи Ҷам
Дар оташгоҳ буд бо боҷу барсам,
Биҳонро доду нек андеша омӯхт,
Ҳунарҳо неку кору пеша омӯхт.
Паямбар пир гашту сол рафташ
Дар он ҳангом бар ҳафтоду ҳафташ.
В-аз он ҳафтоду ҳафтум сол зӯтар
Чиҳил рӯзи дигар буд бурда бар сар.
Пайи ӯ девяснони бадандеш,
Фусункорони ҷодусози бадкеш, -
Гузорида муғон ойиштани ӯй,
Ниҳон бигмошта дар куштани ӯй.
Ҳаме буд ҳар кадоме дар пайи ӯ,
Ҳаме рафтанд хам-хам з-ӯ ба ҳар сӯ.
Яке муғ буд номи зишти ӯ Тӯр,
Равон торику мағзаш хира, дил-кӯр,
Дарун аз рашку кин пур з-оташу дуд,
Пайи куштори пайғамбар ҳаме буд.
Ниҳонӣ дар бағал буд теғ дар мушт,
Бирафтӣ рӯзу шаб аз пушти Зардушт.
Ба дини Офаредун буду Ҷамшед,
Парастид ахтарону Моҳу Хуршед.
Намудӣ хешро маздопарасте,
Бибаста куштию барсам ба дасте.
Ба дини биҳ ниҳонӣ буд ба пайкор,
Буд андар дил ҳудинонро ҳамистор.
Фусунгар буду пуртарфанду ҷоду,
Ба деву Аҳриман якроҳ хасту.
Забону дасту ҷону дил ҳама рев,
Даҳону гӯшу чашму рӯй чун дев.
Зи модар Рухш будӣ номи он Тӯр,
Магар буд почноми ӯ Баротур...
Маҳи Ардибиҳишту рӯзи Хуршед,
Зи рӯйи Шед чун шуд гетӣ испед,

Сапеда бардамиду гетии пир
Ба ҳован рехт чун мӯбад фурӯ шир.
Ашӯ Зардушт баҳри Гоҳи Ҳован
Зи нав кард оташи покиза равшан.
В-аз он ҷо рост омад бар лаби рӯд,
Ба зӯ(ҳ)р аз ширу ҳумаш кард хушнуд.
Сару тан пок он гаҳ з-оби он шуст,
Ба покӣ роҳи пайванди Худо ҷуст.
Зи мағзи рӯд дар ҳован гирифт об,
Аҳӯрокешу ҷонбахшандаву ноб.
Ба оташгоҳ з-он пас бо дили х(в)аш
Биомад боз назди пок оташ.
Ки ширу ҳум Ҳованро кунад соз,
Бигӯяд назди оташ бо Худо роз.
Ба-д-он гаҳ Тӯри ҷодуи фусункор
Ниҳон  буд дар камин дар пушти девор.
Дар оташгоҳ пеши пок озар
Набуд он ҷо дигар кас ҷуз паямбар.
Биомад хам-хами девор пас Тӯр,
Зи доду донишу ҳушу хирад дур,
Чу дар ойини ясно буд Зардушт,
Ниҳонӣ андар омад Тӯраш аз пушт.
Бизад бо теғи тез аз пушти ӯ сахт
Яке захм он фусункори нагунбахт,
Ҷигар бишкофт теғи бадраги душт,
Кашид он гоҳ теғ аз пушти Зардушт,
Фурӯ шорид з-он хун бар тани ӯй,
Бишуд гулгун зи хун пироҳани ӯй.
Паямбар пас бигашту бо нигоҳе
Фиканд андар дили он как табоҳӣ.
Бизад бо барсаме, к-аш дошт дар даст,
Чунон, к-он пора гашту сар-ш бишкаст.
Ба пойи ӯ фитод он деви мурдор,
Ба сони мурда гаргин пиркафтор.
Гуҷастаг пештар худ мурд ноком,
Ба пеши пойи Зардушти Спитом.
Насои зишти он мурдори нопок
Даҳон пур шуд зи чирку аз хасу хок.
Нишаст он гоҳ вахшури хирадманд,

Ба Маздо ҷовидон ҷон сохт пайванд.
Аҳӯро кард пирӯзаш ба душман,
Ба фирдавси барин кардаш нишеман.

## КАРДАИ 2. ДАР ВОРАИ ҶАМКАРД БА ХОК СУПОРИДАНИ ВИШТОСП АШӮ ЗАРДУШТРО

Чу шоҳ огоҳ шуд аз кори Зардушт,
Ки ӯро Рухш Тӯри бадгуҳар кушт,
Гиребонро дариду зад ба тан теғ,
Ба марги дӯст хун бигрист чун меғ.
Бар аспи тезтак биншаст он дам,
Биомад тафт сӯи Бораи Ҷам.
Бидид он ҷо ба сӯги зӯт гирён
Зану фарзанду пайвандону ёрон.
Зи чашмон-ш ашк чун борон биборид,
Зи рух бар хок ҷӯйи хун бишорид.
Ба гиря хок бар сар мепароканд,
Ба шеван рӯю мӯю тан ҳамеканд.
Чу тундар теғ дар дил мехурӯшид,
Чу абр аз чашм ашкаш мебиҷӯшид.
Ҳаме гуфт: «Эй дареғ он чашмаи Хур,
Бирафту шуд ҷаҳон торик чун гӯр.
Дареғо, з-ин миён даррафт вахшур,
Ки доду ростиро буд дастур.
Чу рафт он офтоби гетиафрӯз,
Сияҳ шуд ҳамчу шаб дар чашми мо рӯз.
Бишуд он монтрони чомапардоз,
Ҳазори шохсори гулшани роз.
Ба Ҷони Ҷовидон пайваст ҷонро,
Фурӯ бигзошт ин ҷо дӯстонро.
Супурд ӯ тан ба хоку ҷон ба Яздон,
Намурд ӯ, ҷовидон пайваст бо Ҷон.
Кунун хуршед рафту з-ин шаби тор
Набошад роҳи рафтанмон падидор...»
Насосолорро фармуд пас шоҳ
Барад то бар фарози кӯҳаш, он гоҳ,
Сарояд бар сари ӯ «Готҳо»-ро.
Ниҳад андар дили кӯҳаш насоро.

Ки то ҳангоми растохез ором
Бихобад андар он пури Спитом.

## КАРДАИ 3. АЗ ДАРЁИ КАНСӮ ПАДИД ОМАДАНИ СӮШИЁНС АЗ ТУХМИ ЗАРДУШТ БА ГЕТӢ

Равони поки Зардушти Спитом
Гирифт ором дар Менӯ саранҷом.
Ба Маздо ҷовидон ҷонро бипайваст,
Зи зиндони худӣ ҷовид вораст.
Зи тухмаш пешвоён боз шаш мард
Падид оянд то рӯзи Фрашкард.
Ҳама аз гавҳари поки паямбар
Бигардад зода ҳар гоҳе зи модар.
Ба роҳи рост мардумро намояд,
Дари ганҷи хирад бар рӯ кушояд.
Барадшон сӯи бахту растагорӣ,
Ба роҳи хушдиливу комгорӣ.
Чу омад рӯзи Растохез наздик,
Бигардад гетӣ аз бедод торик,
Зи тухми поки Зардушти Спитом
Биояд додгар шоҳе саранҷом.
Ки номи ӯст фаррух Ухшият-Ард,
Кунад ӯ подшоҳӣ то Фрашкард.
Ки андар номаҳои паҳлавонӣ
Ҳушедар-Бомӣ номи ӯ бихонӣ.
Ба жарфоби мағи дарёи Кансӯ
Бувад афганда тухм аз гавҳари ӯ.
Чу ояд рӯзи Фаршӯкард наздик,
Шавад оғоз ҷанги зишт бо нек,
Яке дӯшизае хуршедрухсор,
Ҳудину порсову неккирдор,
Ба фарру зебу яктои ҳамон гоҳ,
Срутат-Федрӣ бошад номи он моҳ,
Биояд бар лаби Дарёи Кансӯй,
Бишӯяд симгун дасту чу маҳ рӯй.

Ба гоҳи бомдод он моҳпайкар
Бихоҳад бахту пирӯзӣ зи Гаргар.
Ба пиромуни худ ӯ бингарад пас,
Набинад андар он ҷо ҳеҷ як кас.
Кашад он гаҳ зи тан пероҳани хеш.
Ба дарё шӯяд он гулгун тани хеш.
Чу дар дарё хӯрад он моҳ поғӯш,
Дарояд андар оби жарф то гӯш,
Хуш ояд оби гарму форам ӯро,
Ба фармон аз суви Маздо Аҳӯро,
Ба дарё жарфтар гардад шиновар,
Шавад обистан аз тухми паямбар.
Бароянд з-обу ояд хона он гоҳ,
Зи сар бигзорад он хуршед нуҳ моҳ.
Пас аз нуҳ моҳ аз тухми паямбар
Бизояд пуру номандаш Ҳушедар.
Шавад ӯ подшоҳ андар саранҷом,
Ҷаҳон з-ӯ пас бихоҳад ёфт фарҷом.
Ҷаҳонро дорад ӯ бо донишу дод,
Ба фарзону хирад гардонад обод.
Кунад пайкор бо деву дурӯҷон,
Бадиро пок биздояд зи гейҳон.
Биҳӣ варзад, накӯӣ кор бандад,
Дарахти дини биҳ то бор бандад.
Ба гетӣ густарад доду хирадро,
Зудояд з-ин ҷаҳон нерӯи бадро.
Шавад бо Аҳриман пирӯз яксар,
Ҷаҳонро вижа созад аз ситамгар.
Шавад нерӯи некӣ андар он рӯз
Ба нерӯи бадӣ ҷовид пирӯз.
Биояд рӯзи Растохез он гоҳ,
Бимонад рӯшно Хуршед бо Моҳ.
Бигардад зинда аз нав чун ба Наврӯз
Пасин тан чун гиёҳон андар он рӯз.
Кашад он гоҳ Рашн андар тарозу
Ҳама он ч-омад аз кас зишту некӯ.
Зи Чинвадпул гузар созанд он гоҳ,
Накӯвону бадон - дарвеш то шоҳ.
Биҳон андар Биҳишт оянд хурсанд,

Бадон дар оташи Дӯзах бисӯзанд.
Аюхшут з-оташи дӯзах чу бигдохт,
Чу рӯди оташ аз сарҳо фаро тохт,
Дурӯҷу деву бадкору ситамгар
Гудозад андар он оташ саросар.
Намонад дар ҷаҳон аз бад нишоне,
Накӯӣ монад он ҷо ҷовидонӣ.
Фурӯҳарҳои покону ашӯвон
Равони додгорону накӯвон,
Ҳамеша бо фурӯғи ҷовидонӣ
Биёбад ҷовидона зиндагонӣ...

## КАРДАИ 4. ПЕШГӮИИ ЗАРДУШТ ОЯНДАИ ЭРОНРО

Паямбар дар ҷаҳони менувонӣ
Дарахте дид бо чашми ниҳонӣ,
Ба боғи ориш он урвар чунон руст,
Ки будаш ҳафт шоху тан з-аюхшуст.
Гаҳе буд бор заҳру гоҳ позаҳр,
Гаҳ омад дарду гаҳ дармон аз он баҳр.
Чунин пурсид вахшур аз Аҳӯро,
Ки он рози ниҳон бикшояд ӯро.
Худованди Хирад гуфташ ба посух,
Ки: «Эй огоҳдил вахшури фаррух,
Нахуст он шоху баргу бори заррин
Нишон аз шоҳи бododест биҳдин.
Замоне ҳаст шохи зарру гоҳе,
Ки Кай Виштосп дорад подшоҳӣ.
Кунад ӯ вежа аз девон миҳанро,
Ба дӯзах пас фиристад Аҳриманро.
Ба-д-он гаҳ шаҳри Эрон гардад обод,
Ки дар вай кас ба биҳрӯзӣ зияд шод.
Дувум, к-он шохи симин пур зи бор аст,
Замони Ардашер Испандиёр аст.
Ки бедоду ситамро сар бикӯбад,
Дурӯҷу дев з-Эрон пок рӯбад.
Шикаст орад ба девону дурӯҷон,
Шавад густарда дини биҳ ба Эрон.
Аз он пас ояд Искандар ба ин ҷо,

Гуҷастак бо сипаҳ з-он сӯйи дарё.
В-аз ӯ пас девяснону анерон
Ба гоҳи шоҳ биншинанду фармон.
Бувад ҳафтоду ду сол он чунон кор
Ба дасти подшоҳони ситамгор.
Севум шох аст аз мис пой то сар,
Замони шоҳи пирӯзу диловар,
Ки ояд з-Ориён он гаҳ падидор,
Кунад пайкор бо деви ситамгор.
Ситонад тахту гоҳ аз девяснон,
Кунад ӯ зинда доду дин ба Эрон.
Чаҳорум шох рӯйин аст з-он рӯй,
Ки ояд гоҳи додовар ҷаҳонҷӯй.
Ки дар ҳангоми он шоҳи биҳойин
Дурафшафроз гардад донишу дин.
Чу доду ростӣ пирӯз гардад,
Бувад Эрон падофанд аз ҳама бад.
Аз ӯ пас бар сари авранги шоҳон
Писар-ш ояд ба номовар сипоҳон,
Ба доду ростӣ дорад ҷаҳонро,
Барафрозад дурафши коваёнро.
Падид ояд дабире бихраду род,
Яке фарзонае бо донишу дод,
Ки бинвисад Сипанто ардамонро,
Нуҳуфта дер боз аз мардумонро.
Дигар шох аст арзиз, эй паямбар,
Нишон аз подшоҳи додгустар,
Ки дар ҳангоми ӯ ояд падидор,
Раҳоибахш марде поккирдор,
Ҷаҳонро з-Аҳриман бахшад раҳоӣ,
Намояд роҳ сӯи рӯшноӣ.
Шавад кайку калаф аз ин ҷаҳон гум,
Наояд з-Аҳриман ранҷе ба мардум.
Зи бими Сушиёнс он гаҳ харастар
Ниҳон гардад ба торикӣ фурӯтар.
Шашум шохе, ки мебинӣ зи пӯлод
Бувад ангора аз осоишу дод.
Падид ояд дар он ҳангом шоҳе,
Шаҳи фаррухниҳоду додхоҳе.

Накӯву додбахшу додгустар,
Хирадманду ашӯву додпарвар.
Ба доду ростӣ дорад ҷаҳонро,
Раҳо созад зи банд эрониёнро.
Яке марди дурӯғе оварад дин,
Биангезад касонро бар раҳи кин.
Диҳад он шоҳи фаррухрӯзи бодод
Дуруғин дини ӯро зуд бар бод...
Ба ҳафтум шох бингар, к-оҳанин аст,
Замони душманони доду дин аст.
Ки онон пайравони деви Ҳишманд,
Дурӯғу Кину Тарбу Рашку Хашманд.
Ба ҷоду тохт хоҳанд андар Эрон,
Саросар шаҳру диҳ созанд вайрон.
Ба даҳ садсола фармондор бошанд,
Ба дини рост дар пайкор бошанд.
Ба сар оранд он ҳангом моро
Басе андӯҳу бас патёраҳоро.
Бигардад кушта бас биҳдин ба бедод,
Шавад вайрона марзу буми обод.
Барандозанд оташхонаҳоро,
Баранд аз ёдҳо номи Худоро.
Бигардад хор он ҷо оташи пок,
Шавад бад бадтар аз ҳангоми Даҳҳок.
Бисӯзад номаҳои донишу дод,
Равад ганҷи ниҳода пок бар бод.
Пас аз омӯтиёни деви Асмо
Бигардад деви дигар боз пайдо.
Ки ҳаст аз кишвари Салми Фаредун,
Фарозанда дурафше сурху гулгун.
Бувад он дев Шедаспи Килиз ном,
Ба ҷангафзори сурху зини гулфом.
Сипоҳу пайравонашро кулаҳ сурх,
Дурафшу теғу хону базмгаҳ сурх.
Бигардад хира рӯйи Моҳу Хуршед,
Сияҳ гардад Винанту Тиру Ноҳид.
Бигарданд ахтарон беранг санге,
Бигардад Моҳ аз ранге ба ранге.
Зи бедоду ситам ларзад замин сахт,

Вазад бас бодҳо бо хашму кин сахт.
Чу соли се ҳазорум ёфт анҷом,
Сар ояд зиндагии зиштфарҷом.
Нишону номи бедоду ситам гум
Шавад ҳамроҳи мору мӯру каждум.
Хирад пирӯз гардад дар саранҷом,
Дигар кас нашнавад аз Аҳриман ном.
Биояд рӯзи Растохез з-он пас,
Расад подоши неку бад ба ҳар кас.
Пас он гаҳ ромишу осуда ҳангом
Бихоҳӣ ёфт, эй пури Спитом!»

## ФУЗУДАҲОИ РАВШАНГАР

## *АВИСТО

### КАРДАИ 1. ПАЙДОИШ ВА ЧАМИ «АВИСТО»

Зи гоҳи пешдодон то ба вахшур,
Замоне  буд чандон деру бас дур.
Дабира чун набуду мардум он гоҳ
Набуд аз хондану бинвиштан огоҳ,
Ҳама он донишу авранд, к-андӯхт,
Шуниду диду аз доно биёмӯхт,-
Зи бар кардиву бар шогирду фарзанд
Бидодӣ ёд донои хирадманд.
Ҳунарҳо ҳар чи буду панду андарз,
Зи доду довариву киштану варз, -
Ниёишҳои дилчаспу дилангез,
Суруду достонҳои шакаррез, -
Даруни сина меанбошт устод,
Пас он мар дигаронро ёд медод.
Ҳама он донишу фарҳангу фарзон
Фароҳам омад он ҳангом чандон,
Ки аз бар кардани он бори бисёр
Ба шогирдон биомад сахт душвор.
Аз ин рӯ бихрадони донишогоҳ
Ба шогирдон сухан карданд кӯтоҳ.
Зи донишҳо ҳамон мағзаш гирифтанд,
Гузин карданду аз нағзаш гирифтанд.
К-аз ин раҳ то ба шогирдони эшон
Сабук бошад зи бар кардан-шу осон.
Биоварданд онро рӯйи ҳам гирд,
Ки шуд дархурди омӯзиш ба шогирд.
Ба-д ин сон пояи фарҳангу фарзон
Гузориданд гундоёни Эрон.
Чу он буд пояи фарзону чисто,
Аз он рӯ номи фаррух шуд «Ависто».
Ҳама он донишу фарҳангу фарзон
Биоварда фароҳам буд дар он:

Зи шоҳони куҳан то гоҳи вахшур,
Зи Ҳӯшангу Заву аз Эраҷу Тӯр...
Кишоварзӣ, пизишкӣ, домдорӣ,
Сипоҳӣ, додварзӣ, шаҳриёрӣ...
Ниёишҳову гоҳонбору ҷашнон,
Ҳумоюн яштҳои хуштар аз ҷон.
Парастиш эзадону оташу Хур,
Равони мурдагони рафта дар гӯр,
Ситоишҳо ба Меҳру Моҳу Ноҳид,
Бимонда аз замони шоҳ Ҷамшед...
Паёпай мӯбадон аз кору авранд
Ҳама андар «Ависто» гирд карданд.
Ҳама доду хирад дар вай ниҳон буд,
К-аз  он обишхури пиру ҷавон шуд...
Замона чун дигар мегашту фарҳанг,
«Ависто» бо ҳамон мешуд ҳамоҳанг.
Дар он дастури кору зиндагӣ буд,
Бажанги доду дину бандагӣ буд.
Чу Зардушт омад, онро барнаяндохт,
Ки онро арҷу моя нек бишнохт.
Дар он ҳам буд «Афсуни Фаредун»,
Ҳам он ҷо низ «Готон»-и ҳумоюн.
Фурӯзон оташи фарзону фарҳанг,
Ҳам аз Зардушт он ҷо, ҳам зи Ҳӯшанг.
Пас аз Зардушту пеш аз вай ҳама ганҷ,
Ки бинҳоданд мардони сухансанҷ, -
Ҳама он мурдарег омад фароҳам
Дар он ганҷинаи фарҳанг бо ҳам.
Дар он ҷо «Панҷ Готон»-и ҳумоюн
Ҳамеша монд ногашта дигаргун.
«Ависто»- появу бунёду реша
Ба роҳи дину доду кору пеша.
Ба даст озодагонро буд дастур,
Зи гоҳи пешдодон то ба вахшур...

## КАРДАИ 2. НАВИШТА КАРДАНИ АВИСТО

Аз он гоҳе ки Таҳмӯрап ба Эрон

Дабира кард пайдо бо дабирон,-
Аз он пас то замони шоҳ Доро
Бишуд рози навиштан ошкоро.
Даре осон ба дониш шуд ба-д-он боз,
Ависторо навиштан гашт оғоз.
Дабирон бас дабиристон кушоданд,
Ба фарзандон дабира ёд доданд.
Ба Эрон ҳар куҷо дар шаҳру русток
Набиштандиву хонданд̄и Ависток...
Ба-д-он гаҳ мӯбадони донишалфанҷ,
Ба сина оганида он ҳама ганҷ,-
Биоварданд бас доно дабирон,
Ба доно̄и сар афрозанда пирон.
Ба чандин солу маҳ бурданд бас ранҷ,
Биоварданд як ҷо он ҳама ганҷ.
Пас андар пӯстҳои барзаговон,
Ба зарру гавҳару сими фаровон, -
Нигориданд-ш аз зар вожаву вок,
Ба ороиш зи симу гавҳари пок.
Набиге зарнигору бас бузурге,
Гарону бас ситабреву сутурге , -
Ба сангин баргаҳои бешуморе,
Ду рӯя чун биҳишти пурнигоре,
Падид омад ба Эрон андар он гоҳ
Фаротар моя дар ганҷи шаҳаншоҳ.
Ба-д-ин сон бихрадони донишомӯз
Ависторо навиштанд андар он рӯз.
Ду радда шаш ҳазор̄и пӯст бар кор
Дар ин раҳ рафту зарру сими наҳмор.
Ба-д-он ҷо «Панҷ Ганҷ»-и ноби вахшур,
Ниҳода буд хирадалфанҷ ганҷур...

## КАРДАИ 3. АВИСТОРО СӮХТАНИ ИСКАНДАРИ ГУҶАСТАК

Сикандар тохт чун бар хоки Эрон,
Бикушту бурду яксар кард вайрон.
Ҳама тахту кулоҳу афсару тоҷ
Гирифту ганҷу коло кард тороҷ...

Чу дид он номаи зарриндабира,
Ду чашмаш тира гашту монд хира.
Пас онро бурду додаш бар пагӯён,
К-аз он ганҷи хирад гарданд ҷӯён.
Пижӯҳиданд гундоён саросар
Ҳама он номаи бинвишта бо зар.
Зи бар карданду ҳам бардоштандаш,
Ҳам андар номаҳо бингоштандаш.
Дар он ҳар гавҳару зевар, ки диданд,
Зи рӯйи баргаҳо яксар бичиданд.
Ба оташ з-он сипас андохтандаш,
Зару симе, ки буд, бигдохтандаш...

## КАРДАИ 4. АЗ НАВ РӮЙИ ҲАМ ОВАРДАНИ АВИСТО БА ҲАНГОМИ АШКОНИЁН

Балоши Аршакӣ[1] чун тахти шоҳӣ
Гирифту кард аз нав додхоҳӣ.
Гирифт ӯ пешаи фарзонагонро,
Раҳо кард он раҳи бегонагонро.
Чу дид ойини пешинро парешон,
Дар омезиш ба дини душткешон.
Яке рӯзе «Миҳистон»[2]-ро фаро хонд,
Зи доду дину доноӣ сухан ронд.
Бигуфт: «Он ганҷи беҳамтои фарзон,
Фурӯ пошида аз ҳам, шуд парешон.
Басо дар синаи мӯбад нуҳуфта,
Басо дар барга зери хок хуфта.
Ҳам андар номаҳо бас монда бар ҷой,
Пароканда ба ҳар дасте ба ҳар ҷой.
Ависто гашта эдун пора-пора
Парешида ба ҳар кунҷу канора...

[1] Балош – паҳлавӣ: Valaxsh, юнонӣ: Vologeses, форсӣ: بلاش = ولاش = ولخش - бисту дуюмин ва вопасин подшоҳи Ашконӣ (51 ё 52 – 78 м.). Ниг. Ба фарҳангҳо ва “Таърихи Эрони бостон”.

[2] Миҳистон - ба чами “бузургтаринон”, “баргузидатаринон”, анҷумане (маҷлисе), ки подшоҳони Ашконӣ барои чархонидани корҳои кишвардорӣ ва шаҳриёрӣ бо намояндагони он гуфтумон мекарданд. Ва он аз ду маҷлис созмон мешуд: болоӣ, ки анҷумани (маҷлиси) хонадони подшоҳӣ буда, ва поёнӣ анҷумани баргузидагон аз мардони пири рӯзгордида ва мӯбадони волоҷоҳ аз мардуми порт. (Ниг. “Таърихи Эрони бостон», саҳ. 2649.)

Мабодо он ҳама гардад фаромӯш,
Шавад то оташи Зардушт хомӯш...»
«Миҳистон» ин суханро хуш пазируфт,
Балоши номварро офарин гуфт.
Фаро овард з-он пас мӯбадонро,
Муғони ҳушманду бихрадонро.
Дабирони бузургу номварро,
Раду гӯяндагони пурҳунарро.
Ба шаш сӯйи ҷаҳон рафтанд пӯён,
Аз он ганҷи хирад гаштанд ҷӯён...
На рӯз орому не дар шаб бихуфтанд,
Навиштанд, он чи доноён бигуфтанд.
Биомад рӯйи ҳам бинвишта чандон
Ба дасти он дабирони сухандон.
Зи Яшту Виспарад, Готону Ясно
Навиштанд аз даҳону дасти доно.
Ба ҳам он номаҳо андоза карданд,
Куҳанро моясанҷи тоза карданд.
Ҳама дар ҷойгоҳи худ ниҳоданд,
Ба ҳам ҳар бахшро пайванд доданд.
В-аз он пас мӯбадон пиростандаш,
Чунон чун месазид, оростандаш...
Басо бахше, ки рафт аз дасту шуд гум,
Зи дасти чун Сикандар девмардум.
Басе бахше, ки ҳар фарҳангдузде
Бидуздиду ба-д-он бистонд музде...
Ба-д-ин сон зинда аз нав шуд Ависто,
Ки буд он пояи фарҳангу чисто.
Дар он ҷо «Панҷ Саркор»-и ҳумоюн
Дуруст омад, нашуд ҳаргиз дигаргун,
Ки андар синааш мӯбад нигаҳ дошт,
Фузудан, костан онро набигзошт.
Дигаргун кардани дин чун гунаҳ буд,
Дар он воке на коҳиду на афзуд...

## КАРДАИ 5. НАВИШТА ШУДАНИ АВИСТО ДАР ЗАМОНИ СОСОНИЁН БО ДИН-ДАБИРА

Забону шеваи гуфтори Эрон
Дигар шуд бо гузашти рӯзгорон.
Авистоӣ забон азбас куҳан буд,
На ҳанҷори варо дарёфтан буд...
Чу бархе вокҳо андар дабира
Набуд, дар хонишаш монданд хира.
Пагӯён дин-дабира соз карданд,
Даре осон ба дониш боз карданд.
Ки ардамҳои варҷовандро рост
Бихонад то ҳама кас бе каму кост...
Аз он рӯ мӯбадони донишогоҳ,
Шукӯҳу фарри даргоҳи шаҳаншоҳ, -
Бугуфтанд Ардашери Бобаконро,
Сару саркардаи Сосониёнро:
«Шаҳаншоҳо, ҳамеша комрон зӣ,
Ба гетӣ деру дуру ҷовидон зӣ!
Ҳамон ганҷинаи фарзон, ки шоҳон
Биомуда буданд аз дер гоҳон.
Кунун он мардумонро дастрас нест,
Расидан бар чамаш дар зӯри кас нест.
Ҳам андар хонишаш бас хирагиҳост,
Ҳам андар оришаш бас тирагиҳост...
Зи душдин низ дар вай охшигест,
Чу муше андар оби поки дегест...
Басе гум гаштаву бар бод рафта,
Дигаргун гашта, ё аз ёд рафта...
Бидиҳ дастур, то он ганҷи шаҳвор
Зи нав орем рӯйи ҳам сазовор.
Ки андар хонишаш кас дар намонад,
Ҳам андарёфтан-ш осон тавонад..
Ба даст орем ҳар-ч он монда бар ҷой,
Зи нав ганҷинаро дорем барпой...»
Шаҳаншаҳ мӯбадонро офарин гуфт,
Сухан пазруфту «Бодо инчунин» гуфт.
Ба пури хеш, к-аш буд ном Шопур,
Чунин дод Ардашер он гоҳ дастур,
Ки : «Бо ҳамроҳи ту з-ин рӯз Тансар[1]

[1] Тансар – Баҳроми Хурзод, мӯбадон-мӯбад (ё ҳирбадон-ҳирбад) дар замони Ардашери Бобакон.

Ависторо навиштан гирад аз сар.»
Ба шодӣ эрвад – Тансар камар баст,
Ба он кори зи бас сангин бизад даст.
Бикард ӯ гирд чандин мӯбадонро,
Раду фарзонагону бихрадонро...
Ба кишвар ҳар чи буд з-он ганҷи шаҳвор,
Биоварданд рӯйи ҳам ба дарбор.
Пасон Шопуру Озарбоду[1] Тансар,
Ба доноёну ҳамёрони дигар,
Ба чандин солҳо бурданд бас ранҷ,
Зи нав пардахта шуд кохе пур аз ганҷ.
Зи нав бо тозагӣ оростандаш,
Ба хубӣ ҳамчунон перостандаш...
Ҳама донова фарҳангу фарзон,
Ҳама авранду андарзи бузургон,
Ки буд андӯхта аз дер гоҳон,
Ба дасти мӯбадону подшоҳон,
Ҳама омад дар он як нома як ҷо,
Набиги бас бузурге гашт пайдо.
Ҳама дар бисту як наск аст бо ҳам,
Ки андар панҷ бахш омад фароҳам.
Нахустин бахши арзишманд Ясност,
Ки беҳтар аз ҳама наздики доност...
Ба Ясно андарун Готони вахшур
Биомад бегазанд аз он гаҳи дур.
Дар он чизе на коҳиду на афзуд,
Чунон чун гуфт вахшур,ончунон буд...
...Авистоо забон аз бас куҳан гашт,
Ҳамора дур аз дарёфтан гашт.
Азеро мӯбадони донишогоҳ,
Бикӯшиданд аз бас андар ин роҳ,
Биоварданд он гаҳ Занду Позанд,
Ки осонаш барӯшон дарбиёбанд...
Аз он пас мӯбадони донишалфанҷ
Бибурданд андар ин раҳ солҳо ранҷ.
Зи рӯйи он Ависто  боз якчанд
Навиштанду ба ҳар шаҳре бибурданд...

[1] Озарбод – Отурпати Мораспандон, мӯбаде номдор дар замони Ардашери Бобакон.

## КАРДАИ 6. СӮХТАНИ ТОЗИЁН ФАРҲАНГИ ЭРОНРО

Чу тозӣ аз шукӯҳу фарри Эрон,
Зи гоҳи дер бурдӣ рашку пужҳон.
Дилашро орзӯи тахти шоҳон
Будиву гавҳару ганҷи фаровон...
Замонро роҳи гардиш чун дигар гашт,
Аз он Сосониёнро бахт баргашт...
Ба тозӣ созгор омад замона,
Ба Эрон тохт он гаҳ, дин-баҳона.
Ҳазорон беваронро бегунаҳ кушт,
Саросар хокро дар хун биоғушт.
Ки дар Эрон зи Даҷла то ба Сайҳун
Замин  гулгун шуд аз  бас рехтан хун.
Ба ҷӯйи хуни фарзандони Эрон
Бигардонд осиёву хӯрд з-он нон.
Бибурд ӯ ганҷи Эронро ба тороҷ,
Зару колову тахту афсару тоҷ...
Бибурд он «Ҳашт Ганҷ»-и[1] шоҳ Парвиз,
Дигар дебову  аспу мешу ҳар чиз...
Занону духтарону кӯдаки хурд
Бибасту каш-кашон дар бардагӣ бурд.
Ҳама шаҳру диҳи ободи Эрон
Ба оташ даркашиду кард вайрон.
Куҷо оташгаҳе буду дабистон,
Фиканду кардашон бо хок яксон.
Басо тандес буду пайкари хуб,
Ки буд аз симу зар ё аз гилу чӯб,
Ба хок афканду андар оташ андохт,
Якояк сӯхт, симу зар-ш бугдохт...
Саросар сӯхт донишномаҳоро,
Ҳар он-ч аз Тесфун буд то Бухоро.
Ҳама ганҷинаҳои донишу дод,
Ба оташ даркашиду дод бар бод.
Ҳам он ганҷинаҳо дар Гундишопур,

[1] "Ҳашт ганҷ" – номи ганҷҳои ҳаштгонаи Хусрави Парвиз: Ганҷи Арӯс, Ганҷи Бодовард, Дебои Хусравӣ, Ганҷи Афросиёб, Ганҷи Сӯхта, Ганҷи Сабз, Ганҷи Шодовард ва Ганҷи Бор. Ганҷи Шойгон низ буда бо дигар дороиҳои шигифтангез, ҳамаро тороҷ карданд. (Ниг. ба фарҳангҳо, донишномаҳо ва набигҳои таърихӣ ва адабӣ, чунончи "Ҷавомиъ-ул-ҳикоёт"и Авфии Бухорой.)

Чу дид он хушкмағзи аз хирад дур,
Зи донишномаҳо чандин ҳазорон,
Зи ҳар дар дониш он ҷо буд фаровон...
Чу онро дид, шуд патху фурӯ монд,
Даҳон ҷӯшидашу аз гуфтугӯ монд.
Зи рашку кина мағзаш тира гардид,
Ду чашмаш хун гирифту хира гардид.
Ҳама оташ зад он деви ҷаҳонсӯз,
Бишуд хокистар он ганҷи дилафрӯз.
Ба вижа дар пизишкӣ андар он ҷой
Бикарда буд Хусрав шаҳр барпой.
Ҳазорон нома бо чандин забоне,
Ниҳода буд дар ҳар ганҷдоне...
Дареғаш номаду оташ зад онро,
Ҳам он ҷо кушт номӣ бихрадонро...
Ҳама фарҳанги Эронро дар оташ
Кашиду сӯхт душти аҳриманфаш...
Бар ин тороҷу куштан то дусад сол,
Ҳам аз он бештар меёфт дунбол...

## КАРДАИ 7. АВИСТОИ КУНУНӢ

Ба Эрон чор шаҳре буд обод,
Гузида шаҳрҳои куҳнабунёд.
Дабирон аз Ависто рӯйбардор
Бикарданду бибурдандаш ба ҳар чор.
Чу душман сӯхт ҳар бинвиштаеро,
Гули дар боғи фарзон киштаеро,
Ҳудинон ҳар чи  з-он дар даст будшон,
Зи чашми бадкуниш карданд пинҳон...
Ба-д-ин сон солиён бизашт бо ранҷ,
Зи бедоди замон коҳид он ганҷ.
Басе аз бахшҳо з-он ганҷи наҳмор
Бирафт аз даст дар тороҷу куштор.
Бимонда то кунун як панҷуми он
Ба дасти доварону маздаяснон.
Ҳудинонро ба кору зиндагонӣ,
Гузоридан намозу яштхонӣ, -
Ба ин як панҷумини монда то нӯз

Ниёзи бештар будӣ ҳама рӯз.
Аз ин рӯ маздаяснон з-он гаҳи дер
Бикардандӣ ҳама ин бахш аз вир.
Ба-д-ин сон бахши динӣ монд бар ҷой,
Ки то доранд дину дод барпой...
Дигар он бахшҳо, к-«аз ёд бурданд»,
«Ба дастони фаромӯшӣ супурданд.»
Нарафт аз баргаи фарзону фарҳанг,
Ба ҳар офанду банду оташи ҷанг.
Бигардонданд онро ҳар замоне,
Ба ҳар як номае бо ҳар забоне.
Дарун рафт он ба фарҳанги ҷаҳонӣ,
Ба-д-он ҷо ёфт фарри ҷовидонӣ...
Ҳамон як панҷумин з-он ганҷи наҳмор,
Ки монда то ба акнун дар сари кор,
Ҳама он бисту як наск аст бо ҳам ,
Ки андар панҷ бахш омад фароҳам.
Нахустин бахш варҷованд Ясност,
Ба-д-он аз бас ниёзи пиру барност.
Чамаш ҷашну намоз асту ниёиш,
Бикардан пок яздонро ситоиш.
Дудигар Виспа-Рад бошад, ки дар он
Бувад фарҳанги гоҳонбору ҷашнон,
Дар он дастури ойинҳои хушнон,
Намоз асту ниёишҳову ҷашнон.
Ки бо Ясно-ш мебояд сурудан,
Равони поки неконро сутудан.
Чами он «Виспи урвони радон» аст,
Ашӯвонро ситоиш бар равон аст...
Седигар бахши он «Ви-Дев-Дод» аст,
Зи Занд он порае монда ба ёд аст.
Дар он гуфтор аз парҳезгорист,
Зи покӣ, порсоӣ, росткорист.
Тану ҷон аз палидӣ пок шустан,
Зи дарду ранҷу беморӣ бирастан.
Ба покӣ дев аз худ дур рондан,
Равону тан зи ҳар зиштӣ раҳондан...
Ба ориш «дев» пажвинӣ, нажандист,
Палидӣ, бадсиголӣ, озмандист...

Чаҳорум пораи он ганҷи фарзон
Бувад он Яштҳои хуштар аз ҷон.
Ниёишҳо фароҳам гашта дар он
Ба Маздову ба ҳафт амшоспандон.
Ба Хуру Моҳу Ноҳиду ба Оташ,
Замину Обҳои поку дилкаш...
Ки ҳар як ҷоннавозу хуш дурудест,
Зи бас пирояву шево сурудест...
Ба панҷум пора омад Хурд-Ависто,
Ки бар вай хонд доно афтадисто.
Дар он Озарбади Миҳроспандон
Биовард аз Ависто вом чандон,
Ки дар ҳангоми ҳар ҷашну намозе
Биҳонро буд ҳамарӯза ниёзе...
Пас аз ӯ низ мардони барӯманд
Фузуданд аз Ависто бозу аз Занд.
Дар он аз Готҳову Яшту Ясно,
Зи ойинҳои хуби маздаясно, -
Гузин карданду бинвиштанд чандин,
Ки гоҳи ҷашну ойинҳои биҳ дин, -
Аз он маздеснон то баҳра гиранд,
Чу дар ойини динӣ ногузиранд...
Авистои куҳан гум гашту ин монд,
Аз он ганҷи хирад як панҷумин монд.
Чу душман, ҳар чи буд аз ганҷу коло
Бибурду сӯхт он фарҳанги воло,
Ҳама аз даст рафту як ҳамин монд,
Авистои кунунӣ, бахши дин, монд...

## ** АЗ ОТАШ БУРУН ОМАДАНИ ФАРҲАНГИ ЭРОН

...Ба Эрон зад чу тозӣ дасти тороҷ,
Рабуд он ганҷу тахту афсару тоҷ.
Кашид онро ба коми оташи ҷанг,
Набитвонист сӯзад бехи фарҳанг.
Басо бистонду бас бурду басо кушт
Ҳамоно монд бар ҷо панди Зардушт.
Араб омӯхт з-он роҳи хирадро,
Зи ҳам бишнохт в-он гаҳ неку бадро.

Ҳама он донишу фарҳангу фарзон
Бурун шуд з-оташи тозӣ таносон.
Сипас он гавҳари пурарҷи шаҳвор
Ба тозӣ андар омад бар сари кор.
Гуҳар, к-оганда буд Пури Спитом
Бишуд омуда дар фарҳанги ислом...

### *** КАРДАИ 2. ДОСТОНИ САРВИ КИШМАРРО БУРИДАНИ ҶАЪФАРИ ГУҶАСТАК

Ба Эроншаҳр чун тозӣ битозид,
Ба тахту ганҷи шоҳон даст ёзид.
Ҳама руфту бибурду ҳеҷ чизе
Намонд ин ҷо, ки арзад як пашизе.
Ҳар он-ч-аш бурд натвонист з-Эрон,
Ба оташ даркашиду кард вайрон.
Касонро кушту яксар кард тороҷ,
Зи монда зиндагон бистонд, пас, боҷ.
Ҳаме кушту ҳаме бистонду мебурд,
Нагашта сер ҳаргиз чашм, мемурд.
Ба-д-ин сон солиён бигзашту тозӣ
Ба хуни бегуноҳон кард бозӣ.
Дусад солу чиҳил бигзашту пас ҳафт,
Ки бас дузд аз паси дузд омаду рафт.
Дар ин ҳангом Ҷаъфар ҷонишин буд,
Ки ҷону мағз пур аз рашку кин буд.
Ки дар Бағдод биншастӣ ба бедод,
Гуҷастак буд Худоро бурда аз ёд.
Нишаста буд рӯзе бо бузургон,
Зи баҳри гуфтугӯ чун галла-гургон.
Ба назди Ҷаъфару чанде зи ёрон.
Сухан рафт аз шигифтиҳои Эрон.
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Сарве руста он ҷой,
Ҳазорон сол то нун монда барпой.
Яке сарве баланде сар ба гардун,
Гузашта шохаш аз пушти фарорун.
Ситабру сершоху баргу реша,
Баҳоре тозаву хуррам ҳамеша.
Тани он дар ситабрӣ – раш сию чор,

Агар ту хусравонӣ раш барӣ кор.
Шавад он бисту ҳафт аз тозиёна,
Кунӣ андоза гар чун ин замона.
Канораш паҳну дорад соя чандон,
Ки хусбад даҳ ҳазор аз гӯспандон.
Ба шохаш беварон мурғон ба парвоз,
Ҳамегардванду мехонанд овоз.
Сар андар осмон, бишкӯҳу ишгарф,
Бирафта решааш андар замин жарф,
Замине, к-андар он ӯ реша ёзид,
Аҳӯрои шуду ҳаргиз наларзид.
Ҳам он боде, ки дар гирдаш пароканд,
Нашуд олуда аз офанду фарғанд.
Кас ар гирад дам андар сояи он,
Бувад он соя бар ҳар дард дармон.
Касе, к-аз шохи он барге бигирад,
Газанду ҷоду дар ҷон кай пазирад.
...Чунон сарви биҳиштӣ кас надида,
Ба гетӣ ончунон кас нашнавида.
Чунин гӯянд Зардушташ бикиштаст,
Ки яксар сабзу хуррам чун биҳишт аст.
Ҳама эрониёнаш дӯст доранд,
Зи тухмаш ҳар куҷо оранду коранд.
Ба ҳар ҷо гар нишонӣ, бошад обод,
Зи фарраш бардагон гарданд озод...
Ҳумоюн он дарахте ҳасту номӣ,
Гузоранд арҷу дорандаш гиромӣ.
Ба деҳи Кишмар аст он сарви озод,
Ки ҳаст он марзи варҷованду обод,
Куҷо дар Пушти Туршези Нишопур,
Ба гоҳи бостон биншонд вахшур...»
Чу ин бишнид Ҷаъфар гашт хашмин,
Рухонаш зард гашту чеҳра пурчин.
Гуҷастак, мағзаш огин аз бадӣ буд,
Ки яксар кори ӯ нобихрадӣ буд.
Дили торики ӯ аз рашк шуд реш,
Чу мори заҳрзан печид дар хеш.
Бигуфт: «Он сарвро бояд буридан,
Ба гардун бор кардан, овaридан.

Диҳам то бар нигоришгар супориш,
Ба чӯбаш гунбадон додан нигориш...
Ба гетӣ ҳар чӣ некӯ ҳасту зебост,
Худованд он ҳама бахшида бар мост...»
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Ҳар к-ӯ Сарви Кишмар
Бибуррад, марг меёбад ба кайфар.
Бувад ин  озмуда аз гаҳи дер,
Макун осемасар ин кор, эй пир!»
Бигуфто: «Он ҳама афсона хонам,
Чу аз роҳи хирад бегона донам.
Натарсам аз дурӯғу ҷоду-ҷанбал,
Ки ҳаст он кори марди лӯшу танбал...»
Пас оварданд баргу рангу хома,
Навиштанд инчунин кӯтоҳ нома:
«Ба номи Эзади бахшандаи ҷон,
Зи Ҷаъфар нома бар Хоҷай Хуросон -
Ба Тоҳир ибни Абдуллоҳ аз мо
Дуруду офарину нӯшабодо!
Чу бар дастат расид ин нома, биштоб,
Бибар фармону моро дил бидарёб.
Ҳамон сарве, ки дар Кишмар парастанд,
Туро бояд ҳама аз бех барканд.
Чу баркандӣ, ба гардуна бикун бор,
Дурусту бегазандаш пеши мо ор.
Ҳама он баргу шоху решаи он
Бибурру дар намадҳо банд пинҳон.
Даҳонаш дӯз, то барге нарезад,
Харошаш н-ояду аз ҳам нахезад.
Бар он гардунаҳо то пеши мо рост
Фирист онро дурусту бе каму кост...
Ҳамин дун бар Абӯ Таййиб, бародар-т,
Ки ӯ андар Нишопур аст ёвар-т,
Чунин як ин номае бинвиштаам низ,
Мар ӯро диҳ, ки то донад ҳама чиз.
Буред он сарву дар гардунаҳо зуд
Фиристеду зи мо гардед хушнуд.
Вагарна ман шуморо худ занам сар,
Бурун орам дил аз сина ба ханҷар».
Чу Ҷаъфар нома бар Тоҳир фиристод,

Ба ёрон гуфт он гаҳ бо дили шод,
Ки: «Чун буррида гардад Сарви Кишмар
Ба дасти он ду фармонбар бародар,
Фиристандаш ба гардунҳо ба мо зуд,
Биорад он басе дар кори мо суд.
Расад чун он ҳама то шаҳри Бағдод,
Диҳемаш бар дурӯгарҳои устод.
Зи нав  он баргу шоху решаю бех
Ба ҳам банданд пас бо тешаю мех.
Дурӯгарҳои огоҳу ҳунарвар
Чунон созанд аз нав Сарви Кишмар,
Кунандаш рост дар Бағдоду он боз,
Чунон чун пеш буд, он сон шавад соз.
Чу мо бинем зебу фарру авранд-ш,
Бару болову бурзу появу банд-ш.
Чу пардахтем мо аз дидани он,
Зи ҳар раҳ неку бад санҷидани он,
Пас аз ҳар ҷо дурӯгарҳо биёрем,
Ба назди чирадастонаш супорем
Ман ин ҷо шаҳри нав бунёд созам,
Чу Эрон хоҳамаш обод созам.
Дурӯгарҳои корогоҳу доно,
Ба кори хеш устоду тавоно,
Зи чӯбаш тахтаву болор созанд,
Нигориш бар дару девор созанд.
Биороянд гунбадҳо ба-д-он чӯб,
Ки бас хушрангу бӯ ҳасту зи бас хуб.
Парастишгоҳу кохи биҳгузинон
Биангоранду тахти ҷонишинон.
Дару дарвозаҳои бас нигорин
Бисозанд андар он шаҳри навойин,
Ки  ман мехоҳамаш бунёд кардан,
Ба кирдори биҳишт обод кардан...
Ки он хуррамтар аз Бағдод гардад,
Чу дидаш ҳар касе, дилшод гардад...[1]»
Чу Тоҳир номаи Ҷаъфар ҳама хонд,
Аз он фармон чу хар дар гил фурӯ монд.
Бародарро бикард огоҳ з-он кор,

[1] Шаҳри Сомарро, ки чамаш «Ҳар ки дид, шод шуд» аст.

Ки мефармудаш он деви базаҳкор.
Чу хонд он номаи Хоҷай Хуросон,
Аз он шуд Хоҷа Бӯ-Таййиб ҳаросон.
Муғонро анҷуман кард ӯ ҳамон рӯз,
Бигуфт аз кори он марди ҷаҳонсӯз.
Ки хоҳад Сарви Кишмарро буридан,
Зи чӯбаш коху гунбад офаридан.
Набошад чора ҷуз фармон-ш бурдан,
Вагарна, ҷон ба сад хорӣ супурдан.
Муғони некбину ростандеш
Сар аз андеша афганданд дар пеш.
Басе з-ин дар бигуфтанду шуниданд,
Ба ҷуз он чорае дигар надиданд,
Ки роҳе нест ин ҷо ҳеҷ дигар,
Магар ҷуз пора додан бахши Ҷаъфар.
Ки ӯ бас дӯст дорад симу зарро,
Гирифтан бо ситам ганҷу гуҳарро.
На ӯро аз Худо, н-аз бандагон шарм,
Зи бедоду ситам бозори ӯ гарм.
Нагашта чашми ӯ ҳаргиз зи зар сер,
Ба носерӣ бимирад зуд ё дер.
Вагарна дар ҷаҳон чӯб аст бисёр,
Ба осонию хубӣ оядаш кор.
Ҳама ин кори ӯ аз рашку кин аст,
Зи модар хӯйи бад ӯро чунин аст...
Ба Бӯ-Таййиб чунин гуфтанд, к: - «Эй род,
Бизӣ то ҷовидон бо донишу дод.
Агар ин сарвро бубрид Ҷаъфар,
Чашад ӯ заҳри маргашро ба кайфар.
Дар ин кор ар кас ӯро ҳамраҳӣ кард,
Гуноҳе бас бузург аз гумраҳӣ кард,
Ҳамоно низ баргардад аз ӯ бахт,
Бубинад рӯзҳо бас нохушу сахт.
Ба дарде сахт ояд ӯ гирифтор,
Бимирад ӯ ба ранги пиркафтор...
Бифармо, то ба ҷойи Сарви Кишмар
Диҳем аз симу зар чандон ба Ҷаъфар,
Харад то ҳар чи хоҳад аз дарахтон
Зи Ҳинду Чину Руму Русу ҷуз он,

Чу сарву обнӯсу буссаду коҷ,
Ба ҷойи сарви мо бурдан ба тороҷ.
Дарахтон руста бас зебо ба ҳар марз,
Ки чӯбаш неку хушранг асту боарз.
Чи суд аз Сарви Кишмарро буридан,
Ки битвон як ҷаҳон ҷангал харидан?!...»
Ба посух гуфт Абӯ-Тайийиб ба эшон,
Ки: «Гуфторест чун хоби парешон.
Ки Ҷаъфар нест з-он шоҳу бузургон,
Ки кас гардан кашад ӯро зи фармон.
Ки чандон якрав асту хӯйи ӯ бад,
Зи гуфти хеш ҳаргиз барнагадад...
Кас аз фармони ӯ гар сар битобад,
Ба ҷуз аз марг бодафраҳ наёбад... «
Ба-д-ӯ гуфтанд: «Мо панҷоҳ борӣ[1]
Бипардозем худ аз зар ҳазорӣ.
Зи зарри ноби Нишопур дар ганҷ
Ниҳемаш дарзамон, бафхам барад ханҷ.
Кашад даст аз буридан Сарви моро,
Дурахшон чун Вананду Парви моро...»
Бигуфт: «Ин корҳо ӯ кай пазирад,
Дар ӯ панди бузургон дарнагирад.
Ҳам ӯ чун подшоҳони дигар нест,
Дар ӯ андарзи некон коргар нест...»
Зи бими ҷон Абӯ-Тайийиб фурӯ монд,
Пас он ҷо Ибни Варқоро фаро хонд,
Ки кораш буд яксар чоплусӣ,
Бузургонро ҳамора пойбӯсӣ.
Куҷо буд марди дорову тавонгар,
Ситоиш кардию бистонд аз ӯ зар.
Чу тозӣ буду пури Ибни Кулсум,
Бузургӣ ёфт з-он рӯ андар он бум.
Ба-д-ӯ биспурд Тайийиб раҳбариро,
Ба кори Сарви Кишмар сарвариро.
...Дурӯгар буд, номӣ, дар Нишопур,
Ки номаш рафта дар наздику дар дур.
«Ҳусайн»-аш ном бурданду «Дурӯгар»
Буд ӯ бас чирадаст устоду бофарр.

---

[1] Панҷоҳ борӣ ... зар ҳазорӣ – панҷоҳ ҳазор динор зари сара.

Ки ҳамчун ӯ ҳунарманде дар он рӯз
Набуд андар Абаршаҳри дилафрӯз.
Ба-д-ӯ фармуд дидан чораи  кор,
Кунад омода то дархӯрд абзор.
Ба-д-ин сон кор чанде рӯзгорон
Ба сар бурданд  коромӯзгорон,
Ки устодони донову ҳунарманд
Саранҷом аррае омода карданд,
Чу шуд абзори кору арра ожер,
Ҳама гаштанд зери сарв ҷогир.
Бикарданд арра он сарви сиҳиро,
Дарахти рӯйиши дини биҳиро.
Ба рӯйи хок уфтод он чунон сахт,
Ки кӯҳу дашт з-он шуд лахт дар лахт.
Замин ларзиду сангу хок яксон
Бикарду хонаҳо гаштанд вайрон.
Ҳама корезҳо зеру забар гашт,
Раҳи дарёву оби ҷӯ дигар гашт.
Сияҳ шуд осмон аз гарду аз чанг,
Ҷаҳон шуд ҳамчу рӯйи дев бадранг.
Ба парвоз аз паранда чанд бевар,
Ба гоҳи шом рӯйи Сарви Кишмар -
Биёмад, осмон чун бом пӯшид,
Ба сӯги Сарви Пайғамбар хурӯшид.
Ҳаме бигрист ҳар як бо дили реш
Ба зорӣ бо забони вижаи хеш,
Ки «Будӣ солиён ту хонаи ман,
Падофанду паноҳи лонаи ман.
Кӣ афкандат ба-д-ин сон хор бар хок?
Кӣ куштат бо кадомин дасти нопок?
Куҷо монам аз ин пас лонаи хеш?
Куҷо созам аз ин пас хонаи хеш?»
Ҳамон сон гӯспандоне, ки ҳар рӯз
Будандӣ зери он сарви дилафрӯз,
Ки зери сояи он орамиданд,
Фиканда Сарвро он ҷо бидиданд,
Шуданд аз тарс ҳар сӯе гурезон,
Фиғон карданд ашк аз чашм резон.
Касон аз ин шигифтӣ хира монданд,

Зи дида ашк бар доман фишонданд,
Ки ин дому даду паррандагонро,
Ҳама он ҷондори нотавонро -
Нигар, дил поку он дун меҳрубонанд,
Ки бартар аз ситамгар мардумонанд.
Ҳусайну Ибни Варқои гуҷаста,
Ба бадкорӣ камарҳо сахт баста,
Биоварданд чандин бардагонро,
Зи некӣ ҳеҷ бӯ нобурдагонро.
Ба-д-он гаҳ бо сари пурбоду лабханд
Ҳама шохи дарахт аз ҳам буриданд.
Чунон чун гуфт Ҷаъфар, он ду мурдор,
Чунон карданд бо он бардагон кор.
Ҳама он шоху баргу Сарви Испанд
Ба гардунҳову уштур барниҳоданд.
Ҳазору сесаду з-он беш уштур
Або гардунаҳои сарбасар пур -
Фиристоданд сӯйи шаҳри Бағдод,
К-аз эшон Ҷаъфари бедин шавад шод.
Чунин гӯянд, Ҷаъфар андар он гоҳ
Будӣ бар Сарви Кишмар чашм дар роҳ.
Чу он сарви ҳумоюнро буриданд,
Шуд аз он кори бад азбаски хурсанд, -
Фаро хонд ӯ бузургони дари хеш,
Куҷо буд майпарасту дузду бадкеш.
Ҳам аз ромишгарону руду танбӯр,
Биёварду бикард он ҷо яке сур.
Чу аз май маст шуд он зишткирдор,
Ба ҳамроҳи парасторони дарбор, -
Ба кори нописанду базму бигмоз,
Ба бероҳию бозӣ кард оғоз.
Бигуфт: «Он сарвро фардо биёранд,
Зи нав созанду дар майдон гузоранд,
Дарахти пирро бинам, ки чун аст,
Чӣ розаш андаруну дар бурун аст.
Бисанҷам, вижагиҳояш чӣ ҳастанд,
Ҳазорон сол, к-онро мепарастанд?
Аз он гунбад бисозему дару бом,
Нигорин тахтҳову кохи пидром.

Ба чашми ҳамгинон оташ фурӯзем,
Ҳар он-ч аз вай бимонад пок сӯзем.
Ҳама сӯзанду чун осуғда гарданд,
Аз он эрониён олуғда гарданд...
Аз ин сон корҳо бисёр дорем,
Маҷусонро аз ин раҳ хор дорем.
Маро ин реж дар дил рӯзгорест,
Хушоянда маро азбаски корест.
Занам ман оташ оташхонаҳоро
Кашам дар пойҳо завлонаҳоро...»
...Буд он гаҳ Мунтасир - фарзанди Ҷаъфар,
Падарро душмани ҷон дар баробар.
Чу ӯ аз тозиён гардонда буд рӯй,
Ба туркон буд ҳамдастону ҳамсӯй.
Аз он рӯ ӯ ба Ҷаъфар душманӣ дошт,
Ба  дил андешаи аҳреманӣ дошт.
Ҳамора Мунтасир мерафт пинҳон,
Пайи Ҷаъфар, ки бистонад аз ӯ ҷон.
Чу рафтӣ аз пайи мурғон шабонгоҳ,
Хами шохи дарахту бутта рӯбоҳ, -
Бирафт он шому аз пушти дараш гӯш
Бикарду дид Ҷаъфар масти беҳуш.
Занони рӯспӣ дар паҳлуи ӯ
Ниҳода сар ба ёлу бозуи ӯ...
Шитобон бардагони туркро хонд,
Ба-д-онон зар бидоду пеши ӯ ронд.
Зи як сӯ бардае овоз дардод,
Ба-д-он сӯ то нигаҳбон рӯй бинҳод.
Даромад Боғири Турки диловар,
Зи дарбонон басе касро бизад сар.
Дарун рафтанд он ду бардаи турк,
Чунон чун дар рама андар шавад гург,
Парокананд он ҷо анҷуманро,
Ҳама он ҷо бибуда марду занро.
Гирифтанд он ду барда Ҷаъфари маст,
Яке аз пойи ӯву дигар аз даст,
Ба ханҷар рӯдагонашро дариданд,
Кашидандаш ба зеру сар бuриданд.
Бишуд пурхок чашми душти Ҷаъфар

Надида рӯйи хуби Сарви Кишмар.
Ба-д-он гаҳ корвони Сарву уштур
Або  гардунаҳои сар ба сар пур -
Зи шоху барги Сарву аз тани он,
Бишуд наздики шаҳри душмани он.
Ҳанӯзаш монда буд якрӯза роҳе,
Расад то назди лашкаргоҳи шоҳӣ,
Шуданд огоҳ он гаҳ сорвонон
Зи марги Ҷаъфару дарборбонон.
Зи музди кори худ навмеду ноком
Бурун рафтанд з-он ҷо дар саранҷом.
Ба комаш норасида мурд Ҷаъфар.
Аз он бад кардаи худ бурд кайфар.
Ҳам он Бӯ-Таййибу Тоҳир ба хорӣ
Зи бемориву аз бадрӯзгорӣ -
Набигзашта замоне пас бимурданд,
Ба дӯзах андарун кайфар бибурданд.
Ҳусайни бадкуниш, к-он сарв бидруд,
Ҳамон сол ин ҷаҳонро гуфт падруд.
Ба дарду ранҷҳои бад гирифтор
Бигашту мурд он бадкеши мурдор.
Дигар ҳар кас, ки буд ҳамкори онон,
Бишуд оворагарду нобасомон.
Ҳам ӯ нагзашта моҳу ҳафтае беш
Бимурд аз ранҷу хорӣ бо дили реш...

****** БУРИДАНИ ЯНОЛТАКИНИ ТУРК САРВИ ФАРЮМАДРО**

...Буд он то зинда, шаҳр обод мебуд,
Ба фарраш марду зан дилшод мебуд.
Замин ҳаргиз наларзид андар он ҷой,
Ки то он сарв буд истода бар пой.
Кас аз ҳар гуна дарду ранҷ вораст,
Агар дар сояи он сарв биншаст.
Расондӣ даст агар бар вай бадандеш,
Ҳамон сол омадаш патёрае пеш.
Чунончун шоҳи бадхоҳ, ар бидидаш,
Газанду дарди бедармон расидаш...

Ҳам он буд зинда то он гаҳ, ки туркон
Гирифтанд аз ситам дар даст фармон.
«Такин»-е бадрагу бешарм як турк,
«Янол»-аш ному бадахтартар аз гург.
Яке дузде палиду зишткирдор,
Ки буд густохтар аз пиркафтор,
Зи бун сӯзонд он Сарви сиҳиро
Нишони сабзиши дини биҳиро.
Бигуфт: «Ин сарвро сӯзам агар ман,
Газанде н-ояд аз вай ҳеҷ бар ман».
Бурид он сарврову кард ҳезум...
Фиғон аз хӯю хими девмардум!
Ба-д-ин нагзашт солеву саранҷом
Шуд он бадкеш песу мурд ноком...

## ВОЖАНОМА ВА НОМНОМА

### А

**Абарҷо** – барҷой, собит

**Абаршаҳр** – номи пешини Нишопур

Абзор – афзор, олат

**Абиж** – сиришки оташ, ахгар

**Авахшидор** – бахшанда

**Авранг** – тахт

**Авранд** – шавкат, азамат, шукӯҳ; фиреб

**Авсун** – афсун, ҷоду

**Авранд** – таҷриба

**Адвой** – садо, овоз

**Адман** – мушк

**Ажгаҳан дев** – ашкҳонӣ ё ашгҳония номи деви танбалӣ аст. Дар андарзи дастурон ба беҳдинон ҳаст, ки мардумонро ҳар рӯз се дурӯғ пеш ояд, ки яке аз он се Ашгҳония аст ва бояд бо рафтан ба оташкада ва ниёиши оташ ба дурӣ аз он кӯшанд

**Ажир** – ҳушманд, зирак

**Ажкан** – паст, разл

**Азгот** – баддил, баданадарун

**Азеро** – зеро, бад–ин сабаб

**Аз ин дар** – дар ин боб, дар ин бора

**Айванг** – куштӣ, камарбанди динӣ

**Алфахтан** – андӯхтан, ҷамъ кардан

**Амеша** – амшоспанд

**Амшоспандон** – ба чами ҷовдонони пок, фариштагони бузурги Аҳуромаздо ё фурӯзаҳои Аҳуромаздо ҳастанд

**Анбоз (ҳамбоз)** – шарик; ҳамто

**Ангез (ангеза)** – сабаб ва боиси чизҳо, муҳаррик

**Ангора** – саргузашт, достон, афсона

**Андарвой (андарвож)** – саргашта, ҳайро

**Андаргоҳ** – панҷ рӯзи поёни сол, баҳиза, панҷа

**Андахс** – пуштибон, нигаҳдор, пушту паноҳ

**Андо** – хобе, ки парҳезгорон ва ашӯвон бинанд

**Анӯша** – ҷовидон

**Арванд** – рӯди Даҷла

**Аҳнавад- гот** – нахустин бахш аз панҷ бахши Готҳо

**Аҳунвар (Йасо аҳу ваирия ...)** – номи номдортарин ниёиши дини маздопарастон аст, ки аз нахустин вожаҳои он гирифта шуда. Ин ниёиш дар саросари Авесто пайваста биёмада ва ҳамвора бар сари забони пайравони дини беҳӣ аст. Нахустин гуфтори динӣ, ки ҳар кӯдаки зардуштӣ меомӯзад, ҳамин ниёиш ва пас аз он ниёиши номдори дигаре ба номи «Ашам вуҳӯ...» ва дар ҷойгоҳи севум ниёише ба номи «Янгҳа ҳотам» аст. Аҳунвар 21 вожа дорад ва, ба навиштаи Динкард, Аҳуромаздо 21 наски Авесторо ба шумораи вожагони Аҳунвар фурӯ фиристодааст, чӣ Аҳунвар бунёди дину дониш аст

**Аҳуро** – худой, сарвар

**Аҳуро Маздо** – сарвари доно (номи офаридагори ҷаҳон дар дини маздаяснӣ)
**Апӯша** – ба чами аз миёни барандаи обҳо, номи деви хушксолӣ ва душмани Тиштар аст
**Арванд** – ҷоду, фиреб; фарр, шукӯҳ
**Арғанда** – хашмгин
**Арғушт** – пойкӯбӣ, рақс
**Ардам** – сураи Авесто
**Ардибиҳишт** – ба чами «беҳтарин ростӣ» аз амшоспандон. Ардибиҳишт нигоҳбони марғзорҳо ва гиёҳон ва оташ аст ва бо девони гумроҳкунанда ва фиребгар меситезад. Яште аз Авесто (Ардибиҳишт–яшт) низ аз они ӯст
**Арз** – арзиш, қадру қимат
**Арзиз** – қалъӣ
**Арҷосп** – ба чами дорандаи аспи гаронбаҳо, номи подшоҳи девпарасти Турон аз тираи Ҳиюн аст, ки бо Зардушт ва пазирандагони дини вай сари ситез дошт ва достони набардҳои ӯ бо сипоҳиёни Виштосп дар «Шоҳнома» ва дар «Аёдгори Зарирон» ба дарозо омадааст. Арҷосп саранҷом ба дасти Испандидод (Исфандиёр), фарзанди Виштосп кушта шуд
**Армон** – хоҳиши дил, орзу; ҳасрат
**Арсан** – анҷуман, маҳфил, маҷлис
**Аспбор** – асвор, савор
**Аспрез (асприс)** – майдон; майдони аспдвонӣ
**Астманд (астуманд, аставанд)** – моддӣ; дорои ҳастӣ
**Афгор** – озурда, захмӣ, маҷрӯҳ
**Афрандидан (афрандан)** – оростан, зинат кунонидан
**Афтадо (афтадисто)** – некӯтарин ситоиш
**Ахти ҷоду** – номи яке аз девпарастони ҷодугар аст, ки Йушт, аз хонадони Фриён, 99 чистони ӯро гушуд ва бар ӯ, ки мехост шаҳреро ба оташ ва хун бикашад, чира шуд ва ӯро кушт
**Ахшиг (охшиг)** – ҳар як аз унсурҳои чаҳоргонаи обу оташ ва хоку бод
**Ашам вуҳӯ** – номи яке аз се ниёиш ё намози номдори дини маздопарастон аст, ки ба номи нахустин вожаҳои оғози он хонда мешавад. Ин ниёишро «Аша ваҳишт» ва «Намози ашо» низ хондаанд ва гузориши порсии он чунин аст: «Ашо беҳтарин некӣ ва мояи беҳрӯзи аст. Беҳрӯзӣ аз они касе аст, ки дурусткирдор ва хостори беҳтарин ашо аст.»
**Ашо (аша)** – ростӣ, ҳанҷори ҳастӣ
**Ашӯ** – дурусткор, парҳезкор, покдоман, порсо
**Ашӯйӣ** – дурусткорӣ, парҳезкорӣ, покдоманӣ, порсоӣ
**Аюхшуст** – филиз ба гардан мондан – ба дӯш гирифтан

### Б

**Бавиш** – ҳастӣ; будан; шудан
**Бавч** – худнамоӣ ва карру фар, кибру ғурур
Бавр - Бобул
**Бадраг** – бадсиришт
**Бадраҳ** – бадкирдор, гумроҳ
**Баёриш** – чора, тадбир, илоҷ
**Бажанг** – калид

**Бажандӣ** – дардмандӣ, бечорагӣ
**Банд** – фиреб, ҳила
**Баҳиза (баҳизак)** – панҷ рӯзи поёни сол
**Барг** –1. созу наво, кочол, тӯша.
2. варақ
**Бардам** – дардам, дарсоат
**Барзигар** – кишоварз, диҳгон
Барозанд, бурозанд – баланд, сар ба осмон
**Барсам** – шохаҳои тоза чида шудаи ҳум ё анор ё мӯрд ё газ ва дарахтони дигар аст, ки дар ойинҳо дар даст гиранд ё бар миз густаронанд
**Барӯсон (барӯшон)** – гаравандагон, муминон
**Бархӣ** – пешкашӣ, қурбонӣ
**Басич** – омодагӣ
**Басечидан** – омодагӣ ардан, чора дидан
**Баставар** – писари Заривар (Зарир) аст ва дар бархе дастнавиштҳои «Шоҳнома» Настур омада, ки нодуруст аст, бар пояи «Шоҳнома» вас «Ёдгори Зарирон», Бастур, ба ҳамроҳи Сипандидод, доди хуни падарро ситонд
**Басуд (басудӣ)** – барзигар
**Бафхам** – бисёр, фаровон, вофир
**Башин** – зот
**Баҳром** – Миррих
**Баюг** – арӯс
**Баюгон** – арӯсон; арӯсӣ
**Бевар** – даҳ ҳазор
**Бевора** – бекас, ғариб, аҷнабӣ, бегона
**Бемар** – бешумор
**Беҳамол** – беҳамто, бемонанд
**Бешадон** – гиёҳшинос, пизишк
**Бигмоз** – бода; бодагусорӣ (ин вожа на туркӣ, ки порсӣ аст)
**Биҳгавашнӣ** – гуфтори нек
**Биҳдин** – зардуштӣ
**Биҳкунашнӣ** – кирдори нек
**Биҳманишнӣ** – андешаи нек
**Биш** – гиёҳи заҳрнок
**Боб** – бобо
**Бодсар** – бонахват, мутакаббир, мағрур
**Бож, боҷ** – ба чами вожа, сухан ва гуфтор аст ва ниёишеро гӯянд, ки оҳиста бар забон ронанд ва бо лабони фурӯбаста ва ором хонанд
**Болуда** – афзуда, бузург шуда
**Бомгоҳ** – гоҳ бом, бомдод, субҳгоҳ, сапедадам
**Бомӣ** – дурахшон, барноми шаҳри Балх
**Бора** – қалъа, диж; асп
**Боре (борӣ)** – барои гузидагӯӣ ба кор равад, хулоса, алқисса
**Бос** – бостон, куҳан
**Бостор** – фулон ва беҳмон
**Бохтар** – шимол
**Бу** – кошкӣ, шояд
**Бӯ бурдан** – идрок кардан, фаҳмидан
**Бӯбурд** – булбул
**Бӯданг** – ҳис, фаросат, заковат
**Бӯйидан** – тадқиқ кардан, санҷидан
**Бунгоҳ** – манзил, маскан, ҷойи бош
**Бундаҳишн** – оғози офариниш (номае аз номаҳо ба забони порсиг ё паҳлавӣ)
**Бундод (бундад)** – асл ва бунёди ҳар чиз
**Бунлод** – бунёд, пай
**Бурз** – қаду қомат; баланд, рафеъ

**Бурзанд** – баланд, сар ба фалак
**Бурзин Курус** – устод ва омӯзгори Ашӯ Зардушт, ки номе аз ӯ дар Авесто бар ҷой монда наомадааст. Шояд ин ном аз навиштаҳои порсиг (паҳлавӣ) ба зиндагиномаи Зардушт роҳ ёфта бошад
**Бурозанд** – баланд, бузург
**Буф** – ҷуғд

**В**

**Вананд** – ба чами чирашаванда ва шикастдиҳанда, номи ситорае аст сафед ва пурфурӯғ, ки яште аз Авесто («Вананд–яшт») ба номи ӯст
**Ваҳишта** – беҳтарин
**Ваҳиштуишт-гот** – панҷумин бахш аз панҷ бахши Готҳо
**Вараҳрон (Баҳром)** – эзади пирӯзӣ ва размоварӣ аст ва низ номи Абохтар ё сайёраи сурхранге, ки Миррих хонда мешавад. Чаҳордаҳумин яшти Авесто (Баҳром–яшт) аз они ӯст; ҳамчунин номи рӯзи бистум аз моҳ
**Вард** – гул
**Варистон** – уммат
**Варҷованд** – арҷманд, фараҳманд
**Вахш** – сухан, вожа
**Вахшур** – паёмовар
**Ведман** – равшандил, огоҳ, донанда
**Вежа, вижа** – хосс; беғаш, пок
**Вир** – ҳофиза; фаҳм, идрок, ҳуш
**Виро** – ҳушманд, ёдгиранда, омӯзанда
**Вис** – деҳ
**Висп** – ҳама, кулл
**Вожун** – ворун, нигунсор
**Вок** – овоз, сухан
**Восно** – аз номҳои Худованд ба чами «дар ҳама ҷо ҳозиру нозир»
**Вӯирукаш** – Варкона, Вӯрукаш – Дарёи Ҳирконӣ, Дарёи Коспӣ
**Вуҳуман (Баҳман, дар суруда - Воҳуман)** – ба чами «андешаи нек», аз амшоспандон. Баҳман нахустин офаридаи Аҳуромаздост ва яке аз меҳин эзадони маздаясност ва дар ҷаҳони менӯӣ намояндаи андешаи нек ва хирад ва донoии эзад аст
**Вуҳухшатр-гот (дар суруда: Вуҳӯхшатро–гот)** – чаҳорумин бахш аз панҷ бахши Готҳо

**Г**

**Гав** – паҳлавон, дилер; гов
**Ғавр** – ӯстхони пой
**Гаразмон** – осмони баланд, арши аъзам, фалакулофлок
**Гаргар** – офаранда, созанда (яке аз номҳои Худо)
**Гаргин** – дорои гарӣ
**Гардун** – гардуна, ароба
**Гарон** – гирон, калон, бузург
**Гашн** – анбӯҳ, бисёр
**Гилбодгар** – созандаи бод аз хок
**Гилнамгар** – созандаи об аз хок
**Гилозаргар** – созандаи оташ аз хок
**Ғирев** – бонг, фарёд, ғавғо
**Гом** - қадам
**Гоҳ** – вақт, замон; тахт, авранг; нишастангоҳ, нишемангоҳ
**Гоҳонбор** – номи ҳар як аз ҷашнҳои шашгонаи офариниш аст, ки дар дарозои сол баргузор мешавад – Майдйузарм – нахустин гоҳонбор (офариниши осмон); Майдйушам – дувумин гоҳонбор (офариниши об); Патйаҳшем – севумин гоҳонбор (офариниши замин); Айосрим – чаҳорумин

гоҳонбор (офариниши гиёҳон); Майдйорем – панҷумин гоҳонбор (офариниши ҷонварон); Ҳамаспатмадм – шашумин гоҳонбор (офариниши мардумон)

**Гуво** – гувоҳ

**Гуволиш** – намо, нумув

**Гувориш** – маъҷун

**Гӯдум** – говдум

**Гузин кардан** – баргузидан, гузидан, интихоб кардан

**Гулқанд** – гулшакар, гулангубин

**Гуҷастаг** – шумбахт, малъун

**Гумезиш** – омезиш, якҷошавӣ

**Гундо** – доно, фарзона, филусуф

**Ғунудан** – ба хоб андар шудан

**Гусӣ** – гусе

**Гуҳр** – гавҳар, нажод, пушту насаб

**Гушто** – биҳишт

**Гӯш**–урвон – равони гетӣ

### Ғ

**Ғав** – бонг, фарёд, хурӯш

**Ғавр** –устухони рон

### Д

**Дарҷа** – номи рӯдхонае аст дар Эронвиҷ, ки бар пояи Бундаҳишн, сарвари рӯдҳои ҷаҳон аст ва хонаи Пӯрушасп, падари Зардушт, канори он буда

**Дабира** – хат, алифбо

**Дарӯн, диравн** – нони кӯчаки сафеди бехамирхобмоя аст, ки дар оинҳои динӣ пешкаши Сурӯш мекунанд. Ин нон нишона ва намоди пешкашҳои ғайри обакӣ монанди нон ва гӯшт ва мева ва ҷуз он аст, ки «миязд» хонда мешавад

**Даст ёзидан** – даст дароз кардан

**Даст хоидан** – даст газидан, ба дандон гирифтани даст ба нишонаи ҳасрат ва пушаймонӣ, изҳори пушаймонӣ кардан

**Дастон** – оранг, афсун

**Дастур** – пир, пешвои динӣ; фармон; бунёд

**Даҳок (Ажи Даҳок)** – Ажи Даҳокро, ки ба чами «аждари бузург» аст, се пӯза, шаш чашм бо ҳазор бозу донанд. Бар пояи Ҷомоспӣ (фаргарди чаҳорум), ҳазор сол Ажи Даҳок бар ҳафт сарзамин, бар девон ва бар мардумон, фармон ронд. Ӯ ҳар рӯз ду ҷавон гирифт ва мағзи сарашон хӯроки ду мор кард, ки бар гарданаш руста буданд. Фаредун фармонравоии ситамкоронаи Ажи Даҳокро, ки ҳазор сол поида буд, барандохт ва ӯро ба банди сахт дар гаронтарин подафроҳ дар кӯҳи Дамованд бибаст

**Дев** – нишонгари мардумони бадкор ва бадандеш, ҳамаи хӯйҳои бад ва неруҳои вайронгари табиат

**Девяснон** – девпарастон, пайравони динҳои дурӯғин

**Дерзевӣ** – дер зистан, дарозумрӣ

**Деҳа** – деҳ, русто

**Дижам** – хашмнок

**Дижхим, дужхим** – ҷаллод; зиштхӯ

**Дин (авестоӣ – daena)** – биниши равон

**Дини беҳ** – дини зардуштӣ

**Диҳ** – дар Авесто «даҳйум» ба чими «устон» ё «кишвар» аст, ки дар порсӣ «деҳ» шудааст

**Дод** – адл; қонун; инсоф; эътидол

**Додор** – офаринанда

**Доити (Дод)** – номи рӯде аст дар Эронвич, ки бархе аз пажӯҳишгарон кӯшидаанд то онро бо рӯди Ому ё Зарафшон, Арас яке бишуморанд, вале ба рӯзгори Сосониён ин номро бар рӯди «Синд» ниҳоданд. Дар Авесто номи «Доити» бо «вангуҳи» (ваҳ, нек) ояд ва дар порсиг «Ваҳрӯд» (беҳрӯд) гуфтаанд. Ин рӯд яке аз сипандтарин ҷойгоҳҳо дар гетишиносии дини эрониён аст ва бисёре аз рӯйдодҳои бунёдини маздеснӣ дар каронаи он рух дода. Дар канори ҳамин рӯд аст, ки Аҳуромаздо бо Ҷам ҳампурсагӣ мекунад. Низ дар ҳамон ҷост, ки Зардушт бо Аҳуромаздо ва амшоспандон ҳампурсагӣ ва ҳамсуханӣ дорад

**Дом** – офарида, офариниш; дому дад - ҷонварони хонагӣ ва ваҳшӣ

**Донишалфанҷ** – донишандӯз

**Достон задан** – мисол овардан, бо тамсил сухан гуфтан

**Дуда** – хонадон

**Дупоён** – омма, мардумон

**Дурванд** – дурӯғзан; баддин

**Дуруҷон** – бадон, душманони ростӣ

**Дурӯгар** – дуредгар, наҷҷор

**Дурӯманд** – тандуруст, солим

**Дурӯгар** – дурудгар

**Душдин** – баддин

**Душт** – бад, зишт

**Душчашм** – бадчашм

### Ё

**Ёфа** – ёва, беҳуда

**Ёхтан** – ёзидан

### Ж

**Жағор** – наъра ва фарёд ва бонги саҳмнок ва овози баланд

**Жадвор** – гиёҳи моҳпарвин

**Жафт** – намнок, тар

**Жовидан** – нушхор кардан

### З

**Забарпӯш** – болопӯши зин

**Забартанг** – танги дувуми зин, пуштанг

**Замзам** – замзама, дуое, ки беҳдинон оҳиста ва зери лаб хонанд

**Занд** – гузориши Авесто ба забони порсиг

**Зантум** – ашира, қавм; сарвари ашира ва нигаҳбони он

**Зардушт** – ба чами «дорандаи уштури зард» ё «дорандаи рӯшноии заринбарг», номи паёмбар ва бунёдгузори дини зардуштӣ ё дини мазояснӣ ё дини биҳӣ ва сарояндаи куҳантарин бахши Авесто (Гоҳон) аст

**Заривар** (Зарир) – ба авестоӣ Заири–ваирӣ, ба чами «зарринбар» ё «зарринзиреҳ» аст. Заривар номи писари Луҳросп ва бародари Виштосп ва сипоҳбади Эрон дар ҷангҳои динии эрониён ва туронён ба рӯзгори паёмбарии Зардушт ва шаҳриёрии Виштосп аст, ки дар ҳамин ҷангҳо ба дасти Бедирафши ҷоду, сипоҳбади турониён, кушта мешавад. Достони зиндагӣ ва размоварии Заривар дар «Аёдгори Зарирон» ва дар сурудаи Дақиқӣ дар «Шоҳнома» омадааст

**Зевар бастан** – зевар кашидан, ороиш додан, базак кардан

**Зинда** – зиндагоникунанда
**Зинованд** – мусаллаҳ
**Зиҳӣ** – хушо, офарин
**Зӯ(ҳ)р** – ниёз ва пешкаш, ки обакӣ бошад (zaothra – zaohra – zaora – zura – zor)
**Зӯтар (зӯт)** – мӯбади баргузоркунанда, бузургмӯбад дар ойини язиш
**Зуфт** – бад; ситезаҷӯ

## И

**Иргон** – эрониён, ориёиён
**Ирмагон** – тарбияткунанда, мураббӣ
**Ирмон** – меҳмон
**Исиголиш** – сиголиш, андеша, тафаккур
**Испандидод (Исфандиёр)** – писари Виштосп ба «ҳафтхон», ки пас аз гузаштан аз рӯйиндиж ба туронён роҳ ёфт ва хоҳаронашро, ки бад–он ҷой дар банд буданд, озод кард. Ӯ ба дасти Зардушт рӯйинтан гардида буд ва ҳеҷ тире бар тани ӯ коргар набуд. Ӯ дар набард бо Рустам ва бо тири душохае, ки Рустам ба чашмонаш зад, кушта шуд.
**Испандормад (Сипандормаз)** – ба чами яке аз амшоспандон, нигаҳбони озарм, покӣ, замин хешкори ӯст
**Ишгарф** – шигарф
**Ишгифт** – шигифт, тааҷҷуб
**Ишканҷ** – нишгун, ранҷ
**Ишпӯхтан – (ишпехтан)** – пошидан, фишондан

## Й

**Йушти Фриён** – номи яке аз баландовозагони туронӣ аз хонадони «Фриён» аст. Номварони ин хонадон аз дӯстони Зардушт будаанд ва дар Гоҳон аз ин хонадон ба некӣ ёд шуда аст

## К

**Кадвод** – бинои девори иморат ва хона, бунёди хона
**Как** – кайк
**Камеҷ** – душман, бадхоҳ
**Кансӯ** – номи дигари дарёчаи Ҳомун дар Систон аст, ки дар фарҳанги динии эрониён яке аз варҷовандтарин обҳои рӯйи замин аст
**Каппон** – қапон ва он тарозуе аст, ки як палла дорад ва ба ҷои паллаи дигар санг аз шоҳини он овезанд
**Карафш** – калбоса
**Каргар (карогар, каркар, гаргар)** – кирдигор
**Кафидан** – шикофтан ва аз ҳам боз шудан
**Каюмарс** («Гевмард» андар порсиг) – нахустин мардум ва намояндаи Ҳурмузд дар гетӣ аст. Номаш ба чими «ҷони миранда» аст.
**Киҳ** – кӯчак
**Кирфа** – кори нек, савоб
**Кола** – коло; кочол
**Ком** – хоҳиш, орзу
**Кон** – маъдан
**Коно** – аҳмақ, нодон
**Кора** – таъсир
**Кочор** – асбоби хона
**Куланд** – каланд

**Кушти̅** – банде, ки беҳдинон бар миён банданд

### Л

**Лодан** – моддае сиёҳ ва хушбӯ
**Лӯш** – бехабар ва беҳуш

### М

**Мағ** – жарф
**Мағзванд** – оқил, ҳушманд
**Маздо** – хирад
**Маҳрӯз** – моҳрӯз, рӯз ва моҳ, таърих
**Марашйун** – деви фаромӯши̅ ва нобудгари дини яктопарасти̅ аст. Дар банди чаҳоруми Хуршед–ниёиш омадааст, касоне, ки дар баробари ӯ пойдори̅ мекунанд, монанди он аст, ки Аҳуромаздоро меситоянд
**Марҷ** – марз, замин, замине, ки канорҳои онро баланд сохта даруни он чизе бикоранд
**Меғ** – абр

**Менӯ** – олами улви̅; биҳишт
**Менӯтум** – рӯҳонитрин
**Меҳр** – дӯсти̅, муҳаббат; Хуршед; номи моҳи ҳафтум; номи рӯзи шонздаҳум аз ҳар моҳ
**Меҳр бастан** – ошиқ шудан
**Меҳр–эзад (Митро)** – эзади куҳан ва бузурги эрониён аст ва даҳумин яшти Авесто (Меҳр–яшт) аз они ӯст. Меҳр эзади паймон аст ва дорои ҳазор чашм ва бевар гӯш аст, ки ҳеҷ чиз бар ӯ пӯшида нест
**Миҳ** – калон, бузург
**Миҳист** – меҳтарин, бузургтарин, калонтарин

**Миҳтар** – калонтар, бузургтар; раис, сардор
**Моғ** – гунае мурғобии сияҳфом
**Мом** – модар
**Монтрон** – сарояндаи суханони сипанд, шоир, паёмбар
**Мораспанд (монтраспанд, меҳроспанд)** – каломи муқаддас
**Мох** – дурӯғин, қуллоби̅
**Моя** – бунёд, асос
**Муждавар** – башир, мубашшир, навидрасон
**Мӯл (мӯли̅)** – диранг, таанни̅, таъхир
**Мӯр (Мавру)** – Марв, шонздаҳумин сарзамине аст, ки дар фаргарди нахусти Видевдод аз он ном рафтааст. Дар сангнабиштаи Бесутун низ номаш омадааст. Ин шаҳр ҳамакунун дар Туркманистон аст!
**Мурдарег** – он чи аз мурда бозмонад, мерос
**Мурдод** (Амурдод) – ба чами «ҷовидонаги̅, бемраги̅» номи яке аз амшоспандон аст. Амурдод дар ҷаҳони менӯи̅ намоди пойдори̅ ва ҷовидонагии Аҳуромаздо ва дар гети̅ нигоҳбони гиёҳон аст. Панҷумин моҳи сол ва ҳафтумин рӯзи моҳ ба номи ӯст
**Муст** – нотавон, уфтода
**Мушкӯй** – кӯшк

### Н

**Набоназдиштагон** – пайравони дини Зардушт
**Навода** – фарзандзода, нава
**Навойин** – бо ойини нав зебо сохта шуда
**Навон** – нолон, зорикунон

**Навсард** – соли нав
**Нажанд** – андӯҳгин; саҳмгин; хор, паст
**Нак** – инак, акнун; бингар, бубин; балки
**Нарсӣ (Нерийосанг)** – номи эзади пайк ва паёмовари Аҳуромаздост, ки ба гуфтаи Бундаҳишн, хешкори ӯ расондани паёми эзадӣ ба каён ва ялон аст
**Насо** – лоша, мурдор
**Насокаш** – мурдакаш, наъшкаш, касе, ки тани мурдаро ба дахма мебарад
**Насосолор** – саркардаи мурдакашон, мӯбад ё пешвое, ки ҳама корҳои дахмасупории мурдаро роҳбарӣ мекунад
**Насу дев** – деве аст, ки бар тани мурда метозад ва онро нопок мекунад. Ин дев ҳангоме, ки дар тани касе ояд, ӯ мирад
**Нев** – дилер, паҳлавон; нек
**Нерон** – анирон, ҷазоирон, нооriёиён
**Нигоришгар** – дурудгар, наҷҷор (аз порсии «нигоранда»)
Нигоришгар – наққош, он ки дар чӯб нигориш кунад
**Нимрӯз** – ҷануб
**Ниҳеб** – тарс, бим, хавф
**Нисорӣ** – сипоҳӣ, лашкарӣ
**Нифа** – он ҷойи шалвор, ки банд дар он давонанд, бандкаши изор
**Нишем** – нишеман, ҷойи нишастан, ҷойгоҳ
**Нииюшидан** – шунидан
**Нииюшо** – шунаво, шунаванда, гӯшдиҳанда
**Ноҳид** Ардви–сур (Ардви–Сура Аноҳито) – номи эзадбонуи обҳо, ки «Обон–яшт» дар ситоиш ва ниёиши ӯст
**Ноф** – хонавода, дуда
**Нӯвидан** – зорӣ кардан, нолидан
**Нӯз** – ҳанӯз
**Нун** – акнун, кунун
**Нӯшханда** – хандаи ширин

## О

**Обдеҳдаст** – садри маҷлис
**Обонзӯ(ҳ)р** – пешкашӣ ба обҳо
**Ован** – далел, бурҳон
**Ованд** – зарф
**Овар** – яқинан, билқатъ
**Овежа** – пок, покиза
**Овеза** – гӯшвора
**Огин** – пур
**Оғолиш** – таҳрик, таҳйиҷ; барангехтан ба ҷанг ва ситез
**Оғордан (оғоридан, оғолидан)** – таҳрик кардан, таҳриз кардан, фитна кардан
**Ожада** – дарнишонда
**Ожадан** – мурассаъ кардан, дарнишондан
**Ожанг** – чин, шикан
**Ожир** – омода
**Оз** – ҳирс, валаъ
**Озар** – оташ
**Озарахш** – барқ, соиқа
**Озаргашп-(кӯтаҳшудаи озаргушасп)** – барқ
**Озаргун** – гунаҳои лола
**Ойишна** – (оишна, ойиштан) – ҷосус
**Ок** – осеб, оҳу, айб, нуқсон
**Олуғда** – арғанда, хашмгин
**Омеғ** – омезиш; ҳақиқат
**Омора** – шумора ва ҳисоб
**Омудан** – кашидани донаҳо ва муҳраҳо ва монанди он ба ришта

**Омутиён** – пайравон, сарсупурдгон
**Ондун (эйдун)** – чунон, он сон
**Оҳанинзин** – бо силоҳи оҳанин
**Оҳехтан** – кашидан, баровардан
**Оҳӣ** – оҳу (ҷонвар)
**Оҳу** – айб, нақс
**Оранг** – фиреб
**Ораш** – тирандози номӣ, ки дар замони Манучеҳр бо партоби тире марзи миёни Эрон ва Тӯронро равшан кард
**Ориш** – чам, маънӣ
**Ороз** – инфоқ дар роҳи худо
**Орун** – хӯйи хуш, хислати ҳамида
**Остин чидан** – мусаммам шудан, омода гаштан
**Отурбон** – нигаҳбони оташи испанд, муғ
**Офанд** – ҷанг, душманӣ
**Ошиҳа** – шеҳа

## П

**Пагӯй** – доно, фарзона
**Падофанд** – нигаҳдошт, дифоъ
**Пажвин** – чиркин, шухгин
**Пажованд** – чӯби ситабр бошад, ки аз паси дар афкананд
**Пажогин (пажоган)** – ношуста, олуда ба рим, чиркин
**Пажуӣ** – мардуми фурӯмоя
**Пажум** – гадо, фақир, мискин
**Пазира гаштан** – пешвоз гирифтан, ба истиқбол рафтан
**Пайғора** – дурӯғ бастан, буҳтон
**Палмосидан (пармосидан)** – басудан, ламс кардан
**Паном** – даҳонбанд
**Паҳлу тиҳӣ кардан** – парҳез кардан ва канора гирифтан аз коре ва чизе, гурехтан
**Паранд** – ҷомаи абрешимини сода
**Параста** – парастанда, хидматкор
Парастишгоҳ - масҷид
**Парастор** – ходим, хидматкор
**Парв** – Парвин
**Парваз** – аслу насаб, нижод
**Пардахта** – фориғ, осуда
**Пардахтан** – фориғ шудан, ба поён расонидан
**Парешидан** – парошидан, парешон кардан, пароганда кардан
**Паркон** – нодонӣ, ҷаҳл
**Пармуда** – чиз
**Парну** – парниён, абрешиминаи мунаққаши нозук
**Паруриӣ** – хӯрок; пайвандӣ, издивоҷ
**Пасечидан (басеҷидан)** – омода кардан, корсозӣ кардан
**Патёра** – газанд
**Патх** – мабҳут, мутаҳайир
**Пахчудан (пахшудан)** – кӯфтан
**Пачвок** – гардониш, тарҷума
Пашиз – пули ночиз
**Пашӯтан** – писари Виштосп, ки аз ҷовидонон ва варҷовандон ба шумор ояд
**Паюг** – арӯс
**Певоз** – шабпара, хаффош
**Пейғон** – паймон, аҳд, шарт
**Перостан** – мураттаб кардан
**Пидром** – хуррам, хуш; тавсан, саркаш
**Пингон** – коса, пиёла
**Писанда** – писандида, мақбул
**Питат** – тавба, пушаймонӣ
**Пишк** – пишкил
**Pованд** – банде, ки бар пой ниҳанд
**Поғӯш** – ғӯта хӯрдан
**Пода** – галаи гов

**Подафроҳ** – мукофот, сазо
**Подёб** – таҳорат, покшӯйӣ
**Позанд** – набиштаҳои порсиг ба дин дабира
**Полигона** – оғоз дар дарави ғалла
**Потимор** – шитобзадагӣ, таъҷил
**Потипрос** – подафроҳ
**Почном** – лақаб
**Пӯж** – пӯза
**Пужҳон** – орзу, хоҳиши дил
**Пӯпак** – шонасарак, ҳудҳуд
**Пур** – писар
**Пурд** – пул
**Пӯрдкешон (пӯрудакешон)** – нахустин омӯзгорон/ паёмбарон/ гаравандгон
**Пӯручисто** – ба чами пурдониш, номи ҷавонтарин духтари Зардушт аст, ки ба ҳамсарии Ҷомоспи вазир ва ройзани Гуштосп дарамеояд. Бисёре аз пажӯҳандагони Авесто, вопасин суруд аз гоҳони панҷгонаи Зардуштро пайванддор бо заношӯйии ӯ бо Ҷомосп медонанд
**Пус** – писар

## Р

**Рабиҳвин (рибиҳвин)** – ҷануб, нимрӯз
**Рабиҳвингоҳ** – гоҳи дувум аз панҷ гоҳи шабонарӯз, нимрӯз
**Равон** – рӯҳ
**Рад** – пешвои динӣ
**Ранг** – фиреб, ҷодуӣ
**Раш** – як он дарозо ё тӯл ва он баробар аст бо фосилаи ҳар ду даст чун аз ҳам боз кунанд
**Рашн** – эзади додгарӣ ва дорандаи тарозуи додварзӣ аст. Яке аз яштҳои Авесто (Рашн–яшт) аз они ӯст, ҳамчунин номи рӯзи ҳаждаҳум аз моҳ
**Рев** – фиреб
**Реж** – мақсуд, мурод
**Ришк** – тухми шупуш
**Род** – сахӣ, ҷавонмард
**Ромиш** – оромиш, осудагӣ
**Роҳравӣ** – сулук
**Роюманд** – дурахшанда
**Рӯзи гузориш** – рӯзи растохез, ки бадӣ аз некӣ яксара ҷудо ва аз гетӣ зудуда шавад
**Рӯзи хезиш** – рӯзи растохез
**Русток** – рӯсто
**Рӯшинос** – ошнои ҳама кас, номӣ, машҳур

## С

**Савганд** – гӯгирдманд
**Саҳӣ** – рост ва дурустро гӯянд, низ ҳар чиз рост рустаро хонанд
**Сар пурбод будан** – кибр ва ғурур доштан
**Сарзер** – сарозер, сарнагун
**Сарҳанг** – пешрави лашкар, пеш қаровул
**Сиҷ** – хатар
**Сино** – мурғи сино, Симурғ
**Сипанҷӣ** – ориятӣ; нопойдор
**Сипанто (сипанд)** – пок, муқаддас
**Сипантомад**–гот (дар суруда – сипантоманю–гот) – севумин бахш аз панҷ бахши Готҳо
**Сипаҳкаш** – кашандаи сипоҳ, сардори сипоҳ
**Сипарғам** – гиёҳи хушбӯ, райҳон
**Ситабр** – сахт, тануманд
**Сов** – боҷ ва хироҷ
**Совидан** – судан, сӯҳон задан
**Соз** – олот ва адавот, васоил, лавозим

**Сосно** – ваҳй, оя
**Сумҷ** – роҳи фозилоб
**Сур** – ҷашн, меҳмонӣ, базми шодӣ
**Суруш** – эзади паёмовари Аҳуромаздо ва нигоҳбони бедорӣ аст. Хурӯс, ба вежа хурӯси сафед, намоди ӯст. Яште аз Авесто (Сурӯш–яшт ҳадӯхт) низ аз они ӯст. ҳамчунин, номи рӯзи ҳабдаҳум аз моҳ Сурӯш ном дорад
**Сӯг** – мотам

## Т

**Тагин** - варноми туркони ғазнавӣ, Янолтакин – сӯзонандаи Сарви Фарюмад дар соли 537 ҳ.қ.
**Тананду** – анкабут
**Тадав** – тазарв,
**Тадавгун** – ба гунаи тазарв
**Тандес** – тимсол, ҳайкал, намуна
**Тарфанд** – макр, ҳилат
**Таҳмурас (Таҳмурап)** – номаш ба чами «паҳлавон, ҳушёр» аст. Бар пояи фаргарди чаҳоруми Ҷомоспӣ, Таҳмурап бар ҳафт сарзамин фармон биронд, ва Аҳриманро 90 сол ба борагӣ бидошт, ва девонро зи мардумон ҷудо бификанд
**Тарб** – ҳилат ва макр, газоф ва забоноварӣ
**Тафс** – гармӣ ва ҳарорат
**Тафт** – тунду тез, башитоб
**Тев** – тоб, тавон
**Тезвир** – тезҳуш, зирак, зуд ёдгиранда
**Тимор** – ғамхорӣ аз бемор
**Тира** – тоифа
**Тиштар (Тир)** – дурахшонтарин ситораи осмон ва ситораи бороновар аст. Ҳамчунин, номи моҳи чаҳорум аз сол ва рӯзи сездаҳум аз моҳ аст. Яште аз Авесто (Тиштр–яшт/ Тир–яшт) низ аз они ӯст
**Товон** – зиён ва гуноҳ
**Тоҳир** – ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир ибни Ҳусайн ал-Хузоӣ (аз 230 ҳ.қ. то 248 ҳ.қ. амири Хуросон гумошта шуд)
**Тунбул** – найранг, ҷоду
**Тӯш** – тавон

## У

**Узерингоҳ** – гоҳи севум аз панҷ гоҳи шабонарӯз, пасин
**Урвар** – рустанӣ (гиёҳ; дарахт; сабзӣ)
**Урвон** – равон
**Устувона** – маҳкам нигоҳдоранда, устувор
**Устӯҳ** – монда шуда, ба танг омада; афсурда, малул
**Ӯшаҳингоҳ** – гоҳи панҷум аз панҷ гоҳи шабонарӯз, ки аз нимашаб то сафедадам аст, шабгир
**Ушидар** – номи нахустин Сӯшиёнс дар дини маздопарастӣ аст, ки дар поёни нахустин ҳазораи пас аз Зардушт аз тухма ё фарраи бозмондаи ӯ дар дарёчаи Каёнсия ва аз модари дӯшиза, ки ҳангоми танашӯйӣ дар дарёча аз он тухма ё фарра бор мегирад, ба номи «Срутат Фезрӣ» зода мишавад ва виросторин дини маздопарастӣ ва сомонбахшии кори ҷаҳон хешкори ӯст. Дар порсӣ гоҳ ба думбол ин Сӯшиёнс «Бомӣ» (дурахшон) ояд ва ӯро Ушидар Бомӣ хондаанд
**Ушидарн** – номи кӯҳе аст, ки Зардушт бар фарози он паёми

эзадӣ дарёфт кард. Хост аз Ушидарн чикоди баланди дониш ва шинохт аст

**Уштавад**–гот – дувумин бахш аз панҷ бахши Готҳо

**Ушто** – хушбахтӣ, саодат

## Ф

**Фажаҳ** – чирк, палидӣ

**Фалҷ** – занҷири дар, калидони дар

**Фаредун** – бар пояи Ҷомоспӣ (фаргарди чаҳорум), Фаредун, ба варҷовандӣ ва нерумандии хеш, бар кишвари Ханирас, бар девон ва мардумон, 500 сол, шаҳриёрӣ фароз гирифт. Ӯ аз Ҳумузд дин пазируфт ва афсуну дармон аз Ҳумузд омӯхт, ва бас тандурустӣ ва дармонбахшӣ бар офаридагони Ҳумузд кард. Фаредун се писар дошт – Салм ва Тур ва Эраҷ. Фаредун сарзамини Рум то ба дарёбор ба Салм дод; Таркистони биёбонӣ то ба дарёбор ба Тур дод; Эроншаҳр ва Ҳиндустон то ба дарёбор ба Эраҷ омад

**Фареҳ** – нафрин, лаънат

**Фарзон** – ҳикмат, дониш, илм

**Фарзона** – ҳаким, донишманд, олим

**Фарҳанҷида** – адаб карда шуда, таъдиб пазируфта

**Фарҳанҷидан** – адаб кардан, таъдиб намудан, парвариш додан

**Фарҳехта (фарҳахта)** – бофарҳанг, донишомӯхта

**Фарҳехтан** – тарбият кардан, адаб омӯхтан, таъдиб намудан

**Фаромушт** – фаромӯш

Фарорун – ситорагон, кавокиб

Фарғанд – пусидан, гандидан, бадбӯй шудан

**Фарра (фарр)** – шукӯҳ; зебоӣ; барозандагӣ; равнақ; партав, фурӯғ; фарраи эзадӣ

**Фарраҳӣ** – фараҳмандӣ; шукӯҳ

**Фарри** эзадӣ – фурӯғе аст эзадӣ ва он ки аз он бархурдор шавад, барозандаи солорӣ ва фармонравоӣ гардад ва ба шаҳриёрӣ расад ва осоишгустар ва додгар шавад

**Форидан** – хушоянд будан, ба дил нишастан

**Фрашкард** (фраш–гард, фаршу–карт) – ба чами навсозӣ аст ва замонеро гӯянд, ки бо растохези мурдагон некӣ бар бадӣ ҷовидон пирӯз гардад

**Фурӯ** ҳиштан – ба поин андохтан; бар замин гузоштан, поин гузоштан; овезон кардан; раҳо кардан

**Фурӯҳар (фарваҳар)** – равони менӯӣ, ки ҷовидонӣ аст

**Фусун** – ҷоду

## Х

**Хавеса** – мунозиъа, муноқиша, мубоҳиса

**Халоб** – замини пургил

**Ханида** – номӣ, маъруф, машҳур

**Ханҷ** –фоида, суд

**Хаҳӣ** – офарин, марҳабо

**Харастар** – ҷондори зиёнкор

**Хванирас** («Хванираса» андар порсиг) – яке аз кишварҳои ҳафтгона, ки беҳтарини онҳо буд ва андар миёнаи ҷаҳон ҷой дошт ва Эроншаҳрро ҳам дар бар мегирифт

**Хим** – ҷароҳат, захм
**Хифт** – гириҳ
**Хованд** – худованд
**Хоста** – маънӣ; мақсад
**Хуншон** – муборак, хуҷаста, фархунда
**Хуҳр** – ватан, маскан, маъво
**Хӯранд** – дархур, лоиқ, сазовор
**Хурдод** – ба чами «расоӣ», «камол», номи яке аз амшоспандон ва намоди камол ва расоии Аҳӯро Маздост. Нигоҳбони об дар гетӣ хешкори бузурги ӯст. Чаҳорумин яшти Авесто ва низ севумин моҳи сол ва шашумин рӯзи моҳ ба номи Хурдод аст
**Хӯришн** – хӯриш, хӯрок
**Хуршо** – Хуршед
**Хусту** – муқирр, мӯътариф
**Хушнон** – фархунда, хуҷаста
**Хушнум (хшнум)** – дониши розҳо
**Хуштоман** – хушоман, модаршав-ҳар

## Ҳ

**Ҳамдостон** – мувофиқ, ҳамфикр
**Ҳамедун** – ҳамчунин
**Ҳамистор** – зидд
**Ҳамол** – ҳамто, монанд
**Ҳамора** – ҳамвора, пайваста
**Ҳанг** – зӯр, тавон; ҳушёрӣ
**Ҳанҷор** – роҳу равиш, қоида ва қонун
**Ҳарвиспогоҳ (виспогоҳ)** :аз ҳама чиз огоҳ
**Ҳарк** – ҳар кӣ, ҳар кас
**Ҳилидан** – гузоштан, ҳиштан; фурӯ гузоштан; вогузоштан, раҳо кардан
**Ҳишм** – хашм
**Ҳовангоҳ** – гоҳи нахуст аз панҷ гоҳи шабонарӯз, бомдод
**Ҳуваришт** – кирдори нек
**Ҳувишта** – беҳтарин, накӯтрин
**Ҳувуй** – номи духтар Фрашуштар ва ҳамсари Зардушт аст
**Ҳудин** – беҳдин, пайрави дини зардуштӣ
**Ҳудинӣ** – дини беҳӣ, дини зардуштӣ
**Ҳудухшӣ** – пешаварӣ, дастварзӣ
**Ҳужир** – некӯ
**Ҳукарда** – хушсохт, зебо
**Ҳукор** – кори нек
**Ҳум** – гиёҳи сипанд ва гиромии эрониён аст. Аз ин гиёҳ дар бисёре аз навиштҳҳои эронӣ ба фархундагӣ ва бо гиромидошти фаровон ёд шуда ва онро сарвар, рад ва шаҳриёри ҳама гиёҳон ва растаниҳо мешинохтаанд. Афшураи онро бо обу шир омехта ҳангоми анҷоми ойинҳои динӣ менӯшиданд ва аз он барои дармони дардҳо баҳра мегирифтанд
**Ҳумат** – андешаи нек
Ҳумоюн - муборак
**Ҳутӯс** – номи шаҳбонуи Виштосп
**Ҳухт** – гуфтори нек
**Ҳӯшанг** – Ҳушангро «Пешдод» хонанд, чӣ ӯ пеш аз дигарон доди шаҳриёрӣ овард (Видевдод, 20,1) . Вай бар «ҳама кишварҳо» (яшти 5,22) фармон ронд ва анбӯҳе аз сутурги девони омӯхта шудаи «хашм» ро дарҳам шикаст (Ҷомоспӣ 4)

## Ч

**Чағидан** – кӯшидан, саъй кардан

**Чам** – ориш, маънӣ
**Чамонӣ** – соқӣ
**Чамрос** – оя
**Чанг** – нӯги синон ва пайкони тир
**Чарғ** – парандаи шикорӣ
**Чарғанд** – чароғ
**Чашм андар роҳ** – мунтазир
**Чакра** – қатраи рез, рашҳа
**Чинвад (чинавад, чинвадпул)** – пули доварӣ дар гузаштгон
**Чисто** – дониш ва эзадбонуи дониш ва фарзонагӣ ва огоҳӣ
**Чомон** – дар ҳоли чимидан ва ба нозу ишва хиромидан
**Чош** – хирмани аз коҳ пок карда, хирмани кӯфта
**Чошидан** – парокандан

### Ҷ

**Ҷалвод** – сиришт ва хӯйи бад
**Ҷам** – Ҷам фарзанди Вивангҳон буд. Бар пояи Ҷомоспӣ (фаргарди чаҳорум), Ҷамро «шед шоҳ», «некрама», «пурфарра», «варҷованд» (дорандаи варҷ ё эъҷоз), «таҳам», «фаррух» ва «пирӯзгар» донистаанд. Ӯ ҳафт кишварро ба шаҳриёриаш баргирифт ва бар мардумон ва девон 717 солу 7 моҳ фармон биронд. Ба шаҳриёрии Ҷам, на сармо буд ва на гармо, на пирӣ ва на марг, ва на рашки девдода. Ба шаҳриёрии ӯ эрониён андар осонӣ ва озодӣ буданд. Ҳангоме, ки ба додори хеш носипос бишуд, варҷ ва фарра азаш гусастанд. Пас аз он, Ажи Даҳок, Сапедвар ва сипоҳи пуршумор аз девон, Ҷамро ба миён гирифтанд ва бо арра буридандаш
**Ҷаъфар** – ибни Муҳаммад (ал-Муътасим – биллоҳ) ибни Ҳорун-ар-Рашид (232-247ҳ.қ.), халифаи Аббосӣ (232-247 ҳ.қ.) бо номи Мутаваккил шинохта мешавад.
**Ҷиҳ (Ҷаҳӣ)** – номи духтари Аҳриман аст, ки Аҳриманро ба тохтан ба ҷаҳони аҳуроӣ бармеангезад ва ёрӣ мерасонад
**Ҷовар** – ҳол
Ҷонишинон - халифаҳо
**Ҷуддин** – ҷудодин, берун аз дини биҳӣ
**Ҷудшаҳр** – аз шаҳри дигар, бегона
**Ҷустор** – ҷӯянда
**Ҷуфт гаштан** – издивоҷ кардан
**Ҷуфт кардан** – ба заношӯӣ даровардан зане ва мардеро

### Ш

**Шаман** – коҳи
**Шанг** – зебо, дилкаш, қашанг
**Шаҳревар** – ба чами «шаҳриёрии баргузида» аз амшоспандон. Шаҳревар дар ҷаҳони менӯӣ намояндаи шаҳриёрии эзадӣ ва дар ҷаҳони моддӣ нигаҳбони аюхшустҳо ё филизот аст
**Шах** – сахт
**Шорсон** – шористон, шаҳристон; кӯшк, ки бар чаҳор сӯйи он бӯстонҳо бошад

### Э

**Эбисрусримгоҳ** – гоҳи чаҳорум аз панҷ гоҳи шабонарӯз, шомгоҳ
**Эйдун** – ин чунин, бад–ин тариқ
**Эр** – эронӣ, ориёӣ
**Эро** – зеро
**Эдар** – ин ҷо; инак, акнун

**Эронвиҷ** (Эронваиҷо, ориёнвиҷ, ориёвиҷ) – ба чами «сарзамини эрониён» ё «хостгоҳи ориён» аст. Ба навиштаи Видевдод, Эронвиҷ нахустин ва беҳтарин сарзамин аз сарзаминҳои шонздаҳгонаи офаридаи Аҳуромаздо аст ва дар баробари он Аҳриман, ба патёрагии хеш, аждаҳо ва замистони девофаридаро падид меовард ва бар ҷаҳон чира месозад

## Я

**Язиш** – ба чами ниёиш ва ситоиш ва парастиш аст ва номи ойини вижаи парастиш ва ниёиш ва ситоиш ва бархӣ, ё қурбонӣ, аст, ки дар оташкада баргузор мешавад

**Яшт** – ба чами ситоиш ва ниёиш аст ва бахшҳое аз Авесто ҳам, ки дар ситоиш эзадон аст, яштҳо хонда мешаванд

**Яштан** – сутудан, ниёиш кардан